Тақиюддин Набҳонӣ

# ДАСТГОҲҲОИ ДАВЛАТИ ХИЛОФАТ

## (ҲОКИМИЯТ ВА ИДОРА)

Нашрияи

Ҳизби Таҳрир

(ҳокимият ва идора)

Ин китоб аз тарафи Ҳизби Таҳрир чоп ва табаннӣ шудааст. Он ҳар чиро, ки ба он хилоф мебошад, бекор мекунад.

Китоб бори аввал соли 1426-уми ҳиҷрӣ мутобиқи соли 2005-уми милодӣ аз тарафи муассисаи табъу нашри "Дорулуммат" (сандуқи почтаи муассиса 135190) дар Байрути Лубнон ба забони арабӣ чоп шудааст.

Тарҷумаи китоб ба забони тоҷикӣ соли 1431-уми ҳиҷрӣ мутобиқи соли 2010-уми милодӣ аз нав таҳия гардид.

# Мундарича

Пешгуфтор.................................................................................................5
Муқаддима..................................................................................................8
Дастгоҳҳои Давлати Хилофат (ҳокимият ва идора)..........................................17
Якум: Халифа..............................................................................................17
Унвон........................................................................................................17
Шартҳои Халифа..........................................................................................18
Шартҳои инъиқод.........................................................................................18
Шартҳои афзалият.......................................................................................21
Тариқати интихоби Халифа...........................................................................22
Тадбирҳои амалии интихоб ва байати Халифа................................................24
Амири муваққата.........................................................................................26
Маҳдудкунии шумораи номзадҳо..................................................................27
Кайфияти байат...........................................................................................31
Ягонагии Хилофат........................................................................................32
Салоҳиятҳои Халифа....................................................................................34
Халифа дар табаннӣ аз доираи аҳкоми шаръӣ берун намебарояд.................39
Давлати Хилофат давлати башарист, на давлати илоҳӣ...................................42
Муддати ҳукмронии Халифа...........................................................................44
Аз кор гирифтани Халифа..............................................................................44
Муддате, ки ба мусулмонон барои барпо кардани Халифа дода шудааст.......45
Дуюм: Муовинон (вазирони тафвиз)..............................................................47
Шартҳои муовинони тафвиз...........................................................................50
Кори муовини тафвиз....................................................................................51
Таъин ва сабукдӯш кардани муовинон..........................................................53
Сеюм: Вазирони танфиз................................................................................54
Чорум: Волиҳо ............................................................................................63
Тафтиш намудани корҳои волӣ вазифаи Халифа мебошад...............................65
Ҷиҳод.........................................................................................................68
Якум: Артиш................................................................................................68
Дуюм: Амнияти дохилӣ..................................................................................69
Сеюм: Саноат..............................................................................................71
Чорум: Алоқаҳои байналхалқӣ.......................................................................72
Панҷум: Амири ҷиҳод – идораи ҳарбӣ (артиш)................................................74
Қисмҳои артиш............................................................................................76
Халифа сарфармондеҳи артиш аст.................................................................79
Шашум: Амнияти дохилӣ................................................................................81
Вазифаҳои идораи амнияти дохилӣ................................................................82
Ҳафтум: Корҳои хориҷӣ..................................................................................90
Ҳаштум: Саноат............................................................................................91
Нӯҳум: Қазо.................................................................................................93
Навъҳои қозиҳо............................................................................................94

Шартҳои қозӣ....96
Таъини қозиҳо....97
Ба қозиҳо маош додан....97
Ташкили маҳкамаҳо....98
Мӯҳтасиб....101
Салоҳиятҳои мӯҳтасиб....102
Қозии мазолим....102
Таъин ва сабукдӯш кардани қозиҳои мазолим....104
Салоҳиятҳои қозии мазолим....105
Созишномаҳо, муносибатҳо ва ҳукмҳои пеш аз барпошавии Хилофат....106
Даҳум: Дастгоҳи идорӣ (манфиатҳои мардум)....110
Дастгоҳи идорӣ ҳукм нест, балки услуби идора аст ....112
Сиёсати идора кардани муассисаҳо....114
Шахсоне, ки ҳуқуқи дар дастгоҳи идорӣ кор карданро доранд....115
Ёздаҳум: Байтулмол....116
Дувоздаҳум: Иттилоот....124
Рухсатномаи воситаҳои ахбор....126
Сиёсати иттилоотии давлат....126
Сездаҳум: Маҷлиси Уммат (шӯро ва муҳосаба)....128
Ҳуқуқи шӯро....128
Воҷибияти муҳосаба....129
Интихоби аъзоёни Маҷлиси Уммат....131
Кайфияти интихоби аъзоёни Маҷлиси Уммат....132
Аъзогӣ дар Маҷлиси Уммат....133
Муддати аъзогӣ дар Маҷлиси Уммат....135
Салоҳиятҳои Маҷлиси Уммат....135
Ҳуқуқи бе ягон мушкилӣ сухан гуфтан ва изҳори раъй....144
Ливоъ ва роятҳо....148
Гимни Давлати Хилофат....151

## Пешгуфтор

**بســم الله الرحمن الرحيم**

Ҳамду сипос бод ба Аллоҳ, дуруду салом бар Расулуллоҳ (с), аҳли байт, саҳобагон ва дӯстдорони эшон. Аммо баъд:

Аллоҳ Субҳонаҳу мегӯяд:

**وَعَدَ اللَّهُ الَّذِينَ آمَنُوا مِنكُمْ وَعَمِلُوا الصَّالِحَاتِ لَيَسْتَخْلِفَنَّهُم فِي الْأَرْضِ كَمَا اسْتَخْلَفَ الَّذِينَ مِن قَبْلِهِمْ وَلَيُمَكِّنَنَّ لَهُمْ دِينَهُمُ الَّذِي ارْتَضَى لَهُمْ وَلَيُبَدِّلَنَّهُم مِّن بَعْدِ خَوْفِهِمْ أَمْنًا يَعْبُدُونَنِي لَا يُشْرِكُونَ بِي شَيْئًا وَمَن كَفَرَ بَعْدَ ذَلِكَ فَأُوْلَئِكَ هُمُ الْفَاسِقُونَ**

**"Аллоҳ ба касоне аз шумо, ки имон овардаанд ва корҳое шоиста кардаанд, ваъда дод, ки дар рӯи замин ҷонишини дигаронашон кунад, ҳамчунон ки мардумеро ки пеш аз онҳо буданд ҷонишини дигарон кард. Ва динашонро, ки худ барояшон писандидааст, устувор созад. Ва ваҳшаташонро ба эминӣ бадал кунад. Маро мепарастанд ва ҳеҷ чизеро бо Ман шарик намекунанд. Ва онҳо, ки аз ин пас носипосӣ кунанд, нофармонанд!"** [24:55].

Расулуллоҳ (с) мегӯянд:

**" تَكُونُ النُّبُوَّةُ فِيكُمْ مَا شَاءَ اللهُ أَنْ تَكُونَ، ثُـمَّ يَرْفَعُهَا إِذَا شَاءَ أَنْ يَرْفَعَهَا. ثُـمَّ تَكُونُ خِلَافَةً عَلَى مِنْهَاجِ النُّبُوَّةِ، فَتَكُونُ مَا شَاءَ اللهُ أَنْ تَكُونَ، ثُـمَّ يَرْفَعُهَا إِذَا شَاءَ أَنْ يَرْفَعَهَا. ثُـمَّ تَكُونُ مُلْكًا عَاضًّا، فَتَكُونُ مَا شَاءَ اللهُ أَنْ تَكُونَ، ثُـمَّ يَرْفَعُهَا إِذَا شَاءَ أَنْ يَرْفَعَهَا. ثُـمَّ تَكُونُ مُلْكًا جَبْرِيَّةً، فَتَكُونُ مَا شَاءَ اللهُ أَنْ تَكُونَ، ثُـمَّ يَرْفَعُهَا إِذَا شَاءَ أَنْ يَرْفَعَهَا. ثُمَّ تَكُونُ خِلَافَةً عَلَى مِنْهَاجِ النُّبُوَّةِ" ثُـمَّ سَكَتَ**

**"То он вақте ки Аллоҳ мехоҳад, пайғамбарӣ дар байни шумо идома меёбад, вақте ки бихоҳад, онро аз байн мебарад. Сипас бар минҳоҷи пайғамбарӣ Хилофат мешавад, то он вақте ки Аллоҳ мехоҳад, идома меёбад, вақте ки бихоҳад, онро аз байн мебарад. Сипас подшоҳии бераҳмона мешавад, то он вақте ки Аллоҳ мехоҳад, идома меёбад, вақте ки бихоҳад, онро аз байн мебарад. Сипас подшоҳии зӯроварона мешавад, то он вақте ки Аллоҳ мехоҳад, идома меёбад, вақте ки бихоҳад, онро аз байн мебарад. Сипас бар минҳоҷи пайғамбарӣ Хилофат мешавад."** Баъд аз ин Пайғамбар (с) сукут карданд. Ин ҳадисро Аҳмад ривоят кардааст.

Мо, аъзоёни Ҳизби Таҳрир, ба ваъдаи Аллоҳ Субҳонаҳу имон меорем, башорати Расулуллоҳ (с)-ро тасдиқ намуда, ҳамроҳи Уммати Ислом ва бо ҳамдастии он барои аз нав бунёд кардани Хилофат ҳаракат мекунем. Аз Аллоҳ Субҳонаҳу мепурсем, ки моро ба бунёд кардани Хилофат мушарраф карда, аз сарбозони он гардонад, то парчами онро бо некӣ бардорем ва ба сӯи пирӯзиҳои паёпай қадам занем. Итминон дорем, ки ин мақсад ҷомаи амал мепӯшад ва он ба Аллоҳ душвор нест.

Мо дар ин китоб хостем, ки дастгоҳҳои ҳокимият ва идораи Давлати Хилофатро бо ибораҳои аниқу осонфаҳм ва дар шакли татбиқи амалии он баён намоем. Қасд кардем, ки он барои итминони қалбҳо аз ҷиҳати истинбот* ва истидлол* дурусту саҳеҳ бошад.

Низомҳои мавҷудаи ҳокимият дар тамоми олам ҳам аз ҷиҳати шакл ва ҳам аз ҷиҳати мазмун аз Низоми ҳокимияти Ислом хеле дуранд ва ҳамин чиз моро ба иҷрои амали мазкур такон дод. Аз ҷиҳати мазмун гирем, ба тамоми мусулмонон аниқ аст, ки ҳамаи низомҳои имрӯза аз Китоби Аллоҳу суннати Расулаш ва иҷмову қиёс дар асоси Китобу суннат гирифта нашудаанд. Ба мусулмонон кушоду равшан намоён аст, ки ин низомҳо ба Низоми Ислом зиданд ва онҳо дар ин чиз ихтилоф намекунад.

Аммо онҳо гумон мекунанд, ки шакли низомҳои имрӯзаи ҳокимият аз шакли Низоми ҳокимияти Ислом фарқ намекунанд ва ҳамин чиз онҳоро ба иштибоҳ андохтааст. Бинобар ин, мепиндоранд, ки дар дастгоҳҳои ҳокимияти Ислом мавҷуд будани вазирон, шӯрои вазирон, вазоратҳо ва ғайра, ки дар низомҳои ҳокимияти вазъии имрӯза* дорои салоҳият мебошанд, зарар надорад. Бинобар ин, дар китоби мазкур ба ҷамъоварии дастгоҳҳои ҳокимияти Давлати Хилофат аҳамият додем, то ки пеш аз

бунёди ин давлат шакли ҳокимияти он дар зеҳни мардум фаҳмо ва дар пеши назарашон бараъло намоён бошад.

Дар ин китоб парчамҳои Давлати Хилофат* низ илова карда шуд. Боз чизҳои зарурии дигар ҳам ҳастанд, ки мо ба ин китоб илова накардаем ва эълони онҳоро ба таъхир гузоштем. Бо изни Аллоҳ ин қонунҳои зарурӣ дар иловаи китоб бо зудӣ нашр мешаванд. Онҳо аз чизҳои зерин иборатанд:

Кайфияти интихоби Халифа, муайян намудани матни байат, муайян намудани салоҳиятҳои амири муваққата ҳангоми асир афтодани Халифа, хоҳ ба халосшавии ӯ умед бошад, хоҳ на, ташкили шуртаи вилоятҳо* аз ҷиҳати идора ва иҷро, таъини миршаб аз занон дар идораи амнияти дохилӣ, кайфияти интихоби маҷлисҳои вилоятҳо ва Маҷлиси Уммат, интихоби гимни расмии давлат. Дар ин китоб ба тамоми чизҳои мазкур дар мавриди ҳар яки онҳо ишора карда гузаштем.

Аз Аллоҳ Субҳонаҳу мепурсем, ки зудтар ба мо нусрат бидиҳад, бо фазли худ марҳамат намояд, бо иззату икроми худ азизу мукаррам гардонад, то Уммати Ислом боз ба беҳтарин уммати барои мардум баровардашуда ва давлатамон ба давлати якуми олам табдил ёфта, дар саросари он некиву адолатро паҳн намояд. Дар он рӯз мӯъминон бо нусрати Аллоҳ шод мегарданд ва Аллоҳ бо сабаби он ба қалби қавми мӯъминон оромӣ мебахшад.

Дуои охирини мо: Ҳамду сипос Аллоҳро, ки парвардигори оламиён аст.

# МУҚАДДИМА

Пеш аз он ки дастгоҳҳои Давлати Хилофатро батафсил баён кунем, корҳои зеринро гуфта гузаштан зарур аст:

Якум: Низоми ҳокимияти Ислом, ки Парвардигори оламиён фарз гардонидааст, Низоми Хилофат аст. Дар ин низом Халифа бо воситаи байате, ки бинобар Китоби Аллоҳ, суннати Расулуллоҳ ва ҳукмронӣ бо нозилкардаи Аллоҳ дода мешавад, таъин мегардад. Доир ба ин дар Китоб, суннат ва иҷмои саҳобагон далелҳои зиёд ҳастанд.

Далелҳое, ки дар Китоб зикр шудаанд: Аллоҳ Таоло ба Расул (с) хитоб кардааст:

فَاحْكُم بَيْنَهُم بِمَا أَنزَلَ اللّهُ وَلاَ تَتَّبِعْ أَهْوَاءهُمْ عَمَّا جَاءكَ مِنَ الْحَقِّ

"**Пас бар вафқи он чӣ Аллоҳ нозил кардааст, дар миёнашон ҳукм кун ва аз паи хоҳишҳояшон марав, то он чиро аз ҳақ бар ту нозил шудааст, вогузорӣ**" [5:48].

وَأَنِ احْكُم بَيْنَهُم بِمَا أَنزَلَ اللّهُ وَلاَ تَتَّبِعْ أَهْوَاءهُمْ وَاحْذَرْهُمْ أَن يَفْتِنُوكَ عَن بَعْضِ مَا أَنزَلَ اللّهُ إِلَيْكَ

"**Миёнашон бар вафқи он чӣ Аллоҳ нозил кардааст, ҳукм кун ва аз хостҳояшон пайравӣ макун ва аз эшон бипарҳез, ки мабодо бифиребандат, то аз баъзе аз чизҳое, ки Аллоҳ бар ту нозил кардааст, сар боззанӣ**" [5:49].

Хитоби мазкур ба Расулуллоҳ (с) – "миёнашон бар вафқи он чӣ Аллоҳ нозил кардааст, ҳукм кун", хитоб ба уммати он кас мебошад. Мазмун ин аст: Баъд аз Расулуллоҳ (с) ҳокимеро барпо кунед, ки миёни мардум бо нозилкардаи Аллоҳ ҳукм кунад. Фармони ин хитоб қатъиятро ифода менамояд. Чунки ин ҷо мавзӯи хитоб фарз аст. Чунон ки дар илми усул маъмул аст, ин ба қатъият далолат мекунад. Ҳокиме, ки баъд аз Расулуллоҳ (с) дар миёни мардум бо нозилкардаи Аллоҳ ҳукм мекунад, Халифа аст. Ҳамин гуна низоми

ҳокимият Низоми Хилофат аст. Илова бар ин, барпо кардани ҳадҳо ва ҳукмҳои дигар воҷиб аст, ки фақат бо барпо кардани ҳоким имконпазир мегардад. Бинобар қоидаи "**Ҳар он чӣ ки воҷиб танҳо бо воситаи он амалӣ мегардад, воҷиб аст**" барпо кардани ҳокиме, ки шариатро барпо мекунад, воҷиб аст. Ин гуна ҳоким Халифа ва низоми ҳокимият Низоми Хилофат мебошад.

Далелҳое, ки дар суннат зикр шудаанд: Тавре ки аз Нофеъ ривоят шудааст, ӯ мегӯяд, ки аз Абдуллоҳ ибни Умар сухани зерини Расулуллоҳ (с)-ро шунидааст:

**" مَنْ خَلَعَ يَدًا مِنْ طَاعَةٍ لَقِيَ اللهَ يَوْمَ الْقِيَامَةِ لاَ حُجَّةَ لَهُ، وَمَنْ مَاتَ وَلَيْسَ فِي عُنُقِهِ بَيْعَةٌ مَاتَ مِيتَةً جَاهِلِيَّة"**

"**Ҳар кӣ аз итоат даст кашад, рӯзи қиёмат ба Аллоҳ дар ҳолате рӯ ба рӯ мешавад, ки ҳуҷҷате надорад. Ҳар кӣ вафот бимирад ва дар гардан байат надошта бошад, бо марги ҷоҳилият мурдааст**" Ин ҳадисро Муслим ривоят кардааст. Набӣ (с) фарз гардониданд, ки бояд дар гардани ҳар як мусулмон байат бошад ва гуфтанд, ки ҳар кас бимирад ва дар гардан байат надошта бошад, пас бо марги ҷоҳилият мурдааст. Баъд аз Расулуллоҳ (с) фақат ба Халифа байат карда мешавад. Ин ҳадис воҷиб мегардонад, ки бояд дар гардани ҳар як мусулмон байат бошад, яъне ҳангоми мавҷуд будани Халифа ҳар як мусулмонро воҷиб аст, ки ба ӯ байат диҳад. Муслим аз Аъраҷ, ӯ аз Абӯҳурайра ва ӯ аз Расулуллоҳ (с) ривоят мекунад, ки он кас гуфтаанд:

**"إِنَّمَا الْإِمَامُ الَخَلِيْفَةُ جُنَّةٌ يُقاتَلُ مِنْ وَرَائِهِ وَيُتَّقَىْ بِهِ"**

"**Имом (Халифа) сипар аст, дар паси ӯ истода меҷанганд ва бо ӯ ҳимоя мегиранд**" Муслим аз Абӯҳозим овардааст: "Ман бо Абӯҳурайра панҷ сол ҳамнишин будам ва аз ӯ ин сухани Расулуллоҳ (с)-ро шунидам:

" كَانَتْ بَنُو إِسْرَائِيلَ تَسُوسُهُمُ الأَنْبِيَاءُ، كُلَّمَا هَلَكَ نَبِيٌّ خَلَفَهُ نَبِيٌّ، وَإِنَّهُ لا نَبِيَّ بَعْدِي، وَسَيَكُونُ خُلَفَاءُ فَيَكْثُرُونَ، قَالُوا: فَمَا تَأْمُرُنَا؟ قَالَ فُوا بِبَيْعَةِ الأَوَّلِ فَالأَوَّلِ، أَعْطُوهُمْ حَقَّهُمْ فَإِنَّ اللهَ سَائِلُهُمْ عَمَّا اسْتَرْعَاهُمْ"

**"Ба Банӣ-Исроил пайғамбарон сиёсат меронданд. Ҳар гоҳ пайғамбаре ҳалок мешуд, баъд аз вай пайғамбари дигаре меомад. Аммо баъд аз ман пайғамбаре нест. Халифаҳо мешаванд ва зиёд мешаванд" Пурсиданд: "Моро ба чӣ мефармоед?" Гуфтанд: "Ба байати аввалини онҳо ва фақат ба байати аввалини онҳо вафо кунед. Ҳаққашонро диҳед, зеро Аллоҳ аз онҳо мепурсад, ки раиятро чӣ тавр идора намудаанд"** Дар ин ҳадисҳо Халифаро сипар, яъне ҳимоя тавсиф додаанд. Расулуллоҳ (с) Имомро сипар номиданд. Ин ҷо хабаре ҳаст, ки мавҷудияти Имомро ситоиш мекунад. Ин чиз талаб аст. Чунки хабар аз тарафи Аллоҳ ва Расулаш буда, агар мазамматро дар бар гирад, талаби тарки кор, яъне боздошт аст ва агар ситоишро дар бар гирад, талаби иҷрои кор, яъне фармон аст. Агар дар талаби иҷрои кор барпо кардани ҳукми шаръӣ ва дар тарки он зоеъ кардани ҳукми шаръӣ ҷой дошта бошад, ин талаб қатъӣ мешавад. Дар ин ҳадисҳо гуфта мешавад, ки идоракунандагони мусулмонон халифаҳо мебошанд. Ин маънои онро дорад, ки барпо кардани Халифа зарур аст. Зеро Расулуллоҳ (с) фармуданд, ки ба халифаҳо итоат кунем ва бар зидди касоне, ки бо онҳо хилофатро талош мекунанд, биҷангем. Ин фармон аст, ки бояд Халифаро барпо кунем ва барои нигоҳдории хилофати ӯ бар зидди мухолифонаш биҷангем. Тавре ки Муслим ривоят мекунад, Набӣ (с) гуфтаанд:

" مَنْ بَايَعَ إِمَامًا فَأَعْطَاهُ صَفْقَةَ يَدِهِ، وَثَمَرَةَ قَلْبِهِ، فَلْيُطِعْهُ إِنِ اسْتَطَاعَ، فَإِنْ جَاءَ آخَرُ يُنَازِعُهُ فَاضْرِبُوا عُنُقَ الْآخَرِ"

**"Касе, ки ба имом бо дасту қалб байат диҳад, бояд ҳар қадар, ки метавонад, ба ӯ итоат намояд. Агар каси дигар омада, бо вай дар хусуси Хилофат мунозиа кунад, ба гардани**

**дуюм бизанед**" Фармон ба итоати Имом фармон ба барпо кардани ӯст. Фармон ба ҷанги зидди талошкунандагони хилофат бо Халифа қатъиян далолат мекунад, ки бояд Халифа ҳамеша мавҷуд бошад.

Далелҳое, ки дар иҷмои саҳобагон омадаанд: Саҳобагон (р) баъд аз вафоти Расулуллоҳ (с) ба зарурати таъини Халифа иҷмоъ кардаанд. Барои ҳамин онҳо ба ҷои Абӯбакр, Умар, Усмон баъд аз вафоти ҳар яки онҳо ба зарурати таъини Халифа иҷмо кардаанд. Саҳобагон (р) баъд аз вафоти Расулуллоҳ (с) барои барпо кардани Халифа дафни он касро ба таъхир гузоштанд ва ба интихоби Халифа машғул шуданд, ҳол он ки дафн кардани майит баробари вафоти ӯ фарз аст. Ин кор иҷмои саҳобагон (р)-ро таъкид мекунад. Баъзе саҳобагон (р), ки дафни Расулуллоҳ (с) ва омодагӣ барои дафн бар онҳо воҷиб буд, ба интихоби Халифа машғул шуданд. Баъзеи дигар, агарчи ба инкор намудани онҳо ва дафни майит қодир буданд, сукут карданд ва дар таъхиршавии дафн то ду шаб шарик шуданд. Расулуллоҳ (с) рӯзи душанбе ҳангоми чошт вафот карданд. Аммо шаби сешанбе ва рӯзи сешанбе дафн карда нашуданд. Рӯзи сешанбе ба Абӯбакр байат доданд. Баъд аз ин шаби чоршанбе Расулуллоҳ (с)-ро дафн карданд. Яъне дафн ду шаб ба таъхир гузошта шуд. Пеш аз дафн кардани Расулуллоҳ (с) ба Абӯбакр байат дода шуд. Пас қабл аз дафни майит ба интихоби Халифа машғул шудан иҷмоъ буд. Ин фақат вақте рух медиҳад, ки таъини Халифа аз дафни майит воҷибтар бошад. Инчунин саҳобагон (р) дар давоми ҳаёти худ ба воҷибияти таъини Халифа иҷмо кардаанд. Онҳо, агарчи дар хусуси номзад ба мақоми хилофат ихтилоф карданд, чи ҳангоми вафоти Расулуллоҳ (с) ва чи баъд аз вафоти Хулафои Рошидин дар хусуси барпо кардани Халифа мутлақо ихтилоф накардаанд. Пас иҷмои саҳобагон (р) ба воҷибияти таъини Халифа далели қавӣ ва кушоду равшан аст.

Дуюм: Шакли Низоми ҳокимияти Ислом (Хилофат) аз шаклҳои ҳокимият, ки дар олам маъмуланд, батамом фарқ мекунад. Ин фарқ чи дар асосе, ки он бунёд шудааст, чи дар фикрҳо, пиндорҳо,

миқёсҳо ва ҳукмҳое, ки бо тақозои онҳо иҷро мегарданд, чи дар дустуру қонунҳое, ки татбиқ ва иҷро мегарданд ва чи дар шакле, ки Давлати Ислом намоён мешавад, кушоду равшан ба назар мерасад.

Фарқи Низоми Ислом аз тамоми шаклҳои ҳокимияти дигари олам аз чизҳои зерин иборат аст:

Низоми Ислом низоми подшоҳӣ нест. Он низоми подшоҳиро эътироф намекунад ва ба низоми подшоҳӣ монанд нест. Чунки дар низоми подшоҳӣ писар ҳамчун ворис подшоҳ мешавад ва уммат ба ин кор ягон алоқа надорад. Аммо дар Низоми Хилофат ҳокимият мерос гузошта намешавад, балки тариқати барпо кардани Халифа фақат байати уммат аст. Ҳамчунин низоми подшоҳӣ подшоҳро бо имтиёз ва ҳуқуқҳое, ки ба ягон шаҳрванд дода нашудааст, хос гардонида, ӯро аз қонун боло мегузорад. Ӯ рамзи миллат аст. Дар баъзе низомҳои подшоҳӣ, агарчи подшоҳ бошад ҳам, ҳукмронӣ намекунад. Аммо дар баъзе низомҳои подшоҳӣ кишвар ва мардумро ба таври дилхоҳ идора мекунад ва ҳар қадар бадӣ ва зулм кунад ҳам, ба ӯ чорае намеандешанд. Аммо Низоми Хилофат монанди низоми подшоҳӣ Халифаро бо имтиёзҳое, ки шаҳрвандон надоранд, хос намегардонад, ҳуқуқҳое, ки ӯро аз фарзандони уммат ҷудо мекунад, намедиҳад. Ҳамчунин Халифа, чунон ки дар низоми подшоҳӣ вуҷуд дорад, ба маънои дар боло зикршуда рамзи уммат нест. Балки ӯ дар ҳокимият ва салтанат вакили уммат буда, барои он ки шариати Аллоҳро татбиқ намояд, уммат ӯро интихоб карда, ба ӯ байат медиҳад. Халифа дар тамоми тасарруфот, ҳукмҳо ва идоракунии ғамхоронаи корҳою манфиатҳои уммат дар доираи ҳукмҳои шаръӣ кор мебарад.

Низоми Ислом низоми императорӣ нест. Чунки низоми императорӣ аз Ислом хеле дур аст. Минтақаҳое, ки Ислом ҳукмронӣ мекунад, агарчи аҳолии онҳо гуногуннажод ва ба марказ тобеъ бошанд ҳам, бо низоми императорӣ идора карда намешаванд. Он ба низоми императорӣ зид аст. Чунки низоми императорӣ сокинони минтақаҳои кишварро дар ҳукм баробар

намеҳисобад, балки маркази империяро дар ҳокимият, молия ва иқтисод афзал медонад.

Аммо роҳи Ислом дар ҳокимият ин аст, ки шаҳрвандони тамоми минтақаҳоро баробар дониста, нажодгароиро инкор мекунад. Ба ғайримусулмононе, ки дорои шаҳрвандии Давлати Ислом ҳастанд, мувофиқи ҳукмҳои шариат ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шаҳрвандӣ медиҳад. Монанди мусулмонон нисбат ба онҳо муносибати одилона пеш гирифта, дар айни вақт аз онҳо адолатро талаб мекунад. Илова бар ин, новобаста ба мансубияти динӣ ба ягон шаҳрванд, ҳатто ба мусулмон ҳам ҳуқуқе намедиҳад, ки онро дигарон надоранд. Пас Ислом бо барқарор сохтани ин гуна баробарӣ аз императорӣ куллан фарқ мекунад. Зеро Низоми Ислом минтақаҳоро ба мустамлика, ҷои истисмор ва манбаъҳое табдил намедиҳад, ки фоидаҳояш фақат ба марказ равона мешавад. Баръакс ҳамаи минтақаҳоро, ҳарчанд аз якдигар дар масофаи дур ҷойгир шуда, дар онҳо миллатҳои гуногун иқомат кунанд ҳам, ба минтақаи яклухти ягона табдил медиҳад ва ҳар як минтақа ҷузъи ҷудонопазири ҷисми давлат ба ҳисоб меравад. Аҳолии марказ чӣ қадар ҳуқуқ дошта бошанд, аҳолии минтақаҳо низ ҳамон қадар ҳуқуқ доранд ва салтанат, низом ва қонунгузорӣ дар тамоми минтақаҳо яксон мебошад.

Низоми Ислом низоми федеративӣ нест. Дар низоми федеративӣ минтақаҳо субъектҳое ба ҳисоб мераванд, ки мустақилияти мухтор доранд ва ҳамаи онҳо ба ҳокимияти умумии ягона сар хам мекунанд. Аммо дар Ислом ин тавр нест. Баръакс Ислом низоми яклухт аст. Дар он, агар пойтахт Қоҳира бошад, молия ва буҷети Марокаш дар ғарб, Хуросон дар шарқ, департаменти Фаюм ва минтақаҳои дигар ягона ба ҳисоб рафта, қатъи назар аз кадом вилоят будан ба манфиатҳои тамоми шаҳрвандон сарф мешавад. Масалан, агарчи даромадҳои як вилоят аз эҳтиёҷаш ду баробар зиёд бошад ҳам, ба он на аз рӯи миқдори даромадҳо, балки аз рӯи эҳтиёҷи он сарф карда мешавад. Агар даромадҳои ягон вилоят ба эҳтиёҷаш кифоя накунад, дар ин сурат

ба он мувофиқи эҳтиёҷаш аз буҷети давлат сарф карда мешавад. Фарқ надорад, ки даромадҳои он эҳтиёҷотро пур мекунад ё на.

Низоми Ислом низоми ҷумҳурият нест. Зотан низоми ҷумҳурият ҳамчун раддия бар зидди зўроварии низоми подшоҳӣ ба вуҷуд омада буд. Дар ҳамон давраҳо подшоҳ дорои ҳукмронӣ ва салтанати номаҳдуд буда, аз болои мамлакат ва аҳолӣ ба таври дилхоҳ ҳукм меронд, аз рўи хоҳиши худ қонунҳо мебаровард. Низоми ҷумҳурият ҳамчун раддия бар зидди он ба вуҷуд омад ва ҳокимияту салтанатро дар зери номи демократия ба дасти халқ дод. Дар натиҷа халқ ба манбаи қонунгузорӣ, яъне муайянкунандаи ҳалолу ҳаром, муайянкунандаи неку бад табдил ёфт. Ҳокимият дар низоми ҷумҳуриявие, ки ба ҳукмронии президент такя мекунад, ба дасти президент ва вазирон, дар низоми ҷумҳуриявие, ки ба ҳукмронии парламент такя мекунад, ба дасти шўрои вазирон гузашт. (Ин гуна ҳолат, яъне дар дасти шўрои вазирон будани ҳокимиятро дар низомҳои подшоҳӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Дар ин гуна низомҳо салоҳияти ҳукмронӣ аз подшоҳ гирифта шудааст ва ў ба рамзе табдил ёфтааст, ки подшоҳ номида мешавад, лекин ҳукм намеронад).

Аммо дар Ислом ҳуқуқи қонунбарорӣ на аз они халқ, балки фақат аз они АЛЛОҲ аст. Ғайр аз Аллоҳ ҳеҷ кас ба ҳалол ё ҳаром кардан ҳақ надорад. Дар Ислом ба халқ супоридани қонунбарорӣ ҷинояти бузург аст. Зеро вақте ки ин ояти карима нозил шуд:

اتَّخَذُواْ أَحْبَارَهُمْ وَرُهْبَانَهُمْ أَرْبَابًا مِّن دُونِ اللّهِ

"**Ҳибрҳову роҳибони хешро ба ҷои Аллоҳ ба худоӣ гирифтанд**" [9:31].

Расул (с) ояти мазкурро чунин тафсир намуданд: Ҳибрҳо ва роҳибони онҳо қонун бароварда, ба мардум чизҳоро ҳалол ва ҳаром мекарданд ва мардум ба онҳо итоат менамуданд, ки ин чиз ба ҷои Аллоҳ роҳибони худро худо донистани онҳост. Ин тафсири Расулуллоҳ (с) далолат мекунад, ки ғайр аз Аллоҳ ҳалол ва ҳаром

кардани ҳар каси дигар ҷинояти бузург мебошад. Дар ҳадисе, ки Тирмизӣ баровардааст, Адӣ ибни Ҳотим гуфт:

" أَتَيْتُ النَّبِيَّ وَفِي عُنُقِي صَلِيبٌ مِنْ ذَهَبٍ، فَقَالَ يَا عَدِيُّ اطْرَحْ عَنْكَ هَذَا الْوَثَنَ. وَسَمِعْتُهُ يَقْرَأُ فِي سُورَةِ بَرَاءَةٌ  كَانُوا إِذَا أَحَلُّوا لَهُمْ شَيْئًا اسْتَحَلُّوهُ وَإِذَا حَرَّمُوا عَلَيْهِمْ شَيْئًا حَرَّمُوه "

"**Ман ба назди Набӣ (с) омадам. Дар гардан салиби заррин доштам. Он кас ба ман фармуданд: "Эй Адӣ, бутро дафъ кун" Ман шунидам, ки аз сураи "Бароат" ояте қироат карданд: "Ҳибрҳову роҳибони хешро ба ҷои Аллоҳ ба худой гирифтанд**" Сипас гуфтанд: "**Дуруст, мардум ба роҳибон ибодат накардаанд, лекин агар роҳибон ягон чизро ҳалол гӯянд, мардум онро ҳалол донистаанд, агар ягон чизро ҳаром гӯянд, онро ҳаром донистаанд**"

Инчунин дар Ислом ҳокимият бо воситаи шӯрои вазирон намешавад. Вазоратҳо ихтисос, салоҳиятҳои хоса ва буҷети алоҳида доранд. Буҷети яке аз буҷети дигаре кам ё беш мешавад. Маблағи зиёдатии буҷети яке аз онҳо фақат бо расмиятпарастии басо дурударозу зиёд ба буҷети дигаре гузаронида мешавад. Ин дар ҳалли манфиатҳои мардум боиси муаммоҳои зиёд мегардад. Ҳол он ки манфиатҳои мардум бояд аслан дар доираи як дастгоҳи идорӣ, ки ҳамин манфиатҳоро дар худ муҷассам мекунад, ҳал мешуд. Масалан, дар низоми ҷумҳурият ҳукмронӣ миёни вазирон тақсим карда мешавад ва шӯрои вазирон, ки дорои ҳуқуқи ҳукмронӣ дар шакли ҷамоӣ мебошад, ин вазоратҳоро сарҷамъ мекунад. Аммо дар Ислом маҳкамаи вазирон, ки тамоми навъҳои ҳокимиятро дар шакли демократия сарҷамъ кунад, вуҷуд надорад. Балки уммат ба Халифа байат медиҳад, то ки ӯ умматро бо Китоби Аллоҳ ва суннати Расул (с) идора кунад. Халифа барои худ якчанд ёвар (вазири тафвиз) таъин мекунад, то ки дар адои вазифаҳои хилофат ба ӯ ёрӣ расонанд. Пас онҳо вазиронанд ба маънои луғавӣ, яъне дар корҳое, ки Халифа мефармояд, ба ӯ ёрӣ медиҳанд.

Низоми ҳокимияти Ислом демократия нест. Маънои ҳақиқии демократия ин аст, ки бо номи озодӣ ҳукмҳои шариат риоя карда намешавад ва ҳуқуқи қонунгузорӣ, муайянкунии ҳалолу ҳаром ва неку бад ба халқ дода мешавад. Кофирон басо хуб медонанд, ки мусулмонон демократияро бо маънои ҳақиқии он қабул намекунанд. Барои ҳамин имрӯз давлатҳои кофири мустамликадор, хусусан Амрико кӯшиш карда истодаанд, ки демократияро бо роҳи фиреб ба кишварҳои мусулмонон ворид намоянд. Онҳо барои дар мусулмонон пайдо кардани тасаввури гумроҳсозанда демократияро "механизми интихоби ҳоким" меноманд ва ҳамин тавр бо ҳиссу дарёфтҳои мусулмонон бозӣ мекунанд. Чунон нишон медиҳанд, ки гӯё кори асосӣ дар демократия интихоби ҳоким аст. Чунки кишварҳои мусулмонон хоҳ низомҳои подшоҳӣ бошанд, хоҳ низомҳои ҷумҳуриявӣ ба зӯроварӣ, зулм, бастани даҳон ва диктатура мубтало шудаанд. Барои ҳамин мегӯем, ки дар кишварҳои мусулмонон, ки ба ин гуна балоҳо мубтало шудаанд, бо таърифи "демократия роҳи интихоби ҳоким аст" гарм кардани бозори демократия барои кофирон осон гашт ва кофирон ҷиҳати асосии он, яъне на ба Аллоҳ, балки ба инсон дода шудани ҳуқуқи қонунгузорӣ ва муайянкунии ҳалолу ҳаромро рӯпӯш ва пинҳон карданд. Ҳатто баъзе исломиён, балки баъзе шайхҳо низ чи бо нияти нек, чи бо нияти бад ба доми ин фиреб афтоданд. Агар аз онҳо дар бораи демократия пурсед, онро бо эътибори интихоби ҳоким ҷоиз мегӯянд. Аммо бадхоҳони онҳо аз маънои ҳақиқӣ, ки демократҳо ба демократия додаанд, дур шуда, онро рӯпӯш ва пинҳон мекунанд. Маънои ҳақиқии демократия ба халқ додани ҳукмронӣ буда, халқ бо раъйи аксарият ба таври дилхоҳ қонун мебарорад, чизҳоро ҳалол ё ҳаром мекунад ва онҳоро зебо ё зишт меномад. Ҳамчунин шахс дар корҳои худ озод буда, кори дилхоҳашро анҷом медиҳад, дар зери номи демократия ва озодиҳо арақ мехӯрад, ба зино даст мезанад, муртад мешавад ва муқаддасотро таҳқир мекунад. Мазмун, воқеъ ва ҳақиқати демократия аз ҳамин иборат аст. Пас мусулмоне, ки ба

Ислом имон овардааст, чӣ тавр ҷуръат мекунад, ки демократияро ҷоиз ё аз Ислом гӯяд?!

Доир ба мавзӯи интихоби ҳоким, яъне Халифа аз тарафи уммат дар насс далел омадааст. Дар Ислом ҳукмронӣ аз они шариат аст. Ба Халифа байат додани мардум шарти асосии Халифа шудани ӯст. Ҳатто дар давраҳое, ки олам дар зулмати диктатура ва подшоҳӣ зиндагӣ мекард, дар Ислом Халифа интихоб карда мешуд. Хулафои Рошидин: Абӯбакр, Умар, Усмон ва Алӣ (р) фақат баъд аз итмоми байат аз тарафи аҳли ҳал ва ақд ё вакилони мусулмонон ба Халифае табдил ёфтанд, ки ба ӯ итоат кардани мардум воҷиб аст. Ҳар кӣ услуби интихобшавии онҳоро мушоҳида кунад, ин чизҳоро аниқ мебинад. Абдурраҳмон ибни Авф (р), ки ба ӯ донистани раъйи вакилони мусулмонон (яъне аҳли Мадина) супорида шуда буд, барои аз ҳар як кас пурсидан давр зад. Он кас ба хонаҳо рафта, аз мардон ва занон мепурсиданд, ки кадом номзадро ихтиёр мекунанд. Ниҳоят, вақте ки ба Усмон (р) раъй додани мардум аниқ гашт, ба он кас байат додан ба итмом расид.

Хулоса: Демократия, агарчи интихоби ҳокимро эътироф кунад ҳам, низоми куфр мебошад, зеро ин мавзӯи асосӣ нест, балки кори асосӣ дар демократия ин аст, ки қонунгузориро ба инсон медиҳад, на ба Аллоҳ, ки парвардигори оламиён аст. Аллоҳ Субҳонаҳу мегӯяд:

**إِنِ الْحُكْمُ إِلاَّ لِلّهِ**

"**Ва ҳеҷ фармоне ҷуз фармони Аллоҳ нест**" [12:67].

**فَلاَ وَرَبِّكَ لاَ يُؤْمِنُونَ حَتَّىَ يُحَكِّمُوكَ فِيمَا شَجَرَ بَيْنَهُمْ ثُمَّ لاَ يَجِدُواْ فِي أَنفُسِهِمْ حَرَجًا مِّمَّا قَضَيْتَ وَيُسَلِّمُواْ تَسْلِيمًا**

"**На, савганд ба Парвардигорат, ки имон наёваранд, магар он ки дар низоъе, ки миёни онҳост, туро довар қарор диҳанд ва аз ҳукме, ки ту медиҳӣ, ҳеҷ нохушнуд нашаванд ва саросар таслими он гарданд**" [4:65].

Далелҳои машҳур басо зиёданд, ки қонунгузорӣ фақат аз они Аллоҳ мебошад.

Илова бар ин, азбаски демократия ба озодии шахсӣ рухсат медиҳад, ҳам мард ва ҳам зан хоҳ ҳалол бошад, хоҳ ҳаром кори дилхоҳи худро анҷом медиҳанд. Инчунин он ба озодии динӣ, яъне аз дин гаштан ва тағйир додани дин, рухсат медиҳад. Бо сабаби озодии мулк дар ин ҷомеа тавоно заифро бо воситаҳои дилхоҳ истисмор мекунад. Дар натиҷа доро боз ҳам доротар, аммо нодор боз ҳам қашшоқтар мегардад. Инчунин озодии баён дар демократия на барои гуфтани сухани ҳақ, балки бар зидди муқаддасоти уммат аст. Ҳатто ашхосеро, ки дар зери ин озодии баён ба Ислом ҳуҷум оварда, онро таҳқир мекунанд, донишманд номида, тӯҳфаборон мекунанд.

Пас Низоми ҳокимияти Ислом, чунон ки дар боло гуфта гузаштем, на подшоҳӣ, на императорӣ, на федеративӣ, на сотсиалистӣ ва на демократист, балки фақат Низоми Хилофат аст.

Сеюм: Дастгоҳҳои Давлати Хилофат, агарчи дар баъзе зуҳуроти худ монанд бошанд ҳам, аз дастгоҳҳои низомҳои маъмули имрӯза куллан фарқ мекунад. Дастгоҳи Давлати Хилофат аз дастгоҳи давлате, ки Расулуллоҳ (с) ба Мадинаи Мунаввара ҳиҷрат намуда, дар он ҷо бунёд карданд, гирифта мешавад. Инчунин Хулафои Рошидин баъд аз вафоти Расулуллоҳ айнан ҳамин роҳро пеш гирифтаанд.

Пас аз омӯзиши нусусҳое, ки дар ин бора омадаанд, аниқ гашт, ки ҳокимият ва идора дар Давлати Хилофат ба ин тартиб мешавад:

1. Халифа.
2. Муовинон (вазирони тафвиз).
3. Вазирони танфиз.
4. Волиён.
5. Амири ҷиҳод (артиш).
6. Амнияти дохилӣ.
7. Корҳои хориҷӣ.
8. Саноат.
9. Қозиёт.

10. Манфиатҳои мардум.

11. Байтулмол.

12. Иттилоот.

13. Маҷлиси Уммат (шӯро ва муҳосаба).

Дар бобҳои минбаъда ба ин дастгоҳҳо ва далелҳои онҳо батафсил таваққуф мекунем. Мо аз Аллоҳ Субҳонаҳу мепурсем, ки моро бо нусрати худ азизу мукаррам ва ба бунёд кардани дуюмин Хилофати Рошида муваффақ гардонад, Исломy мусулмононро азиз ва куфру кофиронро хор гардонад ва дар саросари олам некӣ паҳн шавад.

إِنَّ اللَّهَ بَالِغُ أَمْرِهِ قَدْ جَعَلَ اللَّهُ لِكُلِّ شَيْءٍ قَدْرًا

"**Аллоҳ кори худро ба иҷро мерасонад ва ҳар чизро андозае қарор додааст**" [65:3].

Зеро фақат аз Аллоҳ ёрӣ мепурсанд ва фақат ба Ӯ такя мекунанд.

14 зулҳиҷҷаи 1425ҳ 24 январи 2005м

**Дастгоҳҳои давлати хилофат**

(ҳокимият ва идора)

## Якум: Халифа

Халифа дар идора, ҳокимият ва иҷрои аҳкоми шаръӣ вакили уммат аст. Чунки Ислом идора ва ҳокимиятро ба уммат супоридааст ва онро инсоне иҷро мекунад, ки вакили уммат аст. Аллоҳ Таоло ба уммат иҷрои тамоми аҳкоми шариатро воҷиб гардонидааст.

Халифаро мусулмонон интихоб мекунанд. Барои ҳамин ӯ дар идора, ҳокимият ва иҷрои аҳкоми шариат вакили уммат ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, барои Халифа шудани ягон кас албатта лозим аст, ки уммат ба ӯ байат диҳад. Байати уммат дар хусуси Халифа кардан Халифаро ба вакили уммат табдил медиҳад. Ин байате, ки ба хилофат дода мешавад, байати инъиқод буда, ба ӯ ҳокимиятро месупорад ва итоати ӯро ба уммат воҷиб мегардонад.

Инсоне, ки кори мусулмононро сарварӣ мекунад, фақат ҳамон вақт Халифа ба ҳисоб меравад, ки аҳли ҳал ва aқд аз миёни уммат бо розигӣ ва ихтиёр ба ӯ байати инъиқоди шаръиро диҳанд, дар ӯ шартҳои инъиқод пурра мавҷуд бошад ва баъд аз дода шудани байати инъиқод бо зудӣ ба татбиқи аҳкоми шариат шурӯъ намояд.

**Унвон**

"Халифа", "имом" ва "амирулмӯъминин" унвонҳоест, ки ба сарвари мусулмонон нисбат дода мешавад. Дар ҳақиқат ин унвонҳо дар ҳадисҳои саҳеҳ ва иҷмои саҳобагон ворид шудаанд. Хулафои Рошидинро низ бо ҳамин унвонҳо ном бурдаанд. Абӯсаиди Худрӣ ин ҳадиси Расулуллоҳ (с)-ро ривоят кардааст:

"إِذَا بُوْيِعَ لِخَلِيْفَتَيْنِ فَاقْتُلُوا الْآخِرَ مِنْهُمَا"

"**Агар ба ду Халифа байат дода шавад, дуюми онҳоро бикушед**" Ин ҳадисро Муслим ривоят кардааст. Тавре ки аз Абдуллоҳ ибни

Амр ибни Ос ривоят мешавад, ӯ ин ҳадиси Расулуллоҳ (с)-ро шунида будааст:

"...مَنْ بَايَعَ إِمَامًا فَأَعْطَاهُ صَفْقَةَ يَدِهِ، وَثَمَرَةَ قَلْبِهِ، فَلْيُطِعْهُ"

"**Касе, ки ба имом бо дасту қалб байат диҳад, бояд ба ӯ итоат намояд...**" Ин ҳадисро Муслим ривоят кардааст. Авф ибни Молик ин ҳадиси Расулуллоҳ (с)-ро ривоят мекунад:

"خِيَارُ أَئِمَّتِكُمْ الَّذِينَ تُحِبُّونَهُمْ وَيُحِبُّونَكُمْ، وَتُصَلُّونَ عَلَيْهِمْ وَيُصَلُّونَ عَلَيْكُمْ"

"**Беҳтарин имоматон касест, ки шумо ӯро дӯст медоред ва ӯ низ шуморо дӯст медорад, шумо бо талаби некӣ дар ҳаққи ӯ дуо мекунед ва ӯ низ дар ҳаққи шумо дуо мекунад**" Ин ҳадисро Муслим ривоят кардааст. Дар ин ҳадисҳо унвони ҳокиме, ки аҳкоми шариати Исломро барпо мекунад, "халифа" ё "имом" гуфта шуд.

Аммо таърихи унвони "амирулмӯъминин" чунин аст: Ҳоким дар "Мустадрак" ҳадиси Ибни Шиҳоби Зуҳриро овардааст. Ибни Шиҳоб ривоят мекунад, ки Умар ибни Абдулазиз аз Абӯбакр ибни Сулаймон ибни Ҳасм пурсид: "Дар замони Абӯбакр (р) дар мактубҳо менавиштанд: "аз халифаи Расулуллоҳ (с)" Умар (р) дар аввали хилофати худ менавишт: "аз халифаи Абӯбакр" Кист он шахс, ки нахустин бор "аз амирулмӯъминин" навиштааст?" Абӯбакр ибни Сулаймон гуфт: "Шифо, ки аз ҷумлаи аввалин муҳоҷирзанон буд, ба ман гуфт, ки Умар ибни Хаттоб ба вакили худ дар Ироқ мактуб фиристод: "Ба ман ду инсони кордонро бифирист, ки аз онҳо дар бораи Ироқ ва аҳолии он бипурсам" Волии Ироқ Лабид ибни Рабиа ва Адӣ ибни Ҳотимро фиристод. Онҳо ба Мадина расида, шутурҳои худро дар ҳавлии масҷид бастанд. Сипас ба масҷид даромада, ба Амр ибни Ос вохӯрданд ва гуфтанд: "Эй Амр, барои мо рухсат бипурс, то ки ба назди Амирулмӯъминин дароем" Амр гуфт: "Қасам ба Аллоҳ, ки шумо номи ӯро хеле дуруст гуфтед. Дар ҳақиқат ӯ амир ва мо мӯъминонем" Сипас аз ҷо бархост ва ба назди Амирулмӯъминин

Умар даромада гуфт: "Ассалому алайкум, эй Амирулмўъминин" Умар гуфт: "Ин номро аз куҷо гирифтӣ, эй Амр?" Амр дар ҷавоб гуфт: "Лабид ибни Рабиа ва Адӣ ибни Ҳотим омадаанд. Шутурҳояшонро ба ҳавлии масҷид баста, ба назди ман даромаданд ва гуфтанд: "Эй Амр, барои мо рухсат бипурс, то ки ба назди Амирулмўъминин дароем" Қасам ба Аллоҳ, ки онҳо дуруст гуфтанд. Мо мўъминонем ва шумо амири мо ҳастед" Ибни Шиҳоб мегўяд: "Аз ҳамон рўз дар аввали мактубҳо ҳамин ном навишта мешавад" Шифо модаркалони Абўбакр ибни Сулаймон буд. Заҳабӣ ин ҳадисро саҳеҳ гуфтааст. Табаронӣ низ онро баровардааст. Ҳайсамӣ гуфтааст, ки ровиёни он саҳеҳанд. Баъд аз Умар (р) дар замони саҳобагон ва баъд аз онҳо низ ба халифаҳо нисбат додани ҳамин ном идома ёфт.

**Шартҳои Халифа**

Барои он ки Халифа ба хилофат шоиста гардад ва барои хилофат ба ў байати инъиқод дода шавад, бояд ҳатман ҳафт шартро дошта бошад. Ин ҳафт шарт шартҳои инъиқоданд ва агарчи яке аз онҳо нарасад ҳам, ақди хилофат баста намешавад.

Шартҳои инъиқод:

**Якум:** Халифа бояд мусулмон бошад. Мутлақо ҷоиз нест, ки Халифа кофир бошад. Ба кофир итоат намудан воҷиб нест. Зеро Аллоҳ Таоло мегўяд:

وَلَن يَجْعَلَ اللّهُ لِلْكَافِرِينَ عَلَى الْمُؤْمِنِينَ سَبِيلاً

"**Ва Ў ҳаргиз барои кофирон ба зиёни мусулмонон роҳе накушудааст**" [4:141].

Сарварӣ роҳи пурзўртарини ҳукмронии ҳоким аз болои раият мебошад. Калимаи (لَن) "ҳаргиз" ибораест, ки абадиятро ифода мекунад ва қаринаест, ки чи дар мансаби Халифа ва чи дар мансаби дигар аз болои мусулмонон соҳиби ҳар гуна сарварӣ будани кофиронро қатъиян манъ мекунад. Модом ки Аллоҳ аз

болои мӯъминон ба кофирон роҳ доданро ҳаром кардааст, пас бар мусулмонон ҳаром аст, ки аз болои худ кофиронро ҳоким кунанд.

Илова бар ин, Халифа сарвари мусулмонон аст. Аллоҳ Субҳонаҳу шарт кардааст, ки ӯ ҳатман бояд мусулмон бошад. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُواْ أَطِيعُواْ اللّهَ وَأَطِيعُواْ الرَّسُولَ وَأُوْلِي الأَمْرِ مِنكُمْ

"**Эй касоне, ки имон овардаед, аз Аллоҳ итоат кунед ва аз расул ва улуламри хеш фармон баред**" [4:59],

وَإِذَا جَاءهُمْ أَمْرٌ مِّنَ الأَمْنِ أَوِ الْخَوْفِ أَذَاعُواْ بِهِ وَلَوْ رَدُّوهُ إِلَى الرَّسُولِ وَإِلَى أُوْلِي الأَمْرِ مِنْهُمْ

"**Ва чун хабаре чи эминӣ ва чи тарс ба онҳо расад, онро дар ҳама ҷо фош мекунанд. Ва ҳол он ки агар дар он ба пайғамбар ва улуламрашон (пешвоён) руҷӯъ мекарданд...**" [4:83].

Дар Қуръони Карим калимаи "улуламр"*, ҳар ҷо омада бошад, бо ибораи "онҳо бояд ҳатман аз мусулмонон бошанд" омадааст. Ин чиз далолат мекунад, ки мусулмон будани "улуламр" шарт карда шудааст. Пас Халифа, азбаски сарвар аст ва сарварони дигар: муовинон, волиён ва омилонро таъин мекунад, бояд мусулмон бошад.

**Дуюм:** Халифа бояд мард бошад. Халифа шудани зан ҷоиз нест. Дар ин бора Бухорӣ аз Абӯбакр (р) ривоят кардааст: "Чун ба Расулуллоҳ (с) хабар расид, ки мардуми Форс духтари Хусравро подшоҳи худ кардаанд, гуфтанд:

"لَنْ يَفْلِحَ قَوْمٌ وَلَّوْا أَمْرَهُمْ اِمْرَأَةً"

"**Қавме, ки занро сарвар кардааст, ҳаргиз наҷот наёбад**"

Хабари Расулуллоҳ дар бораи наҷот наёфтани мардуме, ки занро сарвар кардааст, аз сарвар кардани зан боздоштан аст, зеро ин

талаб сиғаи амр мебошад. Ҳадиси Расулуллоҳ мардумеро, ки занро сардори худ таъин намудаанд, мазаммат карда баён мекунад, ки ин гуна мардум наҷот нахоҳад ёфт. Ин чиз ба қатъияти боздошт далел мешавад. Пас азбаски манъи сарвар кардани зан бо қаринае, ки ба талаби қатъии тарк далолат мекунад, якҷоя омадааст, ҳаром будани сарвар кардани зан аён мегардад. Мурод аз сарвар кардани зан ҳокимият аст, яъне хилофат ва тамоми мансабҳои дигар, ки ҳукмронӣ эътибор карда мешаванд. Зеро мавзӯи ҳадис ин аст, ки духтари Хусрав сарвари шоҳигарии муайян таъин шудааст. Он ба мавзӯи ҳокимият хос аст, ки айнан дар ҳамин ҳадис омадааст. Фақат ба воқеи сарвар шудани духтари Хусрав хос нест. Инчунин мавзӯи ин ҳадис умумӣ нест. Он ғайр аз мавзӯи ҳокимият мавзӯи дигарро дар бар намегирад, балки дар ҳамаи онҳо иштироки зан мумкин аст. Баъдтар ин чиз ба тарзи илова баён карда мешавад.

**Сеюм:** Халифа бояд болиғ бошад. Мумкин нест, ки Халифа кӯдак бошад. Тавре дар ин бора Абӯдовуд аз Алӣ ибни Абӯтолиб ривоят кардааст, Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

" رُفِعَ الْقَلَمُ عَنْ ثَلاَثَةٍ: عَنِ الصَّبِيِّ حَتَّى يَبْلُغَ، وَعَنِ النَّائِمِ حَتَّى يَسْتَيْقِظَ، وَعَنِ الْـمَعْتُوهِ حَتَّى يَبْرَأَ"

"**Аз се нафар қалам бардошта шудааст: аз кӯдак то ба балоғат расиданаш, аз одами хоб то бедор шуданаш ва аз ноқисулақл то шифо ёфтанаш**" Боз ривояти Абӯдовуд ҳаст, ки ба ин лафз омадааст:

" رُفِعَ الْقَلَمُ عَنْ ثَلاَثَةٍ: عَنِ الْـمَجْنُونِ الْـمَغْلُوبِ عَلَى عَقْلِهِ حَتَّى يَفِيقَ، وَعَنِ النَّائِمِ حَتَّى يَسْتَيْقِظَ، وَعَنِ الصَّبِيِّ حَتَّى يَحْتَلِمَ"

"**Аз се нафар қалам бардошта шудааст: аз девонае, ки ақлашро гум кардааст, то ба ақл омаданаш, аз одами хоб то бедор шуданаш ва аз кӯдак то эҳтилом (болиғ) шуданаш**"

Ҳар кас, ки аз ӯ қалам бардошта шуда бошад, корҳои худро тасарруф карда натавонад ва шаръан ҷавобгар набошад, Халифа ё дар дигар кори ҳокимият будани ӯ мумкин нест. Чунки ӯ корҳоро тасарруф карда наметавонад. Далели дигари Халифа шуда натавонистани кӯдак ин ривояти Бухорӣ мебошад:

" عَنْ أَبِي عَقِيلٍ زُهْرَةُ بْنُ مَعْبَدٍ عَنْ جَدِّهِ عَبْدِ اللهِ بْنِ هِشَامٍ وَكَانَ قَدْ أَدْرَكَ النَّبِيَّ وَذَهَبَتْ بِهِ زَيْنَبُ بِنْتُ حَمِيْدٍ إِلَى رَسُولِ فَقَالَتْ: يَا رَسُولَ اللهِ، بَايِعْهُ، فَقَالَ النَّبِيُّ هُوَ صَغِيرٌ. فَمَسَحَ رَأْسَهُ وَدَعَا لَهُ..."

"**Абӯуқайл Зуҳра ибни Маъбад аз падаркалонаш Абдуллоҳ ибни Ҳишом ривоят мекунад. Абӯуқайл ба дидори Пайғамбар (с) муяссар шудааст, модараш Зайнаб бинти Ҳамид ӯро ба назди Расулуллоҳ (с) бурдааст. Модараш гуфт: "Ё Расулуллоҳ, бо писарам байат кунед" Пайғамбар (с) гуфтанд: "Ин ҳоло кӯдак будааст" ва сари ӯро сила карда, дар ҳаққаш дуо карданд...**" Модом ки байати кӯдак беэътибор ба ҳисоб рафта, ба байати Халифа ӯҳдадор набудааст, пас ба тариқи авло Халифа шудани ӯ ҷоиз нест.

**Чорум:** Халифа бояд оқил бошад. Бинобар сухани Расулуллоҳ (с) дар ҳадиси боло:

..."رُفِعَ الْقَلَمُ عَنِ ثَلاَثَةٍ... الْـمَجْنُونِ الْـمَغْلُوبِ عَلَى عَقْلِهِ حَتَّى يَفِيقَ"...

"**Аз се нафар қалам бардошта шудааст: аз девонае, ки ақлашро гум кардааст, то ба ақл омаданаш...**", ҷоиз нест, ки Халифа ноқисулақл бошад. Аз ҳар кӣ қалам бардошта шуда бошад, ӯ мукаллаф ба ҳисоб намеравад. Чунки ақл манбаи мукаллаф шудан ва шарти дуруст тасарруф кардани корҳост. Халифа бо тасарруфи корҳои ҳокимият ва иҷрои таклифҳои шаръӣ машғул мешавад. Барои ҳамин ӯ набояд маҷнун бошад. Азбаски маҷнун корҳои шахсии худро тасарруф карда наметавонад, пас ба тариқи авло ҷоиз нест, ки корҳои дигаронро тасарруф кунад.

**Панҷум:** Халифа бояд одил бошад. Фосиқ будани Халифа ҷоиз нест. Адолат дар байат ба хилофат ва поядагии он шарти зарурӣ ба ҳисоб меравад. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَأَشْهِدُوا ذَوَيْ عَدْلٍ مِّنكُمْ

"**Ва ду тан одил аз худатонро ба шаҳодат гиред...**" [65:2]. Азбаски Халифа гувоҳи асосӣ мебошад, одил будани ӯ боз ҳам зарууртар аст. Модом ки ба гувоҳ адолат шарт карда шудааст, бешубҳа ба Халифа низ шарт карда шудани ин адолат ҳатмист.

**Шашум:** Халифа бояд озод бошад. Зеро ғулом моли хоҷааш буда, худро мустақилона тасарруф карда наметавонад. Модом ки худро тасарруф карда натавонад, аниқ дигаронро идора карда наметавонад.

**Ҳафтум:** Халифа бояд қодир бошад. Халифа бояд шахсе бошад, ки ба бардоштани бори хилофат қудрат дорад. Чунки қудрат аз корҳоест, ки байат тақозо мекунад. Зеро инсони оҷиз байатеро, ки дар хусуси сарварии корҳои раият мувофиқи Қуръон ва суннат дода шудааст, ба ҷо оварда наметавонад. "Навъҳои аҷз"-ро, ки Халифа набояд дошта бошад, маҳкамаи мазолим муайян мекунад.

**Шартҳои афзалият**

Шартҳои боло шартҳои инъиқоди хилофат ба Халифа буда, ғайр аз ҳамин ҳафт шарт ягон шарти дигар шарти инъиқод шуда наметавонад. Агар дар бораи ягон шарте нусусҳои саҳеҳ ворид шуда бошад ё он ба ҳукме, ки бо ягон насси саҳеҳ собит шудааст, шомил шавад, метавонад шарти афзалият бошад. Лекин он ба шарти инъиқод шудан намешояд. Зеро барои он ки шарти инъиқод шавад, бояд далел дар бораи ҳамин гуна шарт будани он мазмуни талаби ҷозим*ро дар бар гирад. Агар далел мазмуни ҳамин гуна талабро дошта бошад, он қарина ба зарурат аст. Агар далел мазмуни талаби ҷозимро дар бар нагирифта бошад, дар ин ҳол шарт на шарти инъиқод, балки шарти афзалият мешавад. Далелҳо фақат дар бораи ҳафт шарт бо талаби ҷозим омадаанд.

Барои ҳамин фақат ҳаминҳо шартҳои инъиқод мешаванд. Шартҳои дигар, ки дар бораи онҳо далели саҳеҳ омадааст, фақат шартҳои афзалият мебошанд. Масалан, аз Қурайш ё муҷтаҳид ё дар истифодаи силоҳ моҳир будани Халифа ва ё корҳои аз ҳамин қабил ҳастанд, ки дар бораи онҳо далели ғайриҷозим ворид шудааст.

### Тариқати интихоби Халифа

Чун шариат ба уммат воҷиб гардонид, ки аз болои худ Халифа интихоб кунад, ба он тариқати интихоби Халифаро низ муайян намуд. Ин тариқат бо Қуръон, суннат ва иҷмои саҳобагон собит шудааст. Ин тариқат айнан байат аст. Пас таъини Халифа бинобар Китоби Аллоҳ ва суннати Расулаш бо байат додани мусулмонон ба ӯ амалӣ мегардад. Мурод аз мусулмонон, агар Хилофат мавҷуд бошад, шаҳрвандони мусулмон аз зердастони Халифаи собиқ мебошанд, агар Халифа мавҷуд набошад, аҳолии мусулмони минтақаест, ки дар он ҷо Хилофат бунёд мегардад.

Айнан байат тариқати таъини Халифа мебошад. Ин чиз аз байати мусулмонон ба Расулуллоҳ ва бо фармони Расулуллоҳ, ки моро ба байати Имом фармудаанд, собит шудааст. Аммо байати мусулмонон ба Расулуллоҳ байат ба пайғамбарӣ нест, балки байат ба ҳокимият аст. Чунки ин на байат ба тасдиқ, балки байат ба амал мебошад. Барои ҳамин ба Расулуллоҳ на бо эътибори пайғамбар ва расул, балки бо эътибори ҳоким байат дода шудааст. Чунки тасдиқи пайғамбарӣ ва расулӣ имон овардан аст, на байат кардан. Пас ба Расулуллоҳ фақат бо эътибори раиси давлат байат дода шудааст. Дар ҳақиқат дар Қуръон ва суннат дар бораи байат оят ва ҳадисҳо омадаанд. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

**يَا أَيُّهَا النَّبِيُّ إِذَا جَاءكَ الْمُؤْمِنَاتُ يُبَايِعْنَكَ عَلَى أَن لَّا يُشْرِكْنَ بِاللَّهِ شَيْئًا وَلَا يَسْرِقْنَ وَلَا يَزْنِينَ وَلَا يَقْتُلْنَ أَوْلَادَهُنَّ وَلَا يَأْتِينَ بِبُهْتَانٍ يَفْتَرِينَهُ بَيْنَ أَيْدِيهِنَّ وَأَرْجُلِهِنَّ وَلَا يَعْصِينَكَ فِي مَعْرُوفٍ فَبَايِعْهُنَّ وَاسْتَغْفِرْ لَهُنَّ اللَّهَ**

"**Эй пайғамбар, агар занони мӯъмин назди ту омаданд, то байат кунанд, бад-ин шарт, ки ҳеҷ касро бо Аллоҳ шарик накунанд ва дуздӣ накунанд ва зино накунанд ва фарзандони худро накушанд ва фарзандеро, ки аз они шавҳарашон нест, ба дурӯғ ба ӯ нисбат надиҳанд ва дар корҳои нек нофармонии ту накунанд, бо онҳо байат кун…**" [60:12],

إِنَّ الَّذِينَ يُبَايِعُونَكَ إِنَّمَا يُبَايِعُونَ اللَّهَ يَدُ اللَّهِ فَوْقَ أَيْدِيهِمْ

"**Онон, ки бо ту байат (аҳд) мекунанд, ҷуз ин нест, ки бо Аллоҳ байат мекунанд. Дасти Аллоҳ болои дастҳояшон аст**"

[48:10]

Бухорӣ аз Исмоил, ӯ аз Молик Яҳё ибни Саид, ӯ аз Убода ибни Валид ва ӯ аз падараш Убода ибни Сомит ривоят мекунад:

" بَايَعْنَا رَسُولَ اللهِ عَلَى السَّمْعِ وَالطَّاعَةِ، وَالْـمَنْشَطِ وَالْـمَكْرَهِ وَأَنْ لاَ نُنَازِعَ الْأَمْرَ أَهْلَهُ، وَأَنْ نَقُومَ أَوْ نَقُولَ بِالْحَقِّ حَيْثُمَا كُنَّا لاَ نَخَافُ فِي اللهِ لَوْمَةَ لاَئِمٍ"

"**Ба Расулуллоҳ (с) байат додем, ки дар ғаму шодӣ гӯшандозӣ ва фармонбардорӣ мекунем, аз сарварон корро талош намекунем ва дар ҳама ҷо дар роҳи Аллоҳ аз маломати маломатгар натарсида, ҳақиқатро мегӯем**" Муслим аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос ин ҳадиси Расулуллоҳ (с)-ро ривоят кардааст:

"… مَنْ بَايَعَ إِمَامًا فَأَعْطَاهُ صَفْقَةَ يَدِهِ، وَثَمَرَةَ قَلْبِهِ، فَلْيُطِعْهُ إِنِ اسْتَطَاعَ، فَإِنْ جَاءَ آخَرُ يُنَازِعُهُ فَاضْرِبُوا عُنُقَ الْآخَرِ"

"**Касе, ки ба имом бо дасту қалб байат диҳад, бояд ҳар қадар, ки метавонад, ба ӯ итоат намояд. Агар каси дигар омада, бо вай дар хусуси Хилофат мунозиа кунад, ба гардани дуюм бизанед**" Муслим аз Абӯсаиди Худрӣ ин ҳадиси Расулуллоҳ (с)-ро ривоят кардааст:

"إِذَا بُويِعَ لِخَلِيفَتَيْنِ فَاقْتُلُوا الْآخِرَ مِنْهُمَا"

"**Агар ба ду Халифа байат дода шавад, дуюми онҳоро бикушед**" Муслим аз Абӯҳозим ривоят кардааст: "Ман бо Абӯҳурайра панҷ сол ҳамнишин будам. Ӯ ин ҳадиси Пайғамбар (с)-ро нақл кард:

" كَانَتْ بَنُو إِسْرَائِيلَ تَسُوسُهُمُ الأَنْبِيَاءُ كُلَّمَا هَلَكَ نَبِيٌّ خَلَفَهُ نَبِيٌّ وَإِنَّهُ لا نَبِيَّ بَعْدِي وَسَتَكُونُ خُلَفَاءُ فَتَكْثُرُ قَالُوا فَمَا تَأْمُرُنَا قَالَ فُوا بِبَيْعَةِ الأَوَّلِ فَالأَوَّلِ أَعْطُوهُمْ حَقَّهُمْ فَإِنَّ اللهَ سَائِلُهُمْ عَمَّا اسْتَرْعَاهُمْ"

"**Ба Банӣ-Исроил пайғамбарон сиёсат меронданд. Ҳар гоҳ пайғамбаре ҳалок гардад, аз паси ӯ пайғамбари дигаре меомад. Аммо пас аз ман пайғамбаре нест. Халифаҳо мешаванд ва зиёд мешаванд**" Пурсиданд: "Моро ба чӣ мефармоед? Гуфтанд: "Ба байати аввалини онҳо ва фақат ба байати аввалини онҳо вафо кунед. Ҳаққи онҳоро диҳед, зеро Аллоҳ аз онҳо мепурсад, ки раиятро чӣ тавр идора намудаанд" Пас дар нусусҳои Қуръон ва суннат кушоду равшан омадааст, ки байат тариқати интихоби Халифа мебошад. Инро ҳамаи саҳобагон басо хуб дарк кардаанд ва дар ҳамин асос кор бурдаанд. Инро дар байате, ки ба Хулафои Рошидин дода шудааст, аниқу равшан мушоҳида кардан мумкин аст.

## Тадбирҳои амалии интихоб ва байати Халифа

Тадбирҳои амалие, ки пеш аз байати Халифа амалиёти интихоби ӯ сурат мегирад, мумкин аст дар шаклҳои гуногун бошад, чунон ки бо Хулафои Рошидин: Абӯбакр, Умар, Усмон ва Алӣ (р) рух додааст. Онҳо баъд аз вафоти Расулуллоҳ (с) пай дар пай ба сари ҳокимият омаданд. Дар ҳақиқат ин тадбирҳои амалиро тамоми саҳобагон бе ягон эътироз тасдиқ намуданд. Ҳол он ки агар ин тадбирҳо ба шариат зид мебуд, инкор карда мешуд. Зеро ин кори муҳимтарин мебошад, ки ба вуҷуди мусулмонон ва бардавомии ҳукмронӣ бо Ислом алоқа дорад. Агар интихоби ҳамин халифаҳоро омӯхта бароем, мебинем, ки ҳамон вақт дар

айвони Банӣ-Соида баъзе мусулмонон ин корро муҳокима намудаанд. Номзадҳо ба хилофат Саъд, Абӯубайда, Умар ва Абӯбакр буданд. Лекин Умар ва Абӯубайда розӣ нашуданд, ки бо Абӯбакр рақобат кунанд. Гӯё масъала фақат миёни Абӯбакр ва Саъд ибни Убода буд. Баъд аз баҳсу муҳокима ба Абӯбакр байат дода шуд. Сипас рӯзи дигар мусулмононро ба масҷид даъват карданд ва онҳо ба Абӯбакр байат доданд. Байате, ки дар айвон дода шуд, байати инъиқод буда, Абӯбакр бо ин байат ба Халифаи мусулмонон табдил ёфт. Аммо байате, ки рӯзи дигар дар масҷид дода шуд, байати итоат буд. Чун Абӯбакр ҳис кард, ки бемории ӯро ба марг мебарад, мусулмононро даъват намуда, аз онҳо маслиҳат пурсид, ки Халифа кӣ шавад. Лашкари мусулмонон ҳамон вақт бо давлатҳои бузург чун Форс ва Рум меҷангид. Маслиҳати Абӯбакр бо мусулмонон се моҳ тӯл кашид. Чун маслиҳат ба поён расида, фикри аксариятро донист, бо мусулмонон аҳд намуд, ки баъд аз ӯ Умар Халифа шавад. Бо ибораи имрӯза гӯем, номзадии ӯро пешбарӣ намуд. Ин аҳди Абӯбакр ё дастгирии номзадии Умар ақде набуд, ки баъд аз ӯ Умарро Халифа гардонад. Чунки баъд аз вафоти Абӯбакр (р) мусулмонон дар масҷид ҷамъ омада, ба хилофати Умар байат карданд. Умар на дар асоси маслиҳати Абӯбакр бо мусулмонон ё бо розигии ӯ ба фикри онҳо, балки бо байати мусулмонон Халифаи онҳо шуд. Чунки агар аз тарафи Абӯбакр пешбарӣ шудани номзадии Умар ақд ба Халифа шудани ӯ мебуд, дигар ба байати мусулмонон бо Умар эҳтиёҷ намемонд. Илова бар ин, дар боло мавҷудияти нусусҳоеро зикр намудем, ки кушоду равшан далолат мекунанд, ки бе байати мусулмонон Халифа шудани ягон кас ҷоиз нест. Сипас чун Умар корд хӯрд, мусулмонон аз ӯ талаб намуданд, ки ба ҷои худ Халифа таъин кунад, аммо ӯ рад кард. Вақте ки онҳо дар талаб исрор карданд, Умар шаш нафарро ҷудо намуд, ба таври дигар гӯем, "номзадии шаш нафарро пешбарӣ намуд" Сипас Суҳайбро таъин намуд, ки ба мардум намоз гузорад ва интихоби якеро аз миёни шаш нафар дар муддати таъинкардаи Умар, яъне се рӯз назорат кунад. Умар ба Суҳайб гуфт: "... Агар панҷ нафар ҷамъ омада, ба Халифа шудани

нафаре аз миёни худ розӣ бошанд, аммо нафаре ба ин розӣ нашавад, сари ӯро бо шамшер бигир..." Ин суханро Табарӣ дар "Таърих", Ибни Қутайба дар китоби "Китоби имомат ва сиёсат", ки ҳамчун таърихи халифаҳо шинохта шудааст ва Ибни Саъд дар "Табақотулкубро" нақл кардаанд. Сипас Умар барои посбонии ҳамон шаш нафар Абӯталҳаи Ансориро бо панҷоҳ нафар посбон таъин кард. Ба Миқдод ибни Асвад интихоби ҷои ҷамъомади номзадҳоро таъин намуд. Чун баъд аз вафоти Умар (р) маҷлиси номзадҳо сурат гирифт, Абдурраҳмон ибни Авф аз номзадҳо пурсид: "Кадом нафари шумо розӣ мешавад, ки аз номзадии худ даст кашида, хилофатро ба афзалтарин кас супорад?" Ҳама сукут кард. Он гоҳ Абдурраҳмон гуфт: "Ман аз номзадии худ даст мекашам" Сипас як-як аз номзадҳо маслиҳат пурсид: "Ғайр аз худ боз киро ба хилофат ҳақдортар мепиндорӣ?" Ҷавоби онҳо ду кас: Усмон ва Алӣ буд. Баъд аз ин Абдурраҳмон ба омӯхтани фикри мусулмонон шурӯъ кард, ӯ пурсид, ки аз ду кас кадомеро ихтиёр мекунанд. Ӯ аз марду зан мепурсид, фикри мардумро меомӯхт. Абдурраҳмон (р) нафақат рӯзона, ҳатто шабона низ кор мекард. Бухорӣ аз Мисвар ибни Махрама ривояти зеринро баровардааст: "Мисвар гуфт: "Абдурраҳмон шабона дар вақти хобам дарамро кӯфт, ахиран бедор шудам. Ба ман гуфт: "Оё хоб ҳастӣ? Қасам ба Аллоҳ, ки ҳамин се шаб мижа назадам" Чун мардум намози бомдодро хонданд, байати Усмон анҷом ёфт" Усмон на бо шаш нафарро ҷудо кардани Умар, балки бо байати мусулмонон Халифа шуд. Вақте ки Усмон кушта шуд, аксарияти мусулмонони Мадина ва Кӯфа ба Алӣ ибни Абӯтолиб байат доданд. Алӣ низ бо байати мусулмонон Халифа шуд.

Агар кайфияти байати Хулафои Рошидин (р) тадқиқ карда шавад, аён мегардад, ки номзадҳо ба хилофат ба мардум эълон карда шудаанд ва дар ҳар яки онҳо шартҳои байат пурра мавҷуд буд. Баъд аз ин аз миёни мусулмонон фикри аҳли ҳал ва ақд, ки вакилони уммат мебошанд, гирифта мешавад. Маълум аст, ки дар замони Хулафои Рошидин ин гуна вакилон саҳобагон ё аҳолии Мадина буданд. Саҳобагон ё аксарияти онҳо Халифа шудани

касеро хоҳанд, ба ҳамон кас байати инъиқод дода мешуд ва ӯ Халифа шуда, итоати ӯ воҷиб мегашт. Баъд аз ин тамоми мусулмонон ба ӯ байати итоатро медоданд. Халифа ба ҳамин тарз ба сари хилофат омада, дар ҳокимият ва идора ба вакили Уммати Ислом табдил меёфт.

Ин хулосаҳоест, ки аз корҳои оид ба байати Хулафои Рошидин (р) фаҳмида мешавад. Ин ҷо аз шаш номзадро пешбарӣ намудани Умар ва тадбирҳои байати Усмон (р) боз ду кор фаҳмида мешавад: ҳангоми интихоби Халифаи нав мавҷуд будани амири муваққата, ки корҳои ҳокимиятро иҷро мекунад ва ба шаш нафар маҳдуд шудани ҳадди аксари шумораи номзадҳо.

**Амири муваққата**

Халифа, вақте ки расидани аҷали худро ҳис мекунад, бояд каме пеш аз холӣ шудани мансаби хилофат дар давоми фурсати кӯтоҳ ва кофӣ амири муваққатаро таъин кунад. Ин амири муваққата дар давоми давраи кӯтоҳ, ки чораҳои интихоби Халифаи нав андешида мешавад, корҳои мусулмононро сарварӣ мекунад ва пас аз вафоти Халифа бевосита ба корҳои он шурӯъ мекунад. Кори асосии ӯ ба охир расонидани интихоби Халифаи нав дар давоми ҳамин се рӯз мебошад.

Мумкин нест, ки амири муваққата аҳком табаннӣ намояд. Чунки ин кор салоҳияти Халифаест, ки уммат бо ӯ байат кардааст. Инчунин ҷоиз нест, ки ба хилофат номзадии худро гузорад ё номзадҳоро дастгирӣ намояд. Чунки Умар (р) шахсеро амири муваққата таъин кардааст, ки ба хилофат ҳамчун номзад пешбарӣ нашуда буд. Ҳукмронии амири муваққата баробари интихоби амири нав ба охир мерасад. Чунки кори ӯ адои муваққатаи вазифаи муайян аст.

Суҳайб амири муваққата буд, ки Умар (р) таъин кардааст. Далел ин аст:

Умар (р) ба шаш номзад гуфт: "Тӯли ҳамин се рӯз, ки шумо бо ҳам маслиҳат мекунед, Суҳайб намозро гузорад" Сипас ба Суҳайб гуфт: "Се рӯз ба мардум намозро гузор... Агар панҷ нафар ҷамъ омада, ба Халифа шудани нафаре розӣ бошанд, аммо як нафар розӣ нашавад, сари ӯро бо шамшер бигир..." Ин суханҳо маънои онро дорад, ки Суҳайб ба онҳо амир таъин шуда буд. Чунки ӯ ба намоз амир таъин шуд. Амири намоз шудан маънои амири мардум шуданро дорад. Чунки Умар ба Суҳайб гуфт: "сарашро бигир" ва бо ин салоҳияти татбиқи чораи ҷазоро дод. Қатлро фақат амир иҷро мекунад.

Ин амалиёт дар пеши назари як гурӯҳ саҳобагон бе ягон инкор содир шуд. Ин чиз иҷмоъ бар он буд, ки Халифа метавонад амири муваққата таъин кунад, то тадбири интихоби Халифаи навро роҳбарӣ намояд. Бинобар ин, ҷоиз аст, ки оид ба ин моддае табаннӣ карда шавад: Агар Халифа вафот кунад ва ҳангоми зинда будани худ барои иҷрои тадбирҳои интихоби Халифаи нав амири муваққатаро таъин накарда бошад, ягон шахс бояд амири муваққата шавад.

Мо ин ҷо ҳамин чизро табаннӣ мекунем: Агар Халифа дар давраи бемории худ, ки боиси марг мегардад, амири муваққатаро таъин накарда бошад, калонсолтарин муовини Халифа бояд амири муваққата шавад. Аммо агар ӯ (ба хилофат) номзади худро гузошта бошад, муовини аз ӯ ҷавонтар амири муваққата мешавад ва ҳоказо... Баъд аз муовинон дар тартиби боло вазирони танфиз меистанд.

Ин кор инчунин ба ҳолате, ки Халифа аз кор холӣ карда мешавад, мувофиқ меояд. Он вақт калонсолтарин муовин, агар номзади худро нагузошта бошад, амири муваққата мешавад. Агар ӯ номзади худро гузошта бошад, муовини аз ӯ ҷавонтар ва ҳоказо... то охирин муовин ба ҳамин тартиб меравад. Сипас калонсолтарин вазири танфиз ва ҳоказо... тартиб ба ҳамин тариқ давом мекунад. Агар ҳамаи онҳо номзадии худро гузоштан хоҳанд, он вақт мебояд хурдсолтарин вазири танфизро амири муваққата таъин кард.

Ин кор ба ҳолате, ки Халифа асир меафтад, низ мувофиқ меояд. Ин ҷо баъзе тафсилотҳое ҳаст, ки ба салоҳияти амири муваққата тааллуқ дорад, хоҳ ба озодшавии Халифа аз асорат умед бошад, хоҳ умед набошад. Қонуне, ки дар вақти худ бароварда мешавад, ба зудӣ ин салоҳиятҳоро ба танзим медарорад.

Амири муваққата аз шахсе, ки Халифа ҳангоми ба ҷиҳод ё сафар баромадан ба ҷои худ ҳамчун ноиб таъин мекунад, чунон ки Расулуллоҳ (с) ҳангоми ба ҷиҳод баромадан ё ҳангоми ҳаҷҷатулвадоъ ва ғайра таъин карда буданд, куллан фарқ мекунад. Чунки дар ин ҳолат ноиби Халифа дар бораи идора намудани корҳое, ки ноибии ӯ тақозо мекунад, фақат дорои салоҳиятҳое мешавад, ки Халифа ба ӯ таъин кардааст.

**Маҳдудкунии шумораи номзадҳо**

Агар интихоби Хулафои Рошидин бо диққат омӯхта шавад, аён мегардад, ки дар ин масъала ба маҳдудкунии муайяни шумораи номзадҳо амал кардаанд. Масалан, дар айвони Банӣ-Соида номзадҳо аз Абӯбакр, Умар, Абӯубайда ва Саъд ибни Убода иборат буд ва бо номзадии онҳо кифоя карданд. Вале Умар ва Абӯубайда худро бо Абӯбакр баробар надонистанд ва барои хилофат бо ӯ рақобат накарданд. Дар натиҷа гузоштани номзадӣ миёни Абӯбакр ва Саъд ибни Убода сурат гирифт. Ҳамин тавр, дар айвон аҳли ҳал ва ақд Абӯбакрро Халифа интихоб карда, ба ӯ байати инъиқод доданд. Сипас рӯзи дигар мусулмонон дар масҷид ба Абӯбакр байати итоат доданд.

Умар низ ба мусулмонон номзадии шаш нафарро пешбарӣ намуда, шумораи онҳоро ба шаш нафар маҳдуд кард, то ки аз миёни худ нафареро Халифа интихоб кунанд. Сипас Абдурраҳмон ибни Авф бо панҷ нафари дигар баҳс намуд ва аз се нафар ваколат гирифта, номзадиро ба ду нафар: Алӣ ва Усмон маҳдуд кард. Баъд аз ин фикри мардумро омӯхт ва фикри онҳо ба Халифа шудани Усмон қарор гирифт.

Аммо ба интихоби Алӣ (р) биёем, ғайр аз ӯ ба хилофат номзаде набуд. Барои ҳамин аксари мусулмонони Мадина ва Кӯфа ба ӯ байат карданд ва ӯ Халифаи чорум шуд.

Дар байати Усмон муддати дарозтарин, ки барои интихоби Халифа рухсат дода мешавад, се шабонарӯз таъин гардид. Инчунин шумораи номзадҳо ба шаш нафар, сипас ба ду нафар маҳдуд карда шуд. Бо эътибори он ки ин воқеаҳо ба мавзӯи мо фоида дорад, содиршавии байатро бо тафсилоти андак гуфта мегузарем:

1. Умар (р) соли 24-уми ҳиҷрат дар аввали моҳи муҳаррам субҳи рӯзи якшанбе аз таъсири зарбаи корди Абӯлуълуа, ба ӯ лаънати Аллоҳ бод, вафот кард. Ин фоҷиа соли 23-уми ҳиҷрат чор рӯз пеш аз тамомшавии моҳи зулҳиҷҷа субҳи рӯзи чоршанбе, ҳангоме ки Умар (р) дар меҳроб намоз мехонд, рух дод. Бинобар васияти Умар (р) ҷанозаи ӯро Суҳайб (р) хонд.

2. Чун аз тадбири дафни Умар фориғ шуданд, Миқдод аҳли шӯроро, ки аз шаш нафари васияткардаи Умар иборат буданд, дар яке аз хонаҳо ҷамъ овард. Абӯталҳа онҳоро посбонӣ кард. Онҳо, баъд аз он ки нишаста маслиҳат карданд, бо розигии худ Абдурраҳмон ибни Авфро вакил карданд, то ки аз миёнашон нафареро Халифа интихоб кунад.

3. Абдурраҳмон бо онҳо муҳокима намуда, аз ҳар яки онҳо пурсид: "Агар Халифа нашавӣ, аз миёни дигарон Халифа шудани киро мехоҳӣ?" Ҷавоби онҳо Алӣ ва Усмон буд. Сипас Абдурраҳмон номзадҳоро аз шаш нафар ба ду нафар маҳдуд кард.

4. Баъд аз ин, чунон ки дар боло маълум шуд, Абдурраҳмон аз мардум маслиҳат пурсид.

5. Шаби рӯзи чоршанбе, яъне се рӯз пас аз вафоти Умар (р), Абдурраҳмон ба ҳавлии писари хоҳараш Мисвар ибни Махрама рафт. Ибни Касир дар китоби "Бидоя ва ниҳоя" нақл мекунад:

"Шаби рӯзи чорум пас аз вафоти Умар Абдурраҳмон ба хонаи писари хоҳараш Мисвар ибни Махрама рафт ва гуфт: "Эй Мисвар, оё хоб ҳастӣ? Қасам ба Аллоҳ, ки ман се рӯз боз хоб накардам", яъне шаби душанбе, шаби сешанбе ва шаби чоршанбе. Сипас гуфт: "... Бирав, Алӣ ва Усмонро ба назди ман биёр" ва худ ба масҷид рафт... Сипас тамоми мардумро "ассалоту ҷомеатун" гуфта даъват карданд..." Ин бомдоди рӯзи чоршанбе буд. Сипас ӯ аз дасти Алӣ (Аллоҳ аз ӯ розӣ бод ва рӯяшро мунаввар гардонад) гирифта пурсид: "Оё бинобар Китоби Аллоҳ, суннати Расулаш ва ба давом додани амалҳои Абӯбакр ва Умар байат мекунед?" Алӣ (р) ин ҷавоби машҳури худро гуфт: "Агар бинобар Китоби Аллоҳ ва суннати Расулаш бошад, байат мекунам, аммо ба амалҳои Абӯбакр ва Умар байат намекунам, ман бо фикри худ иҷтиҳод мекунам" Абдурраҳмон дасти Алиро сар дод, сипас дасти Усмонро дошта, айнан ҳамон саволро такрор кард. Усмон гуфт: "Бале, байат мекунам" ва ба хилофати Усмон (р) байат дода шуд"

Ҳамон рӯз Суҳайб ба мардум ҳам намози бомдод ва ҳам намози пешинро гузошт. Усмон (р) ба мусулмонон ҳамчун Халифа намози асрро гузошт. Ба таври дигар гӯем, Усмон (р), гарчи баъд аз бомдод байати инъиқод оғоз ёфта бошад ҳам, амирии Суҳайб фақат баъд аз байати аҳли ҳал ва ақди Мадина ба Усмон ба поён расид. Дар ҳақиқат амирии ӯ баъд аз нимаи дуюми ҳамон рӯз, яъне каме пеш аз аср, вақте ки саҳобагон барои байати Усмон якдигарро даъват карданд, ба поён расид. Баробари итмоми кор каме пеш аз аср амирии Суҳайб низ ба поён расид ва Усмон ҳамчун Халифа дар намози аср ба имомат гузашт.

Муаллифи "Бидоя ва ниҳоя" баён мекунад, ки чаро Суҳайб дар бомдод содир шудани байати Усмонро донистa, дар пешин низ ба мардум имом шудааст: "... Баъд аз он ки мардум ба ӯ дар масҷид байат доданд, ӯро ба ҳавлии шӯро, яъне ба "ҷамъомадгоҳи аҳли шӯро" бурданд ва мардуми боқимонда дар ҳамон ҷо ба ӯ байат доданд. Яъне байат фақат баъд аз пешин ба поён расид. Аммо Суҳайб дар пешини ҳамон рӯз дар Масҷидуннабавӣ имом шуд.

Аввалин намозе, ки Халифа – Амирулмўъминин Усмон (р) имомӣ кардааст, намози аср буд..."

Ин ҷо дар бораи рўзи кордхўрии Умар, рўзи вафоти ў ва рўзи байати Усмон ихтилоф мавҷуд аст... Вале мо (аз ҷиҳати далел) пурзўртарини онҳоро зикр намудем.

Бинобар ин, корҳое ҳастанд, ки баъд аз холӣ шудани мансаби хилофат бо сабаби "вафот кардан ё аз кор холӣ шудан" ҳангоми гузоштани номзад бояд ба эътибор гирифта шаванд:

1. Фаъолият дар хусуси гузоштани номзад дар тўли рўзҳое, ки мўҳлат муайян карда шудааст, шабу рўз идома меёбад;

2. Шумораи номзадҳо ба мувофиқи пурра ёфт шудани шартҳои инъиқод маҳдуд карда мешавад. Ин корро маҳкамаи мазолим пеш мебарад.

3. Шумораи номзадҳои лаёқатманд ду маротиба: маротибаи аввал ба шаш нафар ва маротибаи дуюм ба ду нафар маҳдуд карда мешавад. Маҷлиси Уммат ҳамчун вакили уммат ин ду маҳдудкуниро иҷро менамояд. Чунки уммат ба Умар ваколат дода буд, Умар ба шаш нафар ваколат дод, он шаш нафар ба Абдурраҳмон ваколат доданд ва ў баъд аз муҳокима аз шаш нафар ду нафарро ҷудо кард. Тавре ки аён шуд, ҳамаи ин корҳо ба уммат тааллуқ дорад, яъне онҳо вакилони умматанд.

4. Салоҳияти амири муваққата на бо эълон шудани натиҷаи интихобот, балки баробари анҷом пазируфтани тадбирҳои байат ва интихоби Халифа ба поён мерасад. Масалан, амирии Суҳайб на бо интихобшавии Усмон, балки бо анҷом пазируфтани байати ў ба поён расид.

Дар асоси он чӣ дар боло зикр гардид, қонуне бароварда мешавад, ки кайфияти интихоби Халифаро дар тўли се шабонарўз муайян мекунад. Дар ҳақиқат ин қонун тартиб дода шуд. Муҳокима ва табаннӣ шудани он бо изни Аллоҳ дар вақти муносиб амалӣ мегардад.

Ин ҳама суханҳоест, ки ба ҳолати вафот кардани Халифа ё аз кор холӣ шудани ӯ... ва ба ҷои ӯ гузоштани Халифаи дигар тааллуқ доранд.

Аммо дар ҳолати мутлақо мавҷуд набудани Халифа ба мусулмонон барпо кардани Халифае фарз мешавад, то ки аҳкоми шариатро иҷро кунанд ва даъватро ба тамоми дунё расонанд, чун аҳволи имрӯза, ки аз бисту ҳаштуми раҷаби соли 1342 ҳиҷрӣ, 3 марти соли 1924 милодӣ сарнагуншавии Хилофати Ислом дар Истанбул идома дорад. Ҳар як кишвари исломии Олами Ислом ба байати Халифа муносиб аст ва бо ҳамин Хилофат барпо мегардад. Агар яке аз ҳамин кишварҳои исломӣ ба Халифа байат кунад, пас Хилофат барпо шудааст ва ба мусулмононе, ки дар кишварҳои дигар зиндагӣ мекунанд, фарз мегардад, ки ба ӯ байати итоат бидиҳанд. Ин фақат баъд аз ёфт шудани чор шарт дар кишваре, ки аз тарафи аҳолии он ба Хилофат байати инъиқод дода шудааст, рух медиҳад:

**Шарти якум:** Ҳокимияти он кишвар бояд ҳокимияти мустақил бошад, ки на ба давлати кофир ё ба нуфузи кофир, балки фақат ба мусулмонон такя кунад;

**Шарти дуюм:** Амнияти мусулмонон дар он кишвар бояд на аз тарафи куфр, балки аз тарафи Ислом таъмин гардад, яъне давлат бояд аз ҷиҳати дохилӣ ва хориҷӣ бо эътибори қувваи софи исломӣ ба воситаи қувваи мусулмонон бо ҳимояи Ислом ҳимоя карда шавад;

**Шарти сеюм:** Он давлат бояд дарҳол ба татбиқи пурраи Ислом ва расонидани даъвати Ислом шурӯъ кунад;

**Шарти чорум:** Халифае, ки ба ӯ байат карда шудааст, бояд шартҳои инъиқодро пурра дошта бошад, агарчи шартҳои афзалиятро надошта бошад ҳам. Зеро он чӣ ки ба эътибор гирифта мешавад, шартҳои инъиқод мебошад.

Агар дар ҳамон давлат ҳамин чор шарт пурра мавҷуд бошад, бо байати ҳамин як давлат Хилофат ба вуҷуд меояд. Бо байати дурусту ҳақиқии инъиқод, ки аҳолии он медиҳад, Халифа ба Халифаи шаръӣ табдил меёбад ва ҷоиз нест, ки ба дигаре байат карда шавад.

Баъд аз ин ягон давлат ба Халифаи дигар байат кунад, байати он мувофиқи сухани зерини Расулуллоҳ (с) байати ботил мешавад:

"إِذَا بُوْيِعَ لِخَلِيْفَتَيْنِ فَاقْتُلُوا الْآخَرَ مِنْهُمَا"

"**Агар ба ду Халифа байат дода шавад, дуюми онҳоро бикушед**" Расулуллоҳ (с) боз гуфтанд:

"فُوا بِبَيْعَةِ الْأَوَّلِ فَالْأَوَّلِ ..."

"**Ба байати аввалин ва фақат ба байати аввалин вафо кунед**" Расулуллоҳ (с) боз гуфтанд:

"مَنْ بَايَعَ إِمَامًا فَأَعْطَاهُ صَفْقَةَ يَدِهِ، وَثَمَرَةَ قَلْبِهِ، فَلْيُطِعْهُ إِنِ اسْتَطَاعَ، فَإِنْ جَاءَ آخَرُ يُنَازِعُهُ فَاضْرِبُوا عُنُقَ الْآخَرِ"

"**Касе, ки ба имом бо дасту қалб байат диҳад, бояд ҳар қадар, ки метавонад, ба ӯ итоат намояд. Агар каси дигар омада, бо вай дар хусуси Хилофат мунозиа кунад, ба гардани дуюм бизанед**"

**Кайфияти байат**

Дар боло далелҳои байат ва дар Ислом тариқати ягонаи интихоби Халифа будани онро баён намудем. Акнун ба кайфияти байат таваққуф мекунем. Он бо даст додан амалӣ мегардад. Гоҳо бо воситаи мактуб низ содир мегардад. Абдуллоҳ ибни Динор гуфтааст: "Вақте ки мардум барои байати Абдулмалик ҷамъ омаданд, ман Абдуллоҳ ибни Умарро дида будам. Ӯ чунин мактуб навишта буд: "Ман қарор мекунам, ки ба бандаи Аллоҳ Амирулмӯъминин Абдулмалик бинобар Китоби Аллоҳ ва суннати

Расулаш ба қадри имкон гӯшандозӣ ва фармонбардорӣ кунам" Инчунин бо ягон воситаи дигар содир шудани байат дуруст мешавад.

Вале шарт аст, ки байатро инсони болиғ диҳад, байати кӯдакон дуруст нест. Дар ҳақиқат, тавре дар боло нақли Абӯуқайлро овардем, ӯ аз падаркалонаш, падаркалонаш аз Абдуллоҳ ибни Ҳишом ривоят кардааст: "Ӯ ба дидори Пайғамбар (с) муяссар шудааст. Модараш Зайнаб бинти Ҳамид ӯро ба назди Расулуллоҳ (с) бурд ва гуфт: "Ба ӯ байат кунед, ё Расулуллоҳ" Расулуллоҳ (с) гуфтанд:

"هُوَ صَغِيرٌ. فَمَسَحَ رَأْسَهُ وَدَعَا لَهُ"

"**Ӯ ҳоло кӯдак аст" ва сари кӯдакро сила намуда, дар ҳаққаш дуо карданд**" Ин ҳадисро Бухорӣ ривоят кардааст.

Аммо лафзҳои байатро бигирем, онҳо ба лафзҳои муайян маҳдуд нестанд. Лекин албатта зарур аст, ки аз тарафи Халифа лафзҳое гуфта шавад, ки ба Китоби Аллоҳ ва суннати Расулаш амал карданро дар бар гирад ва аз тарафи байатдиҳанда лафзҳое гуфта шавад, ки чи дар душворию осонӣ ва чи дар ғаму шодӣ фармонбардорӣ карданро дар бар гирад. Мувофиқи маълумотҳои боло қонуне тартиб дода мешавад, ки шакли ин лафзҳоро муайян мекунад.

Вақте ки байатдиҳанда ба Халифа байат медиҳад, ин байат дар ӯҳдаи вай ба амонат табдил меёбад ва аз ин байат баргаштанаш ҳаром аст. Ин байат, то вақте ки бо эътибори байати инъиқод ба хилофат байат медиҳад, ҳуқуқи байатдиҳанда мебошад. Сипас, агарчи аз он баргаштан хоҳад ҳам, мумкин нест. Бухорӣ аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят кардааст: "Як араби саҳронишин ба Расулуллоҳ (с) дар бораи ба Ислом амал кардан байат дод. Сипас ӯ бемор шуд ва гуфт: "Байатамро баргардонед" Расулуллоҳ розӣ нашуданд. Ӯ баргашта рафт. Он гоҳ Расулуллоҳ (с) гуфтанд:

"اَلْـمَدِينَةُ كَالْكِيرِ تَنْفِى خَبَثَهَا، وَيَنْصَعُ طِيْبُهَا"

"**Мадина мисли хумдон* аст, ки ифлосиҳоро нест мекунад ва покиҳо мемонад**" Нофеъ гуфт, ки Абдуллоҳ ибни Умар гуфтааст, ки аз Расулуллоҳ (с) ин ҳадисро шунида будааст:

"مَنْ خَلَعَ يَدًا مِنْ طَاعَةٍ لَقِيَ اللهَ يَوْمَ الْقِيَامَةِ لاَ حُجَّةَ لَهُ"

"**Ҳар кӣ аз итоат даст кашад, рӯзи қиёмат ба Аллоҳ дар ҳоле рӯ ба рӯ мешавад, ки ҳуҷҷате надорад**" Ин ҳадисро Муслим ривоят кардааст. Вайрон кардани байати Халифа аз итоати Аллоҳ даст кашидан аст. Вале ин беитоатӣ он гоҳ воқеъ мешавад, ки агар байатдиҳанда ба Халифа байати инъиқод дода бошад ё ба Халифае, ки байати инъиқод дуруст дода шудааст, байати итоат дода бошад. Агар ба як Халифа дар ибтидо якум шуда байат карда бошад, вале ин байат ба охир нарасад, байатдиҳанда бо эътибори "аз тарафи мусулмонон ба Халифа байати инъиқод надодааст" ҳуқуқи аз ин байат халос шуданро дорад. Чунки манъ дар ҳадис на ба гаштан аз байати ба шахси пурра Халифа шуда интихобнашуда додашуда, балки ба гаштан аз байати Халифа тааллуқ дорад.

### Ягонагии Хилофат

Бояд тамоми мусулмонон дар давлати ягона бошанд ва фақат як Халифа дошта бошанд. Мавҷуд будани давлате ғайр аз давлати ягона ва Халифае ғайр аз Халифаи ягона барои мусулмонон шаръан ҳаром аст.

Инчунин воҷиб аст, ки дар Давлати Хилофат низоми ҳокимият низ як низом бошад, низоми федеративӣ будани он ҳаром аст. Далелҳои ин: Муслим аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос ривоят мекунад, ки ӯ гуфтааст, ки аз Расулуллоҳ (с) ин ҳадисро шунидааст:

" مَنْ بَايَعَ إِمَامًا فَأَعْطَاهُ صَفْقَةَ يَدِهِ، وَثَمَرَةَ قَلْبِهِ، فَلْيُطِعْهُ إِنِ اسْتَطَاعَ، فَإِنْ جَاءَ آخَرُ يُنَازِعُهُ فَاضْرِبُوا عُنُقَ الْآخَرِ"

"**Касе, ки ба имом бо дасту қалб байат диҳад, бояд ҳар қадар, ки метавонад, ба ӯ итоат намояд. Агар каси дигар омада, бо вай дар хусуси Хилофат мунозиа кунад, ба гардани дуюм бизанед**"

" مَنْ أَتَاكُمْ وَأَمْرُكُمْ جَمِيعٌ عَلَى رَجُلٍ وَاحِدٍ يُرِيْدُ أَنْ يَشُقَّ عَصَاكُمْ أَوْ يَفْرِقَ جَمَاعَتَكُمْ فَاقْتُلُوْهُ"

"**Чун дар атрофи марде муттаҳид бошед, касе ояду барҳам додани ваҳдат ва пароканда кардани ҷамоати шуморо хоҳад, ӯро бикушед**" Боз Муслим аз Абӯсаиди Худрӣ, ӯ аз Расулуллоҳ (с) ривоят мекунад:

"إِذَا بُوْيِعَ لِخَلِيْفَتَيْنِ فَاقْتُلُوا الْآخِرَ مِنْهُمَا"

"**Агар ба ду Халифа байат дода шавад, дуюми онҳоро бикушед**" Боз Муслим аз Абӯҳозим ривоят мекунад, ки ӯ гуфтааст: "Ман бо Абӯҳурайра панҷ сол ҳамнишин будам ва аз ӯ ин ҳадиси Расулуллоҳ (с)-ро шунидам:

" كَانَتْ بَنُو إِسْرَائِيلَ تَسُوسُهُمُ الأَنْبِيَاءُ كُلَّمَا هَلَكَ نَبِيٌّ خَلَفَهُ نَبِيٌّ وَإِنَّهُ لا نَبِيَّ بَعْدِي وَسَتَكُونُ خُلَفَاءُ فَتَكْثُرُ قَالُوا فَمَا تَأْمُرُنَا قَالَ فُوا بِبَيْعَةِ الأَوَّلِ فَالأَوَّلِ أَعْطُوهُمْ حَقَّهُمْ فَإِنَّ اللهَ سَائِلُهُمْ عَمَّا اسْتَرْعَاهُمْ"

"**Ба Банӣ-Исроил пайғамбарон сиёсат меронданд. Вақте ки пайғамбаре ҳалок мешуд, ба ҷои ӯ пайғамбари дигар меомад. Баъд аз ман пайғамбаре нест. Халифаҳо мешаванд ва зиёд мешаванд" Пурсиданд: "Моро ба чӣ мефармоед?" Гуфтанд: "Ба байати аввалини онҳо ва фақат ба байати аввалини онҳо вафо кунед. Ҳаққи онҳоро диҳед, зеро Аллоҳ аз онҳо мепурсад, ки раиятро чӣ тавр идора намудаанд**"

Ҳадиси якум баён мекунад, ки чун ба нафаре имомӣ, яъне хилофат дода мешавад, воҷиб аст, ки ба ӯ итоат кунанд, агар

нафари дигар ояду бо ӯ хилофатро талош кунад, бо ӯ биҷанганд, агар ӯ аз талош кардан бознагардад, ӯро бикушанд.

Ҳадиси дуюм далолат мекунад, ки агар мусулмонон дар зери аморати Халифаи ягона ҷамоати ягона бошанд, нафаре ояду вайрон кардани ваҳдати мусулмонон ва тақсим кардани ҷамоати онҳоро хоҳад, куштани ӯ воҷиб мешавад. Ҳар ду ҳадис бо мафҳуми худ далолат мекунанд, ки агарчи ба воситаи шамшер бошад ҳам, ба гирифтани пеши роҳи тақсимшавии давлат тарғиб бояд кард ва аз давлат ҷудошавиро бояд боздошт.

Ҳадиси сеюм ҳолатеро баён мекунад, ки агар давлат бо сабаби вафоти Халифа ё бо сабаби аз кор холӣ шудани ӯ ва ё бо сабаби аз кор холӣ карда шудани ӯ аз Халифа холӣ шавад ва барои хилофат ба ду кас байат дода шавад, куштани дуюми онҳо воҷиб мегардад. Ба таври дигар гӯем, Халифа шахсест, ки якумин шуда ба ӯ байати ҳақиқии дуруст дода шудааст. Шахсеро, ки ба вай дуюм байат дода шудааст, агар тарк кардани хилофатро эълон накунад, куштан воҷиб мегардад. Аммо ҳолате, ки ба беш аз ду нафар байат дода мешавад, худ ба худ маълум аст. Ин ишора ба он аст, ки давлатро аз пароканадашавӣ нигоҳ бояд дошт, яъне маънидод мекунад, ки ба давлатчаҳои хурд тақсим кардани давлат ҳаром аст ва ҳамчун давлати ягона боқӣ мондани он воҷиб аст.

Ҳадиси чорум далолат мекунад, ки баъд аз Расулуллоҳ (с) халифаҳо зиёд мешаванд, чун саҳобагон (Аллоҳ аз онҳо розӣ бод) аз Расулуллоҳ ҳангоми зиёд шудани халифаҳо чӣ кор карданро пурсиданд, он кас ҷавоб доданд, ки ба Халифаи якум байат додашуда бояд вафо ва итоат кунанд, чунки ӯ Халифаи шаръӣ мебошад. Ба дигарон итоат карда намешавад, чунки байати онҳо ботил ва ғайришаръист. Зеро ҷоиз нест, ки мусулмонон Халифа дошта бошанд, вале ба Халифаи дигар байат дода шавад. Инчунин ин ҳадис боз далолат мекунад, ки итоат фақат ба як Халифа воҷиб аст, бинобар ин, ҳеҷ ҷоиз нест, ки мусулмонон беш аз як давлат дошта бошанд.

**Салоҳиятҳои Халифа**

Халифа чунин салоҳиятҳо дорад:

а) Маҳз Халифа аҳкоми шаръиеро табаннӣ мекунад, ки дар сарварии корҳои уммат зарур аст ва аз Китоби Аллоҳу суннати Расулаш бо иҷтиҳоди дуруст истинбот карда мешавад. Ин ҳукмҳо ба қонунҳое табдил меёбанд, ки ба онҳо итоат кардан воҷиб буда, мухолифат намудан мумкин нест.

б) Халифа ҳам ба сиёсати дохилӣ ва ҳам ба сиёсати хориҷии давлат ҷавобгар аст. Ӯ артишро сарварӣ мекунад. Ӯ дорои ҳуқуқи эълони ҷанг, бастани сулҳ, оштишавӣ ва бастани дигар созишномаҳо мебошад.

в) Ӯ дорои ҳуқуқи пазируфтан ё напазируфтани сафирони хориҷӣ ва таъину сабукдӯшкунии сафирони мусулмонон мебошад.

г) Фақат ӯ муовинону волиёнро таъин ва сабукдӯш мекунад. Ҳамаи онҳо, чунон ки дар пеши Маҷлиси Уммат масъул ҳастанд, дар пеши Халифа низ масъуланд.

д) Ӯ қозиюлқуззот* ва қозиҳоро таъин ва сабукдӯш мекунад. Аммо агарчи қозии мазолимро таъин карда тавонад ҳам, ҳуқуқи сабукдӯш карданро надорад. Қоидаҳои сабукдӯшкунии ӯ маълум буда, дар боби қозиҳо баён карда шудааст. Ӯ мудирони идораҳо, фармондеҳони артиш ва сарситодҳову амирони парчамдорро таъин ва сабукдӯш мекунад. Онҳо дар пеши Халифа масъуланд, аммо дар назди Маҷлиси Уммат масъул нестанд.

е) Фақат Халифа аҳкоми шаръиро табаннӣ мекунад ва бинобар тақозои ҳамон аҳком буҷети давлатро тартиб медиҳад. Ӯ хоҳ ба даромад тааллуқ дошта бошанд, хоҳ ба баромад шӯъбаҳои буҷет ва маблағҳоеро муайян мекунад, ки дар соҳаҳои гуногун заруранд.

Акнун ба далелҳои тафсилии ин шаш моддаи овардашуда таваққуф мекунем. Далели моддаи (а) иҷмои саҳобагон аст. Зеро калимаи "қонун" лафзи истилоҳӣ буда, маънои фармонеро дорад,

ки султон барои амал намудани мардум содир кардааст. Таърифи калимаи "қонун" ин аст: "Қонун маҷмӯи қоидаҳоест, ки султон мардумро дар алоқаҳои байни онҳо ба риояи он маҷбур мекунад" Яъне агар султон ба аҳкоми муайян фармояд, ин аҳком ба қонуне табдил меёбад, ки мардум бояд риоя кунанд. Агар султон ба ин аҳком амр накунад, онҳо ба қонун табдил намеёбанд ва ба мардум низ риоя кардани онҳо лозим намешавад. Мусулмонон бинобар аҳкоми шариат зиндагӣ мекунанд. На бинобар фармону боздоштҳои султон, балки бинобар фармону боздоштҳои Аллоҳ зиндагӣ мекунанд. Онҳо на дар асоси фармони султон, балки дар асоси аҳкоми шаръӣ ҳаракат мекунанд. Вале дар бораи аҳкоми шаръӣ саҳобагон ихтилоф кардаанд. Чунки баъзеи онҳо аз нусусҳои шаръӣ як чизро фаҳмида бошанд, баъзе дигар чизро фаҳмидаанд. Ҳар яки онҳо бинобар фаҳмиши худ рафтор кардааст ва ҳамин фаҳмиши ӯ дар ҳаққи худаш ҳукми Аллоҳ мешавад. Аммо аҳкоми шаръие вуҷуд дорад, ки бинобар тақозои идораи корҳои уммат тамоми мусулмонон дар хусуси ин аҳком бояд мувофиқи фикри ягона амал кунанд, на ҳар яки онҳо мувофиқи иҷтиҳоди худ. Дар ҳақиқат ҳамин тавр шудааст. Масалан, ба фикри Абӯбакр, мол бояд миёни мусулмонон баробар тақсим мешуд. Аммо аз рӯи фикри Умар, дуруст нест, ки мол ҳам ба шахси дар гузашта бар зидди Расулуллоҳ ҷангида ва ҳам ба шахси ҳамроҳи он кас ҷангида, ҳам ба камбағал ва ҳам ба сарватманд баробар дода шавад. Аммо Абӯбакр Халифа буд, аз ин сабаб, фармон дод, ки ба фикри ӯ амал намоянд, яъне баробар тақсим кардани молро табаннӣ кард. Мусулмонон аз он пайравӣ карданд, қозиён ва волиён низ дар ҳамин асос ҳукм карданд. Умар низ аз он пайравӣ кард ва ба фикри Абӯбакр амал намуда, онро иҷро намуд. Чун Умар Халифа шуд, фикреро табаннӣ кард, ки ба фикри Абӯбакр хилоф буд, яъне бинобар фикри табанникардаи худ фармуд, ки молро на баробар, балки аз рӯи афзалият тақсим намуда, аз рӯи пешдастӣ дар Ислом овардан ва аз рӯи мӯҳтоҷӣ диҳанд. Ҳам волиён ва ҳам қозиён ба он амал намуданд. Тамоми саҳобагон иҷмо кардаанд, ки Имом дорои ҳуқуқи табаннӣ кардани аҳкоми муайян, ки бо

иҷтиҳоди дуруст аз шариат гирифта шудааст ва ҳуқуқи ба риояи он амр кардан мебошад. Мусулмонон, агарчи ба иҷтиҳоди онҳо зид бошад ҳам, бояд ба ҳамин аҳком итоат кунанд ва риояи фикру иҷтиҳоди худро тарк кунанд. Пас ин аҳкоми табаннишуда қонун мебошад. Аз ин аён мешавад, ки қонунбарорӣ фақат ҳуқуқи Халифа буда, ғайр аз ӯ ҳеҷ кас мутлақо ба ин кор ҳақ надорад.

Акнун ба моддаи (б) биёем, далели он амали Расулуллоҳ (с) мебошад. Чунки Расулуллоҳ (с) волиён ва қозиёнро таъин карда, аз онҳо ҳисобот талаб менамуданд. Он кас корҳои хариду фурӯшро назорат мекарданд ва дар ин корҳо ба фиребдиҳиҳо роҳ намедоданд. Он кас молро тақсим мекарданд, ба бекорон барои ёфтани кор ёрӣ медоданд, тамоми корҳои дохилии давлатро иҷро мекарданд. Инчунин ба подшоҳон хитоб карда, сафиронро пешвоз мегирифтанд, тамоми корҳои хориҷии давлатро идора мекарданд. Ҳамчунин Расулуллоҳ (с) дар амал фармондеҳи лашкар буданд, дар ғазотҳо фармондеҳии ҷангро дар даст доштанд, сария (даста)-ҳоро фиристода, фармондеҳи онҳоро таъин мекарданд. Масалан, Усома ибни Зайдро барои ба кишвари Шом фиристодан фармондеҳи лашкар таъин карданд, аммо саҳобагон, азбаски синни Усома хурд буд, ин корро написандиданд. Лекин Расулуллоҳ онҳоро ба қабул кардани фармондеҳии Усома маҷбур карданд. Ин далел аст, ки Халифа нафақат сарфармондеҳи олӣ, балки фармондеҳи амалии артиш мебошад. Инчунин Расулуллоҳ (с) бар зидди Қурайш, Банӣ-Қурайза, Банӣ-Назир, Банӣ-Қайнуқо, Хайбар ва Рум ҷанг эълон карданд. Ҳамаи ҷангҳоеро, ки ба вуқӯъ пайвастааст, Расулуллоҳ (с) эълон карда буданд. Ин далолат мекунад, ки эълон кардани ҷанг ҳуқуқи Халифа мебошад. Инчунин Расулуллоҳ (с) бо яҳудиён созишномаҳо бастанд. Бо Банӣ-Мудлиҷ, ки ҳампаймони Банӣ-Зумра буд, созишнома бастанд. Боз он кас бо ҳокими Айла Юҳанно ибни Рӯъба созишнома бастанд. Он кас, вақте ки созишномаи Ҳудайбияро бастанд, ҳатто мусулмонон аз ин кор ба ғазаб омаданд. Аммо Расулуллоҳ (с) ба сухани онҳо розӣ нашуда, фикри онҳоро рад намуданд ва ба созишнома имзо монданд. Ин чиз далолат мекунад, ки бастани созишномаҳо хоҳ

созишномаҳои сулҳ бошанд, хоҳ созишномаҳои дигар фақат ҳуқуқи Халифа мебошад.

Акнун ба моддаи (в) биёем, далел ин аст, ки Расулуллоҳ (с) ду сафири Мусайламаи каззобро пазируфтанд ва Абӯрофеъро, ки аз тарафи Қурайш ҳамчун сафир омада буд, қабул карданд. Ба Ҳирақл, Хусрав, Муқавқис, подшоҳи Ҳиро Ҳориси Ғассонӣ, подшоҳи Яман Ҳориси Ҳумайрӣ ва подшоҳи Ҳабашистон Наҷҷошӣ сафирҳо фиристоданд. Дар ҷанги Ҳудайбия Усмон ибни Аффонро ба назди Қурайш ҳамчун сафир фиристоданд. Ин ҳама дар навбати худ далел аст, ки Халифа сафирҳоро ба ҳузур мепазирад, рад мекунад ва таъин менамояд.

Акнун ба далели моддаи (г) биёем, Расулуллоҳ (с) волиёнро таъин кардаанд. Масалан, Муозро ба Яман волӣ таъин намуданд. Он кас инчунин волиёнро аз кор сабукдӯш кардаанд, масалан, Ало ибни Ҳазрамиро аз волигии Баҳрайн сабукдӯш карданд, зеро аҳолии он аз болои Ало шикоят намуданд. Ин далолат мекунад, ки волиён, чунон ки дар назди Халифа ҷавобгаранд, ҳам дар назди Маҷлиси Уммат ва ҳам дар назди аҳолии вилоят ҷавобгар мебошанд, зеро Маҷлис вакили тамоми вилоятҳо ба ҳисоб меравад. Аммо ба муовинон биёем, муовинони Расулуллоҳ (с) Абӯбакр ва Умар буданд ва дар тамоми ҳаёташон онҳоро сабукдӯш накарданд. Лекин азбаски муовин шахсест, ки аз Халифа ҳокимиятро қабул мекунад, ӯ ҷонишин (вакил)-и Халифа ба ҳисоб меравад ва Халифа мисли вакил муовинро низ сабукдӯш карда метавонад. Чунки вакилкунанда ҳуқуқи сабукдӯшкунии вакили худро дорад.

Аммо далели моддаи (д) ин аст, ки Расулуллоҳ (с) Алӣ (р)-ро ба Яман қозӣ таъин карданд. Аҳмад аз Амр ибни Ос ривоят мекунад:

**" جَاءَ رَسُولَ اللهِ خَصْمَانِ يَخْتَصِمَانِ فَقَالَ لِعَمْرَو: اِقْضِ بَيْنَهُمَا يَا عَمْرُو فَقَالَ: أَنْتَ أَوْلَى بِذَلِكَ مِنِّى يَا رَسُولَ اللهِ، قَالَ: وَإِنْ كَانَ، قَالَ: فَإِذَا قَضَيْتُ**

بَيْنَهُمَا فَمَا لِي؟ قَالَ: إِنْ أَنْتَ قَضَيْتَ بَيْنَهُمَا فَأَصَبْتَ الْقَضَاءَ فَلَكَ عَشْرُ حَسَنَاتٍ. وَإِنْ أَنْتَ اجْتَهَدْتَ فَأَخْطَأْتَ فَلَكَ حَسَنَةٌ"

**"Ба назди Расулуллоҳ (с) ду нафари хусуматгар омаданд. Расулуллоҳ (с) ба Амр гуфтанд: "Миёни онҳо ҳукм барор, эй Амр" Амр гуфт: "Ё Расулуллоҳ, дар ин кор шумо аз ман авлотар ҳастед" Расулуллоҳ гуфтанд: "Бо вуҷуди ин, ҳукм кун" Амр гуфт: "Агар миёни онҳо ҳукм барорам, ба ман чӣ мешавад?" Расулуллоҳ гуфтанд: "Агар қозигӣ карда, дуруст ҳукм кунӣ, ба ту даҳ савоб аст. Агар иҷтиҳод карда, хато кунӣ, ба ту як савоб мешавад**"

Дар ҳақиқат Умар (р) волиён ва қозиёнро ба кор таъин ва аз кор холӣ кардааст. Масалан, Шурайҳро ба Кӯфа, Абӯмӯсоро ба Басра қозӣ таъин кардааст. Умар Шураҳбил ибни Ҳасанаро аз волигии Шом гирифта, ба ҷояш Муовияро мондааст. Он гоҳ Шураҳбил аз ӯ пурсид: "Маро бо сабаби тарсӯӣ холӣ кардед ё бо сабаби хиёнат?" Умар гуфт: "На бо ин сабаб ва на бо он, балки шахси пурзӯртарро ирода кардам" Алӣ (р) низ Абӯасвадро волӣ кардааст, сипас аз волигӣ холӣ кардааст. Абӯасвад гуфт: "Маро чаро холӣ кардед, хиёнат ё ҷиноят накардаам-ку?" Алӣ гуфт: "Дидам, ки ба ду хусуматгар овозатро баланд мекунӣ" Ҳам Умар ва ҳам Алӣ ин корро дар пеши чашми саҳобагон анҷом доданд. Аммо ҳеҷ кас аз саҳобагон ин амалро инкор накард. Ин ҳама далели он аст, ки таъини қозӣ ҳуқуқи Халифа мебошад. Инчунин Халифа метавонад, ки барои таъини қозиҳо шахсеро вакил таъин кунад. Зеро Халифа, чунон ки дар тамоми тасарруфоти худ ҳаққи вакил кардани шахси дигарро дорад, ҳамин тавр дар тамоми салоҳиятҳояш низ ҳақ дорад, ки ягон касро ноиби худ таъин кунад.

Акнун ба масъалаи аз ҳуқуқҳои Халифа мустасно будани сабукдӯшсозии қозии мазолим биёем, ин чиз фақат дар ҳолате рух медиҳад, ки ин қозӣ масъалаеро бар зидди Халифа ё муовинони ӯ ё қозиюлқуззот баррасӣ кунад. Ин ҷо ба қоидаи шаръӣ такя карда

мешавад: "Ҳар воситае, ки ба ҳаром барад, ҳаром аст" Яъне дар ин гуна ҳолат салоҳияти Халифа оид ба сабукдӯш кардани қозии мазолим ба ҳукми қозӣ таъсир мерасонад, бинобар ин аҳкоми шаръиро бекор мекунад. Ин чиз ҳаром аст. Ин ҷо ба дасти Халифа супоридани салоҳияти сабукдӯш кардани қозии мазолим воситае мешавад, ки ба ҳаром мебарад. Бахусус ғолиб омадани гумон кофист, қатъият шарт нест. Барои ҳамин дар ин гуна ҳолат салоҳияти аз кор холӣ кардани қозии мазолим ба маҳкамаи мазолим супорида мешавад. Дар дигар ҳолатҳо ҳукм дар асли худ мемонад, яъне ҳуқуқи таъин ва аз кор холӣ кардани қозии мазолим дар дасти Халифа мемонад.

Акнун ба таъини мудирони идораҳо биёем, Расулуллоҳ (с) барои идораи дастгоҳҳои давлат котибҳоро таъин карда буданд, ки онҳо ба ҷои мудирони идораҳо буданд. Масалан, Муайқиб ибни Абӯфотимаи Давсиро аз болои ғаниматҳо ва ба мӯҳри худ масъул таъин карданд. Ҳузайфа ибни Ямонро ба тахмин кардани меваҳои Ҳиҷоз, Зубайр ибни Авомро ба навиштани молҳои садақа, Муғийра ибни Шуъбаро ба навиштани қарзҳо ва муомилаҳо таъин карданд ва ҳоказо.

Аммо ба фармондеҳони артиш ва амирони парчамдор биёем, Расулуллоҳ (с) Ҳамза ибни Абдулмутталибро ба сӣ нафар фармондеҳ таъин карданд, то ки дар лаби баҳр Қурайшро интизор шаванд. Убайда ибни Ҳорисро ба шаст нафар фармондеҳ таъин карда, барои интизор шудани Қурайш ба водии Робиғ фиристоданд. Саъд ибни Абӯваққосро ба бист нафар фармондеҳ таъин карда, ба сӯи Макка фиристоданд. Ҳамин тавр, фармондеҳони лашкарро таъин кардани Расулуллоҳ (с) далели он аст, ки фармондеҳон ва амирони парчамдорро Халифа таъин мекунад.

Ҳамаи онҳо дар назди Расулуллоҳ (с) ҷавобгар буданд ва ғайр аз он кас дар пеши ҳеҷ кас ҷавобгар набуданд. Ин далолат мекунад, ки қозиён, мудирони идораҳо, фармондеҳони қӯшун, сардорони ситодҳо ва дигар амалдорон фақат дар пеши Халифа

масъул мебошанд ва дар пеши Маҷлиси Уммат ҷавобгар нестанд. Ғайр аз муовинон ва волиён ҳеҷ кас дар пеши Маҷлиси Уммат ҷавобгар нест. Омилон низ монанди муовинон ва волиёнанд. Чунки онҳо низ ҳокиманд. Ғайр аз онҳо ҳеҷ кас дар пеши Маҷлиси Уммат ҷавобгар нест, балки ҳамаи онҳо дар назди Халифа ҷавобгаранд.

Акнун ба моддаи (е) биёем, дар бораи шӯъбаҳои даромаду баромади буҷети давлат аз доираи аҳкоми шаръӣ берун намебароянд. Ягон динор мувофиқи ғайри ҳукми шаръӣ ҷамъ оварда намешавад. Ягон динор мувофиқи ғайри ҳукми шаръӣ сарф намешавад. Аммо муайян намудани тафсилоти хароҷот ё шӯъбаҳои буҷет ба фикр ва иҷтиҳоди Халифа вогузор шудааст. Шӯъбаҳои даромад низ ҳамин тавр аст. Масалан, Халифа муайян мекунад, ки хироҷ аз заминҳои хироҷӣ фалон қадар аст ва миқдори ҷизя фалон қадар. Ҳамаи ин аз шӯъбаҳои даромаданд. Халифа боз муайян мекунад, ки ба роҳҳо фалон қадар хароҷот карда мешавад, ба беморхонаҳо фалон қадар маблағ сарф карда мешавад. Ин ҳама навъҳои хароҷот мебошанд. Ин кор фақат ба раъйи Халифа вобаста аст. Халифа онҳоро мувофиқи фикр ва иҷтиҳоди худ тасдиқ мекунад. Чунки Расулуллоҳ (с) аз омилон маблағи даромадро шахсан қабул ва харҷ кардаанд. Ба баъзе волиён изн дода мешавад, ки молҳоро ҷамъоварӣ ва харҷ кунанд. Чунон ки ҳангоми волӣ таъин шудани Муоз содир шудааст. Минбаъд Хулафои Рошидин низ дар қабул ва сарфи молҳо ҳамчун Халифа фикр ва иҷтиҳоди худро доштанд. Онҳоро ҳеҷ кас инкор накардааст. Ғайр аз Халифа ҳеҷ кас ҳақ надошт, ки ягон динорро мувофиқи хоҳиши худ тасарруф кунад. Фақат агар Халифа ба сарф кардан рухсат дода бошад, сарф шудааст. Масалан, Умар чун Муовияро волӣ таъин кард, ҳамин тавр карда буд. Ҳамон вақт ба ӯ волигии умумиро дода буд, ки ҳуқуқи ҷамъоварӣ ва сарф кардани молро дошт. Ин ҳама далолат мекунад, ки шӯъбаҳои буҷети давлатро фақат Халифа ё ноиби ӯ муайян мекунад.

Ҳамаи ин далелҳои муфассал оид ба навъҳои салоҳиятҳои Халифа буданд. Тамоми онҳо дар ривояте, ки Аҳмад ва Бухорӣ аз Абдуллоҳ ибни Умар овардаанд, омадаанд. Абдуллоҳ ин ҳадиси Пайғамбар (с)-ро шунида будааст:

"اَلْإِمَامُ رَاعٍ وَهُوَ مَسْؤُولٌ عَنْ رَعِيَّتِهِ..."

"**...Имом сарвар ва ба зердастони худ ҷавобгар аст**" Яъне тамоми корҳое, ки ба сарварии корҳои раият тааллуқ доранд, кори Халифа аст. Ӯ ҳақ дорад шахси дилхоҳро ба кори дилхоҳ таъин намояд ё аз рӯи қиёс ба ҳукми ваколат ноиби худ кунад.

Халифа дар табаннӣ* аз доираи аҳкоми шаръӣ берун намебарояд

Халифа дар табаннӣ ба аҳкоми шаръӣ маҳдуд мешавад. Табаннӣ кардани ҳукме, ки аз далелҳои шаръӣ дуруст истинбот нашудааст, ҳаром мебошад. Ӯ ба аҳкоми табанникардаи худ ва тариқати истинбот, ки риоя кардааст, маҳдуд мешавад. Ҳамчунин наметавонад ҳукмеро табаннӣ кунад, ки ба тариқати зидди тариқати табаннидаи вай истинбот шуда бошад ва наметавонад, ки бар зидди аҳкоми табанникардаи худ фармон диҳад. Пас Халифа ба ҳамин ду кор маҳдуд мешавад.

Далелҳои кори якум, ки Халифа дар табаннӣ ба аҳкоми шаръӣ маҳдуд мебошад:

**Якум:** Аллоҳ Субҳонаҳу ба ҳар як мусулмон хоҳ Халифа бошад, хоҳ каси дигар фарз кард, ки тамоми амалҳоро мувофиқи аҳкоми шаръӣ иҷро кунад. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

فَلاَ وَرَبِّكَ لاَ يُؤْمِنُونَ حَتَّىَ يُحَكِّمُوكَ فِيمَا شَجَرَ بَيْنَهُمْ ثُمَّ لاَ يَجِدُواْ فِي أَنفُسِهِمْ حَرَجًا مِّمَّا قَضَيْتَ وَيُسَلِّمُواْ تَسْلِيمًا

"**На, савганд ба Парвардигорат, ки имон наёваранд, магар он ки дар низоъе, ки миёни онҳост, туро довар қарор диҳанд**" [4:65].

Вақте ки хитоби Шореъ гуногун фаҳмида мешавад, яъне ҳукми шаръӣ гуногун мешавад, риояи ҳукмҳои шаръӣ дар амал тақозо мекунад, ки ҳар як мусулмон ҳукми муайянро табаннӣ кунад. Бинобар ин бар мусулмон, аз ҷумла бар Халифа ҳангоми барпо кардани амале, яъне татбиқ намудани ягон ҳукми шаръӣ воҷиб аст, ки ҳукми муайянеро аз байни якчанд ҳукм табаннӣ кунад.

**Дуюм:** Матни байате, ки ба Халифа дода мешавад, Халифаро ба риояи қатъии аҳкоми Ислом маҷбур мекунад. Чунки ин байат барои амалкунӣ бо Қуръон ва суннат буда, ба он риоя накардани Халифа ҳаром аст. Агар ӯ эътиқод кунад, ки ба Қуръон ва суннат риоя накардан ҷоиз аст ва бар ин асос риоя накунад, кофир мешавад. Агар бе ин гуна эътиқод риоя накунад, осӣ, золим ва фосиқ мешавад.

**Сеюм:** Халифа барои татбиқи аҳкоми шариат интихоб шудааст. Бар ӯ ҳаром аст, ки барои ба мусулмонон татбиқ намудан ғайр аз шариат ҳукми дигарро бигирад. Чунки шариат аз ин кор қатъиян боздошт ва ҳатто шахсеро, ки бо ғайри Ислом ҳукм мекунад, беимон номид. Ин далели қатъият аст. Ин маънидод мекунад, ки Халифа дар табаннии аҳком, яъне дар қонунбарорӣ фақат ба аҳкоми шаръӣ маҳдуд аст. Агар ӯ эътиқод дошта бошад, ки ғайр аз шариат аз манбаи дигар гирифтани қонун ҷоиз аст ва бар ҳамин асос қонунеро бигирад, кофир мешавад. Агар бе ин гуна эътиқод гирад, осӣ, золим ва фосиқ мешавад.

Акнун дар бораи кори дуюм, яъне дар бораи аҳкоме, ки Халифа табаннӣ мекунад ва тариқате, ки дар истинбот риоя менамояд, таваққуф мекунем. Далел ин аст, ки ҳукми шаръие, ки Халифа татбиқ мекунад, ҳукми шаръӣ дар ҳаққи худи ӯст, на дар ҳаққи дигарон. Ба таври дигар гӯем, ҳукми шаръиест, ки Халифа онро табаннӣ кардааст, то мувофиқи ҳамон ҳукм амал кунад, на бо ҳукми шаръии дигар. Агар Халифа ягон ҳукмро истинбот кунад ё ба ягон ҳукм тақлид кунад, ҳукми шаръии мазкур дар ҳаққи ӯ ҳукми Аллоҳ мешавад. Халифа бояд дар табаннӣ намудани ҳукм барои мусулмонон ба ҳамин ҳукми шаръӣ маҳдуд бошад ва

табаннӣ кардани ҳукми мухолифи он ҳаром мешавад. Зеро ин ҳукми мухолиф дар ҳаққи ӯ ҳукми Аллоҳ эътибор карда намешавад ва барои ӯ ҳукми шаръӣ нест. Пас барои мусулмонон низ ҳукми шаръӣ ба ҳисоб намеравад. Барои ҳамин ӯ дар фармонҳое, ки барои раият мебарорад, ба ҳукми шаръии табанникардаи худ маҳдуд мешавад. Баровардани фармоне, ки ба ҳукми табанникардаи худаш мухолиф аст, ба ӯ ҳалол нест. Чунки агар ин корро кунад, гӯё мухолифи ҳукми шаръӣ фармон содир кардааст. Пас, бар вай ҷоиз нест, ки мухолифи аҳкоми табанникардаи худ фармон барорад.

Илова бар ин, мувофиқи тариқати истинбот фаҳмидани ҳукми шаръӣ тағйир меёбад. Масалан, Халифа фикр кунад, ки агар иллати ҳукм аз нусуси шаръӣ гирифта шуда бошад, он иллати шаръӣ эътибор карда мешавад ва манфиатро иллати шаръӣ надонад, масолеҳил мурсаларо далели шаръӣ ҳисоб накунад, пас ӯ барои худ тариқати истинботро таъин кардааст. Дар ин ҳол ӯ бояд фақат бо ҳамин тариқат маҳдуд шавад. Дуруст нест ҳукмеро табаннӣ кунад, ки далелаш масолеҳил мурсала мебошад ё ба иллате қиёс кунад, ки аз нусуси шаръӣ гирифта нашудааст. Зеро ӯ фикр мекард, ки далели ҳукм далели шаръӣ нест. Пас ин дар назари вай ҳукми шаръӣ набуд. Модом ки он дар ҳаққи Халифа ҳукми шаръӣ нест, пас дар ҳаққи мусулмонон низ ҳукми шаръӣ нест. Агар Халифа ин ҳукмро табаннӣ кунад, гӯё ҳукмеро табаннӣ кардааст, ки ҳукми шаръӣ нест ва ин кор ҳаром аст. Агар Халифа муҷтаҳиди мутлақ ё муҷтаҳиди мазҳаб, ки дар истинбот тариқати муайян доранд, набошад, балки муҷтаҳиди масъала ё муқаллид бошад, модом ки ӯ далел ё шибҳи далел дорад, дар табаннӣ мувофиқи иҷтиҳоди худ дар як масъала ва мувофиқи иҷтиҳоди муҷтаҳиде, ки тақлид кардааст, кор мебарад. Дар ин гуна ҳолат ӯ бо баровардани фармонҳое, ки ба аҳкоми табанникардаи худаш мувофиқанд, маҳдуд мешавад.

## Давлати Хилофат давлати башарист, на давлати илоҳӣ

Давлати Ислом Хилофат аст. Он сарварии умумии тамоми мусулмонони ҷаҳон мебошад. Агар дар яке аз кишварҳои мусулмонон ба як Халифа дуруст байат карда шуда, Хилофат барпо гардад, ба мусулмонони тамоми гӯшаҳои ҷаҳон барпо кардани Халифаи дигар ҳаром мегардад. Далели ин ҳадиси зерини Расулуллоҳ (с) мебошад:

"إِذَا بَوْيِعَ لِخَلِيْفَتَيْنِ فَاقْتُلُوا الْآخَرَ مِنْهُمَا"

"**Агар ба ду Халифа байат дода шавад, дуюми онҳоро бикушед**"

Барои татбиқи шариати исломӣ бо воситаи фикрҳо ва қонунҳое, ки Ислом овардааст, Хилофат лозим аст. Барои ба олам расонидани даъвати Ислом тавассути эълони Ислом, даъват ба он ва ҷиҳод дар роҳи Аллоҳ низ Хилофат лозим аст. Хилофат имомат ва аморати мӯъминон номида мешавад. Хилофат мансаби дунявист, на мансаби ухравӣ. Он барои татбиқ кардани дини Ислом ба башарият ва паҳн кардани он миёни башарият мавҷуд мешавад. Пас аниқ аст, ки он пайғамбарӣ нест.

Пайғамбарӣ мансаби илоҳист ва Аллоҳ онро ба каси дилхоҳ медиҳад. Дар пайғамбарӣ пайғамбар ё расул бо воситаи ваҳй шариатро аз Аллоҳ мегирад. Айни замон Хилофат мансаби башарӣ буда, мусулмонон ба каси дилхоҳ байат медиҳанд ва аз миёни худ шахси дилхоҳро Халифа мекунанд. Сайидамон Муҳаммад (с) ҳоким буданд, ки шариати овардаи худро татбиқ мекарданд. Он кас вазифаи пайғамбарӣ ва расулиро ба ҷо оварда, ҳамчунин дар барпо кардани аҳкоми Ислом мансаби сарварии мусулмононро ба ӯҳда доштанд. Аз ин сабаб, Аллоҳ ба он кас гуфт:

وَأَنِ احْكُم بَيْنَهُم بِمَا أَنزَلَ اللّهُ

"**Миёнашон бар вафқи он чӣ Аллоҳ нозил кардааст, ҳукм кун...**" [5:49],

إِنَّا أَنزَلْنَا إِلَيْكَ الْكِتَابَ بِالْحَقِّ لِتَحْكُمَ بَيْنَ النَّاسِ بِمَا أَرَاكَ اللّهُ

"**Мо ин китобро ба ростӣ бар ту нозил кардем, то бад-он сон, ки Аллоҳ ба ту омӯхтааст, миёни мардум доварӣ кунӣ**" [4:105],

يَا أَيُّهَا الرَّسُولُ بَلِّغْ مَا أُنزِلَ إِلَيْكَ مِن رَّبِّكَ

"**Эй пайғамбар, он чиро аз Парвардигорат бар ту нозил шудааст, ба мардум бирасон**" [5:67],

وَأُوحِيَ إِلَيَّ هَذَا الْقُرْآنُ لأُنذِرَكُم بِهِ وَمَن بَلَغَ أَئِنَّكُمْ لَتَشْهَدُونَ

"**Ва ин Қуръон бар ман ваҳй шудааст, то шуморо ва ҳар касро, ки ба ӯ бирасад, бим диҳам**" [6:19],

يَا أَيُّهَا الْمُدَّثِّر قُمْ فَأَنذِرْ

"**Эй ҷома бар сар кашида, бархезу бим деҳ!**" [74:1,2]

Пас Расулуллоҳ (с) ду мансаб: мансаби пайғамбарию расулӣ ва мансаби сарварии мусулмононро ба ӯҳда доштанд, то дар ин дунё шариатеро, ки Аллоҳ ба он кас ваҳй кардааст, барпо кунанд.

Баъд аз Расулуллоҳ (с) Хилофатро инсонҳо иҷро мекунанд ва онҳо пайғамбар нестанд. Онҳо мумкин аст хато кунанд, гумроҳ шаванд, фаромӯш кунанд, маъсият варзанд ва дигар камбудиҳо дошта бошанд, чунон ки инсонҳо доранд. Чунки онҳо низ инсонанд. Онҳо маъсум* нестанд. Чунки пайғамбар ё расул нестанд. Дар ҳақиқат Расулуллоҳ (с) низ хабар додаанд, ки Имом (яъне Халифа) мумкин аст хато кунад, ҳамчунин аз ӯ зулм, маъсият ва дигар хатоҳо содир шавад, ки дар мардум нафрат пайдо кунад. Ҳатто хабар додаанд, ки мумкин аст аз Халифа куфри ошкоро содир гардад, дар ин ҳолат ба ӯ итоат накардан, баръакс бар зидди ӯ ҷангидан лозим аст. Муслим аз Абӯҳурайра ин ҳадиси Расулуллоҳ (с)-ро ривоят мекунад:

" إِنَّمَا الْإِمَامُ جُنَّةٌ، يُقَاتَلُ مِنْ وَرَائِهِ وَيُتَّقَى بِهِ، فَإِنْ أَمَرَ بِتَقْوَى اللهِ عَزَّ وَجَلَّ وَعَدَلَ كَانَ لَهُ بِذَلِكَ أَجْرٌ، وَإِنْ يَأْمُرُ بِغَيْرِهِ كَانَ عَلَيْهِ مِنْهُ"

"**Имом сипар аст. Аз паси ӯ истода меҷанганд ва бо ӯ ҳимоя мегиранд. Ӯ, агар ба тақвои Аллоҳи Азза ва Ҷалла фармояд ва адолат кунад, дар ин кор аҷр мегирад, агар ба ғайри ин чиз фармояд, ин чиз бар зидди вай ҳуҷҷат мешавад**" Аз ин мебарояд, ки Имом аз гуноҳ маъсум намешавад ва мумкин аст ғайр аз тақвои Аллоҳ ба чизи дигар низ фармояд. Тавре ки Муслим аз Абдуллоҳ ибни Масъуд ривоят мекунад, Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

" إِنَّهَا سَتَكُونُ بَعْدِي أَثَرَةٌ وَأُمُورٌ تُنْكِرُونَهَا، قَالُوا: يَا رَسُولَ اللهِ كَيْفَ تَأْمُرُ مَنْ أَدْرَكَ مِنَّا ذَلِكَ؟ قَالَ: تُؤَدُّونَ الْحَقَّ الَّذِي عَلَيْكُمْ وَتَسْأَلُونَ اللهَ الَّذِي لَكُمْ"

"**Баъд аз ман худбинӣ ва корҳое содир мешавад, ки шумо намеписандед" Гуфтанд: "Ё Расулуллоҳ, шахсеро аз миёни мо, ки ба ин гуна корҳо дучор мегардад, ба чӣ мефармоед?" Гуфтанд: "Ҳаққеро, ки дар ӯҳдаи шумост, адо намоед ва эҳтиёҷи худро аз Аллоҳ бипурсед**" Бухорӣ аз Ҷунода ибни Абӯумайя ривоят мекунад. "Ҷунода гуфт: "Мо ҳангоми бемор будани Убода ибни Сомит ба наздаш даромадем. Мо гуфтем: Аллоҳ ба шумо шифо диҳад, ба мо ҳадисеро гӯед, ки аз Пайғамбар (с) шунидаед ва Аллоҳ ба шумо манфиат медиҳад. Ӯ гуфт:

" دَعَانَا النَّبِيُّ فَبَايَعْنَاهُ فَقَالَ فِيمَا أَخَذَ مِنَّا أَنْ بَايَعَنَا عَلَى السَّمْعِ وَالطَّاعَةِ، فِي مَنْشَطِنَا وَمَكْرَهِنَا، وَعُسْرِنَا وَيُسْرِنَا، وَأَثَرَةً عَلَيْنَا، وَأَنْ لاَ نُنَازِعَ الْأَمْرَ أَهْلَهُ، قَالَ إِلَّا أَنْ تَرَوْا كُفْرًا بَوَاحًا عِنْدَكُمْ مِنَ اللهِ فِيهِ بُرْهَانٌ"

"**Расулуллоҳ (с) моро даъват карданд, ба он кас байат додем. Он кас ҳангоми байат гуфтанд, ки чи дар ғаму шодӣ ва чи дар душворию осонӣ гӯшандозӣ ва фармонбардорӣ кунем, дигаронро аз худ афзал донем ва бо сарварон корро талош**

**накунем. Боз гуфтанд: "Магар куфри ошкореро бинед, ки дар ин бора аз тарафи Аллоҳ ҳуҷҷат дошта бошед""** Тавре ки Оиша (р) ривоят мекунад, Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

" ادْرَءُوا الْحُدُودَ عَنْ الْـمُسْلِمِينَ مَا اسْتَطَعْتُمْ فَإِنْ كَانَ لَهُ مَخْرَجٌ فَخَلُّوا سَبِيلَهُ. فَإِنَّ الْإِمَامَ أَنْ يُخْطِئَ فِي الْعَفْوِ خَيْرٌ مِنْ أَنْ يُخْطِئَ فِي الْعُقُوبَةِ"

"**Ба қадри имкон аз ҷазодиҳии мусулмонон худдорӣ намоед ва агарчи ба бегуноҳии мусулмон як далел бошад ҳам, ӯро озод кунед. Чунки хато кардани имом дар афв аз хато кардани ӯ дар ҷазо беҳтар аст**" Ин ҳадисро Тирмизӣ ривоят кардааст. Ин ҳадисҳо далели ошкор аст, ки Имом мумкин аст хато кунад, фаромӯш созад ва маъсият варзад. Дар баробари ин Пайғамбар (с) дар ҳадисҳои мазкур фармудаанд, ки агар Имом бо Ислом ҳукм ронад, аз ӯ куфри ошкоро содир нашавад ва ба маъсият нафармояд, ба ӯ итоат кардан лозим аст. Барои ҳамин халифаҳои баъд аз Расулуллоҳ (с) инсонҳое мебошанд, ки гоҳ хато мекунанд, гоҳ кори дуруст ва маъсум нестанд. Онҳо пайғамбарон нестанд, ки Хилофатро давлати илоҳӣ гӯем. Баръакс он давлати башарӣ аст, дар он мусулмонон барои барпо кардани аҳкоми шариати Ислом ба Халифаи ягона байат медиҳанд.

## Муддати ҳукмронии Халифа

Муддати ҳукмронии Халифа ба вақти муайян маҳдуд нест. Модом ки ӯ шариатро ҳимоя ва аҳкоми онро иҷро мекунад, ба адои корҳои давлату масъулиятҳои хилофат қодир аст, хилофати ӯ идома меёбад. Далел ин аст, ки насси ҳадисҳои оид ба байат мутлақ омадааст ва ба муддати муайян маҳдуд нашудааст. Дар ин бора Бухорӣ аз Анас ибни Молик ин ҳадиси Пайғамбар (с)-ро ривоят кардааст:

"اسْمَعُوا وَأَطِيعُوا وَإِنْ اسْتُعْمِلَ عَلَيْكُمْ عَبْدٌ حَبَشِيٌّ كَأَنَّ رَأْسَهُ زَبِيبَةٌ"

"**Ҳатто ба болои шумо ғуломи ҳабашие, ки сараш монанди мавиз аст, сарвар таъин карда шавад ҳам, гӯш андозед ва**

**фармон баред**" Дар ривояти Муслим, ки аз тариқиУммуҳусайн овардааст, гуфта мешавад:

"يَقُودُكُمْ فِي كِتَابِ اللهِ"

"**Агар шуморо бо Китоби Аллоҳ сарварӣ кунад...**" Инчунин байат ба Хулафои Рошидин, чунон ки дар ҳадисҳо омадааст, мутлақ дода шудааст. Онҳо ба ягон муддат маҳдуд набуда, ҳар яки онҳо аз анҷоми байат сар карда то замони вафот вазифаи хилофатро иҷро кардаанд. Ин иҷмои саҳобагон (р) аст, ки хилофат ягон муддати муайян надорад, балки хилофат мутлақ аст ва агар ба нафаре байат карда шавад, хилофати ӯ то вафоташ идома меёбад.

Вале агар дар Халифа ҳолате рух диҳад, ки ба сабукдӯшсозии ӯ аз мансаб маҷбур кунад ё аз кор холӣ намудани ӯро воҷиб гардонад, он гоҳ муддати ӯ ба охир мерасад ва аз кор холӣ карда мешавад. Аммо ин маҳдудкунии муддати хилофат нест, балки вайрон шудани шартҳои хилофат мебошад. Чунки бо насси шаръӣ ва иҷмои саҳобагон собит шудани байат муддати хилофатро ба муддати бемаҳдуд табдил медиҳад. Лекин муддати хилофат ба иҷро шудани корҳое вобаста мебошад, ки бар асоси онҳо байат дода шудааст, яъне ба риоя намудани Қуръону суннат ва аҳкоми онҳо аз тарафи Халифа вобаста аст. Агар ӯ шариатро ҳимоя ё татбиқ накунад, аз кор гирифтани ӯ воҷиб мегардад.

### Аз кор гирифтани Халифа

Агар Халифа яке аз ҳафт шарти байати инъиқодро гум кунад, шаръан дуруст нест, ки ӯ дар хилофат бимонад ва аз кор гирифтани ӯ ҳақ аст.

Маҳз маҳкамаи мазолим дорои ҳуқуқи аз кор холӣ кардани Халифа мебошад. Агар Халифа яке аз шартҳои инъиқодро гум кунад, фақат ҳамин маҳкама ба сабукдӯш сохтани ӯ қарор мекунад. Зеро рух додани яке аз ҳолатҳое, ки бо сабаби он Халифа аз мансаб сабукдӯш мегардад ва сабукдӯш намудани ӯ лозим мешавад, мазолим, яъне беадолатӣ мебошад. Бояд ин беадолатиро барҳам

дод. Сабукдӯш намудани Халифа ба исбот мӯҳтоҷ аст ва аз ин рӯ ҳатман онро дар назди қозӣ исбот бояд кард. Бинобар ин маҳкамаи мазолим бо бартараф кардани беадолатиҳо ҳукм меронад, қозиҳои он дар исботи беадолатӣ ва ҳукмбарорӣ соҳиби салоҳият мебошанд. Пас Халифа шартҳои байати инъиқодро гум кардааст ё на, инро маҳкамаи мазолим муайян мекунад ва барои сабукдӯш намудани вай қарор қабул мекунад. Вале агар Халифа шартҳои байати инъиқодро гум кунад ва ихтиёран ба истеъфо равад, бо ҳамин кор ба анҷом мерасад. Агар мусулмонон фикр кунанд, ки Халифа барои гум кардани яке аз шартҳои байати инъиқод бояд аз кор гирифта шавад ва Халифа дар ин бора бо онҳо созиш карда натавонад, барои ҳалли ин масъала мувофиқи каломи Аллоҳ Таоло ба қозиҳо муроҷиат карда мешавад:

فَإِن تَنَازَعْتُمْ فِي شَيْءٍ فَرُدُّوهُ إِلَى اللّهِ وَالرَّسُولِ

"**Ва чун дар амре ихтилоф кардед, ба Аллоҳу пайғамбар руҷӯъ кунед**" [4:59], яъне шумо ва сарварон. Ин талош миёни сарварон ва уммат аст. Ба Аллоҳ ва Расул баргардондани он ба қозиҳо, яъне ба маҳкамаи мазолим баргардондан мебошад.

## Муддате, ки ба мусулмонон барои барпо кардани Халифа дода шудааст

Муддате, ки ба мусулмонон барои барпо кардани Халифа дода шудааст, се шабу се рӯз буда, ба ягон мусулмон ҳалол нест, ки се шабро бе байат гузаронад. Акнун ба се шаб маҳдуд кардани мӯҳлат биёем, интихоби Халифа аз лаҳзаи вафоти Халифаи собиқ ё аз кор холӣ шудани ӯ сар карда фарз мешавад. Аммо дар ҳолати бо интихобот машғул шудан онро ба се шаб ва се рӯз таъхир кардан мумкин аст. Агар аз се шаб гузарад ва Халифа интихоб нашуда бошад, нигоҳ карда мешавад: агар мусулмонон бо барпо кардани Халифа машғул бошанд, вале корҳои маҷбурие пайдо шуда, бо сабаби он ки бартараф кардани онҳо аз дасташон наомадааст, дар муддати се шаб ба интихоби Халифа қодир шуда натавонанд, аз онҳо гуноҳ соқит мешавад, чунки онҳо бо адои фарз машғул

буданд ва бо сабаби як кори маҷбуркунанда ба таъхири он маҷбур шуданд. Ибни Ҳиббон ва Ибни Моҷа аз Аббос ривоят мекунанд, ки Расулуллоҳ (с) гуфтанд:

"إِنَّ الله وَضَعَ عَنْ أُمَّتِى الْخَطَأَ، وَالنِّسْيَانَ، وَمَا اسْتُكْرِهُوا عَلَيْهِ"

"**Аллоҳ аз умматам гуноҳи хато кардан, фаромӯш кардан ва корҳои маҷбур кардашударо бардошт**" Агар мусулмонон бо интихоби Халифа машғул набошанд, то барпо шудани ӯ ҳамаашон гунаҳкор мемонанд. Фақат вақте ки ӯро барпо мекунанд, аз онҳо гуноҳ соқит мегардад. Аммо гуноҳи бозистодан аз барпо намудани Халифа соқит намешавад. Баръакс гуноҳ дар гарданашон мемонад ва чунон ки Аллоҳ мусулмонро барои тарки адои фарз ва гуноҳ муҳосаба мекунад, онҳоро низ муҳосаба мекунад.

Акнун ба воҷибияти машғулшавии бевосита бо масъалаи байати Халифа баробари холӣ шудани мансаби хилофат биёем, саҳобагон баъд аз вафоти Расулуллоҳ (с) дар худи ҳамон рӯз пеш аз дафн кардани он кас дар айвони Банӣ-Соида бо ин кор бевосита машғул шуданд. Худи ҳамон рӯз ба Абӯбакр байати инъиқод дода шуд ва рӯзи дигар мардум дар масҷид ҷамъ омада ба ӯ байати итоат доданд. Ҳамин тавр, байати Абӯбакр ба анҷом расид.

Сабаби ҳамагӣ се шабонарӯз будани мӯҳлате, ки барои интихоби Халифа ба мусулмонон дода шудааст, ин аст: Умар (р) чун дид, ки бо сабаби захми корд вафот мекунад, ба аҳли шӯро боварӣ ҳосил намуда, барои онҳо се рӯзро муайян кард. Сипас васият намуд, ки агар дар давоми се рӯз аз миёни худ ба як Халифа иттифоқ накунанд, баъд аз се рӯз мухолифро бикушанд. Иҷрои ин кор, яъне куштани мухолифро ба панҷоҳ нафар аз мусулмонон супорид. Ҳол он ки онҳо аҳли шӯро ва саҳобагони бузург буданд. Ин кор дар пеши чашми саҳобагон рух дод, аммо ривоят нашудааст, ки нафаре аз онҳо ба ин кор зид баромада ё мухолифат карда бошад. Ин иҷмои саҳобагон аст, ки беш аз се шабонарӯз бе Халифа мондани мусулмонон мумкин нест. Иҷмои саҳобагон монанди Қуръон ва суннат далели шаръист.

Бухорӣ аз Мисвар ибни Махрама ин ҳадисро баровард. Мисвар гуфтааст: "Вақте ки шаб хоб будам, Абдурраҳмон омада дарамро кӯфт, ки бедор шудам. Ў гуфт: "Оё хоб ҳастӣ? Қасам ба Аллоҳ, ки ман дар давоми се шаби гузашта хоб карда натавонистам" Чун мардум бомдодро хонданд, ба Усмон байат додан ба анҷом расид"

Аз ин рӯ, мусулмононро воҷиб аст, ки чун мансаби Халифа холӣ шавад, ба байати Халифаи дигар машғул гарданд ва ин байатро дар давоми се рӯз адо намоянд. Аммо агар бо байати Халифа машғул нагарданд, баръакс ба сарнагуншавии Хилофат роҳ диҳанд ва ягон чора наандешанд, ҳамаашон аз ҳамон лаҳза сар карда гунаҳкор мешаванд. Чунон ки имрӯз рух медиҳад, тамоми мусулмонон аз барҳам хӯрдани Хилофат аз 28 раҷаби соли 1342 ҳиҷрӣ то аз нав барпо кардани он барои барпо накардани Хилофат гунаҳкоранд. Фақат инсоне, ки ҳамроҳи як ҷамоати мухлису содиқ барои Хилофат ба фаъолияти ҷиддӣ шурӯъ мекунад, аз ин гуноҳ пок мемонад. Тарки ин фарз, чунон ки Расулуллоҳ (с) дар ҳадис баён кардаанд, гуноҳи азим аст:

"وَمَنْ مَاتَ وَلَيْسَ فِيْ عُنُقِهِ بَيْعَةٌ مَاتَ مِيْتَةً جَاهِلِيَّةً.."

"**Ҳар кӣ бимирад ва дар гардан байат надошта бошад, пас бо марги ҷоҳилият мурдааст**". Марги ҷоҳилият ба гуноҳи азим далолат мекунад.

## Дуюм: Муовинон (вазирони тафвиз)

Муовинон вазироне мебошанд, ки Халифа барои ёрӣ додан дар иҷрои корҳои хилофат ва адо кардани масъулиятҳои он таъин мекунад. Корҳои хилофат вазнин буда, бахусус баробари васеъ шудани Давлати Хилофат ин корҳо ба худи Халифа вазнинӣ мекунад. Барои ҳамин дар бардоштани ин машаққатҳо ва адои масъулият ба муовинон мӯҳтоҷ мешавад.

Бе ягон эзоҳи муайян "вазир" номидани муовин дуруст нест. Дар акси ҳол маънои калимаи "вазир" дар Ислом бо маънои вазир дар низоми инсонӣ, ки ба асоси илмонияти капиталистӣ бунёд

шудааст ё дигар низомҳои асри имрӯза, ки мо гувоҳи он ҳастем, омехта мегардад.

Вазири тафвиз ё муовини тафвиз шахсест, ки Халифа ӯро барои якҷоя иҷро кардани корҳои идора ва ҳокимият таъин мекунад ва ба ӯ ҳуқуқи бо фикри худ тадбир кардани корҳо ва бо иҷтиҳоди худ мувофиқи аҳкоми шариат пеш бурдани онҳоро медиҳад. Ҳамин тавр, Халифа ба ӯ вазифаи назорати умумӣ ва ҷонишиниро месупорад.

Ҳоким ва Тирмизӣ аз Абӯсаиди Худрӣ ривоят мекунанд, ки Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

"وَزِيْرَايَ مِنَ السَّماءِ جِبْرِيْلُ وَمِيْكَائِيْلُ، وَمِنَ الْأَرْضِ أَبُو بَكْرٍ وَعُمَرُ"

"**Ду вазири ман дар осмон Ҷабраилу Микоил мебошанд ва дар замин Абӯбакру Умар ҳастанд**". Маънои луғавии калимаи "вазир", ки дар ҳадис омадааст, ёридиҳанда ва мусоид мебошад. Дар ҳақиқат Қуръони Карим калимаи "вазир"-ро айнан бо ҳамин маъно истифода бурдааст. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَاجْعَل لِّي وَزِيرًا مِّنْ أَهْلِي

"**Ва ёваре аз хонадони ман барои ман қарор деҳ**" [20:29], яъне ёридиҳанда ва мусоид. Калимаи "вазир"-и ҳадис маънои дар ҳар гуна кор ёрӣ додан, аз ҷумла маънои ба Халифа дар адои масъулият ва иҷрои корҳояш ёрӣ доданро дар бар мегирад. Ҳадисе, ки Абӯсаид ривоят кардааст, фақат ба ёрӣ додан дар ҳокимият хос нест. Чунки Ҷабраил ва Микоил вазирони Расулуллоҳ (с) дар осмон буда, ин ду фаришта ба ёрӣ додан дар ҳокимият ва масъулиятҳои ба он алоқаманд дахл надоранд. Аз ин сабаб, маънои луғавии калимаи "вазирҳо", ки дар ҳадис омадааст, "ду ёридиҳанда" мебошад. Аз ин ҳадис фаҳмида мешавад, ки мавҷуд будани якчанд ёридиҳанда мумкин аст.

Илова бар ин, агарчи ҳамроҳи Расулуллоҳ (с) бори ҳокимиятро бар дӯш гирифтани Абӯбакр ва Умар зоҳиран намоён нашавад ҳам,

чунин маъно дорад, ки Расулуллоҳ (с) онҳоро вазири худ карда, дар ҳокимият ва корҳои ба он алоқаманд ба ҳар ду салоҳияти номаҳдуди ёварӣ додаанд. Чун Абӯбакр Халифа шуд, Умарро ба худ вазири ёридиҳанда таъин кард ва ёварии ӯ аниқ намоён буд.

Чун Умар Халифа шуд, Усмон ва Алиро ёвари худ таъин кард. Аммо аниқ нест, ки кадоме аз онҳо дар корҳои ҳокимият ёвари Умар буд. Ҳолати ёварии ҳар ду ба ҳолати ёварии Абӯбакр ва Умар ба Расулуллоҳ (с) монанд аст. Дар замони хилофати Усмон Алӣ ва Марвон ибни Ҳакам ёварони ӯ буданд. Аммо Алӣ, агарчи барои норозӣ будан дар баъзе корҳо каме дуртар истода бошад ҳам, аниқ аст, ки Марвон ибни Ҳакам дар корҳои ҳокимият ёвари Усмон буд.

Агар муовини тафвиз вазири босадоқат бошад, бешубҳа ёрии ӯ ба Халифа, аз ҷумла дар ёдрас кардани ҳар як кори некӯ басо бузург хоҳад шуд. Оиша (р) ривоят мекунад, ки Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

" وَإِذَا أَرَادَ اللهُ بِالْأَمِيرِ خَيْرًا جَعَلَ لَهُ وَزِيرَ صِدْقٍ، إِنْ نَسِيَ ذَكَّرَهُ، وَإِنْ ذَكَرَ أَعَانَهُ. وَإِذَا أَرَادَ اللهُ بِهِ غَيْرَ ذَلِكَ جَعَلَ لَهُ وَزِيرَ سُوءٍ، إِنْ نَسِيَ لَمْ يُذَكِّرْهُ، وَإِنْ ذَكَرَ لَمْ يُعِنْهُ"

"**Агар Аллоҳ ба амир некиро ирода кунад, як вазири содиқро насиби ӯ мегардонад, ки агар амир фаромӯш кунад, вазир ба вай ёдрас мекунад, агар дар ёд дошта бошад, ёрӣ медиҳад. Агар Аллоҳ ғайри инро ирода кунад, як вазири бадро насиби ӯ мегардонад, ки агар амир фаромӯш кунад, вазир ба вай ёдрас намекунад, агар дар ёд дошта бошад, ёрӣ намедиҳад**" Ин ҳадисро Аҳмад ривоят кардааст. Санади ҳадиси мазкурро Нававӣ санади хуб гуфтааст. Баззор низ бо як санад ривоят кардааст. Ҳайсамӣ ровиёни онро саҳеҳ гуфтааст.

Агар корҳои муовинони замони Расулуллоҳ (с) ва муовинони Хулафои Рошидинро омӯзем, мебинем, ки мумкин аст ба муовин масъалаҳои муайяни ба назорати умумӣ ҳақдор ё тамоми

масъалаҳои назорати умумӣ супорида шавад. Инчунин мумкин аст ӯ ба як минтақае, ки назорати умумӣ карда метавонад ё ба якчанд минтақа, ки назорати умумӣ мекунад, таъин карда шавад. Шайхайн* аз Абӯҳурайра ривоят мекунанд:

"بَعَثَ رَسُولُ اللهِ عُمَرَ عَلَى الصَّدَقَةِ"

"**Расулуллоҳ (с) Умарро ба ҷамъоварии закот фиристоданд**" Ибни Ҳузайма ва Ибни Ҳиббон ривоят кардаанд:

"أَنَّ رَسُولَ اللهِ حِينَ رَجَعَ مِنْ عُمْرَةِ الْجِعْرَانِ، بَعَثَ أَبَا بَكْرٍ عَلَى الْحَجِّ"

"**Чун Расулуллоҳ (с) аз умраи Ҷиърон баргаштанд, Абӯбакрро сардори ҳаҷ таъин карда фиристоданд**", яъне Абӯбакр ва Умар вазирони Расулуллоҳанд. Дар замони Расулуллоҳ (с) ба онҳо на ҳама корҳо, балки корҳои муайян супорида шуда буд. Ҳол он ки ҳар ду муовинон буда, чунон ки вазирии тафвиз тақозо мекунад, дар мансаби нозири умумӣ ва ҷонишин буданд. Инчунин дар давраи хилофати Умар Алӣ ва Усмон айнан дар ҳамин ҳолат буданд. Ҳатто дар хилофати Абӯбакр ёрии Умар ба Абӯбакр дар назорати умумӣ ва ҷонишинӣ то ҷое расид, ки баъзе саҳобагон ба Абӯбакр гуфтанд: "Дар шубҳа мондем, ки Халифа шумо ҳастед ё Умар?" Дар баробари ин Абӯбакр фақат дар баъзе мавридҳо Умарро ба қозигӣ таъин карданд. Санади ин ривояти Байҳақиро Ҳофиз қавӣ гуфтааст.

Пас хулосаи таърихи Расулуллоҳ (с) ва Хулафои Рошидин ин аст, ки муовин вазифаи нозири умумӣ ва ҷонишинро иҷро мекунад, аммо ҷоиз аст, ки муовин ба як минтақа ё ба як кор хос таъин шавад. Масалан, Расулуллоҳ (с) Абӯбакрро, пас Абӯбакр ва Умарро нозири вилоятҳои шимолӣ ва нозири вилоятҳои ҷанубӣ таъин карданд. Минбаъд Абӯбакр низ нисбат ба Умар ҳамин тавр кор бурд. Аз рӯи тақозои ёридиҳӣ ба Халифа ба ҷои як муовин муовини дигарро таъин кардан мумкин аст. Дар ин кор ба азнавтаъинкунӣ эҳтиёҷ нест, балки аз як кор ба кори дигар гузарондан мумкин аст. Чунки аслан ӯ вазифаи нозири умумӣ ва

ҷонишинро ишғол кардааст ва ҳамаи ин амалҳо ба доираи мансаби ӯ ҳамчун ёвару муовин шомил мешавад. Дар ин масъала муовин аз волӣ фарқ мекунад. Чунки вай як минтақаи муайянро назорат мекунад ва ба минтақаи дигар намегузарад. Баръакс волӣ ба азнавтаъинкунӣ мӯҳтоҷ аст. Чунки минтақаи нав ба таъиншавии пешина дахл надорад. Лекин муовин, азбаски ҳам соҳиби мансаби нозири умумӣ, ҳам соҳиби мансаби ҷонишин мебошад, бе ягон азнавтаъинкунӣ аз як минтақа ба минтақаи дигар кӯчида метавонад. Чунки ӯ аслан дар ҳама корҳо ба вазифаи нозири умумӣ ва ҷонишин таъин шудааст.

Аз чизҳои боло аён шуд, ки Халифа ба муовини худ дар тамоми соҳаҳои давлат вазифаи ҷонишинӣ ва вазифаи назорати умумии корҳоро месупорад. Илова бар ин, мумкин аст ба ӯ кори муайянро таклиф кунад. Масалан, як муовинро ба вилоятҳои шарқӣ ва муовини дигарро ба вилоятҳои ғарбӣ таъин кунад ва ҳоказо. Вақте ки вазирон аз як нафар зиёд мешаванд, ба ин кор зарурат пайдо мешавад, то ки корҳои онҳо ба якдигар зид наояд.

Халифа махсусан, вақте ки давлат васеъ мешавад, ба муовини бисёр (аз як зиёд) эҳтиёҷ пайдо мекунад. Агар ба ҳар яки вазирон дар ҳама минтақаҳои давлат кор бурдан супорида шавад, барои онҳо дар иҷрои вазифа муаммо пайдо мекунад. Дар ин ҳол, азбаски ҳамаи онҳо ба назорати умумӣ ва ҷонишинӣ ҳақ доранд, эҳтимол меравад, ки ба кори якдигар мудохила намоянд. Барои ҳамин мо чизҳои зеринро табаннӣ кардем:

Аз ҷиҳати таъинкунӣ: Муовин ба вазифаи нозири умумӣ ва ҷонишин дар тамоми минтақаҳои давлат таъин мегардад.

Аз ҷиҳати кор: Ба муовин кори як қисми давлат супорида мешавад, яъне вилоятҳо дар байни муовинон тақсим карда мешавад. Масалан, яке муовини Халифа дар шарқ, дигаре муовини Халифа дар ғарб, боз яке муовини Халифа дар шимол мешавад ва ҳоказо.

Аз ҷиҳати ба минтақаи дигар гузаронидан: Аз як минтақа ба минтақаи дигар ва аз як кор ба кори дигар гузаштани муовин ба ягон азнавтаъинкунӣ эҳтиёҷ надорад, баръакс бо таъиншавии пешина ба минтақа ва кори нав мегузарад. Чунки муовин таъин шудани ӯ ҳама корро дар бар мегирад.

**Шартҳои муовинони тафвиз**

Ба муовини тафвиз низ шартҳое гузошта мешавад, ки ба Халифа гузошта шудааст. Яъне муовин бояд мард, озод, мусулмон, болиғ, оқил, одил ва дар корҳои супоридашуда лаёқатманд бошад.

Далели шартҳои таъини муовини тафвиз айнан ҳамон далелҳои интихоби Халифа мебошад. Чунки кори муовин кори ҳокимият аст ва бинобар ҳадиси Пайғамбар (с), мард будани ӯ воҷиб аст:

**"لَنْ يَفْلِحَ قَوْمٌ وَلَّوْا أَمْرَهُمِ امْرَأَةً"**

"**Қавме, ки занро сарвар кардааст, ҳаргиз наҷот наёбад**" Ин ҳадисро Бухорӣ аз Абӯбакр ривоят кардааст. Озод будани муовин воҷиб аст. Чунки ғулом, азбаски ихтиёри худро дар даст надорад, кори дигаронро сарварӣ карда наметавонад. Бинобар ҳадиси Расулуллоҳ (с) болиғ будани муовин воҷиб аст:

**"رُفِعَ الْقَلَمُ عَنْ ثَلاَثَةٍ عَنِ النَّائِمِ حَتَّى يَسْتَيْقِظَ، وَعَنِ الصَبِيِّ حَتَّى يَبْلُغَ، وَعَنِ الْـمَعْتُوهِ حَتَّى يَبْرَأَ"**

"**Аз се нафар қалам бардошта шудааст: аз одами хоб то бедор шуданаш, аз кӯдак то ба балоғат расиданаш ва аз ноқисулақл то шифо ёфтанаш**" Ин ҳадисро Абӯдовуд ривоят кардааст. Боз дар як ривоят гутфа шудааст:

**"وَعَنِ الْـمَجْنُونِ الْـمَغْلُوبِ عَلَى عَقْلِهِ حَتَّى يَفِيقَ"**

"**...ва аз девонае, ки ақлашро гум кардааст, то ба ақл омаданаш**" Одил будани муовин воҷиб аст. Чунки Аллоҳ дар гувоҳӣ адлро шарт карда гуфтааст:

وَأَشْهِدُوا ذَوَيْ عَدْلٍ مِّنكُمْ

"**Ва ду тан одил аз худатонро ба шаҳодат гиред**" [65:2].

Пас одилӣ барои муовини Халифа худ ба худ шарт аст. Инчунин муовин бояд дар корҳои ҳокимият лаёқатманд бошад, то ки ба иҷрои кори хилофат ва адои масъулияти ҳокимият қодир бошад.

**Кори муовини тафвиз**

Кори муовини тафвиз ин аст: Муовини тафвиз аз тадбире, ки ба иҷрои он қарор мекунад ё тадбирҳое, ки анҷом медиҳад, инчунин аз таъин намудан ба волигӣ ё вазифаҳои дигар Халифаро воқиф месозад, то ки салоҳияти ӯ ба салоҳияти Халифа баробар нашавад. Пас кори ӯ хабардор кардани Халифа аз корҳо ва агар Халифа ӯро аз ин корҳо бознадорад, иҷро кардани онҳост.

Далел ин аст, ки муовин дар корҳои ба ӯ супоридашуда ҷонишини Халифа мебошад. Ҷонишин ҳамчун ноиби шахсе, ки ӯро ҷонишин таъин кардааст, кор мебарад. Барои ҳамин ӯ дар ҳоли аз Халифа мустақил кор бурда наметавонад. Баръакс чунон ки Умар ҳангоми вазирӣ ба Абӯбакр кор бурдааст, ӯ аз ҳар як кори худ Халифаро пурра хабардор мекунад. Умар ҳар чиро фикр кунад, аз он Абӯбакрро хабардор месохт ва корро мувофиқи фикри Халифа анҷом медод. Маънои хабардор сохтани Халифа ин нест, ки дар ҳар як кори хурд аз ӯ рухсат пурсида шавад. Чунки ин чиз ба воқеи муовин зид аст. Баръакс маънои хабардор сохтан муҳокима намудани корҳо бо Халифа мебошад. Масалан, муҳокимаи масъалаҳое, аз қабили зарурати таъини волии боиқтидор ба яке аз вилоятҳо ё бартараф кардани муаммои норасогии хӯроквориӣ дар бозорҳо, ки боиси шикояти мардум гаштааст ва дигар корҳои давлат. Инчунин барои хабардор шудани Халифа ва таваққуф намудани ӯ ба корҳое, ки муҳим медонад, бо огоҳсозии вай кифоя

кардан мебошад. Ҳамин огоҳсозии Халифа кифоя мекунад, ки муовин ҳамаи корҳоеро, ки батафсил хабардор кардааст, агарчи ба иҷрои онҳо иҷозат нагирифта бошад ҳам, иҷро намояд. Вале агар Халифа аз иҷрои коре, ки хабардор карда шудааст, боздорад, анҷом додани он кор дуруст нест. Пас хабардор кардан фақат ба Халифа нишон додани кор ё бо ӯ муҳокима намудани он мебошад, барои иҷро аз ӯ рухсат гирифтан нест. Модом ки Халифа аз иҷрои кори хабардоршудаи худ муовинро бознамедорад, муовин метавонад, ки онро амалӣ гардонад.

Халифа бояд корҳои муовини тафвизро бо диққат назорат кунад, то ки корҳои дурусти ӯро тасдиқ ва корҳои хаторо дуруст кунад. Чунки бо тадбир сарварӣ кардани корҳои уммат ба Халифа супорида шуда ва ба иҷтиҳоди ӯ вобаста аст. Далел ҳадиси зерини Расулуллоҳ (с) оид ба масъулияти раият* мебошад:

"الْإِمَامُ رَاعٍ وَهُوَ مَسْؤُولٌ عَنْ رَعِيَّتِهِ"

"**Имом сарвар ва ба раияти худ масъул аст**" Пас бо тадбир сарварӣ кардани корҳо ба Халифа супорида шуда, ӯ дар бораи раият ҷавобгар аст. Аммо муовини тафвиз ба раият ҷавобгар нест, ӯ фақат ба корҳои ба худаш супоридашуда масъул аст. Фақат Халифа ба раият ҷавобгар аст. Барои ҳамин Халифаро воҷиб аст, ки барои адои масъулияти худ дар бораи раият корҳои муовинро бо диққат назорат кунад. Муовини тафвиз баъзан хато мекунад. Барои ҳамин хатое, ки аз ӯ сар мезанад, бояд албаттаислоҳ карда шавад ва ҳамаи корҳои ӯ бо диққат тафтиш карда шавад. Халифа бо сабаби ин ду кор, ки аз адои масъулият дар бораи раият ва дуруст кардани хатои муовини тафвиз иборат аст, бояд тамоми корҳои муовинро бо диққат назорат кунад.

Агар муовини тафвиз кореро тадбир кунад ва Халифа ин корро тасдиқ намояд, онро бояд бе ягон зиёдакунӣ ё камбудӣ чунон анҷом диҳад, ки Халифа тасдиқ кардааст. Агар Халифа аз фикраш баргашта, бар зидди иҷрои ин кори муовин барояд, дар он ҳол нигоҳ карда мешавад: агар кор дар бораи ягон ҳукм буда, онро

муовин ба ҷо оварда бошад ё кор дар бораи ягон маблағ буда, онро ба ҷои муносиб сарф карда бошад, дар ин ҳол фикри муовини тафвиз бонуфуз ба ҳисоб меравад. Чунки ин дар асл фикри Халифа аст, Халифа ҳақ надорад, ки ҳукмҳои иҷрошударо тағйир диҳад ва маблағҳои сарфшударо номуносиб гӯяд. Агар кори иҷрокардаи муовин дигар бошад, масалан, таъини ягон волӣ ё омодакунии қӯшун бошад, Халифа ҳақ дорад ба ин кори муовин зид барояд. Дар ин ҳол фикри Халифа бонуфуз буда, кори муовинро бекор мекунад. Зеро Халифа ҳақ дорад, ки ҳам кори худ ва ҳам кори муовинро ислоҳ кунад.

Кайфияти корҳои худро иҷро кардани муовини тафвиз ва корҳои муовинро тафтиш кардани Халифа аз ҳамин иборат аст. Ин чиз аз он гирифта шуд, ки аз кадом корҳо бозистодани Халифа ҷоиз аст ва аз кадом корҳо бозистодани ӯ ҷоиз нест. Чунки кори муовини тафвиз кори Халифа эътибор карда мешавад. Аниқтар карда гӯем, чунон ки ба Халифа мумкин аст, муовини тафвиз ҳам дар корҳое, ки ҳамчун ноиб ба ӯ супорида шудааст, метавонад мустақилона ҳукм ронад ё ҳокимонро таъин намояд. Чунки ин ба шартҳои ҳукм мувофиқ меояд. Ӯ мумкин аст ба ҷиҳод сарварӣ кунад ё каси дигарро таъин намояд. Чунки ин ҳам ба шартҳои ҳарб мувофиқ меояд. Боз мумкин аст корҳои тадбиркардаи худро бевосита иҷро кунад ё каси дигарро барои иҷрои он вакил намояд. Чунки ин ҳам ба шартҳои фикр ва тадбир мувофиқ меояд. Вале ин маънои онро надорад, ки чун Халифа аз кори муовин хабардор бошад, он корро бекор карда наметавонад. Баръакс ба он маъност, ки муовин низ дар корҳои ба ӯҳдааш гузошташуда дорои ҳуқуқест, ки Халифа дорад, аммо аз Халифа мустақил нест, балки сифати ҷонишини Халифаро дорад. Мумкин аст Халифа ба корҳои иҷрокардаи муовин зид барояд ва корҳои иҷрокардаи ӯро бекор кунад. Аммо Халифа дар бекоркунӣ бояд аз ҳадде, ки аз корҳои иҷро кардаистодаи худ баргашта метавонад, берун набарояд. Агар муовин ҳукмеро ба тарзи муносиб адо карда бошад ё маблағеро ба ҷои муносиб сарф карда бошад, баъд аз анҷоми кор Халифа ба ин кори ӯ зид барояд, ин зиддият ягон арзиш надорад. Баръакс кори

муовин дар қувваи худ мемонад ва фикру зиддияти Халифа рад карда мешавад. Чунки ҳамон кор аслан фикри Халифа аст ва дар ин гуна ҳолат аз фикри худ баргаштани Халифа ё амали анҷомёфтаро бекор кардани ӯ дуруст нест. Пас ин амали муовинро бекор кардани ӯ дуруст нест. Аммо муовин ягон касро волӣ, омил, фармондеҳи қӯшун ва ба дигар вазифаҳо таъин карда бошад ё ягон сиёсати иқтисодӣ, нақшаи ҳарбӣ, лоиҳаҳои саноатӣ ва амсоли ин дигар чизҳоро тартиб дода бошад, онҳоро бекор кардани Халифа ҷоиз аст. Чунки ин кор, агарчи фикри Халифа бошад ва онро худаш анҷом диҳад ҳам, аз ҷумлаи корҳоест, ки аз фикри худ баргаштани Халифа ҷоиз аст. Пас дар ин гуна ҳолат корҳои муовинро бекор кардани ӯ ҷоиз аст. Дар ин бора чунин қоида мавҷуд аст: "Халифа кадом кори анҷомдодаи худро ислоҳ карда тавонад, ҳамон гуна кори муовинро низ ислоҳ карда метавонад. Аммо кадом кори анҷомдодаи худро ислоҳ карда натавонад, пас ҳамон гуна кори муовинро низ ислоҳ карда наметавонад"

Муовини тафвиз ба ягон муассисаи дастгоҳи идорӣ, масалан, идораи маориф, махсус таъин карда намешавад. Зеро онҳое, ки бо корҳои идорӣ машғул мешаванд, ходимоне ҳастанд, ки музд мегиранд. Онҳо ҳокими идоракунанда нестанд. Аммо муовини тафвиз ҳоким аст, ӯ барои музд кор намекунад. Кори ӯ аз ҷумлаи корҳое нест, ки коргарон аз рӯи он музд мегиранд.

Аз ин ҷо бармеояд, ки ӯ бо корҳои идорӣ бевосита машғул намешавад. Ин маънои онро надорад, ки муовини тафвиз аз анҷоми ҳар гуна кори идорӣ манъ карда шудааст. Баръакс маънои онро дорад, ки ӯ ба корҳои идорӣ махсус таъин карда намешавад, балки ҳуқуқи ба таври умумӣ назорат кардани онҳоро дорад.

**Таъин ва сабукдӯш кардани муовинон**

Муовин бо фармони Халифа таъин мегардад ва аз кор сабукдӯш карда мешавад. Вақте ки Халифа вафот мекунад, ваколати муовинон низ ба поён мерасад. Онҳо кори худро фақат дар давраи амири муваққата давом медиҳанд. Барои он ки баъд аз

ӯ фаъолияти худро давом диҳанд, бояд аз тарафи Халифаи нав дубора таъин карда шаванд. Барои аз муовинӣ холӣ кардан қарори алоҳида лозим намешавад. Чунки ваколати онҳо бо вафоти Халифае, ки онҳоро ба худ муовин кардааст, анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

## Сеюм: Вазирони танфиз

Вазири танфиз вазирест, ки Халифа дар татбиқ, назорат ва адои корҳо ёвари худ таъин кардааст. Ӯ миёнаравест байни Халифа ва дастгоҳи давлат, раият ва хориҷ. Ӯ вазифадор аст, ки чизҳоеро, ки аз тарафи Халифа содир мешаванд, ба мардум расонад ва чизҳое, ки аз мардум содир мешавад, ба Халифа расонад. Пас ӯ на идоракунандаи корҳост ва на ба корҳо таъин шудааст, балки ҳамагӣ ёварест дар иҷрои корҳо. Барои ҳамин кори ӯ аз корҳои идорӣ буда, ба ҷумлаи ҳукм, сарварӣ дохил намешавад. Идораи ӯ дастгоҳест, ки фармонҳои ба ҷиҳатҳои дохилӣ ва хориҷӣ дахлдори Халифаро иҷро мекунад ва чизҳоеро, ки аз ҳамон ҷиҳатҳо ба Халифа меоянд, ба ӯ мерасонад. Пас ин идора миёни Халифа ва дигарон миёнарав ва вазифадор аст, ки чизҳоеро, ки аз тарафи Халифа содир мешавад, ба онҳо расонад ва чизҳоеро, ки аз тарафи онҳо содир мешавад, ба Халифа расонад.

Вазири танфиз дар давраи Расулуллоҳ (с) ва Хулафои Рошидин "котиб" номида шудааст. Баъдтар сардори девони хат ё мактубҳо номида шуд. Баъдтар котиби иншо ё соҳиби девони иншо гуфта шуд. Сипас фақеҳон ба ӯ номи "вазири танфиз"-ро доданд.

Халифа ҳокимест, ки бо ҳукм, татбиқ ва сарварии корҳои мардум машғул мешавад. Дар ҳукм, татбиқ ва сарварӣ ба корҳои идорӣ эҳтиёҷ ҳаст. Ин дар навбати худ барои идораи корҳои зарурӣ дар адои масъулияҳои хилофат ба вуҷуд овардани як дастгоҳи махсусро тақозо мекунад, ки ҳамроҳи Халифа кор мебарад. Аз ин сабаб, ба вуҷуд овардани як ёвари иҷроӣ, ки аз тарафи Халифа таъин шуда, на бо корҳои ҳукм, балки бо корҳои идорӣ машғул мешавад, зарур гашт. Вазифаи ӯ на дар ҳукм, балки

дар корҳои идорӣ ба Халифа ёрӣ додан аст. Ӯ монанди муовини тафвиз ба баровардани ягон ҳукм ҳуқуқ надорад. Барои ҳамин ӯ на воливу омилро таъин мекунад ва на корҳои мардумро сарварӣ мекунад. Балки вазифаи ӯ иҷрои корҳои идорӣ ва ҳукмест, ки аз тарафи Халифа ё муовини тафвиз бароварда мешавад. Барои ҳамин ӯ муовини танфиз номида шуд. Фуқаҳо дар асоси он ки калимаи "вазир" дар луғат маънои ёварро дорад, ӯро вазири танфиз, яъне муовини танфиз номиданд. Онҳо гуфтанд: "Ин вазир миёни Халифа ва раияту волиён миёнарав аст, фармонҳои Халифаро ба мардум мерасонад, қарорҳои ӯро иҷро мекунад, дар бораи таъини волиён, корҳои омодагӣ ва таъминоти артиш хабар медиҳад, инчунин ба Халифа дар бораи навигариҳо ва чизҳое, ки аз тарафи мардум омадааст, иттилоъ медиҳад, то ки дар бораи онҳо бинобар фармони Халифа кор барад. Пас ӯ ҳоким нест ва ба он таъин нашудааст, балки дар иҷрои корҳо ёвар аст. Ӯ монанди раиси дастгоҳи иҷроияи назди президент дар давлатҳои имрӯза мебошад.

Барои ҳамин муовини танфиз мисли муовини тафвиз ба Халифа бевосита вобаста аст. Ӯ аз наздикони Халифа буда, азбаски кораш ба Халифа сахт вобаста аст, тақозо мекунад, ки хоҳ шаб бошад, хоҳ рӯз бо Халифа танҳо мулоқот намояд ва ба ӯ хабар расонад. Ин мансабест, ки мувофиқи ҳукмҳои шариат ба шароити зан мувофиқ нест, барои ҳамин муовини танфиз мард мешавад. Инчунин азбаски муовини танфиз шахси наздиктарини Халифа мебошад, бинобар қавли зерини Аллоҳ Таоло мумкин нест, ки кофир бошад, балки бояд мусулмон бошад:

**يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُواْ لاَ تَتَّخِذُواْ بِطَانَةً مِّن دُونِكُمْ لاَ يَأْلُونَكُمْ خَبَالاً وَدُّواْ مَا عَنِتُّمْ قَدْ بَدَتِ الْبَغْضَاء مِنْ أَفْوَاهِهِمْ وَمَا تُخْفِي صُدُورُهُمْ أَكْبَرُ قَدْ بَيَّنَّا لَكُمُ الآيَاتِ إِن كُنتُمْ تَعْقِلُونَ**

**"Эй касоне, ки имон овардаед, дӯсти ҳамрозе ҷуз аз ҳамкешони худ магиред, ки дигарон аз ҳеҷ фасоде дар ҳаққи шумо кӯтоҳӣ**

**намекунанд ва хостори ранҷу машаққати шумоянд. Ва кинатӯзӣ аз гуфторашон ошкор аст ва он кина, ки дар дил доранд, бештар аст аз он чӣ ба забон меоваранд**" [3:118].

Дар ин оят ошкоро намоён аст, ки Халифа аз шахси наздики худ кардани ғайримусулмон боздошта шудааст. Барои ҳамин мумкин нест, ки муовини танфиз кофир бошад, балки монанди муовини тафвиз, азбаски ба Халифа бевосита вобаста шудааст ва ба ӯ ҳамроҳӣ мекунад, бояд албатта мусулмон бошад. Ҷоиз аст, ки муовини танфиз аз рӯи эҳтиёҷ ва аз рӯи коре, ки миёни Халифа ва дигарон миёнаравӣ мекунад, аз як нафар зиёд шавад.

Миёни Халифа ва дигарон миёнарав будани муовини танфиз дар чор кор намоён мешавад:

**1. Алоқаҳои байналхалқӣ, хоҳ ба он Халифа бевосита сарварӣ намояд, хоҳ ягон идораеро таъин кунад, ки ба корҳои хориҷӣ машғул гардад.**

**2. Артиш.**

**3. Дастгоҳҳои дигари давлат ғайр аз артиш.**

**4. Алоқаҳо бо раият.**

Воқеи корҳое, ки муовини танфиз иҷро мекунад, аз ҳамин иборат аст. Модом ки ӯ миёни Халифа ва дигарон миёнарав аст, пас ӯ дастгоҳест, ки хабарро аз Халифа ба дигарон ва аз дигарон ба Халифа мерасонад. Илова бар ин, ӯ корҳои дастгоҳи давлатро, ки назоратро тақозо мекунанд, назорат мекунад.

Халифа ҳокими амалист. Ӯ бо ҳукм, татбиқ ва сарварии корҳои мардум бевосита машғул мешавад. Барои ҳамин ӯ дастгоҳи ҳукм аст ва дар хусуси алоқаҳои байналхалқӣ бо уммат доимӣ вобаста шуда, ҳукмҳо мебарорад, қарорҳо қабул мекунад, бо сарварии корҳои раият машғул мешавад. Бо рафти корҳои дастгоҳи ҳокимият, муаммоҳои пешомадаи он ва чизҳои ба он зарурӣ аз наздик шинос мешавад. Дар баробари ин, дархостҳо, шикоятҳо ва

масъалаҳои умматро ба ӯ мерасонанд, ӯ корҳои давлатро пайваста назорат мекунад. Барои ҳамин аз воқеи ин корҳо бармеояд, ки дар байни онҳо миёнарав будани муовини танфиз зарур аст. Ӯ ин корҳоро аз Халифа ба дигарон мерасонад ва аз дигарон ба Халифа. Назорати фармонҳое, ки аз тарафи Халифа ба дастгоҳҳои давлат бароварда мешавад ва иҷрои чизҳое, ки аз дастгоҳҳо ба Халифа меоянд, зарур аст. Барои ҳамин вазифаи назорат ба зиммаи муовини танфиз гузошта шуд, то ки иҷро ба охир расад. Пас ӯ ҳам Халифа ва ҳам дастгоҳҳои давлатро назорат мекунад. То вақте ки Халифа аз ӯ қатъи назоратро талаб накунад, назоратро давом медиҳад. Агар Халифа талаб кунад, бояд талаби ӯро ба ҷо оварда, назоратро қатъ намояд. Чунки Халифа ҳоким аст ва амри ӯ ба ҷо оварда мешавад.

Акнун ба корҳое, ки ба артиш ва алоқаҳои хориҷӣ тааллуқ доранд, биёем, ин корҳо махфӣ буда, корҳои фақат ба Халифа хос ба ҳисоб мераванд. Барои ҳамин муовини танфиз ин корҳо ва иҷрои онҳоро назорат намекунад. Аммо агар Халифа назорат кардани ягон қисме аз ин корҳоро талаб намояд, фақат ҳамон қисмро назорат мекунад.

Аммо алоқаҳо бо раият аз ҷиҳати нигоҳубини он, иҷрои дархостҳои он, раҳонидани он аз беадолатиҳо вазифаи Халифа ва ҷонишини ӯ доир ба ин корҳо аст, на вазифаи муовини танфиз. Лекин агар Халифа талаб намояд, ин корҳоро назорат мекунад. Пас нисбат ба ин корҳо вазифаи ӯ на назорат, балки адо намудан аст. Ин ҳама корҳоест, ки Халифа иҷро мекунад. Бинобар ин, воқеи корҳои муовини танфиз аз ҳамин иборат аст.

Мисолҳо аз корҳои муовинони танфиз дар замони Расулуллоҳ (с) ва Хулафои Рошидин (дар он замон онҳоро котиб меномиданд):

**1. Алоқаҳои байналхалқӣ ва мисолҳои ба онҳо алоқаманд:**

Сулҳи Ҳудайбия. Дар ин бора Бухорӣ аз Мисвар ва Марвон чунин ривоят кардааст:

"...فَدَعَا النَبِيُّ الْكَاتِبَ"

"**Сипас Расулуллоҳ (с) котибро хонданд...**" Абӯюсуф дар китоби "Хироҷ" дар ин бора чунин ривоят кардааст:

" وَحدَّثَنِي مُحَمَّدُ بْنُ اِسْحَاقَ وَالْكَلْبِيُّ، زَادَ بَعْضُهُمْ عَلَى بَعْضٍ فِي الْحَدِيثِ، وَفِيهِ وَقَالَ اكْتُبُوْا..."

"**Ба ман Муҳаммад ибни Исҳоқ ва Калбӣ ҳадис ривоят карданд. Дар он баъзе ровиёнро аз баъзеи онҳо зиёда кардаанд. Дар он омадааст: Пайғамбар (с) гуфтанд: "Бинависед**"" Дар ин ривоят ба котибон "нависед" гуфта шуд, аммо номи котиб зикр карда нашуд. Ин ҳадисро Ибни Касир чунин ривоят кардааст:

" قَالَ بْنُ اِسْحاقَ قَالَ الزُّهْرِيُّ... ثُمَّ دَعَا رَسُوْلُ اللهِ عَلِيَّ بْنَ أَبِيْ طَالِبٍ فَقَالَ اكْتُبْ..."

"**Ибни Исҳоқ мегӯяд: Зуҳрӣ гуфт... Сипас Расулуллоҳ (с) Алӣ ибни Абӯтолиб (с)-ро даъват карданд ва гуфтанд: "Бинавис**"..." Дар ин бора дар китоби "Амвол" Абӯубайда аз Ибни Аббос чунин ривоят кардааст:

"...فَقَالَ لِعَلِيٍّ: اُكْتُبْ يَا عَلِيُّ ..."

"**...сипас ба Алӣ гуфтанд: "Бинавис, эй Алӣ**"" Ҳоким низ дар ин бора аз Ибни Аббос ривоят кардааст ва ин ривоятро Заҳабӣ саҳеҳ дониста, ба ӯ ҳамфикр шудааст. Дар ривоят гуфта мешавад:

"...اُكْتُبْ يَا عَلِيُّ .."

"**...бинавис, эй Алӣ...**" Азбаски матни ин сулҳ машҳур аст, ин ҷо зикри онро лозим надонистем.

Мактуберо, ки Расулуллоҳ (с) ба Ҳирақл навиштаанд, ғайр аз Ибни Моҷа тамоми муҳаддисон ривоят кардаанд. Дар Бухорӣ

лафзҳои ин мактуб аз Ибни Аббос, ӯ аз Абӯсуфён ба ин тарз ривоят шудааст:

" بِسْمِ اللهِ الرَّحْمَنِ الرَّحِيمِ، مِنْ مُحَمَّدٍ عَبْدِ اللهِ وَرَسُولِهِ إِلَى هِرَقْلَ عَظِيمِ الرُّومِ، سَلاَمٌ عَلَى مَنِ اتَّبَعَ الْهُدَى، أَمَّا بَعْدُ، فَإِنِّي أَدْعُوكَ بِدِعَايَةِ الْإِسْلَامِ، أَسْلِمْ تَسْلَمْ يُؤْتِكَ اللهُ أَجْرَكَ مَرَّتَيْنِ، فَإِنْ تَوَلَّيْتَ فَعَلَيْكَ إِثْمُ الْأَرِيسِيِّينَ، وَ يَا أَهْلَ الْكِتَابِ تَعَالَوْا إِلَى كَلِمَةٍ سَوَاءٍ بَيْنَنَا وَبَيْنَكُمْ، أَلَّا نَعْبُدَ إِلَّا اللهَ، وَلاَ نُشْرِكَ بِهِ شَيْئًا، وَلاَ يَتَّخِذَ بَعْضُنَا بَعْضًا أَرْبَابًا مِنْ دُونِ اللهِ، فَإِنْ تَوَلَّوْا فَقُولُوا اشْهَدُوا بِأَنَّا مُسْلِمُونَ"

"**Бо номи Аллоҳи бахшояндаву меҳрубон. Аз банда ва расули Аллоҳ Муҳаммад ба подшоҳи Рум Ҳирақл. Салом ба пайравони ҳидоят. Аммо баъд. Ман туро бо даъвати Ислом мехонам. Ба Ислом даро, саломат мешавӣ, Аллоҳ бу ту ду баробар аҷр медиҳад. Агар рӯйгардон шавӣ, гуноҳи тамоми арисиҳо ба ту мешавад. Эй аҳли китоб, биёед аз он калимае, ки пазируфтаи мову шумост, пайравӣ кунем, он ки ҷуз Аллоҳро напарастем ва ҳеҷ чизро шарики Ӯ насозем ва баъзе аз мо баъзе дигарро савои Аллоҳ ба парастиш нагирад. Агар онҳо рӯйгардон шуданд, бигӯ: "Шоҳид бошед, ки мусулмон ҳастем**""

Мактуби ҷавобии Ҳирақл ба Расулуллоҳ (с). Абӯубайда дар китоби "Амвол" аз Бакр ибни Абдуллоҳи Музанӣ ривоят кардааст: "... ва ӯ (яъне Ҳирақл) ба Расулуллоҳ (с) "ман мусулмон ҳастам" гуфта мактуб навишт ва бо динорҳо сафир фиристод. Расулуллоҳ (с) мактубро хонда гуфтанд:

"كَذِبَ عَدُوُّ اللهِ لَيْسَ بِمُسْلِمٍ، وَلَكِنَّهُ عَلَى النَّصْرَانِيَّةِ"

"**Душмани Аллоҳ дурӯғ гуфтааст, ӯ мусулмон нест, балки дар дини насронӣ аст**" Ҳофиз дар китоби "Фатҳ" дар бораи ин ҳадис гуфтааст: "Аз ҳадиси мурсал, ки Бакр ривоят кардааст, бо санади саҳеҳ ривоят карда шуд"

Мактуби аҳли Манбаҷ ба Умар ва ҷавоби Умар ба он. Абӯюсуф дар китоби "Хироҷ" ривоят мекунад: "Ба мо Абдулмалик ибни Ҷурайҷ аз Амр ибни Шуайб ҳикоя мекунад, ки аҳли Манбаҷ (қавме дар паси баҳр, ки бо мо дар ҳолати ҷанг буд) ба Умар ибни Хаттоб (р) мактуб навиштанд: "Ба мо нарасед, то ба кишваратон ҳамчун савдогар ворид гардем" Он гоҳ Умар бо саҳобагони Расулуллоҳ (с) маслиҳат кард. Саҳобагон ҳамин корро маслиҳат доданд. Онҳо аввалин аҳли ҳарб буданд, ки ушр гирифта шудааст"

**2. Артиш ва намунаҳои мукотиба бо он:**

Мактуби Абӯбакр ба Холид, ки ӯро ба ҳуҷуми Шом фармудааст. Абӯюсуф дар китоби "Хироҷ" ривоят кардааст: "Холид мехост Ҳираро барои истиқомат ихтиёр кунад, ба ӯ мактуби Абӯбакр расид. Абӯбакр дар мактуб амр карда буд, ки барои ёрии Абӯубайда ва мусулмонон ба Шом ҳуҷум кунад..."

Аз Умар мадад пурсидани лашкари Шом ва мактуби Умар ба он. Аҳмад бо санаде, ки ровиёнаш саҳеҳанд ва Абӯҳотам ибни Ҳиббон аз Саммок бо санади саҳеҳ ривоят мекунанд: "Иёз Ашъарӣ гуфт: "Ман гувоҳи ҷанги Ярмук шудам. Дар он панҷ амир буд: Абӯубайда ибни Ҷарроҳ, Язид ибни Абӯсуфён, Ибни Ҳасана, Холид ибни Валид ва Иёз. Ин Иёз ҳамон нафаре нест, ки Саммок гуфтааст" Ӯ афзуд: "Сипас Умар гуфт: "Агар ҷанг оғоз шавад, ба шумо Абӯубайда сардор мешавад" Сипас мо ба Умар бо хости мадад мактуб навиштем, ки "ба мо марг таҳдид мекунад" Он гоҳ Умар ба мо чунин мактуб навишт: "Ба ман мактуби шумо расид, ки дар он мадад хостаед. Ман ба шумо тавсия мекунам, ки аз Аллоҳи Азза ва Ҷалла мадад пурсед, зеро Ӯ бо пирӯзӣ азиз мекунад ва сарбозонро ҳозир менамояд. Пас аз Ӯ ёрӣ пурсед. Зеро Муҳаммад (с) дар ҷанги Бадр бо сарбозоне, ки аз ҷиҳати шумора ва омодагӣ кам буданд, пирӯзиро ба даст даровардаанд. Агар ин мактуб ба шумо расад, бар зидди онҳо биҷангед ва аз нав ба ман муроҷиат накунед" Иёз илова намуд: "Он гоҳ мо бар зидди онҳо ҷангида, онҳоро мағлуб кардем ва то чор фарсах таъқиб намудем...""

Лашкари Шом ба Умар ибни Хаттоб мактуб фиристод: "Вақте ки мо ба душман вохӯрдем, дидем, ки силоҳи худро бо абрешим печонидаанд ва аз ин дар дил тарс ҳис кардем" Умар ба онҳо мактуб навишт: "Чунон ки онҳо силоҳи худро печонидаанд, силоҳҳои худро печонед" Ин ривоятро Ибни Таймия дар китоби "Фатово" зикр кардааст.

**3. Дастгоҳҳои давлат ғайр аз артиш ва мубодилаи мактуб миёни онҳо:**

Мактуби Расулуллоҳ (с) ба Муоз дар бораи ушр. Яҳё ибни Одам дар китоби "Хироҷ" аз Ҳакам ривоят мекунад, ки Расулуллоҳ (с) ба Яман ба Муоз ибни Ҷабал чунин мактуб навиштанд:

**"فِيْمَا سَقَتِ السَّمَاءُ أَوْ سُقِيَ غَيْلاً اَلْعُشْرُ، وَمَا سُقِيَ بِالْغَرْبِ فَنِصْفُ الْعُشْرِ"**

"**Аз заминҳое, ки осмон (борон) обёрӣ мекунад ё бо оби ҷӯйбор обёрӣ карда мешаванд, ушр ва аз заминҳое, ки бо сатил обёрӣ карда мешаванд, нисфи ушр гирифта шавад**" Инчунин аз Шаъбӣ айнан ҳамин тавр ривоят карда шудааст.

Мактуби Расулуллоҳ (с) ба Мунзир ибни Совӣ дар бораи ҷизя. Абӯюсуф дар китоби "Хироҷ" аз Абӯубайда ривоят мекунад, ки Расулуллоҳ (с) ба Мунзир ибни Совӣ мактуб навиштаанд:

**" أَنَّ مَنْ صَلَّى صَلاتَنَا، وَاسْتَقْبَلَ قِبْلَتَنَا، وَأَكَلَ ذَبِيحَتَنَا، فَذَلِكَ الْـمُسْلِمُ، لَهُ ذِمَّةُ اللهِ وَذِمَّةُ رَسُوْلِهِ، فَمَنْ أَحَبَّ ذَلِكَ مِنَ الْـمَجُوْسِ فَهُوَ آمِنٌ، وَمَنْ أَبَى فَعَلَيْهِ الْجِزْيَةُ"**

**"Ҳар кӣ намози моро бихонад, ба қиблаи мо рӯ орад, аз гӯшти ҳайвони забҳкардаи мо бихӯрад, мусулмон аст. Ӯ дар ҳимояи Аллоҳ ва Расули Ӯст. Аз маҷусиҳо ҳар кӣ ба ин розӣ шавад, пас ба ӯ амонӣ дода мешавад. Ҳар кӣ аз ин сар печад, ба ӯ ҷизя андохта мешавад"**

Мактуби Абӯбакр ба Анас дар бораи фарзияти закот ҳангоми ба Баҳрайн фиристодани вай. Бухорӣ аз Анас ривоят кардааст: "Абӯбакр (р) фарзияти закотеро, ки Аллоҳ ва Расул (с) фармудаанд, ба вай навишт..."

Мактуби Умар дар солҳои гуруснагӣ ба Амр ибни Ос ва ҷавоби Амр ба он кас. Ин ҳадисро Ибни Ҳузайма дар "Саҳеҳ"-и худ ривоят кардааст. Ҳоким онро ба шарти Муслим саҳеҳ гуфтааст. Ҳамчунин Байҳақӣ дар китоби "Сунан", Ибни Саъд дар "Табақот" аз Ибни Аслам, ӯ аз падараш ривоят мекунад: "Солҳои гуруснагӣ ва соле, ки кишварҳои араб ба хушксолӣ гирифтор гаштанд, Умар ибни Хаттоб ба Амр ибни Ос мактуб навишт: "Аз бандаи Аллоҳ амири мӯъминон Умар ибни Хаттоб ба Амр ибни Ос. Қасам ба умрам, ки ту ва мардуми минтақаи ту фарбеҳ шудаанду ман ва мардуми минтақаи ман лоғар, лекин ту парво накарда истодаӣ, кӯмак расон" Амр дар ҷавоб навишт: "Ассалому алайк. Аммо баъд. Лаббайка, лаббайка (мунтазири фармонат ҳастам). Корвоне, хоҳад расид, ки ибтидоаш дар тарафи ту ва охираш дар тарафи ман аст. Илова бар ин, умед дорам, ки барои бо роҳи баҳрӣ бор фиристодан имкон ёбам"

Мактуби Муҳаммад ибни Абӯбакр ба Алӣ оид ба масъалаи муртадҳо ва мактуби ҷавобии Алӣ ба вай. Ибни Абӯшайба аз Қомус ибни Мухориқ, ӯ аз падараш чунин ривоят кардааст: "Алӣ Муҳаммад ибни Абӯбакрро ба Миср амир таъин кард. Муҳаммад мактуб фиристода, дар бораи кофирони Миср пурсид. Дар байни кофирон касоне буданд, ки офтоб, моҳтоб ва дигар чизҳоро мепарастиданд ва боз касоне буданд, ки даъвои мусулмонӣ мекарданд. Алӣ ба вай мактуб навишта фармуд, то касонеро, ки бардурӯғ даъвои Ислом мекунанд, бикушад, боқимондаҳоро ба ҳоли худашон вогузорад, то ҳар чизеро ки мехоҳанд, ибодат кунанд"

**4. Намуна аз мактубҳое, ки бевосита ба шаҳрвандон фиристода шудаанд:**

Мактуби Расулуллоҳ (с) ба аҳли Наҷрон. Онро Абӯдовуд аз Саддӣ, ӯ аз Ибни Аббос ривоят кардааст. Мунзирӣ гуфтааст, ки дар хусуси аз Ибни Аббос шунидани Саддӣ мулоҳиза вуҷуд дорад. Онро Абӯубайда дар китоби "Амвол" аз Абӯмалиҳи Ҳузайлӣ ривоят карда гуфтааст:

"شَهِدَ بِذَلِكَ عُثْمانُ بْنُ عَفّانَ وَمُعَيْقِبُ، وَكَتَبَ"

"**Ба ин Усмон ибни Аффон ва Муайқиб гувоҳ шуда, мактуб навишт**" Ин ривоятро Абӯюсуф дар китоби "Хироҷ" оварда, зикр кардааст, ки он мактубро Муғира ибни Шуъба навиштааст. Баъд Абӯюсуф мактуби Абӯбакр ва котиб Муғираро, мактуби Умар ва котиб Муайқибро, мактуби Усмон ва котиб мавлоаш Ҳумронро, мактуби Алӣ ва котиб Абӯрофеъро зикр кардааст.

Мактуби Расулуллоҳ (с) ба Тамими Дорӣ. Абӯюсуф чунин зикр кардааст:

" قامَ تَمِيْمُ الدّارِيُّ وَهُوَ تَمِيْمُ بْنُ أَوْسٍ - رَجُلٌ مِنْ لَخْمٍ - فَقَالَ يا رَسُوْلَ اللهِ، إِنَّ لِي جِيْرَةً مِنَ الرُّوْمِ بِفَلَسْطِيْنَ، لَهُمْ قَرْيَةٌ يُقَالُ لَهَا حِبْرِىْ، وَأُخْرَى يُقَالُ لَهَا عَيْنُونَ، وَإِنْ فَتَحَ اللهُ عَلَيْكَ الشّامَ فَهِبْهُمَا لِىْ، فَقَالَ: هُمَا لَكَ. قَالَ: فَاكْتُبْ لِيْ بِذَلِكَ، فَكَتَبَ لَهُ: بِسْمِ الله الرحمن الرحيم، هَذَا كِتَابٌ مِنْ مُحَمَّدٍ رَسُوْلِ اللهِ لِتَمِيْمِ بْنِ أَوْسٍ الدَّارِيِّ، أَنَّ لَهُ قَرْيَةَ حِبْرِىْ وَبَيْتَ عَيْنُونَ قُرَّتُهَا كُلُّهَا، وَسَهْلُهَا وَجَبَلَهَا وَمَاؤُهَا وَحَرْثَهَا وَأَنْبَاطُهَا وَبَقَرُهَا وَلِعَقَبِهِ مِنْ بَعْدِهِ، لايُحَاقُّهُ فِيْهَا أَحَدٌ، وَلا يُلْحِدُ عَلَيْهِمْ أَحَدٌ بِظُلْمٍ، فَمَنْ ظَلَمَ وَأَخَذَ مِنْهُمْ شَيْئاً فَإِنَّ عَلَيْهِ لَعْنَةَ اللهِ وَالْـمَلائِكَةِ وَالنَّاسِ أَجْمَعِيْنْ. وَكَتَبَ عَلِيٌّ"

"**Тамими Дорӣ, яъне Тамим ибни Авс, марде аз Лахм, гуфт: "Ё Расулуллоҳ, ман бо румиёни Фаластин ҳамсоягӣ дорам. Онҳо Ҳибрӣ ном деҳае доранд. Боз як деҳаи дигаре доранд, ки онро Айнун мегӯянд. Агар Аллоҳ Шомро фатҳ карда ба шумо диҳад, ин ду деҳаро ба ман ҳадя кунед**" Расулуллоҳ (с) гуфтанд: "**Он ду**

**деҳа аз они ту**" Тамими Дорӣ хост, ки дар ин бора барои ӯ ҳуҷҷат нависанд. Он гоҳ Расулуллоҳ (с) барои ӯ чунин навиштанд: "Ба номи Аллоҳи бахшояндаи меҳрубон. Ин ҳуҷҷат аз Муҳаммад Расули Аллоҳ ба Тамим ибни Авси Дорӣ дар ин хусус, ки деҳаи Ҳибрӣ ва Байти Айнун, тамоми ҳамворӣ, кӯҳ, об, киштгоҳ, набroom ва ҳайвоноти он ҷо аз они Тамим ва наслҳои минбаъдаи вай аст. Ҳеҷ кас ҳақ надорад, ки ин заминҳоро печонида бигирад. Ба инҳо ҳеҷ кас зулм накунад. Ҳар кӣ ба инҳо зулм кунад ё ягон чизро кашида гирад, лаънати Аллоҳ, фариштагон ва тамоми инсонҳо бар вай бод" Мактубро Алӣ навишт" Сипас вақте ки Абӯбакр Халифа шуд, мактуби зеринро ба онҳо навишт: "Ба номи Аллоҳи бахшояндаи меҳрубон" Ин мактуб аз Халифаи Расулуллоҳ (с) дар рӯи замин Абӯбакр ба наслҳои Дорӣ дар ин хусус, ки заминҳои Ҳибрӣ ва Айнуни онҳо зарар набинад. Ҳар кас ба Аллоҳ ва Расулаш итоат кунад, ба ягон чизи ин ду деҳа ягон зарар нарасонад. Дар ҳар ду деҳа дарвоза сохта, аз фасодкорон онро ҳимоя кунанд"

Халифа ҳақ дорад, ки барои ҳисобу китоб ҳар қадар котиб лозим бошад, ҳамон қадар таъин кунад. Ҳатто амали воҷиб агар танҳо бо таъин намудани онҳо иҷро гардад, ин таъин то ба дараҷаи воҷибият мерасад. Бинобар ривоятҳои аҳли сират, Расулуллоҳ (с) тақрибан бист нафар котиб доштанд. Бухорӣ дар "Саҳеҳ" ривоят мекунад: "Расулуллоҳ (с) ба Зайд ибни Собит фармуданд, ки алифбои яҳудиҳоро омӯзад ва мактуби онҳоро барои Расулуллоҳ (с) бихонад. Зайд дар понздаҳ рӯз онро азхуд кард. Ибни Исҳоқ аз Абдуллоҳ ибни Зубайр ривоят мекунад:

**" اِسْتَكْتَبَ عَبْدَ اللهِ ابْنَ الْأَرْقَمِ بْنِ عَبْدِ يَغُوْثَ، وَكَانَ (С)أَنَّ رَسُوْلَ اللهِ**
**يُجِيْبُ عَنْهُ الْـمُلُوْكَ..."**

"**Расулуллоҳ (с) аз Абдуллоҳ ибни Арқам ибни Абдуяғус дархост намуданд, ки мактуб нависад. Ӯ аз номи Пайғамбар (с) ба подшоҳон мактуби ҷавобӣ менавишт...**" Байҳақӣ аз Абдуллоҳ ибни Умар ривоят мекунад:

" أَتَى النَّبِيَّ كِتَابُ رَجُلٍ، فَقَالَ لِعَبْدِ اللهِ بْنِ الْأَرْقَمِ: أَجِبْ عَنِّيْ، فَكَتَبَ جَوَابَهُ، ثُمَّ قَرَأَهُ عَلَيْهِ فَقَالَ: أَصَبْتَ وَأَحْسَنْتَ اللهُمَّ وَفِّقْهُ"

"**Ба Набӣ (с) аз номи касе мактуб омад. Пайғамбар (с) ба Абдуллоҳ ибни Арқам гуфтанд, ки "Аз номи ман ба вай мактуби ҷавобӣ навис**" Ӯ мактуби ҷавобиро навишт ва барои Пайғамбар (с) онро қироат кард. Пайғамбар (с) гуфтанд: "Хеле дуруст ва зебо навиштаӣ. Эй Аллоҳ, ӯро ба некиҳо муваффақ гардон" Муҳаммад ибни Саъд бо санад аз Алӣ ибни Муҳаммади Мадоинӣ ривоят намуда, бо фармони Расулуллоҳ (с) ба қабилаи Мурра мактуб навиштани Муҳаммад ибни Масламаро зикр мекунад. Аҳднома ва созишномаҳои сулҳро, ки Пайғамбар (с) мебастанд, Алӣ ибни Абӯтолиб менавишт. Аммо дар дасти Муайқиб ибни Абӯфотима ангуштарини Пайғамбар (с) меистод, яъне ӯ мӯҳр дошт. Бухорӣ дар "Таърих" аз Муҳаммад ибни Башшор, ӯ аз бобояш Муайқиб ривоят кардааст:

" كَانَ خَاتَمُ رَسُوْلِ اللهِ مِنْ حَدِيْدٍ مُلَوَّنٍ عَلَيْهِ فِضَّةٌ كَانَ بِيَدِيْ. وَكَانَ الْـمُعَيْقِيْبُ عَلَى خَاتَمِ رَسُوْلِ اللهِ "

"**Мӯҳри Расулуллоҳ (с) аз оҳани бо нуқра рӯкашшуда буд. Он дар дасти ман меистод**"

## Чорум: Волиҳо

Волӣ шахсест, ки аз тарафи Халифа дар яке аз вилоятҳои Давлати Хилофат ҳоким таъин мегардад.

Қаламрави мамлакате, ки давлат ҳукмронӣ мекунад, ба якчанд воҳидҳои ҳудудӣ тақсим мешавад. Ҳар як воҳиди ҳудудиро вилоят меноманд. Ҳар як вилоят боз ба якчанд воҳиди ҳудудӣ тақсим шуда, ҳар яки онҳоро амола меноманд. Шахсе, ки вилоятро идора мекунад, онро волӣ ва шахсе, ки амоларо идора мекунад, омил ёки ҳоким меноманд.

Амола низ дар навбати худ ба якчанд воҳиди идорӣ тақсим мешавад, ки ба ҳар як кадоми он қасаба ном мегузоранд. Қасаба низ ба воҳидҳои хурдтари идорӣ тақсим шуда, ҳар кадоми он ҳай (маҳалла) номида мешавад. Роҳбари қасаба ва маҳалларо мудир меноманд. Зеро вазифаи ӯ низ ба идора вобаста аст.

Волиён ҳокимонанд. Чунки волигӣ дар ин ҷо ба маънои ҳоким омадааст. Дар "Қомуси муҳит" гуфта шудааст, ки ин калима маъноҳои амирӣ ва салтанатро мефаҳмонад. Модом ки волигӣ ҳокимӣ аст, пас барои волӣ шудан низ ёфт шудани шартҳои ҳоким лозим мебошад. Яъне шарт аст, ки волӣ озод, мусулмон, болиғ, оқил, одил ва лаёқатманд бошад. Волиро Халифа ё муовини вай доир ба ин масъала таъин мекунад. Зеро волӣ танҳо аз ҷониби Халифа таъин карда мешавад. Ба волигӣ ё амирӣ таъин кардан дар асл аз корҳои Пайғамбар (с) аст. Дар ривоятҳо собит шудааст, ки Пайғамбар (с) волиёнро ба вилоятҳо таъин кардаанд ва ҳуқуқи идора намудани воҳидҳои ҳудудии муайянро додаанд. Масалан, Муоз ибни Ҷабалро ба Ҷанад, Зиёд ибни Лабидро ба Ҳазрамавт ва Абӯмусои Ашъариро ба Забид ва Адан волӣ таъин кардаанд.

Пайғамбар (с) ба волигӣ ва ҳукмронӣ одамони муқтадир, олим, ботақво ва машҳурро интихоб мекарданд, ки кори худро бо пухтагӣ анҷом медиҳанд ва дар дили шаҳрвандон имон ва маҳобати давлатро ҷой мекунанд. Сулаймон ибни Бурайда аз падараш ривоят мекунад:

" كَانَ رَسُولُ اللهِ إِذَا أَمَّرَ أَمِيرًا عَلَى جَيْشٍ أَوْ سَرِيَّةٍ أَوْصَاهُ فِي خَاصَّتِهِ بِتَقْوَى اللهِ. وَمَنْ مَعَهُ مِنَ الْـمُسْلِمِينَ خَيْرًا"

"**Пайғамбар (с), агар ба ягон лашкар амир таъин намоянд, васият мекарданд, ки хусусан худаш аз Аллоҳ тақво кунад ва ба мусулмонон некӣ кунад**" Ин ҳадисро Муслим ривоят кардааст. Волӣ низ амири вилояти худаш аст. Бинобар ин ҳадиси мазкур ба вай ҳам тааллуқ дорад.

Волиро аз рӯи фикри Халифа, норозигии аҳолии вилоят ё вакилони аҳолии вилоят ва ӯро напазируфтани мардум аз волигӣ сабукдӯш мекунанд. Бинобар ин бо ду мақсад ба маҷлиси вилоятӣ интихоб намудани вакилонро табаннӣ мекунем. Якум, кӯмак расондан ба волӣ дар донистани воқеи вилояти худ, зеро вазъияти вилоятро аҳолии он беҳтар медонанд. Бинобар ин волӣ аз маълумотҳои онҳо барои дуруст кор бурдан истифода мекунад. Дуюм, агар лозим шавад, дар хусуси чӣ гуна кор бурдани волӣ фикри маҷлисро гирифтан мебошад. Агар аксари аъзоёни маҷлис аз волӣ шикоят кунанд, Халифа ӯро аз кор сабукдӯш мегардонад. Зеро Пайғамбар (с) Ало ибни Ҳазрамиро ба Баҳрайн омил таъин карда буданд, лекин бо сабаби шикояти вакилони Абдулқайс ӯро сабукдӯш намудаанд. Халифа ҳақ дорад, ки бе ягон сабаб низ волиро аз кор сабукдӯш созад. Пайғамбар (с) Муоз ибни Ҷабалро аз волигии Яман бе ягон сабаб сабукдӯш кардаанд. Умар ибни Хаттоб низ волиёнро гоҳ бе сабаб ва гоҳ бо сабаб сабукдӯш менамуданд. Масалан, Зиёд ибни Абӯсуфёнро аз кор гирифта, лекин сабабашро баён накардаанд. Аммо Саъд ибни Абӯваққосро бо сабаби шикояти мардум сабукдӯш намуда гуфтанд, ки: "Ман ӯро на барои ноӯҳдабароӣ ва на барои хиёнат сабукдӯш кардаам" Аз ин далелҳо бармеояд, ки Халифа метавонад дар вақти дилхоҳ волиро аз кор сабукдӯш гардонад. Аммо ҳангоми шикояти аҳолии вилоят сабукдӯш сохтани ӯ ба Халифа воҷиб мешавад.

Дар асрҳои пеш волигӣ ба ду қисм ҷудо мешуд, волии хироҷ ва волии намоз. Бинобар ин дар китобҳои таърих ду хел ибора, амири намоз ва амири хироҷ вомехӯрад. Яъне амир дар намозу хироҷ, ё танҳо дар намоз, ё танҳо дар хироҷ амирӣ кардааст. Амирӣ ё волигӣ дар намоз танҳо маънои дар намози мардум имом шуданро намефаҳмонад. Маънои он ғайр аз молия идора кардани тамоми корҳои дигар мебошад. Лафзи намоз ғайр аз ғундоштани мол тамоми корҳои идориро мефаҳмонад. Агар волӣ ҳам дар намоз ва ҳам дар хироҷ волигӣ кунад, волигии вай умумӣ, яъне волигии номаҳдуд ҳисоб меёбад. Агар танҳо дар хироҷ ё танҳо дар намоз волигӣ кунад, волигии вай хусусӣ, яъне волигии маҳдуд будааст.

Ин корҳо ба раъйи Халифа вобаста мешавад. Мумкин аст, ки ӯ волиро танҳо ба хироҷ, ё танҳо ба қозигӣ, ё ғайр аз молия, қозигӣ ва артиш ба корҳои дигар хос гардонад. Барои идораи давлат ё вилоят кадом роҳеро муносиб донад, ҳамонро мекунад. Зеро шариат барои волӣ вазифаи муайян таъин накардааст. Шарт нест, ки тамоми корҳои доир ба ҳокимият дар дасти вай бошад. Танҳо муайян гардидааст, ки кори волӣ ё амир ҳукумат ва салтанат аст, ӯ ноиби Халифа мебошад. Пайғамбар (с) ҳамин тавр кардаанд. Он кас маҳдуд кардан ё накардани волиро дар ихтиёри Халифа гузоштаанд. Ин ҳолатро дар корҳои Пайғамбар (с) мебинем. Он кас ҳам волии умумӣ, яъне номаҳдуд ва ҳам волии хусусӣ, яъне маҳдуд таъин намудаанд. Амр ибни Ҳазмро ба Яман волии умумӣ, аммо Алӣ ибни Абӯтолибро фақат ба қозигӣ волӣ таъин карданд. Дар сирати Ибни Ҳишом омадааст, ки Пайғамбар (с) Фарва ибни Мусайкро ба қабилаҳои Мурод, Забид ва Мазҳаҷ волӣ таъин намуданд, ҳамроҳи вай Холид ибни Саъид ибни Осро волии закот таъин намуда фиристоданд. Ҳамин тавр боз ворид шудааст, ки Зиёд ибни Лабиди Ансориро ба Ҳазрамавт ва ҳамчунин ба закотҳои он ҷо волӣ таъин намуданд. Алӣ ибни Абӯтолибро барои ғундоштани закот ва ҷизяҳо ба Наҷрон фиристоданд. Боз он касро ба Яман қозӣ таъин карданд. (Ҳоким ҳамин тавр гуфтааст). Дар "Истиоб" омадааст, ки Пайғамбар (с) Муоз ибни Ҷабалро ба Ҷанад фиристоданд, то ба мардум Қуръон ва шариати Исломро таълим дода, ба онҳо қозигӣ кунад. Ҳамчунин супориш доданд, ки аз омилони Яман закотҳоро ғундорад.

Гарчанд Халифа ҳуқуқ дорад, ки ваколатҳои волиро маҳдуд ё номаҳдуд кунад, яъне волии умумӣ ё хусусӣ таъин карда метавонад, лекин дар даврони Хилофати Аббосиҳо давлат заиф гашта, волигии умумӣ барои мустақил шудани вилоятҳо имкон фароҳам овард. Дар натиҷа вазъият то ба ҷое расид, ки ба ҷуз аз дуо кардан дар ҳаққи Халифа ва сикка задани пулҳо бо номи вай дигар аз ҳукмрониаш чизе боқӣ намонд. Хуллас, волигии умумӣ ба Давлати Ислом зарар овард.

Чи тавре ки маълум шуд, волӣ метавонад умумӣ бошад, метавонад хусусӣ бошад, ҳамчунин маълум гашт, ки волии ом метавонад барои давлат зарар ва хатар эҷод кунад. Бинобар ин дар натиҷаи омӯхтани воқеъ мо табаннӣ кардем, ки ҳангоми намоён гаштани заифии волӣ барои аз Халифа мустақил шудан бояд ба корҳои муайян хос гардонда шавад. Яъне ба корҳои ғайр аз артиш, қозигӣ ва молия маҳдуд гардад. Ин се кор монанди дигар дастгоҳҳои давлат бе воситаи волӣ мустақилона ба Халифа итоат мекунад.

Волӣ аз як вилоят ба вилояти дигар гузаронида намешавад. Аз волигии як вилоят сабукдӯш ва ба вилояти дигар таъин карда намешавад. Зеро Пайғамбар (с) волиҳоро танҳо сабукдӯш кардаанду халос. Ҳеҷ гуна ривояте вуҷуд надорад, ки эшон як волиро сабукдӯш карда, ба ҷои дигар волӣ таъин намуда бошанд. Ҳамин тавр волигӣ ақдест, ки бо лафзи ошкор баста мешавад. Дар ақдномаи волигӣ ба минтақа ё шаҳр ҳудуди он ҷо аниқ нишон дода мешавад. То замони сабукдӯш гардидан аз тарафи Халифа ваколати ҳукмронии волӣ дар ҳамон ҳудуд боқӣ мемонад. То замони аз кор сабукдӯш гардидан волӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин агар ба ҷои дигар кӯчонида шавад, бо ин сабаб аз ҷои пешина сабукдӯш ва ба ҷои нав таъин ҳисоб намеёбад. Зеро барои аз кор сабукдӯш кардани вай бояд дар бораи сабукдӯш карданаш ошкоро бигӯяд. Ба ҷои дигар таъин шуданаш ҳам тақозо мекунад, ки таъини он ошкоро гуфта шавад. Бар ин асос мегӯем, ки волӣ аз як ҷо ба ҷои дигар гузаронида намешавад. Балки ӯро аз як ҷо сабукдӯш гардонда, ба ҷои дигар таъин мекунанд.

### Тафтиш намудани корҳои волӣ вазифаи Халифа мебошад

Лозим аст, ки Халифа ҳамеша волиро тафтиш кунад, сахт зери назорат бигирад, бе восита ё ба воситаи ягон ноибаш тафтиш кунад. Ҳамчунин лозим аст, ки муовинон оид ба вилоятҳо аҳволи вилоятҳоро пайгирӣ намуда, ба таври доимӣ Халифаро аз он хабардор созанд. Ин кор, чунон ки дар боло гуфтем, монанди кори муовини тафвиз бо тадбир мешавад. Танҳо дар ҳамин сурат

Халифа аз аҳвол ва корҳои волиҳо ба таври доимӣ хабардор мегардад. Ҳамчунин гоҳ-гоҳ бояд ҳамаи волиҳо ё як қисмашонро дар як ҷо ҷамъ оварда, шикоятҳои шаҳрвандонро аз болои онҳо дида барояд.

Тавре ки собит шудааст, Набӣ (с) волиҳоро пеш аз таъин кардан ба вилоят озмудаанд. Масалан, бо Муоз ва Абӯмӯсо ҳамин тавр кардаанд. Ба онҳо чӣ гуна кор бурданро тавсия додаанд. Масалан, ба Амр ибни Ҳазм чунин кардаанд. Онҳоро аз баъзе корҳои муҳим огоҳ намудаанд. Масалан, вақте ки Абон ибни Саидро ба Баҳрайн волӣ таъин карданд, ба ӯ гуфтаанд:

"اِسْتَوْصِ بِعَبْدِ قَيْسٍ خَيْراً وَأَكْرِمْ سَراتِهِمْ"

"**Бо Абдуқайс хуб муомила кун ва эҳтироми бузургонашонро ба ҷо биёр**" Аз Пайғамбар (с) собит шудааст, ки волиҳоро тафтиш мекарданд, ҳисобот мегирифтанд ва ҳамеша аз хабарҳо дар бораи онҳо огоҳ шуда меистоданд. Дар бораи бароmadу даромадҳо аз волиҳо ҳисобот талаб мекарданд. Бухорӣ ва Муслим аз Абӯҳамиди Соидӣ чунин ривоят мекунад:

" أَنَّ النَّبِيَّ اسْتَعْمَلَ ابْنَ الُّتْبِيَّةِ عَلَى صَدَقَاتِ بَنِي سُلَيْمٍ، فَلَمَّا جَاءَ إِلَى رَسُولِ اللهِ وَحَاسَبَهُ، قَالَ: هَذَا الَّذِي لَكُمْ، وَهَذِهِ هَدِيَّةٌ أُهْدِيَتْ لِي. فَقَالَ رَسُولُ اللهِ فَهَلَّا جَلَسْتَ فِي بَيْتِ أَبِيكَ وَبَيْتِ أُمِّكَ حَتَّى تَأْتِيَكَ هَدِيَّتُكَ إِنْ كُنْتَ صَادِقًا..."

"**Пайғамбар (с) Ибни Лутбияро барои ғундоштани закотҳои Банӣ-Салим фиристоданд. Вақте ки омад, Пайғамбар (с) аз ӯ ҳисобот талаб намуданд. Ӯ гуфт: "Инҳо аз они шумо ҳастанд ва инҳоро ба ман ҳадя карданд**" Пас Расулуллоҳ (с) гуфтанд: "**Агар суханат рост бошад, пас чаро дар хонаи падару модарат нанишастӣ, то ба ту ҳадя биёранд?**" Махсусан, Умар (с) волиҳоро хеле сахт тафтиш намудааст. Он кас Муҳаммад ибни Масламаро вазифадор кард, ки волиҳоро тафтиш намуда, аз корҳояшон

бохабар шавад. Худаш дар мавсими ҳаҷ волиҳоро ҷамъ оварда, корҳои анҷомдодаи онҳоро дида мебаромад, ба шикояти шаҳрвандон гӯш меандохт, дар бораи корҳои вилоят маслиҳат мекард ва ҳамеша аз аҳволи онҳо бохабар мешуд. Дар як ривоят омадааст, ки Умар (р) рӯзе ба атрофиёнаш мегӯяд: "Агар касеро бар шумо волӣ таъин кунам, ки сазовор медонам ва ӯро ба адолат бифармоям, дар ин сурат вазифаамро ба ҷо овардаам?" Онҳо "оре" гуфта ҷавоб медиҳанд. Умар (р) мегӯяд: "На, то аниқ надонам, ки кори фармудаамро иҷро кардааст ё на вазифаамро ба ҷо наовардаам" Он кас аз волиҳо хеле сахт ҳисобот мегирифт. Ончунон сахт мегирифт, ки гарчанд далели қатъӣ набошад ҳам, бо шубҳа ва ҳатто бо шубҳаи заиф ҳам аз кор сабукдӯш мекард. Рӯзе дар ин хусус чун аз эшон пурсиданд, дар ҷавоб гуфт: "Ислоҳ кардани як қавм бо иваз намудани амире ба ҷои амири дигар барои ман осонтар аст" Илова бар сахтгирӣ онҳоро салоҳият медод, ҳайбаташонро дар ҳокимият ҳифз мекард, суханонашонро мешунид, ҳуҷҷатҳояшонро гӯш мекард, агар ҳуҷҷатҳо қаноатбахш мебуданд, инро пинҳон надошта, ба онҳо таҳсин мехонд. Рӯзе волии Ҳимс Умайр ибни Саъд бар минбари Ҳимс баромада мегӯяд: "Модом ки султон устувор бошад, Ислом низ устувор меистад. Устувории султон на дар қатл намудан бо шамшер ё кӯфтан бо тозиёна, балки дар ҳукм баровардан бо ҳақ ва маҳкам доштани адолат мебошад" Умар (р) ин хабарро шунида мегӯяд: "Кош монанди Умайр ибни Саъд боз марде бошад, ки ӯро бар мусулмонон волӣ таъин кунам"

## Ҷиҳод

Ҷиҳод барҷастатарин қуллаи Ислом аст. Он тариқати асосии ба хориҷ баровардани даъвати Ислом мебошад. Ба хориҷ баровардани даъвати Ислом баъди аз татбиқ кардани он дар дохил аз корҳои асосии Давлати Ислом ба шумор меравад.

Ҷиҳод ҷангест, ки дар роҳи Аллоҳ барои олӣ гардондани калимаи Аллоҳ пеш бурда мешавад. Лекин барои ҷанг артиш, омодагӣ, силоҳҳои ҷангӣ, афсару сарбоз, тамринот, кӯмак ва

таъминот лозим аст. Барои артиш силоҳ даркор аст, барои силоҳ саноат. Бинобар ин барои артиш ва ҷиҳод саноат зарур мебошад. Аз ин ҷиҳат тамоми корхонаҳои давлат бояд дар асоси саноати ҳарбӣ бунёд гарданд.

Ҳамчунин барқарории вазъияти дохилӣ матонати ҷангии артишро пурзӯр мекунад. Агар вазъияти дохилӣ ноустувор ва ноором бошад, артиш аз ҷиҳод барканор шуда, ба корҳои дохилӣ машғул мегардад. Агар рафту ба ҷиҳод барояд ҳам, нооромии дохилӣ дар қафо қудрати ӯро барои давом додани ҷанг заиф мекунад.

Ғайр аз ин, меҳвари асосии алоқаҳои хориҷӣ паҳнкунии даъвати Ислом мебошад.

Барои ин корҳо чор идора мавҷуд аст: артиш, амнияти дохилӣ, саноат ва корҳои хориҷӣ. Халифа ҳақ дорад, ки ин идораҳоро дар як идора муттаҳид намуда, ба он як амир таъин кунад. Зеро ҳамаи инҳо идораҳое ҳастанд, ки ба ҷиҳод тааллуқ доранд.

Ҳамчунин мумкин аст, ки инҳо алоҳида-алоҳида бошанд. Дар ин сурат Халифа барои ҳар кадоми онҳо амири алоҳида таъин мекунад. Лашкар амир ва фармондеҳи алоҳида дорад. Зеро Пайғамбар (с) дар ғазотҳо амиронеро таъин мекарданд, ки ба саноат алоқа надоштанд. Ба саноат амири ҷудогона таъин менамуданд. Ҳамчунин ба идораҳои монанди пулиси амнияти дохилӣ, посбонӣ, идораи мубориза бар зидди дуздӣ ва ғоратгарӣ… амир таъин карда мешавад. Доир ба муносибатҳои байналхалқӣ низ ҳамчунин аст. Расулуллоҳ (с) дар замони худ ба подшоҳону ҳокимон номаҳо мефиристоданд, ки ба ҳамин далолат мекунад.

Ба ҳар як кадоми ин идораҳо масъул таъин намудан ва онҳоро ҷудогона кардан бо далелҳои зерин исбот шудааст:

### Якум: Артиш

Расул (с) дар ҷанги Мӯъта Зайд ибни Ҳорисаро, агар ӯ шаҳид шавад, дигаронро амир таъин намудаанд. Дар ривояти ибни Саъд Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" أَمِيْرُ النَّاسِ زَيْدُ ابْنُ حَارِثَةَ، فَإِنْ قُتِلَ فَجَعْفَرُ بْنُ أَبِيْ طَالِبٍ، فَإِنْ قُتِلَ فَعَبْدُ اللهِ بْنُ رَوَاحَةَ، فَإِنْ قُتِلَ فَلْيَرْتَضِ الْـمُسْلِمُوْنَ بَيْنَهُمْ رَجُلاً فَيَجْعَلُوْهُ عَلَيْهِمْ"

"**Амири мардум Зайд ибни Ҳориса аст. Агар ӯ кушта шавад, Ҷаъфар ибни Абӯтолиб аст. Агар ӯ низ кушта шавад, Абдуллоҳ ибни Равоҳа аст. Агар ӯ низ кушта шавад, мусулмонон машварат намуда, ягон касро аз миёни худ амир интихоб кунанд**" Бухорӣ аз Абдуллоҳ ибни Умар ривоят мекунад: "**Пайғамбар (с) дар ғазоти Мӯъта Зайд ибни Ҳорисаро амир таъин намуданд...**" Бухорӣ аз ҳадиси Салама ибни Акваъ ривоят мекунад: "Ҳамроҳи Зайд ғазот кардам. Ӯ ба мо амирӣ мекард" Бухорӣ ва Муслим аз Абдуллоҳ ибни Умар ривоят мекунанд:

" بَعَثَ النَّبِيُّ بَعْثًا، وَأَمَّرَ عَلَيْهِمْ أُسَامَةَ بْنَ زَيْدٍ، فَطَعَنَ بَعْضُ النَّاسِ فِي إِمَارَتِهِ، فَقَالَ النَّبِيُّ أَنْ تَطْعُنُوا فِي إِمَارَتِهِ فَقَدْ كُنْتُمْ تَطْعُنُونَ فِي إِمَارَةِ أَبِيهِ مِنْ قَبْلُ، وَايْمُ اللهِ إِنْ كَانَ لَخَلِيقًا لِلْإِمَارَةِ..."

"**Пайғамбар (с) лашкареро сафарбар намуда, ба онҳо Усома ибни Зайдро амир таъин карданд. Баъзе мардум амирии ӯро написандиданд. Он гоҳ Пайғамбар (с) гуфтанд: "Имрӯз амирии ӯро намеписандед, ҳол он ки қаблан амирии падари ӯро низ написандида будед. Қасам ба Аллоҳ, ки ӯ ба амирӣ шоиста буд...**" Саҳобагон лашкари Мӯътаро "лашкари амирон" меномиданд. Муслим аз Бурайра ривоят мекунад: "Пайғамбар (с) ҳангоми ба ягон лашкар ё сария (даста) амир таъин кардан ба онҳо тавсияҳо медоданд..."

Абӯбакр дар ҷанги зидди муртадҳо ва ҷанги Ярмук Холидро амир таъин намуданд. Як ровӣ бо номи Халифа гуфт: "Амирии мардум ба Холид супорида шуд. Собит ибни Қайс ибни Шаммос ба

ансориён ва Холид бар ҳамаи онҳо амир таъин карда шуд" Дар ҷанги Ярмук Абӯбакр ҷанговарони Шомро ҷамъ оварда, ба Холид супорид. Ибни Ҷарир мегӯяд: "Вақте ки дар Ироқ буд, ба ӯ одам фиристод, ки ба Шом биёяд ва ба (сарбозони) он ҷо амир шавад" Умар (р) низ сарбозони Шомро ҷамъ оварда, ба Абӯубайда супорид. Ибни Асокир мегӯяд: "Ӯ дар Шом аввалин шуда номи "амири амирон"-ро гирифт"

## Дуюм: Амнияти дохилӣ

Бухорӣ аз Анас (с) ривоят мекунад:

" إِنَّ قَيْسَ بْنَ سَعْدٍ كَانَ يَكُونُ بَيْنَ يَدَيْ النَّبِيِّ بِمَنْزِلَةِ صَاحِبِ الشُّرَطِ مِنَ الْأَمِيرِ"

"**Қайс ибни Саъд дар ҳузури Набӣ (с) ба манзалаи сардори миршабҳо дар назди амир буд**" Дар ин ҷо Қайс ибни Саъд ибни Убодаи Ансории Хазраҷӣ дар назар дошта шудааст. Тирмизӣ ривоят мекунад:

" كَانَ قَيْسُ بْنُ سَعْدٍ مِنَ النَّبِيِّ بِمَنْزِلَةِ صَاحِبِ الشُّرَطِ مِنْ الْأَمِيرِ. قَالَ الْأَنْصَارِيُّ: يَعْنِي مِمَّا يَلِي مِنْ أُمُورِهِ"

"**Қайс ибни Саъд дар назди Набӣ (с) ба манзалаи сардори миршаб дар назди амир буд. Ансорӣ мегӯяд: Яъне дар идора кардани корҳо**" Ибни Ҳиббон ин ҳадисро посбонӣ аз даромадани мушрикон ба маҷлиси Мустафо алайҳиссалом гуфта тавзеҳ додааст.

Бухорӣ ривоят мекунад, ки Расул (с) боре Алӣ ибни Абӯтолибро ба коре фиристоданд. Алӣ (р) мегӯянд:

" بَعَثَنِي رَسُولُ اللهِ وَالزُّبَيْرَ وَأَبَا مَرْثَدٍ، وَكُلُّنَا فَارِسٌ، قَالَ: انْطَلِقُوا حَتَّى تَأْتُوا رَوْضَةَ حَاجْ، هَكَذَا قَالَ أَبُو عَوَانَةَ حَاجْ، وَفِيْ رِوَايَةٍ خَاخْ، فَإِنَّ فِيهَا امْرَأَةً مَعَهَا صَحِيفَةٌ مِنْ حَاطِبِ بْنِ أَبِي بَلْتَعَةَ إِلَى الْـمُشْرِكِينَ، فَأْتُوْنِيْ بِهَا، فَانْطَلَقْنَا

**عَلَى أَفْرَاسِنَا حَتَّى أَدْرَكْنَاهَا، حَيْثُ قَالَ لَنَا رَسُولُ اللهِ ، تَسِيرُ عَلَى بَعِيرٍ لَهَا، وَقَدْ كَانَ كَتَبَ إِلَى أَهْلِ مَكَّةَ بِمَسِيرِ رَسُولِ اللهِ إِلَيْهِمْ. فَقُلْنَا: أَيْنَ الْكِتَابُ الَّذِي مَعَكِ؟ قَالَتْ: مَا مَعِي كِتَابٌ. فَأَنَخْنَا بِهَا بَعِيرَهَا، فَابْتَغَيْنَا فِي رَحْلِهَا فَمَا وَجَدْنَا شَيْئًا. فَقَالَ صَاحِبَايَ: مَا نَرَى مَعَهَا كِتَابًا. فَقُلْتُ لَقَدْ عَلِمْنَا مَا كَذَبَ رَسُولُ اللهِ ثُمَّ حَلَفَ عَلِيٌّ: وَالَّذِي يُحْلَفُ بِهِ لَتُخْرِجِنَّ الْكِتَابَ أَوْ لَأُجَرِّدَنَّكِ. فَأَهْوَتْ إِلَى حُجْزَتِهَا، وَهِيَ مُحْتَجِزَةٌ بِكِسَاءٍ، فَأَخْرَجَتِ الصَّحِيفَةَ فَأَتَوْا بِهَا رَسُولَ اللهِ..."**

**"Пайғамбар (с) ман, Зубайр ва Абўмурсидро фиристода гуфтанд: "Чун ба боғи Ҳоҷ мерасед, (дар ривояти Абўавона "Ҳоҷ" ва дар ривояти дигар "Хох" гуфта шудааст) бо зане дучор меоед. Дар дасти вай мактуби Ҳотиб ибни Абўбалтаа ҳаст, ки ба мушрикон навиштааст, онро гирифта биёред" Ба аспҳо нишаста равон шудем. Айнан дар ҳамон ҷое, ки Пайғамбар (с) гуфта буданд, ба ў дучор омадем. Ў шутурсавор мерафт. Ҳотиб ба маккагиҳо мактуб фиристода, дар хусуси ба сўи онҳо сафарбар шудани Пайғамбар (с) хабар дода будааст. Аз зан мактубро пурсидем. Ў дар ҷавоб гуфт: "Дар дасти ман ҳеҷ гуна мактуб нест" Сипас шутурашро хобонда, аз он ҷустуҷў кардем, аммо ҳеҷ чиз наёфтем. Дўстонам гуфтанд: "Ба фикри мо, дар дасти вай мактуб нест" Ман гуфтам: "Мо хуб медонем, ки Пайғамбар (с) дурўғ намегўянд" Баъд Алӣ қасам хўрд, ки ё мактубро мебарорӣ, ё туро тани бараҳна мекунам. Сипас зан ба сўи миёнбандаш хам шуда, (ў як куртаро миёнбанд карда, барбаста буд) мактубро баровард. Онро гирифта ба назди Пайғамбар (с) оварданд..."**

## Сеюм: Саноат

Расул (с) фармуданд, ки манҷаниқ ва аррода, яъне даббоба* бисозанд. Байҳақӣ дар "Сунан" аз Абўубайда (р) ривоят мекунад: "Баъд Пайғамбар (с) аҳолии Тоифро ҳафт рўз дар муҳосира

гирифта, дар муқобили онҳо манҷаниқ сохтанд" Абӯдовуд дар "Маросил" аз Макҳул ривоят мекунад: "Пайғамбар (с) бар муқобили аҳолии Тоиф манҷаниқ сохтанд" Санъонӣ дар "Субулуссалом" ровиёни ин ҳадисро боваринок гуфтааст. Муаллифи "Сирати Ҳалабия" мегӯяд: "Ба он кас Салмони Форсӣ роҳи манҷаниқсозиро нишон доданд. Ӯ гуфт: "Мо дар Форс бар муқобили қалъаҳо манҷаниқҳо месохтем. Бо ин васила душманро маҳв мекардем" Чунон ки мегӯянд, манҷаниқро Салмони Форсӣ бо дастони худаш месохтааст" Ибни Қайим дар "Зодулмаод" ва Ибни Ҳишом дар "Сират" аз Ибни Исҳоқ ривоят мекунанд: "Дар назди девори Тоиф якчанд саҳобии Пайғамбар (с) дар зери даббоба ба девори Тоиф наздик шуда, хостанд, ки онро оташ зананд. Сақиф бар муқобили онҳо оҳанпораҳои тафсонро ҳаво дод. Дар натиҷа аз зери даббоба баромаданд. Он гоҳ Сақиф ба сӯи онҳо найза партофт ва бисёр касонро кушт"

Манҷаниқро Салмон маслиҳат додааст. Чунон ки мегӯянд, ӯ манҷаниқро бо дастони худаш сохтааст. Барои ин мебояд, ки аз Пайғамбар (с) супориш бигирад. Дар "Сирати Ҳалабия" гуфта шудааст, ки "ба он кас Салмони Форсӣ роҳи манҷаниқсозиро нишон додааст", яъне ин корро маслиҳат додааст. Аз инҳо маълум мешавад, ки саноати ҳарбӣ ба ҷумлаи вазифаҳои Халифа медарояд. Барои ин ӯ аз мутахассисон истифода мекунад. Барои ин кор на амир, балки мудир даркор аст. Салмон на амири саноати ҳарбӣ, балки мудири саноати манҷаниқ будааст. Мумкин аст, ки онро бо дастони худаш ҳам бисозад. Хуллас, сохтани корхонаҳои ҳарбӣ фарз аст. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَأَعِدُّواْ لَهُم مَّا اسْتَطَعْتُم مِّن قُوَّةٍ وَمِن رِّبَاطِ الْخَيْلِ تُرْهِبُونَ بِهِ عَدْوَّ اللّهِ وَعَدُوَّكُمْ

"**Ва дар баробари онҳо то метавонед нерӯ ва аспони саворӣ омода кунед, то душманони Аллоҳ ва душманони худ ва ҷуз онҳо, ки шумо намешиносед ва Аллоҳ мешиносадро битарсонед**" [8:60]

Сухани Аллоҳ Таоло дар ояти мазкур бе омодагӣ амалӣ намегардад. Омодагӣ вуҷуди корхонаҳоро тақозо мекунад. Бинобар ин ояти мазкур бо далолати илтизом ё бинобар қоидаи "Ҳар он чӣ ки воҷиб танҳо бо воситаи он амалӣ мегардад, воҷиб аст" ба фарзияти сохтани корхонаҳои ҳарбӣ далолат мекунад.

Корхонаҳое, ки Аллоҳ ба давлат воҷиб гардондааст, танҳо корхонаҳои ҳарбӣ нестанд. Бар давлат сохтани корхонаҳои дигар низ лозим аст. Онҳо дар китоби "Молҳо дар давлати Хилофат" ба таври зерин баён карда шудаанд:

"Корхонаҳо. Аз ҷиҳати зарурати ҳимояи манфиатҳои мардум бар давлат воҷиб аст, ки ду навъи корхонаҳоро бисозад:

Ба навъи якум корхонаҳое дохил мешаванд, ки ба мулки омма тааллуқ доранд. Монанди корхонаҳои истихроҷ, коркард ва гудозиши маъданҳо, корхонаҳои истихроҷ ва коркарди нафт" Ин гуна корхонаҳо бо эътибори ашёи хоме, ки дар онҳо коркард мешавад, мулки омма ба ҳисоб мераванд. Мулки омма мулки ҳамаи мусулмонҳо мебошад. Пас ин корхонаҳо мулки ҳамаи мусулмонҳо ҳисоб мешавад. Давлат ҳамчун вакили мусулмонон онҳоро месозад ва идора мекунад.

Ба навъи дуюми корхонаҳо саноати вазнин ва ҳарбӣ медарояд. Ин навъи корхонаҳо метавонанд, шахсӣ бошанд. Зеро онҳо аз ҷумлаи мулкҳои шахсӣ ҳастанд. Аммо азбаски барои ин гуна корхонаҳо маблағи хеле зиёд зарур аст ва шахс ин гуна маблағро бо осонӣ пайдо карда наметавонад, ҳамчунин дар замони Пайғамбар (с) силоҳҳо мулки шахсӣ буданд, аммо имрӯз силоҳ мулки шахсӣ набуда, ба мулки давлат табдил ёфтааст, пас иҷрои ин кор бар зиммаи давлат мебошад. Зеро масъулияти ҳукмронӣ ҳаминро талаб мекунад. Махсусан имрӯзҳо силоҳ ба дараҷаи даҳшатнок ривоҷ ёфтааст. Воситаҳои истеҳсоли он хеле сангин буда, маблағи зиёдро талаб карда истодааст. Бинобар ин сохтмону идораи корхонаҳои саноати вазнин ва корхонаҳои саноати силоҳсозӣ ба зиммаи давлат бор карда мешавад. Ин сухан маъно

надорад, ки сохтани чунин корхонаҳо аз тарафи шахсон мамнӯъ мегардад"

Сохтани ин гуна корхонаҳо вазифаи давлат, яъне вазифаи Халифа мебошад. Халифа барои ин кор як сармудир таъин мекунад ва ин сармудир бо Халифа ё вакили вай ба таври доимӣ алоқаманд мешавад.

## Чорум: Алоқаҳои байналхалқӣ

Чунон ки гуфта гузаштем, дар алоқаҳои байналхалқӣ вазири танфиз байни Халифа ва давлатҳои дигар восита мешавад.

Дар замони Пайғамбар (с) ва Хулафои рошидин ин алоқаҳоро Пайғамбар (с) ва Хулафои рошидин бо воситаи котиб, яъне вазири танфиз идора кардаанд. Масалан, Пайғамбар (с) дар сулҳи Ҳудайбия доир ба созишномаи сулҳ мукотиба намудаанд. Мисоли дигар ин ки вакили Хусрав омада, Умар (р)-ро мепурсад ва ба Мадина даромада, ӯро дар ҳолати хоб меёбад.

Бояд ҳаминро низ гуфт, ки Халифа метавонад ин корро бо воситаи вазири танфиз иҷро кунад, ҳамчунин метавонад, ки монанди дигар дастгоҳҳои давлат барои алоқаҳои байналхалқӣ як мудир таъин намояд.

Бинобар ин мумкин аст, ки ин чор идора ба таркиби як идора, яъне идораи амири ҷиҳод дароварда шавад. Зеро онҳо ба якдигар алоқаманд ҳастанд.

Дар айни вақт онҳо метавонанд, ки алоҳида-алоҳида бошанд. Чунончи дар боло зикр намудем, Расул (с) ҳамин тавр кардаанд.

Мо зиёд шудани шӯъбаҳои ин идора, махсусан дар ин давр ба қисмҳои гуногун тақсим шудани артиш, гуногунии муаммоҳои дохилӣ, фитнаи давлатҳо, афзудани найранги гумоштагон ва табақаҳои сиёсии фурӯхташуда, пайдоиши ҷиноятҳои ҳархела, ҳамчунин мураккабии муносибатҳои байналхалқӣ, илова бар ин вусъати соҳаи саноат ва мураккабгардии истифодаи воситаҳои

техникӣ ва ғайраро ба эътибор гирифтем. Барои он ки ваколатҳои амири ҷиҳод аз ҳад зиёд васеъ нашавад ва ҳангоми заиф гаштани тақво ба давлат зарар нарасонад, ин идораҳоро аз якдигар ҷудо намуда, табаннӣ кардем, ки онҳо алоҳида-алоҳида бошанд ва монанди дигар дастгоҳҳои давлат ба Халифа вобаста шаванд. Тақсими идораҳо ба таври зерин аст:

## Амири ҷиҳод – соҳаи ҳарбӣ (артиш).

**Идораи амнияти дохилӣ.**

**Идораи саноат.**

**Идораи корҳои хориҷӣ**.

## Панҷум: Амири ҷиҳод – идораи ҳарбӣ (артиш)

Идораи ҳарбӣ яке аз дастгоҳҳои давлат мебошад. Роҳбари он на мудири ҷиҳод, балки амири ҷиҳод номида мешавад. Зеро Пайғамбар (с) фармондеҳони артишро амирон номиданд. Дар ривояти Ибни Саъд Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" أَمِيْرُ النَّاسِ زَيْدُ ابْنُ حَارِثَةَ، فَإِنْ قُتِلَ فَجَعْفَرُ بْنُ أَبِيْ طَالِبٍ، فَإِنْ قُتِلَ فَعَبْدُ اللهِ بْنُ رَوَاحَةَ، فَإِنْ قُتِلَ فَلْيَرْتَضِ الْـمُسْلِمُوْنَ بَيْنَهُمْ رَجُلاً فَيَجْعَلُوْهُ عَلَيْهِمْ"

"**Амирони мардум Зайд ибни Ҳориса аст. Агар ӯ кушта шавад, Ҷаъфар ибни Равоҳа амир мешавад. Ӯ низ кушта шавад, мусулмонон бо ҳамдигар мувофиқат намуда, шахсеро амири худ таъин мекунанд**" Бухорӣ аз Абдуллоҳ ибни Умар ривоят мекунад: "Пайғамбар (с) дар ғазоти Мӯъта Зайд ибни Ҳорисаро амир таъин карданд"... Бухорӣ аз ҳадиси Салама ибни Акваъ ривоят мекунад: "Ҳамроҳи Зайд ба ғазот баромадам. Пайғамбар (с) ӯро ба мо амир таъин карданд" Бухорӣ ва Муслим аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят мекунанд:

" بَعَثَ النَّبِيُّ بَعْثًا، وَأَمَّرَ عَلَيْهِمْ أُسَامَةَ بْنَ زَيْدٍ، فَطَعَنَ بَعْضُ النَّاسِ فِي إِمَارَتِهِ، فَقَالَ النَّبِيُّ أَنْ تَطْعُنُوا فِي إِمَارَتِهِ فَقَدْ كُنْتُمْ تَطْعُنُونَ فِي إِمَارَةِ أَبِيهِ مِنْ قَبْلُ، وَايْمُ اللهِ إِنْ كَانَ لَخَلِيقًا لِلْإِمَارَةِ..."

**"Пайғамбар (с) лашкареро сафарбар намуда, ба онҳо Усома ибни Зайдро амир таъин карданд. Баъзе мардум амирии ӯро написандиданд. Он гоҳ Пайғамбар (с) гуфтанд: "Имрӯз амирии ӯро намеписандед, ҳол он ки қаблан амирии падари ӯро низ написандида будед. Қасам ба Аллоҳ, ки ӯ ба амирӣ шоиста буд..."** Саҳобагон (р) лашкари Мӯътаро "лашкари амирон" меномиданд. Муслим аз Бурайда ривоят мекунад: "Пайғамбар (с), агар ба ягон лашкар ё сария амире таъин кунанд, ба ӯ тавсия медоданд..."

Идораи ҳарбӣ тамоми корҳоеро, ки ба қувваҳои мусаллаҳ алоқаманд мебошад, сарварӣ менамояд, чун артиш, омодагиҳо, яроқу аслиҳа, лавозимоти ҷангӣ, факултаҳои ҳарбӣ, ваколатхонаҳои ҳарбӣ, инчунин сақофати исломӣ, сақофати умумии барои артиш зарурӣ, тамоми илмҳои доир ба ҷанг ва омодашавӣ барои он. Илова бар ин, фиристодани ҷосусон ба кофирони муҳориб низ яке аз салоҳиятҳои идораи ҳарбӣ мебошад. Бо ин мақсад дар тобеияти идораи ҳарбӣ идораи алоҳида таъсис дода мешавад. Доир ба ин масъала дар сирати Пайғамбар (с) далелҳои зиёде ворид шудаанд.

Тамоми ин корҳоро идораи ҳарбӣ сарварӣ ва назорат мекунад. Аз номи ин идора фаҳмида мешавад, ки он ба ҷанг ва ҳарб алоқадор мебошад. Барои ҷанг артиш ва барои артиш омодагӣ, фармондеҳӣ, штабҳо, афсарон ва сарбозон зарур аст. Таъсиси артиш ба омодагӣ ва машқҳои ҷисмонии моҳиронае эҳтиёҷ дорад, ки санъати бо аслиҳаҳои гуногун ҷангиданро дар бар мегирад. Ин машқҳо бо инкишофи аслиҳаҳо такмил меёбанд. Аз ин рӯ, ба даст овардани истеъдоди ҳарбӣ яке аз вазифаҳои ҷудонопазири артиш мебошад. Инчунин омӯхтани тактикаҳои ҷанг ва истифодаи силоҳҳои гуногун яке аз вазифаҳои зарурии он ба шумор меравад.

Аллоҳ Субҳонаҳу ва Таоло мусулмононро эҳтиром намуда, онҳоро паҳнкунандагони Ислом ба тамоми олам гардонид. Барои онҳо даъват ва ҷиҳодро тариқати паҳнкунии Ислом, ҷиҳодро фарз ва омӯхтани машқҳои ҳарбиро воҷиб гардонид.

Ба ҳар як фарди мусулмоне, ки синнаш ба понздаҳ мерасад, бо мақсади омодагӣ ба ҷиҳод омӯхтани машқҳои ҳарбӣ фарз мешавад. Вале ба хизмати ҳарбӣ сафарбар намудан фарзи кифоя мебошад.

Далелҳои омӯхтани машқҳои ҳарбӣ инҳоянд: Ӯ Таоло мегӯяд:

وَقَاتِلُوهُمْ حَتَّى لاَ تَكُونَ فِتْنَةٌ وَيَكُونَ الدِّينُ كُلُّهُ لِلّه

"**Бо онон набард кунед, то дигар фитнае набошад ва дини ҳама дини Аллоҳ гардад**" [8:39].

Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

"جَاهِدُوْا الْـمُشْرِكِيْنَ بِأَمْوَالِكُمْ وَ أَنْفُسِكُمْ وَ أَلْسِنَتِكُمْ"

"**Бар зидди мушрикон бо молу ҷон ва забонҳои худ ҷиҳод кунед**"

Ин ҳадисро Абӯдовуд аз тариқи Анас ривоят кардааст. Азбаски барои амалигардонии талаби шариат, яъне мағлубсозии душман ва фатҳи кишварҳо ҷангидан зарур буда, барои ҷангидан омӯзиши ҳарбӣ зарур аст, омӯзиш низ монанди ҷиҳод фарз мегардад. Зеро дар қоидаи шаръӣ омадааст: "Ҳар он чӣ ки воҷиб танҳо бо воситаи он амалӣ мегардад, воҷиб аст" Талаби доир ба ҷанг омӯзишро низ дар бар мегирад, чунки ибораи (وَقَاتِلُوهُمْ) дар шакли умумӣ омадааст. Он ба ҷангидан инчунин ба корҳое, ки ҷангро имконпазир мегардонад, амр мекунад. Илова бар ин, Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَأَعِدُّواْ لَهُم مَّا اسْتَطَعْتُم مِّن قُوَّةٍ وَمِن رِّبَاطِ الْخَيْلِ

"**Ва дар баробари онҳо то метавонед нерӯ ва аспони саворӣ омода кунед**" [8:60]

Омӯзиш ва таҷрибаи баланди ҳарбӣ ба ҷумлаи омодасозии қувва дохил мешавад, зеро ин чизҳо барои ҷангида тавонистан заруранд. Пас он ба ҷумлаи қувваи омодашаванда, чун яроқу аслиҳа, лавозимоти ҷанг ва ғайра, дохил мешавад.

Вале ба хизмати ҳарбӣ сафарбар намудан, яъне доимо дар ҳолати мусаллаҳона ҳамчун сарбозони артиш нигоҳ доштани мардум ба вуҷуд овардани муҷоҳидонеро ифода мекунад, ки бо ҷиҳод машғул мешаванд ё корҳоеро, ки ҷиҳод талаб мекунад, анҷом медиҳанд. Ин чиз фарз аст, чунки ҷиҳод, новобаста ба он ки

душман ба мо ҳуҷум меорад ё не, фарзи доимӣ мебошад. Аз ин рӯ, сафарбаркунӣ ба хизмати ҳарбӣ фарзест, ки ба ҳукми ҷиҳод дохил мешавад.

Далеле, ки синни хизматкунандагонро бо понздаҳсолагӣ муайян мекунад, ҳадисест, ки Бухорӣ аз тариқи Нофеъ ривоят вкардааст:

" حَدَّثَنِي ابْنُ عُمَرَ أَنَّ رَسُولَ اللهِ عَرَضَهُ يَوْمَ أُحُدٍ وَهُوَ ابْنُ أَرْبَعَ عَشْرَةَ سَنَةً فَلَمْ يُجِزْنِي، ثُمَّ عَرَضَنِي يَوْمَ الْخَنْدَقِ وَأَنَا ابْنُ خَمْسَ عَشْرَةَ سَنَةً فَأَجَازَنِي"

"Ибни Умар (р) ба ман гуфт: "Расулуллоҳ (с) рӯзи Уҳуд, ки ман чордаҳсола будам, маро аз назар гузаронда, (барои ҷиҳод) рухсат надоданд. Вале дар ҷанги Хандақ, ки ман понздаҳсола будам, маро аз назар гузаронда, (ин дафъа) рухсат доданд" Нофеъ мегӯяд: "Ба назди Халифа Умар ибни Абдулазиз рафта, ин ҳадисро ба ӯ нақл кардам. Ӯ гуфт: "Ин ҳаддест, ки миёни калон ва хурдро ҷудо мекунад", сипас ба волиён мактуб навишт, ки барои шахсони ба синни понздаҳ расида маош таъин кунанд", яъне аз девони лашкар барои маош ҷудо намоянд.

Мо низ инро табаннӣ мекунем, яъне ба ҳар як мусулмоне, ки синнаш ба понздаҳ расидааст, омӯхтани машқҳои ҳарбӣ воҷиб мебошад.

**Қисмҳои артиш**

Артиш аз ду қисм иборат аст. Якум – қисми эҳтиётӣ. Он аз тамоми мусулмононе, ки силоҳ бардошта метавонанд, иборат аст. Дуюм – қисми доимӣ хизматкунанда. Барои ин гуна хизматкунандагон аз буҷети давлат, чун ходимони давлатӣ, маош ҷудо карда мешавад.

Ин аз фарзияти ҷиҳод сарчашма мегирад, чунки ба ҳар як мусулмон ҷиҳод кардан, инчунин барои ҷиҳод омодагӣ дидан фарз аст. Аз ин рӯ, тамоми мусулмонон сарбозони эҳтиётӣ ба шумор мераванд, зеро ҷиҳод бар онҳо фарз мебошад. Далели ба хизмати

доимӣ сафарбар намудани қисме аз онҳо қоидаи шаръии зерин аст: "Ҳар он чӣ ки воҷиб танҳо бо воситаи он амалӣ мегардад, воҷиб аст" Сабаб дар он аст, ки иҷрои фарзи ҷиҳод, муҳофизат намудани дахлнопазирии Ислом ва аз кофирон ҳимоя кардани шарафи мусулмонон танҳо тавассути вуҷуд доштани артиши доимӣ имконпазир мегардад. Бинобар ин, ташкил кардани артиши доимӣ бар Халифа фарз аст.

Вале ба масъалаи таъин намудани маош ба сарбозон ҳамчун ходимони давлатӣ биёем, ҳукми он нисбат ба сарбозони ғайримусулмон пӯшида нест. Зеро аз кофир ҷиҳод талаб карда нашудааст. Вале агар ҷиҳод кунад, ин амали ӯ пазируфта ва ба вай музд дода мешавад. Далели ин ҳадисест, ки Тирмизӣ аз Зуҳрӣ ривоят кардааст:

"أَنَّ النَّبِيَّ أَسْهَمَ لِقَوْمٍ مِنَ الْيَهُودِ قَاتَلُوا مَعَهُ"

"**Пайғамбар (с) ба қавме аз яҳудиён, ки ҳамроҳи он кас ҷанг карданд, саҳм ҷудо намуданд**" Инчунин ҳадисест, ки Ибни Ҳишом ривоят кардааст:

" أَنَّ صَفْوَانَ ابْنَ أَمَيَّةَ خَرَجَ مَعَ النَّبِيِّ إِلَى حُنَيْنٍ، وَهُوَ عَلَى شِرْكِهِ، فَأَعْطاهُ مَعَ الْـمُؤَلَّفَةِ قُلُوْبُهُمْ مِنْ غَنَائِمِ حُنَيْنٍ"

"**Сафвон ибни Умайя, ки ҳанӯз мушрик буд, ҳамроҳи Пайғамбар (с) ба ҷанги Ҳунайн баромад. Пайғамбар (с) дар якҷоягӣ бо муаллафатулқулуб* ба ӯ низ аз ғаниматҳои Ҳунайн доданд**"

Бинобар ин, ҷоиз аст, ки дар артиши исломӣ кофир вуҷуд дошта бошад ва барои ин кор ба ӯ музд дода шавад. Илова бар ин, ба иҷора чунин таъриф дода мешавад, ки он созишнома дар асоси манфиат мебошад. Чунонки ин таъриф нишон медиҳад, иҷора дар ҳар як манфиат ҷоиз аст, ки кирокунанда аз кирокардашуда бархурдор шуда тавонад. Ба сарбозӣ ё ҷанг киро кардани шахс аз ҳамин қабил аст, зеро он манфиат мебошад. Ҳар гуна манфиатро

дар бар гирифтани далелҳо доир ба иҷора, яъне умумияти онҳо далолат мекунанд, ки барои сарбозӣ ва ҷанг киро намудани кофир ҷоиз аст.

Ин ҳукм нисбат ба ғайримусулмонон буд. Вале доир ба маош гирифтани мусулмон мегӯем, ки гарчанд ҷиҳод ибодат аст, киро кардани мусулмон ба сарбозӣ ва ҷанг ҷоиз мебошад. Зеро далели иҷора умумӣ омадааст. Илова бар ин, агар манфиати ибодат ба ибодаткунанда маҳдуд набошад, барои ин ибодат киро кардан ҷоиз аст. Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"إِنَّ أَحَقَّ مَا أَخَذْتُمْ عَلَيْهِ أَجْراً كِتَابُ اللهِ"

"**Амале, ки ба музд гирифтани шумо сазовортар аст, Китоби Аллоҳ (яъне таълими он) мебошад**" Ин ҳадисро Бухорӣ аз тариқи Ибни Аббос ривоят кардааст. Таълими Китоби Аллоҳ ибодат мебошад. Чунон ки мусулмононро барои таълими Қуръон, имомат, азонгӯӣ, ки ибодат ҳастанд, киро кардан ҷоиз аст, барои ҷиҳод ва сарбозӣ низ киро кардани мусулмон ҷоиз мебошад. Зеро ин ҳама ибодатҳое мебошанд, ки манфиати онҳо бо адокунандагонашон маҳдуд намешавад. Илова бар ин, далели ҷоизии киро кардани мусулмонон ба ҷиҳод, ҳатто киро кардани шахсе, ки ба ӯ ҷиҳод фарз аст, дар ҳадис ошкоро омадааст. Абӯдовуд аз Абдуллоҳ ибни Амр ривоят мекунад, ки Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

"لِلْغَازِيْ أَجْرُهُ، وَلِلْجَاعِلِ أَجْرُهُ وَ أَجْرُ الْغَازِيْ"

"**Барои ғозӣ танҳо аҷри ғазот дода мешавад, вале барои кирокунанда ҳам аҷри кирокунӣ ва ҳам аҷри ғазоткунанда дода мешавад**" Ғозӣ шахсест, ки худаш меҷангад, аммо кирокунанда шахсест, ки ба ҷои ӯ каси дигар ба ивази музд меҷангад. Дар "Қомуси муҳит" омадааст: "Кирокунӣ ба се ҳисса тақсим намудани насибаи шахси кирошуда мебошад. Маънои ҷумлаи "мардум кореро якҷоя анҷом доданд" ин аст, ки онҳо корро дар шарикӣ иҷро кардаанд. Ба ғозие, ки аз номи ту меҷангад, музд

додани ту низ аз ҳамин қабил аст" Ҳадис баён мекунад, ки ба шахси дигар музд додани шахси дигар ва ба ҷои ин шахс ҷангидани ӯ ҷоиз мебошад, яъне шахсеро барои ҷангидан киро кардан ҷоиз аст. Байҳақӣ аз Ҷубайр ибни Нуфайр ривоят мекунад, ки Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" مَثَلُ الَّذِيْنَ يَغْزُوْنَ مِنْ أُمَّتِيْ، وَيَأْخُذُوْنَ الْجُعْلَ، وَيَتَقَوَّوْنَ عَلَى عَدُوِّهِمْ، مَثَلُ أُمُّ مُوْسَى، تُرْضِعُ وَلَدَهَا، وَتَأْخُذَ أَجْرَهَا"

"**Шахсоне аз миёни уммати ман, ки ғазот карда, музд мегиранд ва бар зидди душмани худ қувва ҷамъ мекунанд, монанди модари Мӯсо ҳастанд, ки фарзанди худро маконда, музд мегирифт**" Бинобар ин, барои сарбозон монанди ходимон маош ҷудо карда мешавад.

Сарбозони мусулмон, гарчанд маош мегиранд, барои ин ҷиҳодашон дар назди Аллоҳ аҷр мегиранд. Зеро чунон ки дар ҳадиси мазкури Бухорӣ омадааст, барои таълими Китоби Аллоҳ, ки ибодат ба шумор меравад, музд гирифтан ҷоиз мебошад. Ҳол он ки дар ин сурат мударриси Китоби Аллоҳ мувофиқи нияти худ ба аҷру савоби Аллоҳ низ ноил мегардад.

Артиши исломӣ артиши ягона буда, аз якчанд қӯшунҳо таркиб меёбад. Ҳар як қӯшун бо рақамҳо, номи вилоят ва ё номи амола* номгузорӣ карда мешавад. Масалан, қӯшуни якум, қӯшуни сеюм, қӯшуни Шом, қӯшуни Миср, қӯшуни Санъо ва ҳоказо.

Артиши исломӣ дар қароргоҳҳои махсус ҷойгир карда мешавад. Дар ҳар як қароргоҳ як ё якчанд қӯшун ё қисме аз қӯшун қарор мегирад. Вале бояд ин қароргоҳҳо дар вилоятҳои гуногун ҷой гиранд. Баъзе қароргоҳҳо дар пойгоҳҳои ҳарбӣ ҷой гирад, баъзеи дигар қароргоҳҳои сайёр мебошад ва он қувваҳои зарбадиҳанда ба шумор меравад. Ба ҳар як қароргоҳ номи махсус гузошта мешавад, чун қароргоҳи Ҳиббония ва ҳар кадоми онҳо ба худ парчам дорад.

Ин гуна танзим аз ҷумлаи корҳои мубоҳ мебошад, монанди номгузории қӯшунҳо бо номи вилоятҳо ва рақамҳои муайян ё ки аз ҷумлаи корҳои воҷиб буда, қоидаи "Ҳар он чӣ ки воҷиб танҳо бо воситаи он амалӣ мегардад, воҷиб аст" ба он мувофиқат мекунад. Қӯшунҳое, ки барои ҳимояи кишвар заруранд, монанди ҷойгиркунии қӯшунҳо дар сарҳадҳо ва дар қароргоҳҳои мавзеъҳои стратегӣ барои ҳимояи кишвар ва ғайра аз ҳамин ҷумла мебошад.

Умар ибни Хаттоб қароргоҳҳои лашкарро ба вилоятҳо тақсим намуда, дар Фаластин як қӯшун, дар Мавсил як қӯшунро ҷойгир кард. Дар маркази давлат низ як қӯшунро ҷойгир намуд ва дар назди худ, дар ҷои мустаҳкам низ қӯшунеро ҷойгир кард, ки он бо ишораи аввалин ба ҷанг омода мешуд.

Халифа сарфармондеҳи артиш аст

Халифа сарфармондеҳи артиш мебошад ва айнан ӯ сардори штаби генералӣ, амири ҳар як даста ва фармондеҳи ҳар як дивизияро таъин мекунад. Вале ба рутбаҳои дигари артиш фармондеҳон ва амирони дастаҳо одам таъин мекунанд.

Хилофат сарварии умумӣ ба корҳои тамоми мусулмонони дунё мебошад ва он тавассути барпокунии аҳкоми шариат ва паҳн кардани даъват ба олам амалӣ мегардад. Тариқати асосии паҳнкунии даъват ба олам ҷиҳод аст. Аз ин рӯ, ҷиҳодро бояд айнан Халифа сарварӣ намояд, зеро байати Хилофат шахсан бо Халифа баста шудааст. Бинобар ин, ба ҷиҳод сарварӣ намудани каси дигар ҷоиз нест, ҳарчанд ҳар як мусулмон ҷиҳод мекунад. Зеро ҷиҳод як масъала ва сарварии ҷиҳод масъалаи дигар мебошад. Ҷиҳод ба ҳар як мусулмон фарз аст, вале сарварии он танҳо ба Халифа хос мебошад. Вале агар Халифа барои иҷрои корҳое, ки бар дӯши вай фарз аст, каси дигарро ноиб таъин кунад, ҷоиз мебошад. Вале ӯ бояд бохабар шавад ва назорат кунад. Ҷоиз нест, ки Халифа ба таври мутлақ аз корҳои ноиб бехабар бимонад ва ӯро беназорат гузорад. Бохабаршавии Халифа аз қабили омӯзиши кори муовин набуда, маънои онро дорад, ки иҷроиши корҳои муовин дар зери

сарварӣ ва назорати ӯ қарор гирад. Фармондеҳии артиш, агар ба ҳамин маъно бошад, яъне таҳти назорат ва эътибори Халифа қарор гирад, ҷоиз аст, ки Халифа шахси дилхоҳи худро ноиб таъин кунад. Вале агар сарварии ноиб бе назорати Халифа ба шакли умумӣ дар таҳти назорати вай қарор гирад, ин ҷоиз нест, чунки байати Хилофат шахсан бо Халифа баста шудааст. Пас худи ӯ бояд ба корҳои ҷиҳод сарварӣ намояд. Дар сохторҳои дигари ғайриисломӣ раиси давлат сарфармондеҳи олии артиш буда, расман сарфармондеҳ дониста мешавад. Вале ӯ фармондеҳеро таъин мекунад, ки дар идораи артиш мустақил мебошад. Ин кор дар назари Ислом нодуруст аст ва шариат онро эътироф намекунад. Балки шариат воҷиб мегардонад, ки сарфармондеҳи ҳақиқии артиш Халифа бошад. Вале дар дигар корҳои маъмурӣ ё техникӣ ва ғайра Халифа метавонад ба ҷои худ ноиб таъин намояд ва шарт нест, ки монанди сарфармондиҳӣ бевосита дар зери назорати ӯ қарор гирад.

Илова бар ин, Пайғамбар (с) ба лашкар амалан сарварӣ намуда, ба ҷангҳо фармондеҳӣ мекарданд. Ба дастаҳои артиш, ки ба ҷанг мебаромад ва Пайғамбар (с) дар он ширкат намеварзиданд, яъне ба сарияҳо фармондеҳонро таъин мекарданд. Баъзан аз рӯи эҳтиёт шахсеро таъин менамуданд, ки ҳангоми кушташавии фармондеҳ ҷои ӯро ишғол кунад, чунон ки дар ғазоти Мӯъта рух дода буд. Бухорӣ аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят мекунад:

" أَمَّرَ رَسُوْلُ اللهِ فِيْ غَزْوَةِ مُؤْتَةَ زَيْدَ بْنَ حَارِثَةَ، فَقَالَ رَسُوْلُ اللهِ إِنْ قُتِلَ زَيْدٌ فَجَعْفَرٌ، فَإِنْ قَتِل جَعْفَرٌ فَعَبْدُ اللهِ بْنِ رَوَاحَةَ"

"**Пайғамбар (с) дар ғазоти Мӯъта Зайд ибни Ҳорисаро амир таъин карда гуфтанд: "Агар Зайд кушта шавад, Ҷаъфар амир мешавад. Агар Ҷаъфар кушта шавад, Абдуллоҳ ибни Равоҳа амир мешавад**" Фармондеҳи артишро Халифа таъин мекунад. Инчунин амирони дивизияҳоро таъин намуда, барои онҳо ливоъ мебандад. Фармондеҳони бригадаҳоро таъин мекунад. Масалан,

лашкаре, ки ба Шом фиристода шуд, монанди лашкари Мӯъта ва лашкари Усома, дивизия ба шумор мерафт, чунки Пайғамбар (с) ба Усома ливоъ баста буданд. Сарияҳое, ки дар дохили Ҷазира ҷангида бармегашт, чун сарияи Саъд ибни Абӯваққос, ки ба Макка равон карда буданд, ҳамчун бригада буд. Ин нишон медиҳад, ки амирони дивизияҳо ва фармондеҳони бригадаҳоро Халифа таъин мекунад. Вале доир ба он ки Пайғамбар (с) ғайр аз онҳоро таъин кардаанд, далеле ворид шудааст. Ин нишон медиҳад, ки таъини онҳо дар ғазот ба сарваронашон вогузошта мешавад. Сардори штаби генералӣ, ки масъули корҳои ҳарбӣ мебошад, монанди фармондеҳи артиш, ӯро Халифа таъин мекунад. Ӯ, гарчанд таҳти фармони Халифа қарор гирад ҳам, корҳои худро бидуни сарварии бевоситаи Халифа иҷро мекунад.

## Шашум: Амнияти дохилӣ

Ба амнияти дохилӣ идораи амнияти дохилӣ сарварӣ мекунад. Ба ин идора мудири амнияти дохилӣ сарварӣ менамояд. Идора дар ҳар як вилоят шӯъбаҳо дорад, ки идораи амнияти дохилӣ номида мешавад. Ба он роҳбари пулиси вилоят сарварӣ мекунад. Ин шӯъба аз ҷиҳати иҷрой ба волӣ ва аз ҷиҳати идорӣ ба идораи амнияти дохилӣ тобеъ мебошад. Ин чиз тибқи қонуни махсус ба танзим даровара мешавад.

Идораи амнияти дохилӣ бо корҳои вобаста ба амният машғул мешавад ва амнияти кишварро бо ёрии пулис нигоҳ медорад. Аз ин мебарояд, ки он воситаи асосии нигаҳдории амният буда, метавонад дар вақти дилхоҳ ва дар шакли дилхоҳ пулисро ба кор андозад. Фармони он дарҳол иҷро мешавад. Вале агар ба кӯмаки артиш эҳтиёҷ ҳис кунад, ин корро ба Халифа мерасонад. Халифа метавонад, ки ба ёрии амнияти дохилӣ дар ҳифзи амният фармояд, ё қувваҳои ҳарбӣ фиристад ва ё ба коре фармояд, ки худ лозим медонад. Инчунин ӯ метавонад дархости ин идораро қонеъ нагардонда, онро ба маҳдудшавӣ бо пулис амр намояд.

Пулис аз мардони болиғ, ки дорои шаҳрвандӣ ҳастанд, ташкил меёбад. Ҷоиз аст, ки дар пулис занон низ бо мақсади иҷрои талаботи занон доир ба вазифаҳои идораи амнияти дохилӣ ширкат варзанд. Бо ин мақсад, тибқи аҳкоми шариат қонуни махсус бароварда мешавад.

Пулис аз ду қисм иборат аст: пулиси артиш ва пулиси наздиҳокимӣ, ки либоси махсус ва нишонаҳои аз дигарон фарққунанда дорад ва ба ҳифзи амният машғул мешавад.

Азҳарӣ мегӯяд: "Шурта (شرطة)* назаррастарини ҳар як чиз мебошад. Шурат* низ аз ҳамин қабил аст, зеро онҳо беҳтарини лашкар мебошанд. Онҳо дар қисми пеши лашкар ҳаракат мекунанд. Сабаби "шурат" номида шудани онҳо дар он аст, ки аз ҷиҳати либос ва шакл бо нишонаҳои махсус шинохта мешаванд" Асмаӣ низ ҳаминро интихоб намудааст. Дар "Қомус" чунин омадааст: "Шурта шакли танҳои шурат буда, онҳо дастаҳое мебошанд, ки ба ҷанг якум даромада, омодаи марг ҳастанд. Инчунин гурӯҳе, ки ба волиён ёрӣ мерасонанд, шурат мебошанд. "Шуртӣ" монанди "туркӣ" ва "ҷуҳнӣ" мебошад. Азбаски онҳо бо нишонаҳои муайян худро маълум месозанд, чунин ном гирифтаанд"

Вале пулиси артиш бригадае аз байни артиш буда, нишонаи махсус дорад. Азбаски он корҳои артишро ба тартиб меорад, аз артиш болотар меистад. Ин пулис як қисми артиш буда, ба амири ҷиҳод, яъне идораи ҳарбӣ тобеъ мебошад. Вале пулиси наздиҳокимӣ ба идораи амнияти дохилӣ тобеъ аст. Бухорӣ аз Анас ривоят мекунад: "Қайс ибни Саъд дар назди Пайғамбар (с) ҳамчун роҳбари пулис дар назди амир дониста мешуд" Ин ҷо Қайс ибни Саъд ибни Убодаи Ансории Хазраҷӣ дар назар дошта шудааст. Тирмизӣ онро бо ин лафз ривоят мекунад: "Қайс ибни Саъд дар назди Пайғамбар (с) ҳамчун роҳбари пулис дониста мешуд. Яъне ансорӣ корҳои роҳбари пулисро иҷро мекард"

Халифа метавонад тамоми пулисро, ки амнияти дохилиро муҳофизат мекунад, қисме аз артиш, яъне тобеи идораи ҳарбӣ гардонад. Инчунин ӯ метавонад онро идораи алоҳида, яъне идораи амнияти дохилӣ кунад.

Вале мо табаннӣ мекунем, ки ин қисм, яъне пулисе, ки бо мақсади ҳифзи амният дар назди ҳокимон қарор мегиранд, алоҳида шавад. Инчунин он ҳамчун дастгоҳи алоҳида, ки монанди дигар дастгоҳҳои давлат бевосита ба Халифа итоат мекунад, ба идораи амнияти дохилӣ тобеъ шавад. Далели ин ҳадиси Анас мебошад, ки дар боло аз Қайс ибни Саъд ривоят карда шуд. Инчунин қаблан баён кардем, ки чор идораи вобаста ба ҷиҳод алоҳида шуда, ҳар яке ба Халифа итоат мекунад ва ҳамаи онҳо як дастгоҳ намешаванд.

Аз ин мебарояд, ки пулис ба идораи амнияти дохилӣ тобеъ мешавад.

**Вазифаҳои идораи амнияти дохилӣ**

Вазифаи идораи амнияти дохилӣ ҳифзи амнияти дохилии давлат мебошад. Мумкин аст, ки корҳои зерин ба амнияти дохилӣ таҳдид пайдо кунад:

Муртадӣ* ва боғигӣ*. Боғигӣ дар вайронкорию харобкориҳо, чун корпартоиҳо, забти марказҳои муҳими давлат ва қароргирӣ дар он, таҷовуз ба моликияти шахсӣ, умумӣ ва давлатӣ ё ки муқовимати мусаллаҳона ба давлат муҷассам мегардад.

Роҳзанӣ* низ аз ҷумлаи корҳои таҳдид ба амнияти дохилӣ мебошад.

Инчунин таҷовуз ба моли мардум: дуздӣ, ғоратгарӣ, тороҷкунӣ ва фиребкунӣ; таҷовуз ба ҷони мардум: задан, ҷароҳат расондан ва қатл кардан; таҷовуз ба номуси мардум*: бадном кардан, тӯҳмат задан ва зино аз ҷумлаи таҳдид ба амнияти дохилӣ дониста мешавад.

Яке аз корҳои идораи амнияти дохилӣ бо ашхоси шубҳанок машғул шудан ва дур кардани хатар ва зарари онҳо аз уммат ва давлат мебошад.

Инҳо намоёнтарин корҳое мебошанд, ки ба амнияти дохилӣ таҳдид меандозанд. Идораи амнияти дохилӣ давлат ва мардумро аз тамоми ин корҳо муҳофизат мекунад. Аз ин рӯ, агар мусулмон муртад шавад ва бо вуҷуди талаб кардани тавба аз ӯ ба Ислом барнагардад, ба ҷазои қатл маҳкум карда мешавад ва ҷазоро айнан ҳамин идора амалӣ мегардонад. Агар муртадҳо як гурӯҳ бошанд, онҳоро ба рӯйхат гирифта, талаб мекунанд, ки ба Ислом баргарданд. Агар тавба карда, ба Ислом баргарданд ва ба аҳкоми шариат сар хам намоянд, ба онҳо ҷазо дода намешавад. Вале агар дар муртадии худ устувор бимонанд, бо онҳо ҷангида мешавад. Агар онҳо гурӯҳи кӯчак бошанд ва худи пулис танҳо бо онҳо ҷангида тавонад, ҷангро оғоз мекунад. Вале агар гурӯҳи калон бошанд ва пулис имкони бо онҳо ҷангидан надошта бошад, аз Халифа дархост мекунад, ки онро бо қувваҳои ҳарбӣ таъмин намояд. Агар қувваҳои ҳарбӣ кифоя накунад, аз Халифа дархост менамояд, ки артишро ба ёрии он бифармояд.

Ин доир ба муртадон буд. Аммо нисбат ба боғиён чунин мегӯем: Агар амалиётҳои онҳо мусаллаҳона набошад, масалан, аз корпартоиҳо, намоишҳои эътирозӣ, забти марказҳои муҳим ва таҷовуз ба моликияти шахсӣ, давлатӣ ва умумӣ, зараррасонӣ ба онҳо иборат бошад, хуллас, агар бо вайронкорӣ ва харобкорӣ маҳдуд шаванд, идораи амнияти дохилӣ барои боздоштани ин амалиётҳои харобкорона бо истифодаи қувваи пулис барканор мешавад. Вале агар бо ёрии пулис ин амалиётҳоро боздошта натавонад, аз Халифа бо қувваи ҳарбӣ кӯмак расонданро дархост мекунад, то ин харобкориҳоро, ки боғиёни ба давлат муқовиматкунанда анҷом медиҳанд, боздошта тавонад.

Агар боғиён бар зидди давлат ба муқовимати мусаллаҳона даст зада, дар як макон ҷамъ оянд ва ба қуввае табдил ёбанд, ки идораи амнияти дохилӣ танҳо бо ёрии қувваи пулис онҳоро

баргардонда ё шӯриши онҳоро боздошта натавонад, он гоҳ идора аз Халифа дархост менамояд, ки ба он бо қувваҳои ҳарбӣ ё бо қувваи артиш аз рӯи эҳтиёҷ ёрӣ расонад, то ба боғиён муқовимат кунад. Идора, қабл аз он ки бо онҳо биҷангад, одам фиристода, раъйи онҳоро мефаҳмад, инчунин аз онҳо талаб мекунад, ки ба итоат баргашта, ба ҷамоат дохил шаванд ва аз силоҳбардорӣ худдорӣ намоянд. Агар онҳо гӯш андохта, тавба кунанд ва аз ин роҳ баргашта, ба аҳкоми шариат сар хам намоянд, бо онҳо ҷангида намешавад. Вале агар аз баргаштан саркашӣ намуда, дар муқовимат ва муҳорибаи худ устувор бимонанд, бо онҳо на ҷанги харобкорона ва маҳвкунанда, балки ҷанги адабдиҳанда карда мешавад, то ба итоат баргашта, муқовимат накунанд ва силоҳро вогузоранд. Ин монанди ҷанги Алӣ (р) бо хавориҷ мебошад, чунки ӯ аввал онҳоро даъват кард. Агар тарки муқовимат намоянд, аз онҳо худдорӣ намуд ва агар дар муқовимати худ устувор бимонанд, бо онҳо ҷанги адабдиҳанда кард, то ба итоат баргашта, муқовимат накунанд ва силоҳро вогузоранд.

Вале дар масъалаи мубориза бар зидди роҳзаноне, ки дар роҳҳои мардумгузар молҳоро ғорат мекунанд ва одамонро ба қатл мерасонанд, идораи амнияти дохилӣ пулисро мефиристанд, то онҳоро дастгир намуда, ҷазо диҳад. Ҷазои онҳо, чунон ки дар ояти карима омадааст, кушта ба дор овехтан, ё куштан, ё буридани дасту пойҳо бар хилофи ҳамдигар, ё бадарға намудан ба ҷои дигар мебошад:

إِنَّمَا جَزَاء الَّذِينَ يُحَارِبُونَ اللّهَ وَرَسُولَهُ وَيَسْعَوْنَ فِي الأَرْضِ فَسَادًا أَن يُقَتَّلُواْ أَوْ يُصَلَّبُواْ أَوْ تُقَطَّعَ أَيْدِيهِمْ وَأَرْجُلُهُم مِّنْ خِلافٍ أَوْ يُنفَوْاْ مِنَ الأَرْضِ

"**Ҷазои касоне, ки бо Аллоҳ ва пайғамбаронаш ҷанг мекунанд ва дар замин ба фасод мекӯшанд, он аст, ки кушта шаванд ё бар дор гарданд ё дастҳову поҳояшон яке аз чапу яке аз рост бурида шавад ё аз сарзамини худ табъид шаванд**" [5:33].

Ҷанги онҳо монанди ҷанги боғиён нест, ки зидди давлат баромадаанд. Зеро ҷанги боғиён ҷанги адабдиҳанда аст, вале ҷанги роҳзанон ҷанг бо мақсади куштан ва ба дор овехтан мебошад. Аз ин рӯ, ҳам бо ҳуҷумкунанда ва ҳам бо фироркунандаи онҳо ҷангида ва тавре ки дар оят омадааст, муомила карда мешавад. Ҳар кӣ нафареро кушта, молашро гирифта бошад, ӯ кушта ва ба дор овехта мешавад. Ҳар кӣ нафареро кушта, вале молашро нагирифта бошад, кушта мешавад, вале ба дор овехта намешавад. Ҳар кӣ моли шахсеро гирифта, ӯро накушта бошад, дасту пойҳояш бар хилофи якдигар бурида мешавад, вале ӯ кушта намешавад. Ҳар кӣ силоҳ нишон дода, мардумро тарсонда бошад, вале касеро накушта ва молеро нагирифта бошад, кушта ё ба дор овехта намешавад, инчунин даст ё пои ӯ бурида намешавад, балки дар дохили давлат аз шаҳри худ ба шаҳри дигар бадарға карда мешавад.

Идораи амнияти дохилӣ дар нигоҳ доштани амният бо истифодаи қувваи пулис барканор мешавад ва танҳо дар ҳолати оҷиз мондани пулис дар барқароркунии амният аз дигар қувваҳо истифода мекунад. Дар чунин ҳолат идора аз Халифа дархост менамояд, ки бо қувваҳои дигари ҳарбӣ ё бо қувваи артиш аз рӯи эҳтиёҷ ёрӣ расонад.

Аммо дар масъалаи таҷовуз ба мол, аз қабили дуздӣ, фиреб, тороҷ ва ғорат; таҷовуз ба ҷон, аз қабили задан, ҷароҳат расондан ва қатл кардан; таҷовуз ба номус, аз қабили бадном кардан, тӯҳмат задан ва зино, идораи амнияти дохилӣ бо ҳушёрии худ пеши онҳоро мегирад. Идора дар ин ҷода аз дастаи посбонони худ истифода мекунад ва ба шахсоне, ки дасти таҷовуз ба мол, ҷон ва номус мезананд, ҳукми қозиёнро иҷро менамояд. Дар ҳамаи ин корҳо танҳо ба истифода аз пулис эҳтиёҷ ҳаст.

Муҳофизати низом, назорати амнияти дохилӣ ва иҷрои ҳамаи соҳаҳои иҷроӣ ба пулис супурда мешавад. Далели ин ҳадиси зикркардаи Анас мебошад, ки Пайғамбар (с) Қайс ибни Саъдро барои худ ҳамчун сарвари пулис таъин карда буданд. Ҳадис нишон

медиҳад, ки пулис дар назди ҳокимон қарор мегирад. Дар назди ҳоким қарор гирифтани он чунин маъно дорад, ки онҳо барои ҳокимон қувваи иҷроиро таъкид мекунанд. Зеро ҳокимон барои риояи шариат, муҳофизати низом ва нигоҳдории амният ба қувваи иҷрой мӯҳтоҷанд. Идора ҳамчунин вазифаи асас*ро иҷро мекунад. Ин кор бо мақсади донистани дуздон, кофтукови фасодкорон ва ашхосе, ки аз бадии онҳо хавф вуҷуд дорад, анҷом дода мешавад. Абдуллоҳ ибни Масъуд дар замони Абӯбакр ба ин кор сарварӣ менамуд. Умар ибни Хаттоб худ шабона гаштугузор мекард ва ғуломаш, баъзан Абдурраҳмон ибни Авфро ҳамроҳи худ мегирифт. Аз ин рӯ, шабона барои посбонии хонаҳояшон посбон гузоштани дӯкондорон ё бо пули дӯкондорон посбон гузоштани давлат, ки дар баъзе кишварҳои исломӣ ба чашм мерасад, нодуруст мебошад. Зеро ин кор ба асас дохил мешавад ва он бар зиммаи давлат фарз аст. Он яке аз вазифаҳои пулис буда, худи он ва ё хароҷоти он ба мардум таклиф карда намешавад.

Инчунин муомила намудан бо ашхоси шубҳанок* вазифаи давлат мебошад. Чунин навъи шубҳа аз ҷониби давлат омӯхта мешавад. Ҳар кӣ аз чунин шубҳа воқиф гардад, бояд онро ба давлат хабар диҳад. Далели ин ривояти Бухорӣ ва Муслим аз Зайд ибни Арқам мебошад: "Дар ғазоте иштирок доштем, шунидам, ки Абдуллоҳ ибни Убай мегӯяд: "Ба атрофиёни Пайғамбар нафақа накунед, то ки аз назди ӯ пароканда шаванд. Агар ба Мадина баргардем, иззатманд залилро аз он ҷо берун мекунад" Инро ба амакам ё ба Умар гуфтам. Ӯ инро ба Пайғамбар (с) расонд. Сипас он кас маро даъват намуданд ва ман ҳодисаро нақл кардам…" Дар ривояти Муслим чунин омадааст: "Ба назди Пайғамбар (с) омада, ба он кас ин хабарро расондам" Ибни Убай бо рафтуомади зиёд ба назди кофирони муҳориб маъруф буд, ҳамчунин алоқаҳои ӯ бо кофирон низ маълум буд, чунончи бо яҳудони атрофи Мадина ва душманони Ислом рафтуомад мекард. Дар ин ҷода бояд бо диққати том муомила намуд, то ки бо ҷосусӣ аз болои раият омехта нашавад, зеро ҷосусӣ бинобар сухани Аллоҳ Таоло:

وَلَا تَجَسَّسُوا وَلَا يَغْتَب بَّعْضُكُم بَعْضًا

"**Ва дар корҳои пинҳонии якдигар ҷустуҷӯ макунед**" [49:12]

ҳаром мебошад. Аз ин рӯ, бояд танҳо бо ашхоси шубҳанок барканор шуд.

Ашхоси шубҳанок касоне мебошанд, ки бо кофирони амалан ё ҳукман муҳориб рафтуомади зиёд мекунанд. Ҷосусӣ аз болои кофирони муҳориб ҷоиз буда, он аз боби сиёсати ҷанг ва дуркунии зарар аз мусулмонон мебошад. Дар ин бора далелҳои шаръӣ омадаанд ва онҳо ҳар як аҳли ҳарбро дар бар мегиранд. Зеро онҳо, агар дар воқеъ аҳли ҳарб бошанд, ба давлат воҷиб будани ҷосусӣ маълум аст. Вале агар ҳукман аҳли ҳарб бошанд, азбаски ҳар вақт аз ҷониби онҳо сар задани ҷанг эҳтимол дорад, ин кор воҷиб мегардад.

Бинобар ин, ҳар як фарди раият, ки бо кофирони муҳориб рафтуомад мекунад, таҳти шубҳа қарор мегирад, зеро ӯ бо кофирони муҳориб, ки ҷосусӣ аз болояшон ҷоиз аст, алоқа дорад.

Тафсилоти ин чунин аст:

1. Ҷосусӣ намудан аз болои кофирони амалан муҳориб ба давлат воҷиб мебошад. Инро ба ғайр аз суханони мазкур қоидаи "Ҳар он чӣ ки воҷиб танҳо бо воситаи он амалӣ мегардад, воҷиб аст" низ тасдиқ мекунад. Зеро барои мағлуб сохтани душман қувва, нақша, ҳадаф, мавзеъҳои стратегии он ва чизҳои дигарро донистан зарур аст. Ба ин корҳо идораи ҳарбӣ сарварӣ менамояд. Ҳукми мазкур инчунин шаҳрвандонеро дар бар мегирад, ки бо кофирони амалан муҳориб рафтуомад мекунанд. Зеро дар асл бояд шаҳрвандон бо кофирони амалан муҳориб рафтуомади одатӣ надошта бошанд, чунки алоқа бо онҳо бояд алоқаи ҷанг бошад.

2. Ҷосусӣ аз болои ашхоси ҳукман муҳориб низ ҷоиз аст. Вале дар вазъияти хатарнок, ки хавфи кӯмакрасонии онҳо ба

муҳорибони ҳақиқӣ ё ҳамроҳшавиашон ба онҳо вуҷуд дорад, ин кор ба давлат воҷиб мешавад.

**Кофирони ҳукман муҳориб ду навъанд:**

**Якум:** Кофироне, ки дар кишварҳои худ қарор доранд. Аз болои онҳо идораи ҳарбӣ ҷосусӣ мекунад.

**Дуюм:** Кофироне, ки ба кишварҳои мо медароянд, чун сафирон, муоҳидон ва амсоли онҳо. Идораи амнияти дохилӣ аз болои онҳо назорат ва ҷосусӣ мекунад.

Ҳамчунин доираи амнияти дохилӣ аз болои шаҳрвандоне, ки бо мансабдорони кофири ҳукман муҳориб ё вакилони онҳо дар кишварҳои мо рафтуомад доранд, назорат ва ҷосусӣ мекунад. Инчунин идораи ҳарбӣ бо шаҳрвандоне, ки бо мансабдорони кофири ҳукман муҳориб ё вакилони онҳо дар кишварҳояшон рафтуомад мекунанд, чунин муносибат менамояд. Вале ин ду ҳолат дорад:

**Якум:** Дар натиҷаи назорати идораи ҳарбӣ ва идораи амнияти дохилӣ аз болои мансабдорони кофири ҳукман муҳориб ва вакилони онҳо маълум гардад, ки ба назди ин кофирон рафтуомад намудани шаҳрвандон чи дар хориҷи давлат, чи дар дохили он кори ғайриодатӣ ва ҷолиби диққат мебошад.

**Дуюм:** Корҳое, ки ба ин ду идора аён мегардад, ба қозии назоратӣ расонда шавад ва қозии назоратӣ ба андешае ояд, ки дар ин рафтуомад нисбат ба Ислом ва мусулмонон эҳтимоли зарар вуҷуд дорад.

Агар ин ду шарт ёфт шавад, идораи амнияти дохилӣ метавонад аз болои чунин навъи шаҳрвандон, ки дар кишвари мо бо мансабдорони кофири ҳукман муҳориб ва вакилони онҳо рафтуомад мекунанд, ҷосусӣ намояд. Инчунин идораи ҳарбӣ низ метавонад аз болои шаҳрвандоне, ки дар кишвари кофирон бо мансабдорони кофири ҳукман муҳориб ва вакилони онҳо

рафтуомад мекунанд, ҷосусӣ намояд. Далелҳои мутааллиқ ба корҳои мазкур инҳоянд:

1. Аз болои мусулмонон ҷосусӣ намудан бинобар ояти зерин ҳаром аст:

وَلَا تَجَسَّسُوا وَلَا يَغْتَب بَّعْضُكُم بَعْضًا

"**Ва дар корҳои пинҳонии якдигар ҷустуҷӯ макунед**" [49:12].

Ин оят дар шакли умумӣ аз ҷосусӣ бозмедорад ва модом ки далели хоскунандае ворид нашавад, он дар умумияти худ боқӣ мемонад. Инро ҳадисе низ таъкид мекунад, ки Аҳмад ва Абӯдовуд аз Миқдод ва Абӯумома ривоят кардаанд:

"إِنَّ الْأَمِيْرَ إِذَا ابْتَغَى الرِّيْبَةَ مِنَ النَّاسِ أَفْسَدَهُمْ"

"**Агар амир аз мардум шубҳа ҷӯяд, онҳоро вайрон мекунад**". Аз ин рӯ, ҷосусӣ аз болои мусулмон ҳаром аст. Айнан ҳамин ҳукм ба аҳли зимма, ки шаҳрвандони давлат ҳастанд, низ мувофиқат мекунад. Аз ин мебарояд, ки ҷосусӣ аз болои шаҳрвандон чи мусулмон бошанд, чи ғайримусулмон ҳаром аст.

2. Ҷосусӣ аз болои кофирони воқеан муҳориб, ки мо бо онҳо дар ҳолати ҷанг қарор мегирем, инчунин кофирони ҳукман муҳориб, ки ба ҳайси созишномакунандагон, паноҳҷӯяндагон, сафирон ва ғайра ба кишвари мо медароянд ё кофирони ҳукман муҳориб, ки дар кишвари худ қарор доранд, ҷоиз мебошад. Чунин ҷосусӣ аз болои кофирони воқеан муҳориб воҷиб буда, аз болои кофирони ҳукман муҳориб низ дар ҳолати эҳтимоли зарар воҷиб мегардад.

Дар ин бора дар сирати Пайғамбар (с) далелҳои кушоду равшан омадааст:

Дар "Сират"-и Ибни Ҳишом доир ба сарияи Абдуллоҳ ибни Ҷахш омадааст, ки Пайғамбар (с) мактубе навишта фармуданд, ки пас аз ду рӯз роҳ рафтан ба он нигоҳ кунад. Абдуллоҳ ибни Ҷахш

ду рӯз роҳ рафт. Сипас мактуби Пайғамбар (с)-ро кушода, ба он нигарист. Дар он чунин навишта шуда буд:

" إِذَا نَظَرْتَ فِيْ كِتَابِيْ هَذَا، فَامْضِ حَتَّى تَنْزِلَ نَخْلَةً بِيْنَ مَكَّةَ وَالطَّائِفِ، فَتَرَصَّدْ بِهَا قُرَيْشاً، وَتَعَلَّمْ لَنَا مِنْ أَخْبَارِهِمْ"

"**Чун ба мактуби ман назар афканӣ, роҳи худро идома дода, дар назди хурмое, ки дар байни Макка ва Тоиф аст, фуруд ой. Сипас аз он ҷо Қурайшро назорат намуда, хабарҳои онҳоро ба мо маълум кун**".

Дар "Сират"-и Ибни Ҳишом доир ба ҳодисаҳои ғазоти Бадр омадааст: Ибни Исҳоқ мегӯяд:

" رَكِبَ رَسُوْلُ اللهِ هُوَ وَأَبُوْ بَكْرٍ حَتَّى وَقَفَ عَلَى شَيْخٍ مِنَ الْعَرَبِ، فَسَأَلَهُ عَنْ قُرَيْشٍ وَعَنْ مُحَمَّدٍ وَأَصْحَابِهِ وَمَا بَلَغَهُ عَنْهُمْ، فَقَالَ الشَّيْخُ لا أُخْبِرُكُمَا حَتَّى تُخْبِرَانِيْ مِمَّنْ أَنْتُمَا؟ فَقَالَ رَسُوْلُ اللهِ إِذَا أَخْبَرْتَنَا أَخْبَرْنَاكَ. قَالَ أَذَاكَ بِذَاكَ؟ قَالَ: نَعَمْ. قَالَ الشَّيْخُ: ... وَبَلَغَنِيْ أَنَّ قُرَيْشاً خَرَجُوْا يَوْمَ كَذَا وَكَذَا، فَإِنْ كَانَ الَّذِيْ أَخْبَرَنِيْ صَدَقَنِيْ، فَهُمُ الْيَوْمَ بِمَكَانِ كَذَا وَكَذَا لِلْـمَكَانِ الَّذِيْ فِيْهِ قُرَيْشٌ، فَلَمَّا فَرَغَ مِنْ خَبَرِهِ قَالَ: مِمَّنْ أَنْتُمَا؟ فَقَالَ رَسُوْلُ اللهِ نَحْنُ مِنْ مَاءٍ، ثُمَّ انْصَرَفَ عَنْهُ، قَالَ يَقُوْلُ الشَّيْخُ: مِنْ مَاءٍ، أَمْ مِنْ مَاءِ الْعِرَاقِ؟ ثُمَّ رَجَعَ رَسُوْلُ اللهِ إِلَى أَصْحَابِهِ، فَلَمَّا أَمْسَى بَعَثَ عَلِيَّ بْنَ أَبِيْ طَالِبٍ وَالزُّبَيْرَ بْنَ الْعَوَّامِ وَسَعْدَ بْنَ أَبِيْ وَقَّاصٍ فِيْ نَفَرٍ مِنْ أَصْحَابِهِ، رِضْوَانُ اللهِ عَلَيْهِمْ، إِلَى مَاءِ بَدْرٍ يَلْتَمِسُوْنَ الْخَبَرَ عَلَيْهِ، أَيْ عُيُوْناً عَلَى قُرَيْشٍ"

"**Пайғамбар (с) ҳамроҳи Абӯбакр (с) ба роҳ баромада, дар назди як пирамарди араб бозистоданд. Аз ӯ дар бораи Қурайш, Муҳаммад ва асҳоби он кас ва хабаре, ки доир ба онҳо шунидааст, пурсиданд. Пирамард гуфт: "То он даме ки ба ман кӣ будани худро маълум насозед, ба шумо хабаре намегӯям" Пайғамбар (с) гуфтанд: "Агар ту ба мо хабар диҳӣ, мо низ ба ту**

**мегӯем" Пирамард гуфт: "Ин ба ҷои он аст?" Гуфтанд: "Оре" Пирамард гуфт: "Ба ман хабаре расид, ки Қурайш фалон рӯз ба роҳ баромадааст. Агар шахси ба ман хабаррасонда рост гуфта бошад, Қурайш имрӯз дар фалон ҷо қарор дорад..." ва ҷои Қурайшро маълум кард. Вақте ки пирамард сухани худро ба охир расонд, пурсид: "Шумо кӣ ҳастед?" Пайғамбар (с) гуфтанд: "Мо аз обем" Сипас рафтанд. Пирамард ба худ мегуфт: "Аз об ё аз оби Ироқ?" Сипас Пайғамбар (с) ба назди асҳоби худ баргаштанд. Чун бегоҳ шуд, Алӣ ибни Абӯтолиб, Зубайр ибни Аввом ва Саъд ибни Абӯваққосро бо гурӯҳе аз асҳоби худ ба оби Бадр фиристоданд, то дар хусуси Қурайш хабаре оранд, яъне аз болои онҳо ҷосусӣ кунанд"**

Ибни Ҳишом таҳти сарлавҳаи "Басбас ибни Амр ва Адӣ ибни Абӯзағбо бо хабарҳоро ҷосусӣ мекунанд" аз Ибни Исҳоқ ривоят мекунад: Адӣ ва Басбас инро (яъне хабарҳои Қурайшро, ки ду духтар дар назди об мегуфтанд) шуниданд. Сипас ба шутурҳои худ нишаста, ба назди Пайғамбар (с) омаданд ва шунидаҳои худро ба он кас расонданд.

Ин далелҳо, ҳарчанд нисбат ба Қурайш, ки воқеан муҳориб аст, ворид шудааст, вале ин ҳукм ба кофирони ҳукман муҳориб низ мувофиқат мекунад. Зеро аз ҷониби онҳо низ эҳтимоли ҷанг вуҷуд дорад. Фарқ танҳо дар он аст, ки ҷосусӣ аз болои кофирони воқеан муҳориб воҷиб аст, зеро сиёсати ҷанг доир ба мағлубсозии душман ҳаминро тақозо мекунад. Вале ҷосусӣ аз болои кофирони ҳукман муҳориб ҷоиз мебошад, зеро аз ҷониби онҳо эҳтимоли ҷанг вуҷуд дорад. Агар аз зарари ин ашхос тарсида шавад, яъне эҳтимоли ба кофирони воқеан муҳориб кӯмак расондан ё ҳамроҳ шудани онҳо пайдо шавад, ба давлат ҷосусӣ намудан аз болои онҳо воҷиб мегардад.

Бинобар ин, ҷосусӣ аз болои кофирони муҳориб ба мусулмонон ҷоиз аст ва давлат бояд барои ин шароит муҳайё кунад. Далели ин, чунон ки зикр гардид, фармони Пайғамбар ба иҷрои ин кор мебошад. Инчунин қоидаи "Ҳар он чӣ ки воҷиб танҳо

бо воситаи он амалӣ мегардад, воҷиб аст" низ далел шуда метавонад.

Агар баъзе шаҳрвандон хоҳ мусулмон бошанд, хоҳ зиммӣ бо кофирони воқеан ё ҳукман муҳориб дар кишвари мо ё дар кишвари онҳо рафтуомад кунанд, чунин ашхос аҳли шубҳа дониста мешаванд. Аз болои онҳо ҷосусӣ намудан ва хабарҳояшонро омӯхтан ҷоиз аст, зеро онҳо бо ашхосе, ки ҷосусӣ аз болояшон ҷоиз аст, рафтуомад мекунанд. Инчунин хавфе ҷой дорад, ки агар онҳо ба фоидаи кофирон ҷосусӣ кунанд, ба давлат зарар мерасад.

Вале барои ҷоиз шудани ҷосусӣ аз болои чунин шаҳрвандон бояд ду шарт мавҷуд бошад.

Идораи ҳарбӣ аз болои шаҳрвандоне ҷосусӣ мекунад, ки бо кофирони воқеан муҳориб рафтуомад менамоянд. Инчунин аз болои шаҳрвандоне, ки дар кишвари кофирон бо мансабдорони кофири ҳукман муҳориб ва вакилони онҳо рафтуомад мекунанд. Ҳамчунин идораи амнияти дохилӣ аз болои шаҳрвандоне ҷосусӣ мекунад, ки дар кишвари мо бо мансабдорони кофири ҳукман муҳориб ва вакилони онҳо рафтуомад мекунанд.

## Ҳафтум: Корҳои хориҷӣ

Идораи корҳои хориҷӣ ба тамоми корҳои хориҷие, ки ба алоқаи Давлати Хилофат бо давлатҳои аҷнабӣ вобаста мебошад, новобаста ба чигунагии ин корҳою алоқаҳо сарварӣ менамояд. Фарқ надорад, ки ин корҳо ба соҳаи сиёсӣ ва чизҳои тобеи он чун созишномаҳо, сулҳҳо, шартномаҳо, музокираҳо, табодули сафирон, фиристодани сафирону вакилон, кушодани сафоратхонаҳо ва консулхонаҳо, тааллуқ дорад ё ки ин алоқаҳо ба соҳаҳои иқтисодӣ, кишоварзӣ, тиҷоратӣ, почта, телефон, телеграф ва ғайра вобаста мебошанд. Ба ҳамаи ин корҳо идораи корҳои хориҷӣ сарварӣ менамояд, зеро он ба алоқаи давлат бо давлатҳои дигар вобаста аст.

Пайғамбар (с), чунон ки ҳангоми баҳс доир ба вазири танфиз гуфта гузаштем, бо давлатҳою вуҷудҳои дигар алоқаҳои хориҷӣ барпо мекарданд. Масалан, Усмон ибни Аффонро барои музокира бо Қурайш фиристоданд. Инчунин худи он кас низ бо вакилони Қурайш музокира намуданд. Ба подшоҳон вакилон фиристоданд ва вакилони подшоҳонро қабул карда, созишномаҳо ва сулҳҳо бастанд. Инчунин халифаҳои он кас низ бо давлатҳою вуҷудҳои дигар алоқаҳои сиёсӣ барпо мекарданд. Ё шахсеро таъин мекарданд, ки ба ҷои онҳо ин корро анҷом медод. Зеро шахс дар корҳое, ки худаш анҷом медиҳад, метавонад ба ҷояш шахси дигарро вакил кунад ва шахсеро, ки ин корро анҷом медиҳад, ноиб таъин намояд.

Азбаски ҳаёти сиёсии байналхалқӣ мураккаб, алоқаҳои сиёсии байналхалқӣ гуногуну васеъ мебошад, мо табаннӣ мекунем, ки Халифа ба ҷои худ яке аз дастгоҳҳои давлатро ноиб кунад. Ин дастгоҳ ба алоқаҳои байналхалқӣ хос буда, Халифа онро бе восита ё бо воситаи вазири танфиз тибқи аҳкоми шаръии ба он алоқаманд назорат мекунад, чунон ки ҳар як дастгоҳи дигари ҳокимият ва идораи давлатро назорат менамояд.

## Ҳаштум: Саноат

Идораи саноат ба тамоми корҳои вобаста ба саноат сарварӣ мекунад, хоҳ он саноати вазнин бошад, чун истеҳсоли муҳаррикҳо, дастгоҳҳо, истеҳсоли чархҳои автомобилҳо, ашёи хом, саноати электронӣ, хоҳ саноати сабук. Ин корхонаҳо хоҳ ба моликияти умумӣ дохил шаванд, хоҳ ба моликияти шахсӣ ба саноати ҳарбӣ алоқаманд мебошанд. Тамоми корхонаҳо бояд бар асоси сиёсати ҷанг сохта шавад, чунки ҷиҳод ва ҷанг ба артиш мӯҳтоҷ аст. Барои он ки артиш ҷангида тавонад, бояд силоҳ дошта бошад ва барои он ки артиш дар сатҳи баланд бо силоҳ таъмин гардад, дар дохили давлат вуҷуд доштани саноат зарур аст. Алалхусус вуҷуд доштани саноати ҳарбӣ, ки ба ҷиҳод алоқаи пурзӯр дорад, зарур мебошад.

Бо мақсади он ки давлат худро идора намуда, аз таъсир ва нуфузи дигарон дур шавад, бояд худ силоҳ истеҳсол намуда, онро ривоҷ диҳад. То ки бо мурури замон ба худ хӯҷаин гашта, ҳарчанд силоҳҳо тараққӣ карда, ривоҷ ёбад ҳам, ба навтарин ва пурзӯртарин силоҳ соҳиб шавад. Инчунин дар зери тасарруфи худ бояд ҳар як силоҳеро, ки барои тарсондани хоҳ душмани ошкоро ва хоҳ душмани эҳтимолӣ зарур аст. Аллоҳ Субҳонаҳу ва Таоло мегӯяд:

وَأَعِدُّواْ لَهُم مَّا اسْتَطَعْتُم مِّن قُوَّةٍ وَمِن رِّبَاطِ الْخَيْلِ تُرْهِبُونَ بِهِ عَدْوَّ اللّهِ وَعَدُوَّكُمْ وَآخَرِينَ مِن دُونِهِمْ لاَ تَعْلَمُونَهُمُ اللّهُ يَعْلَمُهُمْ

"**Ва дар баробари онҳо то метавонед нерӯ ва аспони саворӣ омода кунед, то душманони Аллоҳ ва душманони худ ва ҷуз онҳо, ки шумо намешиносед ва Аллоҳ мешиносадро битарсонед**" [8:60].

Дар натиҷа давлат иродаи худро ба даст мегирад ва силоҳи лозимиро истеҳсол карда, онро ривоҷ медиҳад. Давлат силоҳро пайваста ривоҷ медиҳад, то ба силоҳи пурзӯртарин ва тараққикардатарин соҳиб шуда, дар воқеъ, тамоми душманони ошкоро ва эҳтимолиро тарсонда тавонад. Бинобар ин, давлат бояд

силоҳ истеҳсол намуда, ба харидани он аз давлатҳои дигар такя накунад, зеро дар ин сурат давлатҳои истеҳсолкунанда ба ин давлат, ирода, силоҳ ва ҷанги он ҳукмфармо мегарданд.

Вақте ки ба ҷаҳони муосир назар меафканем, маълум мешавад, ки давлатҳои силоҳфурӯш ба дигар давлатҳо тамоми силоҳҳоро, алалхусус силоҳҳои замонавӣ ва мутараққиро намефурӯшанд. Силоҳҳои боқимондаро низ танҳо бо шартҳои муайяне доир ба истифодаи он мефурӯшанд. Инчунин онро на тибқи талаботи давлати харидор, балки бо миқдори муайян, ки лозим медонанд, мефурӯшанд. Дар натиҷа давлати силоҳфурӯш аз болои давлате, ки силоҳ мехарад, нуфузу ҳукмронӣ пайдо карда, хоҳишоти худро маҷбуран дар он ҷорӣ мекунад. Агар давлати силоҳхар ба гирдоби ҷанг дарояд, ба силоҳ, қисмҳои эҳтиётӣ ва захираи бештар эҳтиёҷ пайдо мекунад. Дар натиҷа ба давлати силоҳфурӯш бештар такя карда, ба талаботҳои он бештар сар хам менамояд. Давлати силоҳфурӯш ба ин давлат ва иродаи он ҳукмфармо мегардад, зеро он дар ҳолати ҷанг ва мӯҳтоҷӣ ба силоҳу қисмҳои эҳтиётӣ қарор дорад. Оқибат давлати силоҳхар хоҳишу ирода ва тамоми вуҷуди худро ба давлати силоҳфурӯш месупорад.

Бинобар ин, давлат бояд худаш бо истеҳсоли силоҳ, лавозимоти ҷангии зарурӣ ва қисмҳои эҳтиётӣ машғул шавад. Барои ин бояд саноати вазнинро ба роҳ монда, дар навбати аввал корхонаҳоеро бунёд кунад, ки маҳсулоти ҳарбӣ ё ғайриҳарбии саноати вазнинро истеҳсол менамоянд. Давлат бояд корхонаҳое дошта бошад, ки силоҳи ядровӣ, киштии кайҳонӣ, мушак, радифи маснӯъ, тайёра, танк, тӯп, киштии ҳарбӣ, мошинҳои зиреҳпӯши гуногун, силоҳҳои вазнин ва сабуки ҳархела кунад. Инчунин бояд корхонаҳое дошта бошад, ки дастгоҳ, муҳаррик, маводҳо ва маҳсулоти электронӣ истеҳсол мекунад. Илова бар ин, давлат бояд корхонаҳои ба моликияти умумӣ дахлдор ва корхонаҳои сабуки ба маҳсулоти ҳарбӣ алоқаманд дошта бошад. Ин ҳамаро омодашавие, ки бар мусулмонон фарз гардидааст, тақозо мекунад. Ӯ Таоло мегӯяд:

وَأَعِدُّواْ لَهُم مَّا اسْتَطَعْتُم مِّن قُوَّةٍ وَمِن رِّبَاطِ الْخَيْلِ

"**Ва дар баробари онҳо то метавонед нерӯ ва аспони саворӣ омода кунед**" [8:60].

Азбаски Давлати Ислом бо роҳи даъват ва ҷиҳод Исломро ба олам паҳн мекунад, бояд доимо омодаи ҷиҳод бошад. Ин амр талаб мекунад, ки саноати давлат чи вазнин бошад, чи сабук бар асоси сиёсати ҳарбӣ бунёд гардад. Агар давлат хоҳад, ки онҳоро ба корхонаҳои истеҳсоли тамоми навъҳои маҳсулоти ҷангӣ табдил диҳад, дар вақти дилхоҳ имконпазир мешавад. Бинобар ин, мебоист тамоми саноати Давлати Хилофат дар асоси сиёсати ҷанг шавад ва тамоми корхонаҳо чи корхонаҳои саноати вазнин, чи саноати сабук бар асоси ин сиёсат сохта шаванд. То ки истеҳсолоти онро дар ҳар вақте ки давлат эҳтиёҷ ҳис мекунад, ба истеҳсолоти ҷангӣ табдил додан осон шавад.

## Нӯҳум: Қазо

Қазо баён намудан ва маҷбуран татбиқ кардани ҳукм мебошад. Он даъвоҳои миёни мардумро ҳаллу фасл мекунад, корҳои ба ҷомеа зарароварро бартараф менамояд. Ҳамчунин низоъву кашмакашҳоро, ки байни амалдорон, ҳокимон ё Халифа ва мардум ё ягон шахс рух додааст, ҳал мекунад.

Машрӯияти қазо бо Қуръону суннат собит шудааст. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَأَنِ احْكُم بَيْنَهُم بِمَا أَنزَلَ اللّهُ

"**Миёнашон бар вафқи он чӣ Аллоҳ нозил кардааст, ҳукм кун**" [5:49],

وَإِذَا دُعُوا إِلَى اللَّهِ وَرَسُولِهِ لِيَحْكُمَ بَيْنَهُمْ

"**Чун онҳоро ба Аллоҳу пайғамбараш хонанд, то миёнашон ҳукм кунад...**" [24:48].

Пайғамбар (с) шахсан худашон дар байни мардум қозигӣ кардаанд.

Пайғамбар (с) одамонро ба мансаби қазо таъин намудаанд. Масалан, Алӣ (р)-ро ба Яман қозӣ таъин намуданд ва дар ин хусус тавсияҳо дода фармуданд:

" إِذَا تَقَاضَى إِلَيْكَ رَجُلَانِ، فَلاَ تَقْضِ لِلْأَوَّلِ حَتَّى تَسْمَعَ كَلاَمَ الْآخَرِ، فَسَوْفَ تَدْرِي كَيْفَ تَقْضِي"

"**Агар ду нафар наздат бо даъво биёяд, то сухани дуюмашро нашунавӣ, ба фоидаи якум ҳукм набарор. Дар ин сурат хоҳӣ донист, ки бояд чӣ гуна ҳукм барорӣ**" Ин ҳадисро Тирмизӣ ва Аҳмад ривоят кардаанд. Боз дар як ривояти Аҳмад гуфта шудааст:

" إِذَا جَلَسَ إِلَيْكَ الْخَصْمَانِ، فَلاَ تَكَلَّمْ حَتَّى تَسْمَعَ مِنْ الْآخَرِ كَمَا سَمِعْتَ مِنْ الْأَوَّلِ"

"**Агар ду даъвогар дар наздат нишинад, то ончунон ки сухани якумро шунидӣ, аз они дуюмро низ нашунавӣ, сухан магӯ (яъне ҳукм набарор)**" Ҳамин тавр Пайғамбар (с) Муоз ибни Ҷабалро ба Ҷанад қозӣ таъин намуданд. Ҳамаи инҳо далели машрӯияти қазо мебошад.

Таърифи қазо якҷоя бо ҳаллу фасл кардан миёни мардум мӯҳтасиби*ро низ дар бар мегирад. Мӯҳтасибӣ "аз болои кори ба ҷомеа зараровар ҳукм баровардан ва маҷбуран татбиқ кардани он" мебошад. Дар "Саҳеҳ"-и Муслим аз Абӯҳурайра ривоят шудааст:

" أَنَّ رَسُولَ اللهِ مَرَّ عَلَى صُبْرَةِ طَعَامٍ، فَأَدْخَلَ يَدَهُ فِيهَا فَنَالَتْ أَصَابِعُهُ بَلَلًا، فَقَالَ: مَا هَذَا يَا صَاحِبَ الطَّعَامِ؟ قَالَ: أَصَابَتْهُ السَّمَاءُ يَا رَسُولَ اللهِ، قَالَ: "أَفَلاَ جَعَلْتَهُ فَوْقَ الطَّعَامِ كَيْ يَرَاهُ النَّاسُ مَنْ غَشَّ فَلَيْسَ مِنِّي"

"**Расул (с) аз назди як ғарами хӯроквории хушк гузашта, дасташонро ба даруни он халонданд, ки ногоҳ ангуштонашон ба намӣ расид. Сипас гуфтанд: "Эй соҳиби таом, ин чист?" Ӯ гуфт: "Эй Расули Аллоҳ, ба он борон расидааст. Он гоҳ Расулуллоҳ (с) гуфтанд: "Онро ба боло намебарорӣ, то мардум бубинанд? Ҳар кӣ бифиребад, аз мо нест**"

Қазо баррасии шикоятҳоро низ дар бар мегирад. Дида баромадани шикоятҳо баён намудани ҳукми шаръӣ ва маҷбуран татбиқ кардани он дар хусуси ихтилофи байни одамон бо Халифа, муовинон, волиён ё яке аз амалдорони вай мебошад. Инчунин баён ва татбиқ намудани ҳукм оид ба маънои ягон ҳуҷҷати шаръист, ки барои қозигӣ ва ҳукмбарорӣ онро асос кардан мехоҳанд, вале доир ба маънои он дар байни мусулмонон ихтилоф сар задааст. Пайғамбар (с) дар ҳадис оид ба муайян намудани нарх чунин фармудаанд:

"... وَإِنِّيْ لَأَرْجُوْ أَنْ أَلْقَى اللهَ، وَلا يَطْلُبُنِيْ أَحَدٌ بِمَظْلَمَةٍ ظَلَمْتُهَا إِيَّاهُ فِيْ دَمٍ وَلا مَالٍ"

"**...Умедворам бо Аллоҳ чунон рӯ ба рӯ шавам, ки ҳеҷ кас аз зулми ман дар бораи мол ё хунаш шикоят накунад**" Ин ҳадисро Аҳмад ба воситаи Анас ривоят кардааст. Аз ин маълум мегардад, ки агар ягон кас аз болои ҳоким, волӣ ё ягон амалдор шикоят кунад, ин корро қозии мазолим мебинад ва ҳукм бароварда, маҷбуран татбиқ мекунад. Бинобар ин таърифи қазо ҳамаи се ҳолатеро, ки дар ҳадисҳо ва корҳои Расулуллоҳ (с) ворид шудаанд, яъне ҷудо кардани даъвои байни мардум, бартараф намудани кори ба ҷомеа зараровар, инчунин ҳал кардани ихтилофи байни ҳокимону амалдоронро бо шаҳрвандон дар бар мегирад.

**Навъҳои қозиҳо**

Қозиҳо се хел мешаванд. Якум, қозӣ – касест, ки даъвои байни мардумро дар хусуси муомила ва ҷазо ҳаллу фасл мекунад. Дуюм, мӯҳтасиб – касест, ки аз болои қонуншиканиҳои ба ҳаққи ҷомеа зараровар ҳукм мебарорад. Сеюм, қозии мазолим – касест, ки низои байни мардум ва давлатро ҳал мекунад.

Баёни навъҳои қозиҳо ҳамин аст. Қозӣ даъвои байни мардумро фасл мекунад. Далел ин аст, ки Пайғамбар (с) бевосита ба ин кор машғул шудаанд ва инчунин Муоз ибни Ҷабалро дар як ноҳияи Яман ба ин кор таъин намудаанд. Далели аз болои қонуншиканиҳои ба ҷомеа зараровар ҳукм баровардани қозӣ, яъне мӯҳтасибӣ бо сухан ва корҳои Пайғамбар (с) собит шудааст. Он кас дар ҳадиси боло, ки Аҳмад аз Абӯҳурайра ривоят кардааст, гуфтаанд: ".. ҳар кӣ бифиребад, аз ман нест" Ҳамин тавр Пайғамбар (с) фурӯшандаҳоро аз фиреб карда фурӯхтан бозмедоштанд. Инчунин савдогарони бозорро ҳам дар бораи савдо ва ҳам дар бораи закот ба ростгӯӣ мефармуданд. Аҳмад аз Қайс ибни Абӯғурзаи Кинонӣ ривоят мекунад: "Дар бозори Мадина савдо мекардем. Моро даллолон мегуфтанд. Пайғамбар (с) ба наздамон омада, моро бо номи аз номи гузоштаи худамон ҳам беҳтар хитоб намуда гуфтанд:

"يَا مَعْشَرَ التُّجَّارِ، إِنَّ هَذَا الْبَيْعَ يَحْضُرُهُ اللَّغْوُ وَالْحِلْفُ، فَشَوِّبُوْهُ بِالصَّدَقَةِ"

**"Эй ҷамоаи тоҷирон, дар вақти савдо лағв (суханони беҳуда) ва дуруштиҳо пеш меоянд, шумо садақаро бо он биомезед"**

Аҳмад аз Абӯминҳол ривоят мекунад:

" أَنَّ زَيْدَ بْنَ أَرْقَمَ وَالْبَرَاءَ بْنَ عَازِبٍ كَانَا شَرِيكَيْنِ، فَاشْتَرَيَا فِضَّةً بِنَقْدٍ وَنَسِيئَةً، فَبَلَغَ ذَلِكَ النَّبِيَّ فَأَمَرَهُمَا أَنَّ مَا كَانَ بِنَقْدٍ فَأَجِيزُوهُ، وَمَا كَانَ بِنَسِيئَةٍ فَرُدُّوهُ"

**"Зайд ибни Арқам бо Барро ибни Озиб шарик буданд. Як нуқраро бо накд ва насия хариданд. Пайғамбар (с) аз ин хабар**

**ёфта, ба онҳо фармуданд, ки савдои нақдро бигиред ва насияро баргардонед**" Пайғамбар (с) онҳоро аз рибои насия боздоштанд. Ҳамаи инҳо қозигӣ оид ба мӯҳтасибӣ мебошанд. Дар Ислом қозигиеро, ки бо ҳаллу фасли корҳои ба ҷомеа зараровар машғул аст, ҳисба, яъне нозирӣ меноманд. Ин истилоҳест, ки дар Давлати Ислом нисбат ба корҳои назорат, ченкунӣ, санҷидани асбобҳои вазнбаркашӣ онро истифода менамоянд, то ки савдогарону ҳунармандон дар касбу кори худ мардумро фиреб накунанд. Ин корро Пайғамбар (с) ҳам худашон кардаанд ва ҳам дигаронро фармудаанд. Масалан, дар ҳадиси пештар зикршудаи Барро ибни Озиб ҳар дуи онҳоро аз насия боздоштаанд. Дар "Табақот"-и Ибни Саъд ва "Истиоб"-и Ибни Абдулбирр омадааст, ки пас аз фатҳ Саид ибни Осро дар бозори Макка нозир таъин намуданд. Аз ин маълум мешавад, ки далели ҳисба, яъне нозирӣ суннат будааст. Умар ибни Хаттоб як занро аз қавми худашон, яъне модари Сулаймон ибни Абӯҳасамиро ба Шифо ва Абдуллоҳ ибни Атабаро дар бозори Мадина қозии бозор, яъне қозии назораткунанда таъин намуданд. Ин хабарро Молик дар "Муваттаъ" ва Шофиии дар "Муснад" овардаанд. Умар (р) худашон низ ба корҳои нозирӣ машғул гашта, монанди Пайғамбар (с) дар бозорҳо гаштаанд. То замони Маҳдӣ худи Халифа ба назорат машғул шудааст. Маҳдӣ нозириро ба як дастгоҳи алоҳида табдил додааст, дар натиҷа он ба яке аз дастгоҳҳои қазо табдил ёфтааст. Дар замони Ҳоруннаррашид низ мӯҳтасиб, яъне нозир дар бозорҳо давр зада, тарозу ва асбобҳои ченакро санҷида, муомилаи савдогаронро низ назорат кардааст.

Ба шикоятҳо машғул шудан ҳам ба қозигӣ медароянд, ки акнун дар хусуси далелҳои он низ таваққуф мекунем. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

فَإِن تَنَازَعْتُمْ فِي شَيْءٍ فَرُدُّوهُ إِلَى اللّهِ وَالرَّسُولِ

"**Ва чун дар амре ихтилоф кардед, ба Аллоҳу пайғамбар руҷӯъ кунед**" [4:59].

Ин оят пас аз ояти зерин омадааст:

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُواْ أَطِيعُواْ اللّهَ وَأَطِيعُواْ الرَّسُولَ وَأُوْلِي الأَمْرِ مِنكُمْ

"**Эй касоне, ки имон овардаед, аз Аллоҳ итоат кунед ва аз расул ва улувуламри хеш фармон баред**" [4:59].

Низоъ ва кашмакаши байни шаҳрвандону роҳбарият ба ҳукми Аллоҳ ва Расулаш ҳавола карда мешавад. Аммо ин ҳастии қозии мазолимро, ки ба ин корҳо машғул мешавад, тақозо мекунад. Зеро таърифи қозии мазолим дида баромадани моҷароеро дар бар мегирад, ки байни мардум ва Халифа рух медиҳад. Далели қозии мазолим сухан ва корҳои Пайғамбар (с) мебошад. Лекин ҳам Пайғамбар (с) ва ҳам халифаҳои баъд аз эшон барои ба мазолим машғул шудан қозии алоҳида таъин нанамудаанд. Зеро ба ин кор худашон машғул шудаанд. Масалан, Алӣ ибни Абӯтолиб (р) шахсан худаш ба мазолим машғул шудааст, лекин барои ин кор на вақти муайян ҷудо кардааст ва на ягон услуби хос пеш гирифтааст. Баробари пеш омадани шикоят онро дида баромада, ҳал кардааст, яъне ин корро сариқадам иҷро намудааст. Ин ҳолат то замони Абдумалик ибни Марвон идома ёфт. Ӯ аввалин Халифаест, ки барои шикоятҳо вақт ва услуби муайян қабул кард. Вай шикоятҳоро дида мебаромад, агар ягон муаммо пайдо мешуд, онро ба қозӣ супорида, ҳукм талаб мекард. Халифа ноибҳо таъин кард, ки шикоятҳои мардумро дида мебаромаданд. Ҳамин тавр, шӯъбаи шикоятҳо ба як дастгоҳи алоҳида табдил ёфт, ки он "Доруладл", яъне ошёни адолат ном гирифт. Ба ин шӯъба қозии алоҳида таъин кардан ҷоиз аст. Зеро Халифа ҳуқуқ дорад барои корҳое, ки худаш бояд иҷро намояд, вакил ё ноиб таъин кунад. Ин ба ҷумлаи ваколатҳои Халифа дохил мешавад. Барои ин кор вақт ва услуби муайян қабул кардан ҳам ҷоиз аст, чунки ин ба мубоҳот дохил мешавад.

**Шартҳои қозӣ**

Шарт аст, ки қозӣ мусулмон, озод, болиғ, оқил, одил, фақеҳ бошад, мувофиқати ҳукмҳо ва воқеъро фаҳмида тавонад. Аммо қозии мазолим айнан монанди қозиюлқузот илова ба шартҳои зикршуда боз шарт аст, ки мард ва муҷтаҳид бошад. Чунки кори вай қозигӣ кардан ва ҳукм баровардан аст. Ӯ аз болои ҳоким ҳукм мебарорад, шариатро ба вай татбиқ мекунад. Бинобар ин илова бар шартҳои боло боз шарт аст, ки мард ва муҷтаҳид бошад. Зеро мумкин аст, ки дар шикоятҳои дидашаванда бо нозилкардаи Аллоҳ ҳукм нарондани ҳоким нишон дода шуда бошад. Масалан, бе далел ягон ҳукми шаръӣ баровардааст ё далели овардааш ба воқеъ мувофиқат накардааст. Ин гуна шикоятро танҳо муҷтаҳид ҳал карда метавонад. Агар муҷтаҳид набошад, пас ӯ қозиест, ки кӯркӯрона ҳукм мебарорад. Ҳол он ки ин кори ноҷоиз ва ҳаром аст. Бинобар ин илова бар шартҳои ҳокимӣ ва қозигӣ шарт аст, ки муҷтаҳид низ бошад.

**Таъини қозиҳо**

Мумкин аст, ки қозӣ, мӯҳтасиб ва қозии мазолимро дар ҳама ҷо оид ба ҳамаи масъалаҳо қозии умумӣ таъин кунанд, инчунин мумкин аст, ки дар ҷойҳои алоҳида оид ба масъалаҳои алоҳида қозӣ таъин кунанд. Чунки Пайғамбар (с) ҳамин тавр кардаанд. Он кас Алӣ ибни Абӯтолибро ба Яман, Муоз ибни Ҷабалро ба як ноҳияи Яман ва Амр ибни Осро оид ба як масъалаи муайян қозӣ таъин намудаанд.

**Ба қозиҳо маош додан**

Ҳофиз дар "Фатҳ" мегӯяд: "Маош ҳиссаест, ки Халифа аз байтулмол барои касони бо кори мусулмонон машғул ҷудо кардааст" Қозигӣ ба ҷумлаи корҳое медароянд, ки барои он аз байтулмол маош гирифтан ҷоиз аст. Касоне, ки ба корҳои мусулмонон машғул мешаванд, давлат онҳоро киро намуда, барояшон музд ҷудо мекунад. Шахсе, ки аз тарафи давлат барои шаръан бо корҳои мусулмонон машғул гаштан киро карда шудааст, хоҳ ибодат бошад, хоҳ кори дигар ҳақ дорад, ки музд

бигирад. Далели ин ояти зерини Аллоҳ Субҳонаҳу дар хусуси ҳисса ҷудо намудан аз моли закот барои закотғундор мебошад:

وَفِي الرِّقَابِ وَالْغَارِمِينَ

"...ва коргузорони ҷамъоварии он" [9:60].

Дар ҳадисе, ки Бурайда ривоят мекунад, Пайғамбар (с) чунин фармудаанд:

"أَيُّمَا عَامِلٍ اِسْتِعْمَلْنَاهُ وَفَرَضْنَا لَهُ رِزْقاً، فَمَا أَصَابَ بَعْدَ رِزْقِهِ فَهُوَ غُلُوْلٌ"

"**Кадом омилеро, ки ба коре таъин карда, барояш музд муайян намудаем, ғайр аз ин музд ҳар чӣ бигирад, хиёнат варзидааст**" Ин ҳадисро Абӯдовуд, Ибни Ҳузайма дар "Саҳеҳ", Байҳақӣ ва Ҳоким ривоят карда, ба шарти шайхайн низ саҳеҳ гуфтаанд, инчунин Заҳабӣ онро маъқул шуморидааст. Мовардӣ дар "Ҳовӣ" мегӯяд: "Барои қозигӣ ҳам аз байтулмол маош гирифтан ҷоиз аст. Зеро Аллоҳ Таоло барои ғундорандагони закот низ ҳисса муайян намудааст. Умар (р) Шурайҳро қозӣ таъин карда, барои ӯ ҳар моҳ сад дирҳам маош муайян намуданд. Чун хилофат ба Алӣ расид, маоши ӯро ба панҷсад дирҳам бардошт. Зайд ибни Собит ҳам барои қозигӣ маош гирифтааст" Бухорӣ ба таври таълиқ* ривоят мекунад: "Шурайҳ барои қозигӣ маош мегирифт" Ҳофиз ба таври таълиқи таълиқ* ривоят мекунад: "Акнун дар бораи Шурайҳ таваққуф кунем, Саид ибни Мансур аз Суфён, ӯ аз Муҷолид, ӯ аз Шаъбӣ ривоят мекунад, ки Масруқ барои қозигӣ маош намегирифт, аммо Шурайҳ мегирифт" Ҳофиз дар "Фатҳ" мегӯяд: "Бинобар ривояти Ибни Мунзир Зайд ибни Собит барои қозигӣ маош мегирифт" Ибни Саъд аз Нофеъ ривоят мекунад: "Умар ибни Хаттоб Зайд ибни Собитро қозӣ таъин намуда, барои ӯ маош муайян кард" Саҳобагон ва касони баъд аз онҳо иҷмоъ кардаанд, ки барои қозигӣ маош гирифтан ҷоиз аст. Ҳофиз дар "Фатҳ" мегӯяд: "Абӯалии Карбосӣ мегӯяд, ки дар назди саҳобагон ва тамоми уламои баъд аз онҳо барои қозигӣ музд гирифтан бок надорад. Қавли тамоми фақеҳони кишвар ҳамин аст. Дар байни

онҳо ихтилоф надидам. Якчанд нафарон, монанди Масруқ онро макрӯҳ донистаанд. Аммо ягон фақеҳро намедонам, ки онро ҳаром гӯяд" Ибни Қудома дар "Муғнӣ" мегӯяд: "Чун Умар Муоз ибни Ҷабал ва Абӯубайдаро ба Шом фиристод, ба онҳо мактуб равон кард. Дар он гуфта шуда буд: "Ба мардони солеҳи лаёқатманд рӯ оред, онҳоро қозӣ таъин намоед, бар онҳо фарохдастӣ кунед ва аз байтулмол маоши басанда ҷудо намоед"

**Ташкили маҳкамаҳо**

Танҳо як қозӣ ҳақ дорад, ки дар маҳкама ҳаллу фасл кунад. Мумкин аст, ки дигар қозиҳо ҳам бошанд, аммо онҳо салоҳияти ҳукмбарорӣ надоранд. Онҳо фақат метавонанд, ки фикрҳояшонро пешниҳод намуда, маслиҳат диҳанд. Фикрҳои онҳо барои қозӣ маҷбурӣ ҳисоб намешавад.

Сабаб ин аст, ки Расул (с) барои як масъала фақат як қозӣ таъин намудаанд. Ғайр аз ин, қазо баён намудани ҳукм ва маҷбуран татбиқ кардани он аст. Аммо барои мусулмон ҳукм якто мешавад. Дуруст, онро ҳар хел фаҳмидан мумкин аст, лекин аз ҷиҳати амалкард ин ҳукм фақат якто мешавад. Вақте ки қозӣ ҳукмро баён намуда, онро маҷбуран татбиқ кард, воҷиб аст, ки ин ҳукми баёншуда фақат якто бошад. Зеро он моҳиятан ба ҳукми Аллоҳ Таоло амал кардан мебошад. Аммо ҳукми Аллоҳ Таоло, гарчанд онро ҳар хел фаҳмидан мумкин бошад ҳам, дар ҳолати амал фақат якто мешавад. Бинобар ин барои як масъала, яъне дар як маҳкама бояд як қозӣ бошад. Аммо ҷоиз аст, ки дар як шаҳр ва дар як ҷо, лекин дар ду маҳкама алоҳида-алоҳида барои ҳар яки он қозӣ таъин шавад. Зеро қозигӣ ноибӣ ва вакилӣ аз ҷониби Халифа мебошад. Чунон ки мавҷуд будани якчанд ваколат ва вакил ҷоиз аст, дар як ҷо якчанд қозӣ буданаш ҳам ҷоиз аст. Агар ду хасм* барои интихоби яке аз ду қозӣ, ки дар як ҷо ҳастанд, ихтилоф намоянд, дар ин сурат барои интихоби қозӣ хоҳиши даъвогар ба инобат гирифта мешавад. Чунки даъвогар талабкунандаи ҳақ аст. Бинобар ин дар ин бора сухани ӯ нисбат ба тарафи талабкунандаи ҳақ бештар ба инобат гирифта мешавад.

Қозӣ танҳо дар қозихона ва маҷлиси қазо ҳаққи қозигӣ дорад. Ғайр аз маҷлиси қазо дар ҷои дигар ҳам ҳуҷҷат ва ҳам қасам ба инобат гирифта намешавад. Аз Абдуллоҳ ибни Зубайр чунин ривоят шудааст:

"قَضَى رَسُوْلُ اللهِ أَنَّ الْخَصْمَيْنِ يَقْعُدَانِ بَيْنَ يَدَيِ الْحَاكِمِ"

"**Расул (с) ҳукм карданд, ки бояд ҳам даъвогар ва ҳам ҷавобгар дар рӯ ба рӯи ҳоким бинишинанд**" Ин ҳадисро Абӯдовуд ва Аҳмад ривоят кардаанд. Дар он ҳайате, ки қазо бояд иҷро гардад, баён карда шудааст. Ин ҳайат моҳиятан ҳайати шаръӣ аст. Яъне барои иҷро намудани қазо ҳайати муайян шарт мебошад. Ба таври дигар гӯем, шарт аст, ки даъвогар ҳамроҳи ҷавобгар дар маҷлиси қазо – дар рӯ ба рӯи ҳоким бинишинанд. Дар ҳамин сурат қазо саҳеҳ ва дуруст мешавад. Сухани зерини Пайғамбар (с) ба Алӣ (р) низ ҳаминро таъкид мекунад, ки фармудаанд:

" إِذَا جَلَسَ إِلَيْكَ الْخَصْمَانِ، فَلا تَكَلَّمْ حَتَّى تَسْمَعَ مِنَ الْآخَرِ كَمَا سَمِعْتَ مِنَ الْأَوَّلِ"

"**Агар ду даъвогар ба наздат омада нишинанд, то чунон ки сухани якумро шунидаӣ, сухани дуюмро ҳам нашунавӣ, сухан нагӯ (яъне ҳукм набарор)**" Дар айни вақт ибораи "Агар ду даъвогар ба наздат омада нишинанд..." ҳайати муайянро ифода мекунад. Пас барои қозигӣ кардан маҷлиси қазо шарт аст. Барои ба эътибор гирифтани қасам низ маҷлиси қазо шарт аст. Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"اَلْيَمِيْنُ عَلَى الْـمُدَّعَى عَلَيْهِ"

"**Касе, ки аз болои вай даъво мекунанд, бояд қасам бихӯрад**" Ин ҳадисро Бухорӣ аз тариқи Ибни Аббос ривоят кардааст. Ин сифат, яъне қасам хӯрдани касе, ки аз болои вай даъво мекунанд, фақат дар маҷлиси қазо амалӣ мешавад. Ҳамин тавр, ҳуҷҷат низ

танҳо дар маҷлиси қазо ба эътибор гирифта мешавад. Далел сухани зерини Пайғамбар (с) мебошад:

"وَلَكِنِ الْبَيِّنَةُ عَلَى الْـمُدَّعِيْ، وَالْيَمِيْنُ عَلَى مَنْ أَنْكَرَ ..."

"**... Лекин ҳуҷҷат овардан ба даъвогар ва қасам хӯрдан ба шахсе, ки ӯро инкор мекунад, воҷиб аст**" Ин ҳадисро Байҳақӣ ривоят кардааст. Сифати ҳуҷҷат овардани даъвогар ҳам танҳо дар маҷлиси қазо амалӣ мешавад. Мумкин аст, ки дараҷаи маҳкамаҳо вобаста ба навъи масъалаҳо гуногун бошад. Агар баъзе қозиҳоро ба навъи муайяни масъалаҳо хос гардонанду масъалаҳои дигарро ба маҳкамаҳои боқимонда супоранд, ин ҷоиз аст.

Чунки қозигӣ аз тарафи Халифа ноибӣ мебошад. Ноибӣ ва ваколат кори якхелаанд. Байни онҳо ягон фарқ вуҷуд надорад. Зеро ноибӣ низ ваколат ба ҳисоб меравад. Ваколат мумкин аст, ки ҳам умумӣ ва ҳам хусусӣ, яъне ҳам маҳдуд ва ҳам ғайримаҳдуд шавад. Бинобар ин гарчанд дар як ҷо бошад ҳам, аз рӯи як масъала як қозӣ ва аз рӯи масъалаҳои боқимонда қозии дигар таъин намудан ҷоиз аст. Ҷоизии маҳкамаҳои гуногундараҷа низ аз ҳамин ҷо бармеояд. Дар даври мусулмонони пешин ҳамин тавр будааст. Мовардӣ дар асари худ бо номи "Аҳкоми султония" мегӯяд: "Абӯабдуллоҳи Зубайрӣ мегӯяд, ки амирон чун як муддат дар шаҳри мо, яъне дар Басра мешуданд, ҳамеша ба масҷиди ҷомеи он як қозӣ таъин менамуданд. Вайро қозии масҷид меномиданд. Ӯ корҳои ба миқдори бист динор ё дусад дирҳам ва аз он камтарро медид, инчунин нафақаҳоро муайян мекард. Аз дараҷа ва масъалаҳои барои вай муайянгардида он тараф намегузашт" Расул (с) барои аз рӯи масъалаи муайян қозигӣ кардан Амр ибни Ос ва барои ба як вилоят – Яман пурра қозигӣ кардан Алӣ ибни Абӯтолибро қозӣ таъин намуданд. Аз ин маълум мегардад, ки қозигиро ҳам хусусӣ ва ҳам умумӣ, яъне ҳам маҳдуд ва ҳам ғайримаҳдуд кардан ҷоиз будааст.

Маҳкамаҳои аппелятсионӣ ва кассатсионӣ намешаванд. Зеро дараҷаи ҳукме, ки аз болои масъала баровардa мешавад, ҳукми

ягонаи қатъӣ мебошад. Пас вақте ки қозӣ ҳукмро баровард, он албатта иҷро карда мешавад. Ҳукми вайро ҳукми қозии дигар бекор карда наметавонад. Қоидаи шаръӣ вуҷуд дорад, ки "**Иҷтиҳод бо як иҷтиҳоди ба он монанд бекор карда намешавад**" Пас ҳеҷ як муҷтаҳид бар зидди муҷтаҳиди дигар ҳуҷҷат шуда наметавонад. Бинобар ин мавҷудияти маҳкамае, ки ҳукми маҳкамаи дигарро бекор кунад, мумкин нест.

Лекин агар қозӣ бо аҳкоми шариати Ислом ҳукм набарораду бо аҳкоми куфр ҳукм барорад, ё бар зидди ҳуҷҷати қатъии Китоб, Суннат ва иҷмои саҳобагон ҳукм барорад, ё ҳукме барорад, ки ба моҳияти воқеъ мувофиқ набошад, масалан, бо айби "ба куштори барқасд даст задан" ба як одам ҳукми қасос барораду аммо баъд қотили ҳақиқӣ ёфт шавад, дар ин ҳолат ва ҳолатҳои ба ин монанд ҳукми қозӣ бекор карда мешавад. Зеро Расул (с) гуфтаанд:

**"مَنْ أَحْدَثَ فِي أَمْرِنَا هَذَا مَا لَيْسَ مِنْهُ فَهُوَ رَدٌّ"**

"**Ҳар кас дар ин кори мо чизеро пайдо кунад, ки аз он набувад, рад карда мешавад**" Ин ҳадисро Бухорӣ ва Муслим аз тариқи Оиша (р) ривоят кардаанд. Ҷобир ибни Абдуллоҳ ривоят мекунад:

**" أَنَّ رَجُلًا زَنَى بِامْرَأَةٍ، فَأَمَرَ بِهِ النَّبِيُّ فَجُلِدَ. ثُمَّ أُخْبِرَ أَنَّهُ مُحْصَنٌ فَأَمَرَ بِهِ فَرُجِمَ"**

"**Як мард бо зане зино кард. Набӣ (с) фармуданд, ки ба вай тозиёна бизананд. Баъд хабар расид, ки ӯ муҳсан* будааст. Пас он кас фармуданд ва мард сангсор карда шуд**" Молик ибни Анас ривоят мекунад:

**" بَلَغَنِي أَنَّ عُثْمَانَ أُتِيَ بِامْرَأَةٍ وَلَدَتْ مِنْ سِتَّةِ أَشْهُرٍ فَأَمَرَ بِرَجْمِهَا. فَقَالَ لَهُ عَلِيٌّ: مَا عَلَيْهَا رَجْمٌ، لِأَنَّ اللهَ تَعَالَى يَقُوْلُ: وَيَقُولُ: فَالْحَمْلُ يَكُوْنُ سِتَّةَ أَشْهُرٍ، فَلا رَجْمَ عَلَيْهَا. فَأَمَرَ عُثْمَانَ بِرَدِّهَا"**

"**Ба ман хабар расид, ки занеро ба назди Усмон (р) оварданд. Ӯ кӯдаки шашмоҳа таваллуд карда буд*. Усмон (р) фармуд, ки ӯро сангсор кунанд. Сипас Алӣ (р) ба он кас гуфт, ки нисбат ба вай ҳукми сангсор бароварда намешавад. Зеро Аллоҳ Таоло фармудааст:** "**Ва муддати ҳамл то аз шир бозгирифтанаш сӣ моҳ аст**" [46:15] Ва боз мефармояд: **"Модароне, ки мехоҳанд шир доданро ба фарзандони худ комил созанд, ду соли тамом ширашон бидиҳанд**" [2:233]

Пас мумкин аст, ки ҳомиладор кӯдаки шашмоҳа бизояд. Бинобар ин ӯ сангсор карда намешавад. Он гоҳ Усмон (р) фармуд, ки занро баргардонанд" Абдурраззоқ аз имом Саврӣ чунин ривоят мекунад: "Агар қозӣ бар зидди Китоби Аллоҳ, ё Суннати Расулуллоҳ (с) ва ё иҷмои саҳобагон ҳукм барорад, қозии дигар ҳукми вайро рад менамояд" Салоҳияти бекор кардани ҳукмҳо ба қозии мазолим дода мешавад.

**Мӯҳтасиб**

Мӯҳтасиб қозиест, ки тамоми масъалаҳои ба ҳуқуқи омма алоқамандро дида мебарояд. Азбаски ҳадҳо ва ҷиноятҳо ба доираи мӯҳтасибӣ намедароянд, дар он даъвогар вуҷуд надорад.

Таърифи қозии мӯҳтасиб ҳамин аст. Он аз ҳадиси субра* гирифта шудааст. Зеро Пайғамбар (с) чун дар миёни хӯрокворӣ намиро диданд, фармуданд, ки онро ба боло барорад, то мардум бубинанд. Дар ин ҷо Пайғамбар (с) ба ҳаққи омма нигаристанд. Барои он ки хиёнат нашавад, фармуданд, ки тарии онро ба боло барорад. Ҳадиси мазкур ба ҳама ҳуқуқҳо дар ин бора тааллуқ дорад. Аммо ба ҳадҳо ва ҷиноятҳо алоқамандӣ надорад. Зеро онҳо дар асл даъвои байни мардум мебошанд.

**Салоҳиятҳои мӯҳтасиб**

Мӯҳтасиб вақте донист, ки қонуншиканӣ рух додааст, ҳуқуқ дорад, ки дар ҷои дилхоҳ ҳукм барорад. Барои ӯ маҷлиси қазо

шарт нест. Барои он ки ҳукму фармонҳои содиркардаашро иҷро намояд, дар ихтиёри ӯ якчанд нафар шурта гузошта мешавад.

Барои он ки мӯҳтасиб даъворо дида бароядъ, шарт нест, ки маҷлиси қазо ташкил намояд. Ӯ баробари содир шудани қонуншиканӣ ҳукм мебарорад. Ҳамчунин ҳуқуқ дорад, ки дар макон ва вақти дилхоҳ ҳукм барорад. Фарқ надорад, ки дар бозор аст ё дар хона, дар автомобил аст ё дар асп, шаб аст ё рӯз. Зеро ҳуҷҷатҳои бар зарурати маҷлиси қазо далолаткунанда ба сифати мӯҳтасиб мувофиқ намеоянд. Дар ҳадисе, ки ба шарт будани маҷлиси қазо далолат мекунад, гуфта шудааст: "Ду даъвогар дар назди ҳоким менишинанд" Боз дар ҳадиси дигар гуфта шудааст: "**Агар ду даъвогар омада, дар назди ту бинишинанд...**" Дар қозии мӯҳтасиб ин гуна ҳолат рух намедиҳад. Чунки дар он даъвогар ва ҷавобгар вуҷуд надорад. Баръакс дар он танҳо ҳолати ба кори омма таҷовуз ва ба шариат мухолифат кардан мавҷуд аст. Пайғамбар (с) ғарами хӯроквории хушкро ҳангоми аз бозор гузар кардан дидаанд. Он барои фурӯш гузошта шуда буд. Нисбат ба соҳиби хӯрокворӣ ҳеҷ гуна шикоят рух надода буд. Чун ба шариат мухолифати онро диданд, зуд дар ҳамон ҷо ҳукм бароварданд. Ин нишон медиҳад, ки дар мӯҳтасибӣ маҷлиси қазо шарт нест.

Мӯҳтасиб ҳуқуқ дорад, ки аз ҷониби худ ноиб таъин намояд. Дар ин кор албатта лозим аст, ки шартҳои ноибӣ мавҷуд бошад. Онҳоро ба самтҳои гуногун тақсим мекунад, ки ҳуқуқ доранд дар минтақаҳои таъиншудаашон вазифаи мӯҳтасибиро иҷро намоянд.

Кори мазкур ба он вобаста аст, ки оё ба мӯҳтасиб ҳуқуқи аз номи худаш ноиб таъин кардан дода шудааст ё на. Агар ин ҳуқуқро ба вай надода бошанд, пас соҳиби салоҳияти ноиб таъин кардан намегардад.

### Қозии мазолим

Қозии мазолим аз тарафи давлат барои бартараф намудани ноҳақиҳо, ки нисбат ба шаҳрвандони дар зери салтанати давлат ё ғайри шаҳрвандон рух додааст, таъин карда мешавад. Ин ноҳақӣ

аз тарафи Халифа рух медиҳад ё аз тарафи ягон ҳокиму амалдор фарқ надорад.

Таърифи қозии мазолим ҳамин аст. Далел ин аст, ки Пайғамбар (с) дар ҳукмбарорӣ бар мардум бо роҳи нодуруст рафтани ҳокимро мазлима, яъне ноҳақӣ номидаанд. Анас ривоят мекунад: "Дар замони Пайғамбар (с) нарх боло рафт. Саҳобагон гуфтанд, ки эй Пайғамбари Аллоҳ, агар нархро муайян мекардед, хуб мешуд. Дар ҷавоб Пайғамбар (с) гуфтанд:

" إِنَّ اللهَ هُوَ الْخَالِقُ الْقَابِضُ الْبَاسِطُ الرَّازِقُ الْـمُسَعِّرُ، وَإِنِّي لَأَرْجُو أَنْ أَلْقَى اللهَ وَلاَ يَطْلُبُنِي أَحَدٌ بِمَظْلَمَةٍ ظَلَمْتُهَا إِيَّاهُ فِي دَمٍ وَلاَ مَالٍ"

"**Дар ҳақиқат Аллоҳ офаридгори камдиҳанда ва фаровондиҳанда, ризқдиҳанда ва ҳам нархро муайянкунанда аст. Ман умед дорам бо Аллоҳ дар ҳолате рӯ ба рӯ шавам, ки ягон кас чи дар хусуси мол ва чи дар хусуси ҷон аз ман шикоят накунад**" Ин ҳадисро Аҳмад ривоят кардааст. Дар ҳадис Пайғамбар (с) муайян кардани нархро ноҳақӣ донистанд. Зеро мегӯянд, ки агар ин корро кунанд, пас кореро анҷом додаанд, ки ба он ҳақ надоранд. Ҳамчунин Пайғамбар (с) масъалаҳоеро, ки ба ҳуқуқи умумии мардум тааллуқ дорад ва аз тарафи давлат бояд ба тартиб андохта шавад, ба ҷумлаи масъалаҳое ворид намуданд, ки онҳоро қозии мазолим дида мебарояд. Масалан, аз тарафи давлат барои манфиати мардум тартибе ҷорӣ карда шавад ва ягон шахс онро нисбат ба худаш ноҳақӣ донад, ин кор аз тарафи қозии мазолим дида мешавад. Зеро он тартибе ба шумор меравад, ки аз тарафи давлат ҷорӣ гардида, нисбат ба як шаҳрванд ноҳақӣ ҳисоб меёбад. Масалан, киштзорро аз рӯи тартиби ҷоринамудаи давлат обёрӣ кардан.

Далел ин аст, ки як ансорӣ дар хусуси обёрӣ кардан аз рӯи тартиби ҷоринамудаи давлат шикоят кард. Яъне давлат тартиб муайян намуда буд, ки об аввал аз киштзори кадом шахсе ҷорӣ шавад, ҳамон аввал об медиҳад. Аммо ансорӣ талаб намудааст, ки

Зубайр пеш аз об мондан ба киштзори худаш аввал обро ба сӯи киштзори ӯ равон кунад. (Об аввал аз киштзори Зубайр мегузашт). Зубайр аз ин сар кашидааст. Масъала ба назди Пайғамбар (с) бардошта шуд. Он кас фармуданд, ки аввал Зубайр замини худашро сабук об дода, сипас оби боқимондаро ба сӯи ҳамсоя равон кунад. (Яъне лозим шудааст, ки Зубайр барои кӯмаки ансорӣ аз ҳаққи худаш пурра истифода накунад). Ансорӣ ба ин ҳукм пурра розӣ нашуда, талаб намудааст, ки Зубайр аввал ба ӯ об диҳаду сипас худаш киштзорашро обёрӣ кунад. Ба Пайғамбар (с) гуфтааст, ки Зубайр писари аммаашон мешавад, бинобар ин ҳамин хел ҳукм баровардаанд. (Ин сухан ба шаъни Расулуллоҳ (с) хеле вазнин афтодааст, лекин азбаски вай яке аз иштирокдорони ҷанги Бадр буд, ба ҳамин хотир аз хатояш даргузаштаанд. Дар ривояти Бухорӣ ҳамин хел гуфта шудааст).

Он гоҳ Пайғамбар (с) ба Зубайр фармудаанд, ки аз ҳаққи худаш пурра истифода кунад. Яъне заминашро то ба бехи девор ва дарахт расидани об обёрӣ кунад. Уламо ин суханро чунин тафсир намудаанд: "Об аз замин ҳамон қадар баланд шавад, ки буҷули пойро пӯшонад" Матни пурраи ин ҳадисро Муслим аз тариқи Урва ибни Зубайр чунин ривоят кардааст: "Бинобар ривояти Абдуллоҳ ибни Зубайр як ансорӣ дар ҳузури Пайғамбар (с) бо Зубайр дар бораи ҷӯи Ҳарра даъво карданд. Обе, ки дарахтони хурмо бо он обёрӣ мешуд, аз ҳамин ҷӯи Ҳарра меомад. Ансорӣ гуфт, ки обро раҳо кун. Зубайр ба ин розӣ нашуд. Он гоҳ ҳар ду бо даъво ба назди Пайғамбар (с) омаданд. Пайғамбар (с) гуфтанд:

"اسْقِ يَا زُبَيْرُ ثُمَّ أَرْسِلِ الْـمَاءَ إِلَى جَارِكَ"

"**Эй Зубайр, аввал ту об деҳ, сипас онро ба сӯи ҳамсоят равон кун**" Ансорӣ аз ин ҳукм оташин гашта гуфт: "Эй пайғамбари Аллоҳ, зеро ки ин писари амаатон мешавад!" Аз сухани вай чеҳраи Пайғамбар (с) дигаргун шуд ва фармуданд:

"يَا زُبَيْرُ اسْقِ ثُمَّ احْبِسِ الْـمَاءَ حَتَّى يَرْجِعَ إِلَى الْجَدْرِ"

"**Эй Зубайр, обёрӣ кун, сипас обро то ба девор расида баргаштанаш нигоҳ дор**" Зубайр гуфт, ки шояд ояти зерини Аллоҳ Таоло дар хусуси ҳамин ҳодиса нозил шудааст:

**فَلاَ وَرَبِّكَ لاَ يُؤْمِنُونَ حَتَّىَ يُحَكِّمُوكَ فِيمَا شَجَرَ بَيْنَهُمْ ثُمَّ لاَ يَجِدُواْ فِي أَنفُسِهِمْ حَرَجًا مِّمَّا قَضَيْتَ وَيُسَلِّمُواْ تَسْلِيمًا**

"**На, савганд ба Парвардигорат, ки имон наёваранд, магар он ки дар низоъе, ки миёни онҳост, туро довар қарор диҳанд ва аз ҳукме, ки ту медиҳӣ, ҳеҷ нохушнуд нашаванд ва саросар таслими он гарданд**" [4:65]. (Мурод аз ҷӯи Ҳарра ҷӯест, ки об аз он ҷорӣ шуда меояд. Ҳарра номи як ҷои машҳур дар Мадина мебошад. Изофа шудани калимаи ҷӯй ишора ба равон шудани об аз он ҷо мебошад. Абӯубайд мегӯяд: "Дар Мадина ду водӣ буд, ки оби борон аз онҳо ҷорӣ шуда меомад ва мардум барои он талош мекарданд. Пайғамбар (с) ҳукм баровarданд, ки аввал одами аз ҳама боло, баъд поёнтар, баъд поёнтар ва ҳоказо. Яъне рӯд аввал аз замини ҳар касе гузарад, аввал ҳамон об медиҳад).

Бинобар ин, хоҳ аз тарафи ҳоким, хоҳ аз тарафи ташкилотҳои давлатӣ нисбат ба ягон шахс ноҳақӣ рух диҳад, ин кор ба Халифа ё ба қозиҳои мазолим, ки онҳоро Халифа ба ҷои худ ноиб таъин намудааст, бардошта мешавад.

**Таъин ва сабукдӯш кардани қозиҳои мазолим**

Қозии мазолим ё аз тарафи Халифа ва ё аз тарафи қозиюлқуззот таъин карда мешавад. Зеро шикоятҳо ба корҳои қозигӣ дохил мешаванд. Аммо қазо гуфтани ҳукми шаръӣ ва маҷбуран татбиқ кардани он мебошад. Новобаста ба навъи онҳо ҳар як қозиро Халифа таъин мекунад. Зеро чунон ки дар боло зикр намудем, ҳама навъи қозиҳоро Пайғамбар (с) худашон таъин кардаанд. Агар Халифа ҳангоми таъин намудани қозиюлқуззот ба вай ҳуқуқи таъин намудани қозии мазолимро дода бошад, дар ин дастгоҳ қозиюлқуззот ҳам метавонад одам таъин намояд. Кори маҳкамаи асосии мазолим дар маркази давлат мумкин аст ба дида баромадани ноҳақиҳое, ки аз тарафи Халифа, вазирон ва қозиҳо

рух медиҳад, маҳдуд шавад. Шӯъбаҳои маҳкамаи мазолим дар вилоятҳо бо ноҳақиҳои аз тарафи волиён ва дигар амалдорони давлат рухдиҳанда машғул мешаванд. Халифа метавонад ба маҳкамаи мазолим дар марказ ҳуқуқи ба кор таъин кардан ва аз кор сабукдӯш кардани қозиёни шӯъбаҳои вилоятии тобеи ин маҳкамаро бидиҳад. Аъзоёни маҳкамаи марказии мазолимро худи Халифа ба кор таъин ва аз он сабукдӯш мекунад. Акнун ба масъалаи аз кор сабукдӯш кардани сардори маҳкамаи марказии мазолим, яъне қозие, ки масъалаи аз кор сабукдӯш кардани Халифаро дида мебарояд, таваққуф менамоем. Дар асл чунон ки Халифа ҳуқуқ дорад, ки вайро ба кор таъин кунад, ҳамчунон ҳуқуқи аз кор сабукдӯш карданро низ дорост. Аммо гоҳо вазъияте пеш меояд, ки агар ҳуқуқи аз кор сабукдӯш кардани қозии мазолим ба Халифа дода шавад, бо эҳтимоли зиёд ин кор ба ҳаром мебарад. Аммо дар қоидаи шаръӣ гуфта шудааст, ки "Ҳар воситае, ки ба ҳаром барад, ҳаром аст" Зиёд шудани эҳтимоли ин гуна ҳолат барои кор фармудани қоидаи мазкур кифоя аст.

Дар ин гуна ҳолат, яъне ҳангоми парванда кушодан бар зидди Халифа, ё вазирони ӯ, ё қозиюлқуззот (агар Халифа ба вай салоҳияти ба кор таъин ва аз кор сабукдӯш кардани қозии мазолимро дода бошад) салоҳияти аз кор сабукдӯш кардани қозии мазолим дар дасти Халифа бимонад, ин ба ҳукм баровардани қозии мазолим таъсир мерасонад. Яъне мумкин аст, ки имкониятҳои қозии мазолимро маҳдуд намояд ва дар натиҷа Халифа ё ягон вазири ӯро аз кор сабукдӯш карда натавонад. Бо ин эътибор дар чунин ҳолатҳо салоҳияти аз кор сабукдӯш кардан ба воситаи ба ҳаром баранда табдил меёбад ва ҳаром аст, ки ин салоҳият дар дасти Халифа бимонад.

Аммо ғайр аз ин вазъият, ки гуфтем, ҳукм дар ҳолати аввалааш боқӣ мемонад. Яъне ҳуқуқи ба кор таъин ва аз кор сабукдӯш кардан дар ихтиёри Халифа мемонад.

### Салоҳиятҳои қозии мазолим

Маҳкамаи мазолим салоҳият дорад, ки якчанд навъи корҳоро дида барояд. Масалан, агар аз тарафи ходими ягон дастгоҳи давлат ноҳақие рӯй диҳад, Халифа бар зидди ягон ҳукми шаръӣ кор кунад, дар ягон банди қонун ё дустур, ки Халифа қабул кардааст, хатогӣ дида шавад, дар қонунҳои идорӣ доир ба манфиатҳои мардум, андоз ва дигар соҳаҳо ягон ноҳақӣ мавҷуд бошад, маҳкамаи мазолим салоҳият дорад, ки онҳоро дида барояд.

Дар кори ягон ходими дастгоҳи давлат, бар зидди ягон ҳукми шаръӣ кор кардани Халифа, хатогӣ дар қонун ё дустуре, ки ӯ қабул кардааст, дар хусуси андоз, зӯроварии давлат нисбат ба ҳуқуқи шаҳрвандон, андози маҷбурӣ, нокифоягии маоши ходимон ё қӯшун, саривақт напардохтани маош ва дар ҳар гуна корҳои дигари ба инҳо монанд, барои қозии мазолим мавҷуд будани маҷлиси қазо, ҳозир шудани даъвогару ҷавобгар шарт нест. Агар ҳеҷ кас даъво накунад ҳам, ӯ метавонад ноҳақиро дида барояд.

Зеро чунон ки дар боло зикр намуда будем, далел оид ба зарурати мавҷуд будани маҷлиси қазо ба қозии мазолим рост намеояд. Чунки дар ин кор на иштироки даъвогар ва на иштироки ҷавобгар шарт аст. Корро бе даъвогар ва бе ҷавобгар ҳам дида мебароянд. Бинобар ин дар қозигии мазолим маҷлиси қазо шарт карда намешавад. Абӯдовуд ва Аҳмад аз Абдуллоҳ ибни Зубайр ривоят мекунанд:

"قَضَى رَسُوْلُ اللهِ أَنَّ الْخَصْمَيْنِ يَقْعُدَانِ بَيْنَ يَدَيِ الْحَاكِمِ"

"**Расул (с) ҳукм карданд, ки бояд ҳам даъвогар ва ҳам ҷавобгар дар рӯ ба рӯи ҳоким бинишинанд**"

Пайғамбар (с) ба Алӣ (р) фармудаанд:

"إِذَا جَلَسَ إِلَيْكَ الْخَصْمَانِ"

"**Агар даъвогар ва ҷавобгар ба наздат омада нишинанд...**" Бинобар ин қозии мазолим бе шартҳои монанди замон, макон ва маҷлиси қазо низ корро баррасӣ мекунад. Фақат бо эътибори

мақоме, ки ин маҳкама аз ҷиҳати салоҳият дорад, барои афзудани обрӯву ҳайбати он ҷой интихоб кардан мумкин аст. Масалан, дар замони султонҳо дар Миср ва Шом маҷлиси султон буд, ки шикоятҳоро дида мебаромад. Онро "Доруладл" меномидаанд. Дар ин кор ноибҳо, қозиён ва фақеҳҳо иштирок кардаанд. Мақризӣ дар китоби "Ассулуку ило маърифати дувалил мулук" мегӯяд, ки султони солеҳ султон Айюб дар "Доруладл" аз номи худ ноиб таъин кард, то ки шикоятҳоро дида барояд. Ҳамроҳи онҳо гувоҳҳо, қозиён ва фақеҳон низ будаанд. Агар барои маҳкамаи мазолим ягон бинои мӯҳташам бисозанд, зарар надорад. Зеро ин кор аз амалҳои мубоҳ ба шумор меравад. Дар айни замон он бузургии адолатро намоиш медиҳад.

**Созишномаҳо, муносибатҳо ва ҳукмҳои пеш аз барпошавии Хилофат**

Созишномаҳо, муносибатҳо ва ҳукмҳои пеш аз барпошавии Хилофат саҳеҳ ба шумор рафта, Хилофат онҳоро бекор намекунад ва аз нав дида намебарояд. Пас аз барпошавии Хилофат даъвоҳо дар хусуси онҳо пазируфта намешавад.

Танҳо ду ҳолат аз ин истисно мегардад:

***Агар созишномаҳои басташуда ва иҷрошуда бар хилофи Ислом натиҷаҳои давомнок диҳад;***

***Агар масъала ба касоне алоқадор бошад, ки ба Ислом ва мусулмонон озор додаанд.***

Ғайр аз ин ду ҳолат пеш аз барпошавии Хилофат созишномаҳое, ки баста шудаанд, ҳукмҳое, ки бароварда шудаанд ва муносибатҳое, ки ба роҳ монда шудаанд, дар қувваи худ боқӣ мемонанд. Зеро Пайғамбар (с) муносибатҳо, созишномаҳо ва ҳукмҳои давраи ҷоҳилиятро баъд аз барпошавии Давлати Ислом бекор накарданд. Пайғамбар (с) пас аз фатҳ ба зодгоҳи худ барнагаштанд. Ҳавлӣ ва ҷойҳоеро, ки ба хешовандони он ҳазрат (с) тааллуқ дошт, тибқи қонуни ҳамонвақтаи Қурайш Ақил ибни

Абӯтолиб мерос гирифта, истифода карда ва фурӯхта буд. Ҳавлии Пайғамбар (с) низ аз ҷумлаи ҳамон мерос буд. Ҳамон вақт аз Пайғамбар (с) пурсиданд, ки дар кадом ҳавлиашон фуруд меоянд. Дар ҷавоб гуфтанд:

"وَهَلْ تَرَكَ لَنَا عَقِيلٌ مِنْ رِبَاعٍ"

"**Оё Ақил барои мо ягон ҷои зист мондааст?**"

Дар ривояти дигар гуфтаанд:

"وَهَلْ تَرَكَ لَنَا عَقِيلٌ مِنْ مَنْزِلٍ"

"**Оё Ақил барои мо ягон хона мондааст?**"

Чунки ӯ ҳавлии Пайғамбар (с)-ро фурӯхта буд. Пайғамбар (с) ин созишномаи савдоро бекор накарданд. Бухорӣ дар ҳадисе, ки аз тариқи Усома ибни Зайд ривоят кардааст, мегӯяд: "Ӯ ҳангоми фатҳ мепурсад, ки эй Пайғамбари Аллоҳ, фардо дар куҷо фуруд меоед? Пайғамбар (с) дар ҷавоб гуфтаанд, ки:

"وَهَلْ تَرَكَ لَنَا عَقِيلٌ مِنْ مَنْزِلٍ؟"

"**Оё Ақил барои мо ягон хона мондааст?**" Ҳамин тавр, ворид гардидааст, ки чун Абулъос ибни Рабеъ мусулмон шуда, ба Мадина ҳиҷрат кард, Пайғамбар (с) ҳамсари ӯ Зайнабро (р) ҳамсари ӯ Зайнаб духтари Пайғамбар (с) буд, ки шавҳараш дар Макка мушрик монд ва худаш пас аз ҷанги Бадр ҳиҷрат кард) бе бастани ақди никоҳи нав баргардонда доданд. Бо ин амал никоҳи замони ҷоҳилиятро эътироф карданд. Дар ҳадисе, ки Ибни Моҷа аз тариқи Ибни Аббос ривоят кардааст, гуфта мешавад:

أَنَّ رَسُوْلُ اللهِ رَدَّ ابْنَتَهُ - أَيْ زَيْنَبَ - عَلَى أَبِي الْعَاصِ ابْنِ الرَّبِيْعِ بَعْدَ " سَنَتَيْنِ بِنِكَاحِهَا الْأَوَّلِ"

"**Расул (с) духтарашон Зайнабро пас аз ду сол бо ҳамон никоҳи пешина ба шавҳараш Абулъос ибни Рабеъ**

**баргардонда доданд**" Ин ҳодиса пас аз мусулмон шудани Абулъос рух дод.

Акнун дар хусуси аз нав мурофиа кардани созишномае таваққуф мекунем, ки бар хилофи Ислом натиҷаҳои давомнок медиҳад. Пайғамбар (с) баъд аз барпошавии Давлати Ислом рибоҳоеро, ки бар дўши одамон монда буд, бекор карданд, лекин муайян намуданд, ки сармояҳояшон аз они худашон мебошад. Абўдовуд аз Сулаймон ибни Амр, ў аз падараш ривоят мекунад, ки Пайғамбар (с) дар ҳаҷҷи видоъ гуфтаанд:

**" أَلا إِنَّ كُلَّ رِباً مِنْ رِبَا الْجَاهِلِيَّةِ مَوْضُوْعٌ لَكُمْ رُؤُوْسُ أَمْوَالِكُمْ لا تَظْلِمُونَ وَلا تُظْلَمُوْنَ"**

"**Огоҳ бошед, ки ҳар як рибо аз рибоҳои ҷоҳилият бекор карда шуд. Сармояҳоятон аз они худатон аст. На зулм мекунед ва на зулм карда мешавед**"

Ҳамчунин тибқи қонуни ҷоҳилият саҳобагон беш аз чор занро ҳам ба никоҳ даровarda буданд. Чун Давлати Ислом барпо гашт, фақат то чаҳор зан гирифтанро воҷиб гардонид. Тирмизӣ аз тариқи Абдуллоҳ ибни Умар ривоят мекунад, ки чун Ғилон ибни Саламаи Сақафӣ мусулмон шуд, даҳ зан дошт. Онҳо низ ҳамроҳи Ғилон мусулмон шуданд.

**"فَأَمَرَهُ النَّبِيُّ أَنْ يَتَخَيَّرَ أَرْبَعاً مِنْهُنَّ"**

"**Сипас Пайғамбар (с) фармуданд, ки танҳо чор нафари онҳоро ба занӣ ихтиёр кунад**"

Ҳамин тариқ, сухан дар бораи созишномаҳое, ки бар хилофи Ислом натиҷаҳои давомнок медиҳанд, ин аст, ки вақте Давлати Хилофат таъсис меёбад, ин натиҷаҳо бартараф карда мешаванд. Зотан ҳамин тавр кардан воҷиб мебошад.

Масалан, агар зани мусулмон пеш аз Ислом бо марди насронӣ хонадор шуда бошад, пас аз таъсисёбии Хилофат бинобар аҳкоми шаръӣ ин ақди никоҳ бекор карда мешавад.

Акнун ба масъалаи кушодани парванда нисбат ба шахсоне, ки ба Ислом ва мусулмонон зарар расонидаанд, таваққуф менамоем. Расул (с) ҳангоми фатҳи Макка фармуданд, то касоне, ки дар даври ҷоҳилият ба Ислом ва мусулмонон зарар расонидаанд, агар худро ба чодари Каъба биовезанд ҳам, кушта шаванд. Ҳол он ки Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

"اَلْإِسْلامُ يَجُبُّ مَا قَبْلَهُ"

"**Ислом корҳои пеш аз худаш гузаштаро мебурад (с)яъне бекор мекунад)**" Ин ҳадисро Аҳмад ва Табаронӣ аз Амр ибни Ос ривоят кардаанд. Яъне касоне, ки ба Ислом ва мусулмонон зарар расонидаанд, аз ин ҳадис мустасноянд.

Пайғамбар (с) баъзе аз онҳоро низ бахшиданд. Масалан, Икрима ибни Абӯҷаҳлро авф намуданд. Бинобар ин Халифа ҳақ дорад, ки бар зидди онҳо парванда бикушояд ва ё авф намояд. Ин ба касоне тааллуқ дорад, ки мусулмононро барои гуфтани сухани ҳақ озор додаанд ва ё ба Ислом таъна задаанд. Ҳадиси "**Ислом корҳои пеш аз худаш гузаштаро мебурад (яъне бекор мекунад)**" нисбат ба ин ашхос татбиқ карда намешавад. Онҳо аз ҳадиси мазкур истисно мегарданд. Ба муқобили онҳо вобаста ба раъйи Халифа парванда кушода мешавад.

Ба истиснои ин ду ҳолат созишномаҳо, муносибатҳо ва ҳукмҳои дигар, модом ки баста ва татбиқ шудаанд, дар қувваи худ боқӣ мемонанд.

Масалан, як кас ба шикастани дарҳои мадраса айбдор дониста шуда, ба мӯҳлати ду сол ҷазои ҳабс маҳкум гардидааст. Агар то барпо шудани Хилофат ин мӯҳлатро адо намояд, сипас баъди барпошавии Хилофат аз болои ҳабскунандагон даъво бардорад, ки ӯро ноҳақ ҳабс кардаанд, ин даъвои вай пазируфта намешавад.

Зеро аз болои масъала ҳукм баровардаанд ва он аллакай иҷро гардидааст. Акнун ин тарафи кор ба Аллоҳ ҳавола мешавад.

Лекин агар шахсе ба даҳ сол ҷазои ҳабс маҳкум гардаду пас аз адои ду соли ин ҷазо Хилофат барпо шавад, Халифа ҳақ дорад, ки ин корро омӯхта, ҷазоро пурра аз вай бардорад ва дар натиҷа ҳамчун бегуноҳ ба озодӣ бароянд. Ё муддати ҷазои гузаштаро кифоя шуморида, бо ҳамин эътибор ӯро озод кунад, ё мумкин аст, ки кори вай дар асоси аҳкоми шаръии барои шаҳрвандон, хусусан доир ба ҳуқуқи шахсҳо манфиатнок аз нав омӯхта шавад.

## Даҳум: Дастгоҳи идорӣ (манфиатҳои мардум)

Идора кардани корҳои давлат ва манфиатҳои мардум кори муассисаҳо, ташкилотҳо ва идораҳоест, ки бо ин соҳа машғул мешаванд. Ба ҳар як муассиса, ташкилот ва идора мудир таъин мекунанд, ки ба он роҳбарӣ намуда, бевосита аз он ҷавобгар мешаванд. Мудир ба корҳои ин муассиса, ташкилот ва идора аз ҷиҳати кор дар назди муассиса, ташкилот ва идораи болоӣ, аммо аз ҷиҳати итоат дар назди волӣ ва омил масъул аст.

Расул (с) барои идора кардани корҳои вобаста ба манфиатҳои мардум котибҳоро таъин менамуданд. Пайғамбар (с) дар Мадина ба корҳои аз қабили ҳимояи манфиатҳо, идораи корҳо, ҳалли муаммоҳо ва баровардани ҳоҷатҳои мардум машғул мешуданд. Ин ҳама, ки аз ҷумлаи корҳои идорӣ ба ҳисоб мераванд, муаммо ва мушкилиҳои ҳаётии мардумро бартараф менамоянд.

Масалан, дар соҳаи таълим Пайғамбар (с) фидяи асиронро (маблағе, ки асир бояд барои озод шуданаш бипардозад) таълим додани даҳ фарзанди мусулмон таъин намуданд. Дар асл фидя ғанимат аст ва мулки мусулмонон ҳисоб мешавад. Пас таълимро як қисми манфиати мусулмонон эътибор кардаанд.

Агар дар хусуси табобат тавақкуф намоем, ба Пайғамбар (с) як табибро тӯҳфа кардаанд. Аммо Пайғамбар (с) онро дар ихтиёри

ҳамаи мусулмонон қарор доданд. Ҳадяро напазируфтани Пайғамбар (с) ва онро дар ихтиёри ҳамаи мусулмонон қарор додан далолат мекунад, ки табобат як қисми манфиатҳои мусулмонон мебошад.

Аммо дар хусуси кор Пайғамбар (с) ба як шахс тавсия доданд, ки ба ивази талбандагӣ табару арғамчин бихарад, ҳезум ҷамъоварӣ кунад ва онро фурӯхта, зиндагониашро пеш бубарад. Ин ҳам нишон медиҳад, ки бо кор таъмин кардан як қисми манфиатҳои мусулмонон ба шумор меравад. Дар ҳадисе, ки Аҳмад ва Тирмизӣ ривоят карда, онро ҳасан гуфтаанд, омадааст:

" أَنَّ رَجُلاً مِنَ الْأَنْصَارِ أتى النَّبِيِّ فَسَأَلُهُ، فَقَالَ: أما فِي بَيْتِكَ شَيْءٌ؟ قَالَ: بَلَى... قَالَ: اِئْتِنِي بِهِمَا، فَأَتَاهُ بِهِمَا، فَأَخَذَهُمَا رَسُولُ اللهِ بِيَدِهِ فقَالَ: مَنْ يَشْتَرِي هَذَيْنِ؟ ... قَالَ رَجُلٌ: أَنَا آخُذُهُمَا بِدِرْهَمَيْنِ، فَأَعْطَاهُمَا إِيَّاهُ وَأَخَذَ الدِّرْهَمَيْنِ، فَأَعْطَاهُمَا الْأَنْصَارِيَّ وَقَالَ: اشْتَرِ بِأَحَدِهِمَا فَانْبِذْهُ إِلَى أَهْلِكَ، وَاشْتَرِ بِالْآخَرِ قَدُومًا فَأْتِنِي بِهِ، فَشَدَّ فِيهِ رَسُولُ اللهِ عُوْدًا بِيَدِهِ ثُمَّ قَالَ: اذْهَبْ واحْتَطِبْ وَبِعْ، فَلا أَرَيَنَّكَ خَمْسَةَ عَشَرَ يَوْمًا، فَفَعَلَ فَجَاءَ وَقَدْ أَصَابَ عَشْرَةَ دَرَاهِمَ ..."

**"Марде аз ансориён ба назди Пайғамбар (с) омада, чизе талаб кард. Пайғамбар (с) аз ӯ пурсид, ки дар хонаат ягон чиз дорӣ? Ӯ гуфт: "Оре".. Пайғамбар (с) гуфтанд, ки ҳамон ду чизро биёр. Ӯ чизҳоро гирифта овард. Пайғамбар (с) онҳоро ба дасташон гирифта гуфтанд: "Инҳоро кӣ мехарад?" Марде гуфт: "Ман онҳоро бо ду дирҳам мехарам" Чизҳоро ба вай дода, ду дирҳамашро гирифтанд. Сипас дирҳамҳоро ба ансорӣ дода, фармуданд: "Бо як дирҳам барои оилаат харид кун, бо дирҳами дигар як табар харида, назди ман биё" Он мард табар харида омад. Пайғамбар (с) бо дастони худ ба он даста карданд. Баъд фармуданд: "Акнун бирав ва бо ин ҳезум карда бифурӯш. То понздаҳ рӯз туро набинам" Ансорӣ ҳамин хел кард. Вақте ки омад, аллакай понздаҳ дирҳам ҷамъ карда буд..."**

Дар ҳадисе, ки Бухорӣ ривоят мекунад, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" لَأَنْ يَأْخُذَ أَحَدُكُمْ حَبْلَهُ، فَيَأْتِيَ بِحُزْمَةٍ مِنْ حَطَبٍ عَلَى ظَهْرِهِ، فَيَبِيعَهَا، فَيَكُفَّ بِهَا وَجْهَهُ، خَيْرٌ لَهُ مِنْ أَنْ يَسْأَلَ النَّاسَ، أَعْطَوْهُ أَوْ مَنَعُوهُ"

"**Агар нафаре аз шумо арғамчин бигираду як пуштор ҳезум оварда бифурӯшад ва бо ин восита обрӯяшро ҳифз кунад, барои вай нисбат ба талаб намудан аз мардум беҳтар аст, хоҳ ба ӯ чизе диҳанд, хоҳ на**"

Пайғамбар (с) дар бораи роҳ низ тартиб ҷорӣ намудаанд. Ҳангоми даъво бархостан паҳнои роҳро ҳафт газ муайян кардаанд. Бухорӣ аз тариқи Абӯҳурайра ривоят мекунад:

"قَضَى النَّبِيُّ إِذَا تَشَاجَرُوا فِي الطَّرِيقِ الْمِيْتَاءِ بِسَبْعَةِ أَذْرُعٍ"

"**Чун мардум дар хусуси "тариқулмийто"* низоъ бардоштанд, Набӣ (с) онро ҳафт газ ҳукм карданд**" Дар ривоят Муслим гуфта шудааст:

"إِذَا اخْتَلَفْتُمْ فِي الطَّرِيقِ جُعِلَ عَرْضُهُ سَبْعَةُ أَذْرُعٍ"

"**Агар дар бораи роҳ ихтилоф кунед, паҳнои он ҳафт газ таъин гардид**" Ин ҷобаҷокунии идорӣ дар ҳамон вақт буд. Агар эҳтиёҷ бештар аз ин талаб кунад, кор мувофиқи эҳтиёҷ дида мешавад, чунон ки дар мазҳаби Шофеӣ ҳамин тавр аст.

Ҳамин тавр Пайғамбар (с) аз таҷовуз кардан ба роҳ боздоштаанд. Табаронӣ дар "Сағир" мегӯяд:

" مَنْ أَخَذَ مِنْ طَرِيْقِ الْـمُسْلِمِيْنَ شِبْراً طَوَّقَهُ اللهُ يَوْمَ الْقِيَامَةِ مِنْ سَبْعِ أَرْضِيْنَ"

"**Ҳар кӣ аз роҳи мусулмонон як ваҷаб заминро бигирад, рӯзи қиёмат Аллоҳ Таоло бо ҳафт замин ӯро мепечонад**"

Агар дар хусуси зироат таваққуф кунем, вақте ки Зубайр бо як ансорӣ дар бораи обёрикунӣ низоъ бардоштанд, Пайғамбар (с) фармудаанд:

"اسْقِ يَا زُبَيْرُ ثُمَّ أَرْسِلِ الْـمَاءَ إِلَى جَارِكَ"

"**Эй Зубайр, аввал ту об деҳ, сипас онро ба сӯи ҳамсояат равон кун**" (муттафақун алайҳ). Лафз аз они Муслим аст.

Пайғамбар (с) манфиати мусулмононро ҳамин хел ҳимоя намудаанд ва муаммоҳояшонро бо осонӣ ҳал кардаанд. Дар ин хусус аз кӯмаки баъзе саҳобагон низ баҳра бурдаанд. Бинобар ин барои машғул шудан ба манфиатҳои мардум як дастгоҳ вуҷуд дорад, ки онро ё Халифа идора мекунад, ё барои идора кардан ягон мудири қобилиятнок таъин менамояд. Мо ҳамин қисми дуюм, яъне мудир таъин намуданро табаннӣ мекунем, то ки бори Халифа сабуктар шавад. Зеро имрӯзҳо шохаҳои манфиатҳо фарох ва афзун гаштаанд. Пас барои ин як дастгоҳ ташкил карда мешавад, то ки он ба манфиатҳои мардум машғул бошад. Ба он як мудири қобилиятнок таъин карда мешавад, то ки барои зиндагонии осоиштаи мардум воситаҳои муносибро ба кор бурда, онҳоро бо хидматҳои зарурӣ таъмин карда тавонад.

Ин дастгоҳ аз муассисаҳо, ташкилотҳо ва идораҳо таркиб меёбад. Ҳар як муассиса, монанди шаҳрвандӣ, алоқа, пулбарорӣ, таълим, ҳифзи тандурустӣ, хоҷагии қишлоқ, меҳнат ва роҳҳо ба идораи болоӣ тобеъ мешавад. Идораи болоӣ муассиса ва ташкилотҳои тобеи худро идора мекунад. Ҳар як ташкилот бо корҳои ба худаш алоқадор машғул мешавад. Идора низ бо корҳои идорӣ машғул мешавад.

Ин муассисаҳо, ташкилотҳо ва идораҳо барои идора кардани корҳои давлат, ҳамчунин ҳимоя намудани манфиатҳои мардум ташкил меёбанд.

Барои таъмин намудани раванди мунтазами кори ин муассисаҳо, ташкилотҳо ва идораҳо ба ҳар яки онҳо масъул таъин

намудан лозим мебошад. Аз ин рӯ, ба ҳар як муассиса роҳбар таъин карда мешавад, ки онро идора намуда, тамоми шӯъбаҳои тобеи худро ҳамеша зери назорат мегирад. Ба ҳар як ташкилот ва идора низ роҳбар таъин карда мешавад, ки бевосита аз корҳои ҳамон ташкилот ё идора ҷавобгар мебошад.

### Дастгоҳи идорӣ ҳукм нест, балки услуби идора аст

Дастгоҳи идорӣ яке аз услубҳои иҷро намудани кор аст. Бинобар ин барои вай далели махсус лозим намешавад. Далели умумӣ, ки ба асли он далолат мекунад, кифоя аст. Гуфтан мумкин нест, ки ин услубҳо аз корҳои банда ҳастанд, бинобар ин бояд онҳо аз рӯи аҳкоми шаръӣ бошанд. Чунки дар хусуси ин корҳо далели умумӣ мавҷуд буда, ин далел ба корҳои дигари фаръӣ, ки аз онҳо бармеоянд, далел шуда метавонад. Албатта, агар вобаста ба кори фаръӣ ҳуҷҷати алоҳида ворид нашуда бошад. Масалан, Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَآتُواْ الزَّكَاةَ

"**Закотро адо намоед**" [2:43].

Ин далели умумӣ аст. Далелҳое низ доир ба корҳои фаръии монанди миқдори нисоб, омилҳои закот, масрифи закот (синфҳои закотгиранда), ки аз он бармеояд, омадаанд. Аммо гуфта нашудааст, ки омилҳо закотро бояд чӣ гуна ғундоранд. Яъне онҳо барои ин кор пиёда мераванд ё бо асп? Барои осон шудани корҳояшон одам киро мекунанд ё намекунанд? Онҳоро дар дафтарҳо навишта ҳисоб мекунанд ё на? Барои ғундоштани онҳо ҷои махсус омода мекунанд ё на? Ин анборҳо дар зери замин сохта мешаванд ё монанди анборҳои ғалла дар шакли хона бино мегарданд? Закоти пул дар халта ҷамъ карда мешавад ё дар сандуқ? Корҳои ба ин монанд корҳои фаръӣ мебошанд, ки аз „закотро адо намоед“ бармеоянд. Онҳо корҳои тобеи далели умумӣ мебошанд. Зеро доир ба онҳо далели хос ворид нашудааст. Тамоми услубҳои дигар низ ба ҳамин монанд мебошад. Пас услуб қисми

фаръии корест, ки барои асли он далели умумӣ омада, ба ин қисми фаръӣ далели хос наомадааст. Аз ин сабаб далели умумӣ ба ин қисми фаръӣ ҳам далел мешавад.

Бинобар ин услуби идорӣ, модом ки ба мамнӯъ будани он ҳуҷҷат ворид нашудааст, барои пешрафти кори дастгоҳи идорӣ ва қонеъ гардондани эҳтиёҷоти мардум муносиб аст, онро аз низоми дилхоҳ гирифтан мумкин мебошад. Зеро услуби идорӣ ҳукм нест, ки ба далели шаръӣ мӯҳтоҷ шавад. Бар ҳамин асос Умар (р) услуби девонҳоро ба кор бурда, сарбозон ва шаҳрвандонро ба рӯйхат гирифт, то ки аз мулки омма ва мулки давлат маош ҷудо кунад.

Обид ибни Яҳё аз Ҳорис ибни Нуфайл ривоят мекунад, ки Умар (р) дар бораи ташкил намудани девонҳо бо мусулмонон машварат орост. Пас Алӣ ибни Абӯтолиб (р) гуфт, ки моли дар наздат ҷамъшударо дар як сол як бор тақсим карда, аз он чизеро намегузорӣ. Усмон ибни Аффон гуфт, ки мол бисёр аст, ман фикр мекунам, ки он ба ҳамаи мардум мерасад. Лекин агар ҳисобу китоб карда нашавад, пас номаълум мемонад, ки кӣ гирифтаасту кӣ нагирифтааст ва метарсам, ки овоза зиёд мешавад. Валид ибни Ҳишом гуфт, ки дар Шом будам ва подшоҳони онҳоро дидам, ки девон карда, мардумро ба сарбозӣ мегирифтанд. Ту низ девон кун ва мардумро ба сарбозӣ бигир. Умар (р) маслиҳати ӯро пазируфт. Аз бонасабтарин касони Қурайш Ақил ибни Абӯтолиб, Махрама ибни Навфал ва Ҷубайр ибни Мутъимро даъват намуда гуфт: "Мардумро аз рӯи хонаҳояшон ба рӯйхат бигиред"

Вақте ки Ислом ба Ироқ ворид шуд, девонҳо, чи хеле ки пештар буданд, ҳамон тавр давом намуданд. Девони Шом бо забони румӣ бурда мешуд. Зеро он аз кишварҳои Рум буд. Аммо девони Ироқ бо забони форсӣ бурда мешуд. Чунки он аз кишварҳои Форс буд. Соли ҳаштоду якуми ҳиҷрӣ дар замони Абдумалик ибни Марвон девони Шомро ба забони арабӣ гузаронданд. Пас аз он девонҳо вобаста ба эҳтиёҷ ва тақозои манфиати шаҳрвандон ташкил карда шуд. Дар девонҳои вобаста ба лашкар корҳои ба монанди пурзӯр кардани лашкар, таъини

маоши сарбозон, дар девонҳои вобаста ба корҳо расмиятгарӣ ҳуқуқҳо, дар девонҳои вобаста ба волиёну омилҳо ба кор таъин кардан ва аз кор сабукдӯш гардондан, дар девони вобаста ба байтулмол даромаду баромадҳо нишон дода шудааст ва ҳоказо. Хуллас, вобаста ба эҳтиёҷ девон ташкил кардаанд. Услуби он дар ҳар аср гуногун буд, зеро услуб ва воситаҳо ҳамеша дигаргун мешаванд.

Ба девон роҳбар таъин намуда, барои он коргар муайян мекунанд. Мумкин аст, ки салоҳияти таъини коргарон ба роҳбари девон дода шавад ва ё дода нашавад.

Бинобар ин ташкили муассиса, яъне ташкили девон вобаста ба эҳтиёҷ ва услубу воситаҳои барои ин эҳтиёҷ кифоя амалӣ мешавад. Мумкин аст, ки ин усулбу воситаҳо дар ҳар аср, дар ҳар вилоят ва дар ҳар шаҳр ҳар хел бошанд.

Он чӣ гуфта гузаштем, сухан дар бораи ташкили муассисаҳо ё ки девонҳо буд. Акнун дар хусуси коргарони он таваққуф мекунем. Онҳо коргарони кироӣ ва дар айни вақт шаҳрвандон мебошанд. Онҳо аз ҷиҳати коргари кироӣ будан дар назди мудири муассиса ва аз ҷиҳати шаҳрвандӣ дар назди ҳоким, волӣ, илова бар ин, дар назди Халифа ҷавобгар ҳастанд. Ҳамчунин вазифадор мебошанд, ки аҳкоми шаръӣ ва тартиботи идориро риоя намоянд.

**Сиёсати идора кардани муассисаҳо**

Сиёсати идора кардани муассисаҳо бар низоми содда, суръат дар иҷрои корҳо, қобилияти коргарон асос меёбад. Ин асосҳо аз воқеи ҳосил кардани манфиат гирифта шудаанд. Шахси манфиатдор то ҳадди имкон зуд ва мукаммал амалӣ гаштани манфиаташро мехоҳад. Дар ҳадисе, ки Муслим аз тариқи Шаддод ибни Авс ривоят кардааст, Пайғамбар (с) фармудаанд:

" إِنَّ اللهَ كَتَبَ الْإِحْسَانَ عَلَى كُلِّ شَيْءٍ، فَإِذَا قَتَلْتُمْ فَأَحْسِنُوا الْقِتْلَةَ، وَإِذَا ذَبَحْتُمْ فَأَحْسِنُوا الذَّبْحَ"

"**Аллоҳ Таоло бар ҳама чиз некӯиро фармудааст. Агар қатл кардед, бо беҳтарин тарз қатл кунед ва агар забҳ ҳам кардед, бо беҳтарин тарз забҳ кунед**". Пас шариат бо беҳтарин тарз анҷом додани корҳоро мефармояд. Аммо барои он ки манфиатҳо бо беҳтарин тарз амалӣ гарданд, бояд се сифат ёфт шавад. Якум – низоми содда, зеро он боиси осонӣ ва сабукӣ мегардад, аммо низоми мураккаб душворӣ эҷод мекунад. Дуюм – суръат дар иҷрои корҳо, зеро суръат ба шахси манфиатдор имкон фароҳам меорад. Сеюм – қобилияти шахсе, ки ба ӯ иҷрои кор супорида мешавад. Бе ин сифатҳо корро ба тарзи беҳтарин иҷро кардан мумкин нест.

**Шахсоне, ки ҳуқуқи дар дастгоҳи идорӣ кор карданро доранд**

Новобаста ба зан ё мард, мусулмон ё ғайримусулмон будан ҳар шахси қобилиятнок, ки шаҳрвандии давлатро дорост, метавонад дар ягон муассисаи дастгоҳи идорӣ роҳбар таъин шавад.

Ин чиз аз аҳкоми иҷора гирифта шудааст. Зеро мудирон ва амалдорони давлат шахсони кироӣ* ҳастанд. Азбаски ҳуҷҷатҳо дар хусуси иҷора бо маънои умумӣ омадаанд, новобаста ба мард ё зан, мусулмон ё ғайримусулмон будан ҳар як шаҳрванди давлат кироӣ шуда метавонад. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

فَإِنْ أَرْضَعْنَ لَكُمْ فَآتُوهُنَّ أُجُورَهُنَّ

"**Ва агар фарзанди шуморо шир медиҳанд, муздашонро бидиҳед**" [65:6].

Ин фармон ба мусулмонон хос набуда, ба маънои умумӣ омадааст. Бухорӣ аз Абӯҳурайра ривоят мекунад, ки Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" قَالَ اللهُ تَعَالَى ثَلَاثَةٌ أَنَا خَصْمُهُمْ يَوْمَ الْقِيَامَةِ... وَرَجُلٌ اسْتَأْجَرَ أَجِيرًا فَاسْتَوْفَى مِنْهُ وَلَمْ يُعْطِهِ أَجْرَهُ"

"**Аллоҳ Таоло мегӯяд: "Се тоифа ҳастанд, ки рӯзи қиёмат Ман бар онҳо даъвогарам... ва шахсе, ки нафареро ба коре киро**

**мекунад, кирой кори ӯро пурра иҷро мекунад, аммо вай муздашро намедиҳад**" Ин ҷо сухан ба мусулмони кирой хос набуда, умумӣ аст. Илова бар ин, Пайғамбар (с) мардеро аз Банӣ-Дайл барои худ киро карда буданд. Ҳол он ки мард дар дини қавми худ буд. Ин нишон медиҳад, ки ғайримусулмонро ҳам айнан монанди мусулмон киро кардан ҷоиз аст. Ҳамин тавр, аз мутлақият ва умумияти далелҳо бармеояд, ки занонро ҳам айнан монанди мардон киро кардан ҷоиз аст. Хуллас, ҳам зан, ҳам ғайримусулмон метавонад дар ягон муассиса роҳбар ё дар ягон идора мудир таъин гардад. Чунки онҳо шахсони кирой ҳастанд ва далелҳо дар хусуси иҷора умумӣ ва мутлақ омадаанд.

## Ёздаҳум: Байтулмол

"Байтулмол" (بيت المال) алами мураккаби изофӣ* буда, ба маконе нисбат дода мешавад, ки давлат даромадҳои худро то сарф кардан дар он ҷо нигоҳ медорад. Аз ин сухан ҷиҳате низ ирода карда мешавад, ки махсус барои қабул ва ба мусулмонони ҳақдор супоридани мол муайян гардидааст.

Чи тавре ки дар боло гуфта гузаштем, мо табаннӣ намудаем, ки волӣ ғайр аз артиш, қазо ва молия ба ягон вилоят махсус таъин карда мешавад. Бинобар ин зарур аст, ки барои тамоми артиш маркази идорӣ (амири ҷиҳод), барои тамоми қазо низ маркази идорӣ (қозиёт) ва барои тамоми молия низ маркази идорӣ (байтулмол) мавҷуд бошад. Бинобар ин байтулмол дастгоҳи алоҳида буда, монанди дигар дастгоҳҳои давлат бевосита ба Халифа итоат мекунад.

Илова бар ин, ҳуҷҷатҳои зиёд далолат мекунанд, ки байтулмол бевосита ба Пайғамбар (с), ё ба халифа, ё ба шахсе, ки бо рухсати вай таъин шудааст, тобеъ будааст. Зеро Расулуллоҳ (с) гоҳо молро шахсан худашон хазина мекарданд ва анбор доштанд. Бо қабул кардани мол, тақсим ва сарф намудани он ба ҷои лозимӣ худашон машғул шудаанд. Гоҳо каси дигарро ба ин кор таъин менамуданд.

Баъд аз эшон Хулафои Рошидин низ ҳамин гуна роҳ пеш гирифтанд, яъне корҳои байтулмолро ё бевосита худашон идора мекарданд, ё каси дигар ҳамчун вакил ба ҷои онҳо идора мекард.

Пайғамбар (с) гоҳо молро дар масҷид мегузоштанд. Чунон ки Бухорӣ аз Анас ривоят мекунад: "Аз Баҳрайн ба Набӣ (с) - ро мол оварданд. Он кас фармуданд, ки:

"أُنْثُرُوْهُ فِي الْـمَسْجِدِ..."

"**Онро дар масҷид гузоред...**"" Гоҳо молро дар ҳуҷраи яке аз занҳояшон мегузоштанд. Дар ин бора Бухорӣ аз Уқба чунин ривоят мекунад: "Дар Мадина аз қафои Пайғамбар (с) намози асрро хондам. Он кас салом дода, саросемавор бархостанд ва аз болои китфҳои мардум ҷаҳида гузашта, ба ҳуҷраи яке аз завҷаҳояшон даромаданд. Мардум аз шитоби он кас ба тааҷҷуб афтоданд. Пас баргаштанд ва чун диданд, ки мардум аз шитоби эшон дар тааҷҷуб мондаанд, гуфтанд:

"ذَكَرْتُ شَيْئًا مِنْ تِبْرٍ عِنْدَنَا، فَكَرِهْتُ أَنْ يَحْبِسَنِي، فَأَمَرْتُ بِقِسْمَتِهِ"

"**Ба хотирам расид, ки дар хона як порча тилло дорам, нигоҳ доштани онро маъқул надонистам ва фармудам, ки онро тақсим кунанд**" Гоҳо молро дар анборҳояшон гузоштаанд. Дар ҳадисе, ки Муслим аз Умар ривоят мекунад, чунин омадааст: "... Ба ӯ* гуфтам: Расулуллоҳ (с) дар куҷоянд? "Дар анборашон", – ҷавоб дод ӯ. Ба анбори Расулуллоҳ (с) нигаристам, он ҷо як каф ҷав, ки тақрибан як соъ* мебаромад, дар як гӯшаи хона боз ҳамон қадар қараз* ва як афиқ* овезон буд. Он гоҳ дар чашмонам ашк ҳалқа зад. Расулуллоҳ (с) гуфтанд, ки:

"ما يُبْكِيْكَ يَا ابْنَ الْخَطَّابِ؟"

"**Эй Ибни Хаттоб, туро чӣ ба гиря овард?**" Ман гуфтам: Эй Пайғамбари Аллоҳ, охир чаро гиря накунам, ки нақши бӯриё дар

баданатон нишастааст, дар анборатон ғайр аз инҳо чизи дигаре намебинам..."

Акнун дар даври Хулафои Рошидин макони нигоҳдории молро байтулмол меномиданд. Ибни Саъд дар "Табақот" аз Саҳл ибни Абӯҳасма ва дигарон ривоят ривоят кардааст:

"Абӯбакр дар Санаҳ байтулмол дошт, ки онро ҳеҷ кас посбонӣ намекард. Ба ӯ гуфтанд: "Ягон касро ба он посбон намегузоред?" Дар ҷавоб гуфт: "Он қулф дорад" Ҳар чизе, ки он ҷо буд, то холӣ шудан онро медод. Вақте ки ба Мадина омад, онро ба ҳавлиаш кӯчонид" Ҳинод дар "Зуҳд" бо санади ҷайид* аз Анас ривоят мекунад: "Марде ба назди Умар омада гуфт: "Эй амирулмӯъминин, ба ҷиҳод рафтан мехоҳам, ба ман (ягон чиз) диҳед" Он гоҳ Умар ба марде гуфт: "Ӯро аз дасташ гирифта ба байтулмол дарор, ҳар чӣ мехоҳад, бигирад..."" Дар ҳадисе, ки Шофеӣ дар "Умм" ривоят карда, Ибни Ҳаҷар онро саҳеҳ донистааст, Абдуллоҳ ибни Вадиа мегӯяд: "Солим мавлои Абӯҳузайфа мавлои зане аз мо бо номи Салмо бинти Яъор буд, ки дар даври ҷоҳилият онро ба тариқи назр озод карда буд. Вақте ки ӯ дар ҷанги Ямома ба шаҳодат расид, меросашро ба назди Умар ибни Хаттоб оварданд. Он кас Вадиа ибни Хузомро ҷеғ зада гуфтанд: "Ин мероси мавло*и шумост, ба он ҳақдор ҳастед" Ӯ гуфт: "Эй амирулмӯъминин, Аллоҳ моро аз он беҳоҷат гардонидааст, онро соҳибаамон ба тариқи назр озод карда буд. Бинобар ин сабаб аз ягон чизи вай истифода карданӣ нестем" Сипас Умар онро дар байтулмол гузошт" Дар ривояте, ки Байҳақӣ ва Дорамӣ овардаанд ва Ибни Ҳазм онро саҳеҳ донистааст, гуфта мешавад: "Суфён ибни Абдуллоҳ ибни Рабиаи Сақафӣ як халтаи чармӣ ёфт. Баъд онро ба назди Умар ибни Хаттоб овард. Умар гуфт: "То як сол дар бораи он хабар деҳ, агар ягон кас шиносад, аз они вай, дар акси ҳол аз они худат мешавад" Хуллас, ҳеҷ кас онро шинохта натавонист. Дар мавсими ҳаҷи оянда бо Умар вохӯрда, ҳамон воқеаро баён кард. Умар гуфт: "Он аз они туст, зеро Расулуллоҳ (с) ба мо ҳамин хел фармудаанд" Мард гуфт, ки ба ӯ даркор нест. Сипас Умар онро гирифта ба байтулмол гузошт"

Дорамӣ аз Абдуллоҳ ибни Амр ривоят мекунад: "Дар замони Усмон як ғулом даргузашт, ки валӣ* надошт, фармуд ва молу мулки вай ба байтулмол гузошта шуд" Ибни Абдулбарр дар "Истизкор" аз Анас ибни Сирин ривоят мекунад: "Алӣ, вақте ки молҳоро тақсим намуда, байтулмолро холӣ мекард, баъд об пошида, дар он ҷо менишаст"

Воқеи маконе, ки аз он байтулмол ирода карда мешавад, ҳамин аст. Аммо воқеи ҷиҳат, ки аз он байтулмол ирода карда мешавад, баъзе қубурҳои нафту газ, маъданҳои кӯҳӣ, ҳамчунин амволи садақа* мебошад, ки онро аз сарватмандон ғундошта, ба байтулмол намедароранд, балки ба мустаҳиқон* сарф мекунанд. Дар баъзе ҳолатҳо имкони аз "байтулмол" ирода кардани ягон макон мавҷуд набуд, бинобар ин бо маънои ҷиҳат онро кор фармудаанд. Далели ин ривояте мебошад, ки Байҳақӣ дар "Сунан", Аҳмад дар "Муснад" ва Абдураззоқ дар "Мусаннаф" аз Лоҳиқ ибни Ҳамид ривоят кардаанд: "Ибни Масъудро барои сарварӣ ба қазо ва байтулмол фиристоданд" Мумкин нест, ки Умар он касро ба посбонии байтулмол фиристода бошанд. Аз ин танҳо чунин бармеояд, ки он касро ҳамчун вакил ба ҷиҳат фиристодаанд, яъне (молро) бигирад ва (ба мустаҳиқон) бидиҳад. Ибни Муборак дар "Зуҳд" аз Ҳасан ривояте овардааст, ки маънои ҷиҳатро ифода менамояд: "Вақте ки амирони Басра ҳамроҳи Абӯмӯсои Ашъарӣ омаданд, аз Умар ибни Хаттоб хостанд, ки барояшон озуқаворӣ ҷудо кунад. Сипас дар охири суханаш ба онҳо гуфт: "Эй ҷамоаи амирон, барои шумо аз байтулмол ду гӯсфанд ва ду ҷариб* ҷудо кардам""

Даромаду баромадҳои байтулмолро Халифа идора мекунад. Зеро Расулуллоҳ (с) табарруотҳои Усмонро барои "лашкари усра"* дар ҳуҷраи худ нигоҳ доштанд. Дар ҳадисе, ки Аҳмад ва Тирмизӣ ривоят карда, Тирмизӣ онро ҳасани ғариб гуфтааст, Ҳоким ҳам ривоят карда, саҳеҳ гуфтааст ва Заҳабӣ низ бо ӯ мувофиқат намудааст, Абдурраҳмон ибни Самра мегӯяд: "Ҳангоме ки Набӣ (с) "лашкари усра"-ро омода мекарданд, Усмон (р) ҳазор динор

оварда, онро ба домани Набӣ (с) рехтанд. Он гоҳ, Набӣ (с) онҳоро рӯгардон мекарданду мегуфтанд:

"مَا ضَرَّ عُثْمَانَ مَا عَمِلَ بَعْدَ هَذَا الْيَوْمِ"

"**Пас аз ин рӯз Усмон дигар ҳар коре бикунад, ба вай зарар намерасонад**" Дар ҳадисе, ки Бухорӣ аз Анас ривоят мекунад, гуфта шудааст: "Вақте ки барои Набӣ (с) аз Баҳрайн мол оварданд, фармуданд, ки: "Онро дар масҷид фуроред..." Чун намозро адо намуданд, омада дар назди мол нишастанд. Ҳар касеро, ки диданд, ба ӯ доданд… Хуллас, то даме, ки дар он ҷо як дирҳам низ намонд, аз ҷояшон барнахостанд. Ҳамчунин Абӯбакр дар тақсим намудани моли Баҳрайн худашон сарварӣ кардаанд. Бухорӣ аз Ҷобир ривоят мекунад: "Расулуллоҳ (с) ба ман гуфтанд:

"لَوْ قَدْ جَاءَ مَالُ الْبَحْرَيْنِ، لَقَدْ أَعْطَيْتُكَ هَكَذَا وَهَكَذَا وَهَكَذَا"

"**Агар моли Баҳрайн меомад, ба ту ин қадар, ин қадар, ин қадар медодам**" гуфта се бор такрор карданд. Расулуллоҳ вафот намуданд ва чун моли Баҳрайн омад, Абӯбакр ба ҷорчӣ фармуд, ки бигӯяд: "Ҳар кӣ ба Расулуллоҳ (с) қарз ё ваъдае дорад, ба назди ман биёяд" Он гоҳ ман омада гуфтам, ки Расулуллоҳ (с) ба ман чунину чунон гуфта се маротиба такрор намуданд…" Дар ҳадиси Суфёни Сақафӣ, чунон ки пештар зикр кардем, дар бораи шахсе, ки халтаи чармӣ ёфта, онро хабар дода гаштааст, гуфта мешавад: "Умар онро гирифта ба байтулмол гузошт" Шофеӣ дар "Умм" ривоят мекунад: "Ба мо якчанд нафар аз аҳли илм хабар доданд, ки чун ашёи аз Ироқ гирифташударо ба назди Умар ибни Хаттоб оварданд, мудири байтулмол ба ӯ гуфт: "Ман инҳоро ба байтулмол медароварам?" Ӯ фармуд: "На, ба Рабби Каъба қасам, ки онро ба байтулмол надароварда, тақсим мекунам" Сипас бо фармони Халифа онро дар масҷид гузоштанд. Бо гилеми пӯстин пӯшондем ва мардоне аз ҷумлаи муҳоҷирину ансор посбонияш мекарданд. Субҳ дамид. Ӯ ҳамроҳи Аббос ибни Абдулмутталиб ва Абдурраҳмон ибни Авф дар ҳоле, ки дасти яке аз онҳо дар дасташ

буд, ё дасташ дар дасти яке аз онҳо буд, омаданд. Чун ӯро диданд. пӯстакҳоро аз болои молҳо яктарафа карданд. Он гоҳ манзараеро диданд, ки мислашро ҳаргиз надида буданд. Дар он ҷо тиллову ёқут ва забарҷаду марворидро диданд, ки медурахшид, он гоҳ ба гиря даромаданд. Пасон яке аз онҳо ба Умар гуфт: "Қасам ба Аллоҳ, ин рӯз на рӯзи гиря, балки рӯзи шукронаву шодмонист" Умар ба ӯ гуфт: "Қасам ба Аллоҳ, он ҷое, ки шумо рафтаед, ман нарафтаам. Лекин дар ҳар қавме, ки ин чиз фаровон шуда бошад, дар миёнашон фалокат рух додааст" Сипас ба қибла рӯ оварда, дастонашонро суи осмон боло карда гуфтанд: "Илоҳо, аз оҳиста-оҳиста хор шудан ба ту паноҳ металабам. Эй Аллоҳ, шунидаам, ки фармудаӣ:

وَالَّذِينَ كَذَّبُواْ بِآيَاتِنَا سَنَسْتَدْرِجُهُم مِّنْ حَيْثُ لاَ يَعْلَمُونَ

**"...аз роҳе, ки худ намедонанд, ба тадриҷ хорашон месозем"** [7:182].

Сипас гуфтанд: "Суроқа ибни Ҷаъшам дар куҷост?" Ногоҳ марди борикандомеро оварданд, ки бандҳои дасташ сермӯй буд. Бозубандҳои Хусравро ба ӯ дода гуфт: "Бипӯш онҳоро" Ӯ пӯшид. Сипас гуфт: "Бигӯ: "Аллоҳу Акбар"" Ӯ гуфт: "Аллоҳу Акбар" Умар гуфт: "Бигӯ: "Ҳамд Аллоҳро, ки ин ду бозубанди Хусрав ибни Ҳурмузро гирифта, ба Суроқа ибни Ҷаъшам – як аъробӣ аз қабилаи Банӣ-Мудлиҷ пӯшондааст"" Он гоҳ молҳоро бо асояш тагурӯ карда гуфт: "Касе, ки ин корро анҷом додааст, албатта амонатдор мебошад" Сипас марде ба вай гуфт: "Бояд бигӯям, ки шумо амонатдори Аллоҳ ҳастед. Модом ки дар назди Аллоҳ амонатро адо мекунед, онҳо низ амонатро дар назди шумо адо мекунанд. Агар шумо дилхушиву фароғат кунед, онҳо низ дилхушиву фароғат мекунанд" Умар гуфт: "Рост гуфтӣ" ва баъд онро тақсим кард" Ҳадисе, ки Дорамӣ аз Абдуллоҳ ибни Амр ривоят кардааст: "Дар замони Усмон як ғулом даргузашт, ки валӣ надошт, фармуд ва молу мулки ӯро ба байтулмол гузоштанд" ва ҳадисе, ки Анас ибни Сирин дар "Истизкор" ривоят кардааст: "Вақте ки Алӣ

молҳоро тақсим намуда, байтулмолро холӣ мекард, об пошида, дар он ҷо менишаст" дар боло зикр гардиданд.

Расулуллоҳ (с) дар тақсимот гоҳо яке аз саҳобагонашонро роҳбар таъин мекарданд ё ӯро ба баъзе корҳои молиявӣ масъул мегузоштанд. Дар ҳадиси Уқба, ки Бухорӣ овардааст, Набӣ (с) гуфтаанд:

"ذَكَرْتُ شَيْئًا مِنْ تِبْرٍ عِنْدَنَا، فَكَرِهْتُ أَنْ يَحْبِسَنِي، فَأَمَرْتُ بِقِسْمَتِهِ"

**“Ба ёдам расид, ки дар хона як порча тилло монда буд. Нописандидам, ки онро бо худ нигоҳ дорам. Бинобар ин фармудам, ки онро тақсим кунанд**" Дар ҳадисе, ки Ибни Шиҳоб аз Ибни Шабба ривоят карда, Ҳофиз ибни Ҳаҷари Асқалонӣ, Мунзирӣ ва Ҳайсамӣ исноди онро ҳасан гуфтаанд, чунин омадааст: "Расулуллоҳ (с) ба анборе, ки Билол садақаҳоро мегузошт, даромада, як тӯда хурморо дида гуфтанд:

" مَا هَذَا التَّمْرُ يَا بِلالُ؟ قَالَ: يَا رَسُولَ اللهِ، أَخَذْتُهَا لِنَوائِبِكَ. قَالَ: أَفَأَمِنْتَ أَنْ تُصْبِحَ وَلَهَا فِيْ جَهَنَّمَ بُخَارٌ؟ أَنْفِقْ وَلا تَخْشَ مِنْ ذِي الْعَرْشِ إِقْلالاً أَوْ إِقْتَاراً"

"**Ин хурмо барои чист, эй Билол?" Ӯ гуфт: "Онҳоро барои ягон рӯзи душвориатон гирифта монда будам" Гуфтанд: "Магар хотирҷамъ шудӣ, ки он дар ҷаҳаннам ба оташ табдил намеёбад? Нафақа кун, аз кам ва камбағал кардани Соҳиби Арш натарс**"

Боз дар ҳамин ҳадис омадааст: "Дар даври Расулуллоҳ (с) Абдурраҳмон ибни Авф ба шутурону гӯсфандони садақа, Билол ба садақоте, ки аз меваҳо гирифта мешуд, Маҳмия ибни Ҷузъ ба хумс* роҳбарӣ мекарданд" Халифа мегӯяд, ки бар нафақаҳои он кас Билол роҳбар буд" Ибни Ҳиббон дар "Саҳеҳ" аз Абдуллоҳ ибни Луҳайи Ҳавзанӣ ривоят мекунад: "Ман бо муаззини Расулуллоҳ (с) Билол вохӯрда пурсидам: "Эй Билол, нафақаи Расулуллоҳ (с) чӣ гуна буд?" Ӯ гуфт: "Он кас ҳеҷ чиз надоштанд. Аз замоне, ки Аллоҳ Таоло ӯро ба пайғамбарӣ фиристод, то рӯзи вафоташон ҳама

нафақаҳояшонро ман идора кардаам. Масалан, агар ягон мусулмон меомаду ӯро бараҳна медиданд, мефармуданд ва ман аз ягон кас қарз мепурсидам ва бурда* ё намира* мехаридам. Баъд ӯро мепӯшондам ва мехӯрондам..." Муслим аз Абӯрофеъ – мавлои Расулуллоҳ (с) ривоят мекунад: "Расулуллоҳ (с) бакр*ро қарз гирифтанд. Баъд шутурҳои садақа расиданд. Абӯрофеъ мегӯяд: "Расулуллоҳ (с) ба ман фармуданд, то бакри ҳамон одамро бипардозам. Ман гуфтам, ки дар байни шутурҳо ғайр аз шутурони хуби чаҳорсола дигарашро наёфтам" Расулуллоҳ (с) гуфтанд:

"أَعْطِهِ إِيَّاهُ، فَإِنَّ خِيَارَ النَّاسِ أَحْسَنُهُمْ قَضَاءً"

"**Ҳамонро ба вай бидеҳ, зеро беҳтарини мардум касест, ки қарзро бо зеботарин ваҷҳ бипардозад**" Дар ҳадиси муттафақун алайҳи Ибни Аббос омадааст: "Расулуллоҳ (с), ҳангоме ки Муозро ба Яман фиристоданд, фармуданд:

" فَإِنْ هُمْ أطَاعُوكَ، فَأَعْلِمْهُمْ أَنَّ اللهَ قَدْ افْتَرَضَ عَلَيْهِمْ صَدَقَةً تُؤْخَذُ مِنْ أَغْنِيَائِهِمْ فَتُرَدُّ عَلَى فُقَرَائِهِمْ، فَإِنْ هُمْ أَطَاعُوكَ لِذَلِكَ، فَإِيَّاكَ وَكَرَائِمَ أَمْوَالِهِمْ، وَاتَّقِ دَعْوَةَ الْـمَظْلُومِ فَإِنَّهُ لَيْسَ بَيْنَها وَبَيْنَ اللهِ حِجَابٌ"

"**Агар онҳо ба ту итоат кунанд, бигӯ, ки Аллоҳ барояшон садақаро фарз гардондааст, ки он аз сарватмандон гирифта, ба фақирон дода мешавад. Агар дар ин кор низ ба ту итоат карданд, пас аз гирифтани молҳои гаронбаҳои онҳо худдорӣ намо ва аз дуои мазлум битарс, зеро байни он ва Аллоҳ парда нест**" Дар "Саҳеҳайн" аз Абӯҳурайра ривоят мекунад, ки "Пайғамбар (с) Умарро ба ғундоштани садақа фиристоданд"

Хулафои Рошидин ба роҳи он кас пайравӣ намуданд. Онҳо низ дар мол ва корҳои молиявӣ дигаронро роҳбар мегузоштанд. Ибни Исҳоқ ва Халифа ривоят карда мегӯянд: "Абӯбакр Абӯубайда ибни Ҷарроҳро ба байтулмол роҳбар таъин кард ва баъд ӯро ба Шом фиристод" Заҳабӣ дар тарҷумаи ҳоли Муайқиб мегӯяд, ки Абӯбакр ва Умар ӯро ба байтулмол роҳбар карданд. Ҳоким бо иснoди саҳеҳ,

Ибни Исҳоқ ҳамчунин муаллифи "Таротибул идория" аз Абдуллоҳ ибни Зубайр ривоят мекунанд: "Ӯ* ба Абӯбакр котибӣ кардааст, байтулмолро низ ба вай дода буданд. Умар низ он касро дар ҳамин ду кор гузошт" Ибни Саъд дар "Табақот" ва Ибни Ҳаҷар дар "Исоба" ривоят мекунанд, ки хазинадори Умар мавлояшон Ясор ибни Намир буд. Аҳмад дар "Муснад" ва Абдурраззоқ дар "Мусаннаф" аз Лоҳиқ ибни Ҳамид ривоят мекунанд: "Ибни Масъуд ҳамчун роҳбари қазо ва байтулмол (ба Кӯфа) фиристода шуд" Халифа аз Молик ибни Анас, ӯ аз Зайд ибни Аслам ривоят мекунад: "Умар Абдуллоҳ ибни Арқамро ба байтулмол роҳбар таъин намуд" Ибни Хузайма дар "Саҳеҳ" аз Урва ибни Зубайр ривоят мекунад: "Абдурраҳмон ибни Абдулқорӣ гуфтааст: "Ман дар даври Умар роҳбари байтулмол будам"" Ибни Ҳаҷар дар "Фатҳ" дар хусуси фазилатҳои Абдуллоҳ ибни Масъуд ривоят мекунад: "Ӯ дар даври Умар ва Усмон дар Кӯфа байтулмолро роҳбарӣ кардааст" Ҷаҳшаёрӣ дар китоби "Вазирон ва котибон" менависад. "Яке аз котибони Набӣ (с) Абдуллоҳ ибни Арқам ибни Абдуяғус дар даври Усмон ба байтулмол роҳбарӣ мекард" Ҳоким дар "Мустадрак" аз Зубайр ибни Баккор ривоят мекунад: "Абдуллоҳ ибни Арқам ибни Абдуяғус дар даври Умар ва аввалҳои хилофати Усмон то вафот карданаш ба байтулмол роҳбарӣ кардааст. Ӯ аз ҷумлаи саҳобиён буд" Ибни Абдулбарр дар "Истиоб" менависад: "Зайд ибни Собит дар даври хилофати Усмон роҳбари байтулмол буд. Ӯ Ваҳиб ном ғуломе дошт. Усмон вақте ӯро дид, ки дар корҳои байтулмол ёрӣ мерасонад, пурсид, ки ӯ кист. Зайд дар ҷавоб гуфт, ки ин ғуломи ӯст. Усмон гуфт: "Мебинам, ки ба мусулмонон ёрӣ дода истодааст, ӯ низ ҳақ дорад, ман барояш (маблағ) ҷудо мекунам" Пас барои вай ду ҳазор ҷудо кард. Он гоҳ Зайд гуфт: "Қасам ба Аллоҳ, барои як ғулом ду ҳазор ҷудо накун" Сипас барои вай як ҳазор ҷудо кард" Садафӣ дар китобаш бо номи "Шинохти уламои Миср ва саҳобагони Расулуллоҳ (с), ки ба ин ҷо омадаанд" менависад: "Ибни Абдулбар дар "Истиоб" мегӯяд: "Убайдуллоҳ ибни Абӯрофеъ хазинадор ва котиби Алӣ буд" Айнӣ дар "Умдатулқорӣ" менависад: "Алӣ Абдуллоҳ ибни Ваҳби Сувоиро ҳурмат мекард,

дӯст медошт ва бовар менамуд. Ӯро дар Кӯфа роҳбари байтулмол таъин кард" Алӣ Зиёдро омили Басра таъин кард. Ҷаҳшаёрӣ мегӯяд: "Вақте ки аз ӯ Басра баргашт, ӯро ба хироҷ ва девон роҳбар таъин намуд"

**Байтулмолро ба ду қисм ҷудо кардан мумкин аст:**

**Қисми даромадҳо:** Ин қисм се девонро дар бар мегирад:

**Девони файъ ва хироҷ:** Ин девон ғаниматҳо, хироҷ, заминҳо, ҷизя, файъ ва андозҳоро дар бар мегирад.

**Девони моликияти умумӣ:** Ин девон нафт, газ, барқ, маъданҳо, баҳрҳо, дарёҳо, кӯлҳо, чашмаҳо, ҷангал, чарогоҳ ва мамнӯъгоҳҳоро дар бар мегирад.

**Девони садақаҳо:** Ин девон закоти пулҳо, молҳои тиҷоратӣ, рустаниҳо, меваҳо, шутур, гов ва гӯсфандро дар бар мегирад.

**Қисми нафақаҳо: Ҳашт девонро дар бар мегирад:**

Девони Дорулхилофат.

Девони муассисаҳои давлат.

Девони мукофотҳо.

Девони ҷиҳод.

Девони масрифҳои закот.

Девони масрифҳои моликияти умумӣ.

Девони ҳолатҳои фавқулодда.

Девони буҷети давлат, муҳосибот ва назорати давлат.

## Дувоздаҳум: Иттилоот

Иттилоот барои даъват ва давлат аз корҳои муҳим ба шумор меравад. Он яке аз манфиатҳои мардум нест, ки ба идораи манфиатҳо тобеъ шавад, балки он ҳамчун як дастгоҳи мустақил бевосита ба Халифа вобаста мебошад ва кори вай монанди кори дигар дастгоҳҳои давлат аст.

Сиёсати иттилоотии махсус, Исломро ба тарзи қавӣ ва таъсирнок баён намуда, тафаккури мардумро ба сӯи Ислом, омӯзиш ва андеша дар хусуси он ба ҳаракат медарорад. Ҳамчунин ҳамроҳшавии кишварҳои исломиро ба давлати Хилофат осон мегардонад. Илова бар ин, аксарияти корҳои иттилоотӣ ончунон ба давлат алоқаманд аст, ки бе фармони Халифа онро нашр кардан мумкин набувад. Ин чиз дар ҳар як масъалаи ба корҳои ҳарбӣ алоқаманд ошкоро ба назар мерасад. Масалан, ба монанди иттилоот дар бораи сафарбар намудани артиш, ғалаба ва мағлубият, саноати ҳарбӣ. Шарт аст, ки ин гуна иттилоот бевосита ба Халифа вобаста бошад, то ки дар бораи зарурати махфӣ нигоҳ доштан, нашр кардан ва ё эълон намудани чизе қарор барорад.

Далели ин Китоб ва суннат аст.

Далел аз Китоб сухани зерини Аллоҳ Таолост:

وَإِذَا جَاءهُمْ أَمْرٌ مِّنَ الأَمْنِ أَوِ الْخَوْفِ أَذَاعُواْ بِهِ وَلَوْ رَدُّوهُ إِلَى الرَّسُولِ وَإِلَى أُوْلِي الأَمْرِ مِنْهُمْ لَعَلِمَهُ الَّذِينَ يَسْتَنبِطُونَهُ مِنْهُمْ

"**Ва чун хабаре чи эминӣ ва чи тарс ба онҳо расад, онро дар ҳама ҷо фош мекунанд. Ва ҳол он ки агар дар он ба пайғамбар ва улуламрашон (пешвоён) руҷӯъ мекарданд, ҳақиқати амрро аз онон дармеёфтанд**" [4:83].

Мавзӯи ин оят дар бораи иттилоот аст.

Аммо далел аз суннат ҳадиси Ибни Аббос дар бораи фатҳи Макка мебошад. Ин ҳадисро Ҳоким дар "Мустадрак" ривоят карда,

бо шарти Муслим саҳеҳ гуфтааст. Заҳабӣ онро маъқул шуморидааст. Дар ҳадис чунин гуфта шудааст: "Иттилоот барои Қурайш норавшан монд, ба онҳо дар бораи Расулуллоҳ (с) хабар намерасид, намедонистанд, ки эшон чӣ нақша доранд" Далели дигар ҳадиси мурсал аст, ки Абӯсалама аз Ибни Абӯшайба овардааст:

" ثُمَّ قَالَ النَّبِيُّ لِعَائِشَةَ: جَهِّزِيْنِيْ وَلا تُعْلِمِيْ بِذَلِكَ أَحَداً، ...ثُمَّ أَمَرَ بِالطُّرِقِ فَحُبِسَتْ، فَعَمِيَ عَلَى أَهْلِ مَكَّةَ لا يَأْتِيْهِمْ خَبَرً"

"**Баъд Набӣ (с) ба Оиша гуфтанд: "Чизҳои маро омода намо ва дар ин хусус ба ҳеҷ кас маълум накун...**" Сипас супориш доданд ва роҳҳо баста шуд. Хуллас, хабар ба мардуми Макка нарасид". Далели дигар ҳадиси муттафақӯн алайҳи Каъб дар бораи ғазоти "усра" аст: "Ҳар гоҳ Пайғамбар (с) ба ғазот баромадан мехостанд, мақсадашонро бо чизи дигар таврия* мекарданд. Аммо дар ғазоти мазкур чунин накарданд. Зеро ин дафъа дар гармои шадид ба сафари дур, ба биёбон баромада, бар зидди душмани сершумор ба ғазот мебаромаданд. Бинобар ин, моҳияти корро баён карданд ва аз самти сафар онҳоро хабардор намуданд, то ки мусулмонон ба ғазот омодагии хуб бинанд" Далели дигар ҳадиси Анас мебошад, ки дар Бухорӣ оварда шудааст: "Набӣ (с) дар бораи фавти Зайд, Ҷаъфар ва Ибни Равоҳа хабар дода гуфтанд:

" أَخَذَ الرَّايَةَ زَيْدٌ فَأُصِيْبَ، ثُمَّ أَخَذَ جَعْفَرٌ فَأُصِيْبَ، ثُمَّ أَخَذَ ابْنُ رَوَاحَةَ فَأُصِيْبَ، وَعَيْنَاهُ تَذْرُفَانِ حَتَّى أَخَذَهَا سَيْفٌ مِنْ سُيُوْفِ اللهِ حَتَّى فَتَحَ اللهُ عَلَيْهِمْ"

"**Роятро Зайд гирифт, ба ӯ мусибат расид. Баъд Ҷаъфар гирифт, ба ӯ мусибат расид, баъд Ибни Равоҳа гирифт, ба ӯ мусибат расид" Дар ҳоле, ки аз дидагонашон ашк мерехт, гуфтанд: "Ҳатто ки онро шамшере аз шамшерҳои Аллоҳ бигирифт ва Аллоҳ ба онҳо фатҳ дод**". Дар асаре, ки Ибни Муборак дар "Ҷиҳод" ва Ҳоким дар "Мустадрак" дар хусуси аз

тарафи Хулафои Рошидин татбиқ шудани ин ҳукм оварда, онро бо шарти Муслим саҳеҳ гуфтаанд ва Заҳабӣ онро маъқул шумоОт, Зайд ибни Аслам аз падараш, ӯ аз Умар ибни Хаттоб ривоят мекунад: "Ба Умар ибни Хаттоб хабар расид, ки Абӯубайда Шомро дар муҳосира гирифтааст, аммо қавм бар зидди вай сахт муқовимат карда истодаанд. Он гоҳ Умар ба ӯ мактуб навишт: "Салом бар шумо бод. Аммо баъд: Агар ба як бандаи мӯъмин мусибати сахт расад, Аллоҳ баъд аз он албатта як сабукиро ато мекунад. Як душворӣ аз ду сабукӣ бартар нест.

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُواْ اصْبِرُواْ وَصَابِرُواْ وَرَابِطُواْ وَاتَّقُواْ اللّهَ لَعَلَّكُمْ تُفْلِحُونَ

"**Эй касоне, ки имон овардаед, шикебо бошед ва дигаронро ба шикебоӣ фаро хонед ва дар ҷангҳо пойдорӣ кунед ва аз Аллоҳ битарсед, бошад, ки растагор шавед!"** [3:200]".

Сипас Абӯубайда ба Умар навишт: "Салом бар шумо бод. Аммо баъд: Аллоҳ дар Китоби худ гуфт:

اعْلَمُوا أَنَّمَا الْحَيَاةُ الدُّنْيَا لَعِبٌ وَلَهْوٌ وَزِينَةٌ وَتَفَاخُرٌ بَيْنَكُمْ وَتَكَاثُرٌ فِي الْأَمْوَالِ وَالْأَوْلَادِ

"**Бидонед, ки зиндагии инҷаҳонӣ бозича аст ва беҳудагиву ороиш ва фахрфурӯшиву афзунҷӯӣ дар амволу авлод**" [57:20]". Чун Умар мактуби мазкурро гирифт, ба минбар баромад ва онро барои мардуми Мадина хонд. Сипас гуфт: "Эй аҳли Мадина, Абӯубайда шуморо таклиф менамояд, ки ба ҷиҳод рағбат кунед"

Иттилоот дар бораи музокираҳо, мунозираҳо ва мувофиқатҳое, ки Халифа ё ноибҳои вай бо давлатҳои куфр анҷом медиҳанд, ба ҷумлаи хабарҳои ҳарбӣ дохил мешаванд. Яке аз мисолҳо дар бораи музокира мувофиқат намудани Пайғамбар (с) бо вакилони Қурайш дар Ҳудайбия доир ба бандҳои созишномаи сулҳ мебошад. Яке аз мунозираҳои бевоситаи Набӣ (с) мунозираи эшон бо вакилони Наҷрон ва онҳоро ба баҳс хондан аст. Мунозирае, ки бинобар фармони Расул (с) сурат гирифтааст,

мунозираи Собит ибни Қайс ва Ҳассон бо вакилони Тамим ва дигарон мебошад. Ҳамаи инҳо ошкоро сурат гирифта, ягон ҷиҳати хуфёна надоштанд.

Иттилооти дигар, масалан, хабарҳои рӯзмарра, барномаҳои сиёсӣ, сақофӣ, илмӣ, ҳодисаҳои олам, гарчанд ба ҷумлаи хабарҳое, ки ба давлат алоқамнданд ва гирифтани раъйи Халифа барои онҳо зарур аст, надароянд ҳам, лекин қисман ба нуқтаи назар дар бораи ҳаёт ва дар бораи алоқаҳои байналхалқии давлат дохил мешаванд. Бо вуҷуди ин назорати ахбороти мазкур аз тарафи давлат нисбат ба назорат намудани ахбороти навъи якум фарқ мекунад.

**Бинобар ин дастгоҳи иттилоотӣ бояд ду доираи асосиро дар бар гирад:**

**Якум:** Кори вай иттилоъ додан дар бораи хабарҳои ба давлат алоқаманд, монанди амалиётҳои ҳарбӣ, саноати ҳарбӣ, алоқаҳои байналхалқӣ ва ғайра мебошад.

Ин доира бевосита ҳамин гуна хабарҳоро назорат мекунад. Хуллас, онҳо аз зери назорати дастгоҳи иттилоотӣ ногузашта, дар воситаҳои ахбори давлатӣ ё хусусӣ нашр карда намешаванд.

**Дуюм:** Кори вай ба ахбороти дигар низ алоқаманд буда, онҳоро билвосита назорат мекунад. Онҳо барои нашри хабарҳояшон дар воситаҳои ахбори давлатӣ ҳеҷ гуна рухсатнома намегиранд.

**Рухсатномаи воситаҳои ахборот**

Барои воситаҳои ахбор рухсатнома лозим нест. Ҳар як шаҳрванди Давлати Ислом метавонад ҳар гуна воситаи ахбор – радиошунавонӣ, телевизион, матбуотро ташкил кунад. Ӯ танҳо дар хусуси воситаи ахборе, ки ташкил кардааст, бояд ба дастгоҳи иттилоотӣ маълумот диҳад.

Чи тавре ки дар боло гуфта гузаштем, барои нашри хабарҳои ба давлат алоқаманд бояд рухсат бигирад. Аммо хабарҳои дигарро метавонад бе рухсати қаблӣ нашр намояд.

Дар ҳама ҳолат соҳиби воситаи ахбор дар хусуси материали ахборотие, ки нашр мекунад, ҷавобгар мебошад. Агар бар хилофи шариат кор барад, монанди ҳар як шаҳрванд ҷавоб медиҳад.

**Сиёсати иттилоотии давлат**

Қонуне, ки нақшаҳои фарогири давлатро оид ба сиёсати иттилоотии он баён мекунад, мувофиқи аҳкоми шаръӣ ба тасвиб расонида мешавад. Давлат бо мақсади хидмат ба Ислом ва мусулмонон, бунёди ҷомеаи исломии қавию мустаҳкам, ки чанг ба ресмони Аллоҳ мезанад, аз рӯи ин нақшаҳо амал мекунад. Аз ин ҷомеа ва дар ин ҷомеа некӣ паҳн мегардад, ба фасод ва фикрҳои фасодкунанда, ба гумроҳӣ ва сақофати гумроҳкунанда ҷо намегузорад. Ҷомеаи исломӣ, ки зиштиҳояш дафъ шуда, накҳаташ пароканда мегардад, ба Аллоҳ – парвардигори оламиён тасбеҳ мегӯяд.

## Сездаҳум: Маҷлиси Уммат

(шӯро ва муҳосаба)

Ин маҷлис аз шахсоне таркиб меёбад, ки онҳо вакили раъйи мусулмонон ба шумор меравaнд. Халифа ҳангоми машварат дар хусуси корҳо ба онҳо муроҷиат менамояд ва онҳо ҳамчун вакили уммат ҳокимонро муҳосаба мекунанд. Далел ин аст, ки Пайғамбар (с) бо шахсоне аз муҳоҷирин ва ансориён, ки вакилони қавми худ буданд, машварат намудаанд, инчунин якчанд нафар саҳобиро барои шӯро ҷудо кардаанд. Ҳангоми гирифтани раъй нисбат ба дигарон бештар ба онҳо муроҷиат менамуданд. Онҳо Абӯбакр, Умар, Ҳамза, Алӣ, Салмони Форсӣ ва Ҳузайфа … буданд.

Далели дигар ин ки Абӯбакр (р) якчанд нафарро аз муҳоҷирон ва ансориён ҷудо карда буданд, то ки агар коре пеш ояд, барои гирифтани раъй ба онҳо мурочиат намоянд. Аҳли шӯро дар замони Абӯбакр (р) уламо ва соҳибфатвоҳо буданд. Ибни Саъд аз Қосим ривоят мекунад: "Чун ба Абӯбакри Сиддиқ коре пеш меомад ва бо аҳли раъйу фиқҳ машварат кардан мехостанд, аз муҳоҷирину ансориён Умар, Алӣ, Абдурраҳмон ибни Авф, Муоз ибни Ҷабал, Убай ибни Каъб ва Зайд ибни Собитро даъват менамуданд. Ҳамаи инҳо дар замони хилофати Абӯбакр (р) фатво медоданд. Фатвоҳое, ки мардум мепурсиданд, ба сӯи онҳо ҳавола мешуд. Замони Абӯбакр (р) бо ҳамин равиш гузашт. Пас Умар (р) амир шуд. Ин кас низ барои машварат ҳамон гурӯҳро даъват менамуданд. Ҳамин тавр, далелҳои зиёде низ ворид шудааст, ки мусулмононро ба муҳосаба кардани ҳоким даъват менамояд. Мусулмонон дар замони Хулафои Рошидин низ ҳамин роҳро пеш гирифтаанд. Аз ин ҷиҳат, чунон ки уммат дар шӯро ҳуқуқи ваколат дорад, дар муҳосаба низ ҳамин ҳуқуқро дорад. Инҳо далолат мекунанд, ки ташкил намудани маҷлиси махсус аз вакилони уммат, хоҳ доир ба муҳосабаи ҳокимон, хоҳ доир ба шӯро, ки бо Қуръону суннат собит шудааст, мубоҳ мебошад. Бинобар сабабе, ки ин маҷлис дар муҳосаба ва шӯро аз ҷониби уммат вакилӣ мекунад, онро Маҷлиси Уммат меноманд.

Ҷоиз аст, ки шаҳрвандони ғайримусулмон низ дар ин маҷлис аъзо шуда, аз зулми ҳокимон, ё бад татбиқ шудани Ислом бар онҳо, ё аз пурра таъмин нашудани хидматрасонӣ шикоят кунанд.

### Ҳуқуқи шӯро

Шӯро ҳаққи тамоми мусулмонон бар Халифа аст. Мусулмонон ҳақ доранд, ки Халифа дар якчанд кор барои машварат ба онҳо мурочиат намояд. Аллоҳ Таоло мефармояд:

وَشَاوِرْهُمْ فِي الأَمْرِ فَإِذَا عَزَمْتَ فَتَوَكَّلْ عَلَى اللّهِ

"**...ва дар корҳо бо эшон машварат кун ва чун қасди коре кунӣ, бар Аллоҳ таваккул кун**" [3:159].

**وَأَمْرُهُمْ شُورَى بَيْنَهُمْ**

"**Ва корашон бар пояи машварат бо якдигар аст...**" [42:38].

Пайғамбар (с) ба мардум муроҷиат намуда, маслиҳат пурсидаанд. Масалан, рӯзи Бадр дар бораи майдони ҷанг маслиҳати онҳоро гӯш карданд. Рӯзи ҷанги Уҳуд маслиҳат пурсиданд, ки дар дохили Мадина биҷанганд ё берун аз он. Дар ҳолати аввал ба раъйи Ҳаббоб ибни Мунзир таваққуф намуданд. Ин раъй доир ба маҳорати ҷангӣ аз тарафи шахсе содир шуд, ки санъати ҷангро хуб медонист, бинобар ин онро пазируфтанд. Аммо дар рӯзи Уҳуд, агарчанд ки ба раъйи худашон зид буд, раъйи аксариятро пазируфтанд.

Умар дар хусуси заминҳои Ироқ ба мусулмонон муроҷиат кард, ки онҳо бо эътибори ғанимат ба мусулмонон тақсим карда шаванд ё ҳамчун мулки байтулмол бо шарти пардохтани хироҷ дар дасти соҳибонашон бимонанд? Умар бо иҷтиҳоди худ амал карда, онҳоро дар дасти соҳибонашон гузошт ва аксари саҳобагон инро тасдиқ намуданд.

**Воҷибияти муҳосаба**

Чунон ки мусулмонон бар Халифа ҳуқуқи шӯро доранд, ҳамин тавр бар онҳо воҷиб аст, ки корҳо ва тасарруфоти ҳокимонро муҳосаба кунанд. Аллоҳ Субҳонаҳу ва Таоло муҳосаба кардани ҳокимонро фарз гардонид. Агар онҳо ҳуқуқи шаҳрвандонро поймол созанд, ё дар иҷрои ягон кори воҷиб кӯтаҳӣ варзанд, ё зидди аҳкоми Ислом коре анҷом диҳанд, ё ғайр аз аҳкоми нозилкардаи Аллоҳ бо чизи дигар ҳукм ронанд, дар ин сурат Аллоҳ Таоло мусулмононро қатъӣ фармудааст, ки онҳоро муҳосаба карда, тағйир диҳанд. Муслим аз Уммусалама ривоят мекунад, ки Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" سَتَكُونُ أُمَرَاءُ، فَتَعْرِفُونَ وَتُنْكِرُونَ، فَمَنْ عَرَفَ بَرِئَ، وَمَنْ أَنْكَرَ سَلِمَ، وَلَكِنْ مَنْ رَضِيَ وَتَابَعَ" قَالُوا: أَفَلاَ نُقَاتِلُهُمْ؟ قَالَ: "لاَ، مَا صَلَّوْا"

"**Ба зудӣ амирон хоҳанд шуд. Пас шумо (корҳои онҳоро) медонед ва (баъзеи онҳоро) инкор мекунед. Касе ки донад, аз он раҳо мешавад ва касе ки инкор кунад, саломат мемонад, аммо касе ки розӣ шавад ва пайравӣ кунад... Гуфтанд: "Магар бо онҳо намеҷангем?" Фармуданд: "На, модом ки намоз мехонанд**" Дар ин ҷо мурод аз намоз бо Ислом ҳукм рондан аст.

Мусулмонон ва пеш аз ҳама Умар азми бар зидди муртадҳо ҷангидани Абӯбакрро инкор карданд. Бухорӣ ва Муслим аз Абӯҳурайра ривоят мекунанд: "Чун Расулуллоҳ (с) даргузаштанд, Абӯбакр Халифа шуд ва баъзе арабҳо кофир шуданд, Умар (р) гуфт: "Бо мардум чӣ гуна меҷангӣ, ҳол он ки Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

" أُمِرْتُ أَنْ أُقَاتِلَ النَّاسَ حَتَّى يَشْهَدُوْا أَنْ لاّ إِلَهَ إِلاّ اللهُ، وَأَنَّ مُحَمَّداً رَسُوْلُ اللهِ، وَيُقِيْمُوا الصَّلاَةَ، وَيُؤْتُوا الزَّكَاةَ، فَإِذَا فَعَلُوْا ذَلِكَ عَصَمُوْا مِنِّيْ دِمَاءَهُمْ وَأَمْوَالَهُمْ إِلاّ بِحَقِّهَا وَحِسَابُهُمْ عَلَى اللهِ"

"**Маъмур шудам, ки бо онҳо биҷангам, то бигӯянд, ки ҷуз Аллоҳ худои дигар нест. Пас ҳар кӣ инро гӯяд, мол ва ҷонашро аз ман паноҳ додааст, магар ба ҳаққаш, ки ҳисоби он ба Аллоҳ аст**" Он гоҳ Абӯбакр гуфт: "Қасам ба Аллоҳ, ҳар кӣ байни намозу закотро ҷудо кунад, албатта бо ӯ хоҳам ҷангид. Чунки закот ҳаққи мол аст. Қасам ба Аллоҳ, агар бузғолаеро, ки ба Расулуллоҳ (с) медоданд, онро аз ман боздоранд, барои ин бо онҳо меҷангам" Умар гуфт: "Қасам ба Аллоҳ, танҳо ҳамин аст, ки Аллоҳ қалби Абӯбакрро кушода буд, баъд донистам, ки ӯ ҳақ аст"

Ҳамчунин вақте ки Умар (р) заминҳои Ироқро ба ҷанговарон тақсим накард, Билол ибни Рабоҳ, Зубайр ва дигарон ин амали ӯро инкор карданд. Монанди ин вақте ки Умар (р) баъзе заминҳоро ба

мамнӯъгоҳ табдил дод, як аъробӣ ин амали ӯро инкор намуд. Абӯубайда дар "Амвол" аз Омир ибни Абдуллоҳ ибни Зубайр ва ӯ, ба фикрам, аз падараш ривоят мекунад: "Як аъробӣ ба назди Умар (р) омаду гуфт: "Эй амирулмӯъминин, мо дар даврони ҷоҳилият барои сарзаминамон ҷангидаем, чун Ислом омад, дар рӯи он мусулмон шудем, пас чаро онро мамнӯъгоҳ мекунед?" Он гоҳ Умар ба фикр фурӯ рафт, чуқур-чуқур нафас гирифта, мӯйлабашро тоб дод. Агар коре бар ӯ душвор меафтод, чуқур-чуқур нафас гирифта, мӯйлабашро тоб медод. Аъробӣ чун ин ҳолати Умарро дид, ҳамон суханашро аз нав такрор кард. Сипас Умар гуфт: "Мол моли Аллоҳ аст, бандагон низ бандагони Аллоҳ ҳастанд. Қасам ба Аллоҳ, агар он чӣ ки дар роҳи Аллоҳ ба зимма гирифтаам намебуд, як ваҷаб заминро ҳам мамнӯъгоҳ намекардам" Умар баъзе заминҳоеро, ки тобеи моликияти умумӣ ба шумор мерафтанд, барои аспҳои мусулмонон чарогоҳ карда буд. Ҳамин тавр, вақте ки бар мардум аз чорсад дирҳам зиёд намудани маҳрро манъ кард, як зан бархоста, ин ҳукмро инкор намуд ва гуфт: "Ту ба ин ҳақ надорӣ, эй Умар. Оё сухани Аллоҳ Субҳонаҳуро нашунидаӣ, ки фармудааст:

وَآتَيْتُمْ إِحْدَاهُنَّ قِنطَارًا فَلاَ تَأْخُذُواْ مِنْهُ شَيْئًا

"**...ва ӯро қинторе мол додаед, набояд чизе аз ӯ бозситонед**" [4:20].

Он гоҳ Умар гуфт: "Зан дуруст дарёфт, Умар хато кард" Аҳмад бо ривояти саҳеҳ аз Абдуллоҳ ибни Зубайр ривоят мекунад: "Мо ҳамроҳи Усмон якҷоя дар Ҷуҳфа будем. Дар назди он кас як гурӯҳ одамон аз аҳолии Шом, аз ҷумла Ҳабиб ибни Масламаи Феҳрӣ ҳузур доштанд. Чун дар бораи ҳаҷҷи таматтӯъ* сухан рафт, Усмон (р) гуфт: "Ҳаҷ агар бо умра дар моҳҳои ҳаҷ якҷоя адо карда нашавад, мукаммал мегардад. Агар умраро ба таъхир гузошта, ин хонаро ду бор зиёрат мекардед, афзал буд. Зеро Аллоҳ Таоло дар хайр имкон додааст" Алӣ ибни Абӯтолиб ҳамин вақт шутурашро дар водӣ мечаронд ва чун сухани Усмон (р) ба ӯ расид, дарҳол ба назди Усмон омад ва гуфт: "Ба суннате, ки Расулуллоҳ (с) асос

гузоштаанд ва рухсате, ки Аллоҳ дар Китоби худ ба бандагонаш додааст, қасд кардаӣ ва мехоҳӣ, ки мардумро аз он баргардонда, дар машаққат вогузорӣ? Ҳол он ки ҳаҷҷи таматтӯъ барои ҳоҷатмандон ва мардумони раҳдурӣ аст" Он гоҳ Усмон (р) ба мардум рӯ овард ва гуфт: "Оё ман шуморо баргардондам? Ман аз он барнагардондаам. Ин танҳо раъйе буд, ки ба он ишора кардам. Ҳар кӣ хоҳад, ин раъйро бигирад, нахоҳад, вогузорад"

Бинобар ин Маҷлиси Уммат, чунон ки ҳаққи шӯро дорад, бар вай муҳосаба кардани ҳокимон низ воҷиб мебошад.

Аз гуфтаҳои боло маълум гашт, ки байни шӯро ва муҳосаба фарқ вуҷуд дорад. Шӯро пеш аз қабул кардани қарор раъй гирифтан ё гӯш кардани он аст, аммо муҳосаба ба қароре, ки қабул шудааст ё амале, ки иҷро гардидааст, эътироз баён намудан мебошад.

### Интихоби аъзоёни Маҷлиси Уммат

Аъзоёни Маҷлиси Уммат на таъин, балки интихоб мешаванд. Зеро онҳо вакилони раъйи мардум ҳастанд. Вакилро ваколатдиҳанда интихоб мекунад. Ҳеҷ ваколатдиҳанда мутлақо ба интихоби ягон вакил маҷбур карда намешавад. Бинобар ин аъзоёни Маҷлиси Уммат вакили раъйи мардум хоҳ фардҳо бошанд, хоҳ ҷамоатҳо ба шумор мераванд. Дар минтақаи васеъ ва қавми ношинос вакилро танҳо шахсе мешиносад, ки ӯро аз тарафи худ вакил интихоб намудааст. Далели дигар бар интихобӣ будани аъзои маҷлис ин аст: Пайғамбар (с) шахсонеро, ки барои раъй ба онҳо муроҷиат менамуданд, аз рӯи қобилият, лаёқат ва шахсияташон ихтиёр накардаанд. Балки онҳоро бар ду асос ихтиёр кардаанд. Якум, новобаста ба қобилияту лаёқат онҳо роҳбарони қавми худ буданд, дуюм, вакилони муҳоҷирону ансориён буданд. Зеро ба вуҷуд овардани аҳли шӯро бо мақсадест, ки онҳо вакили мардум шаванд. Бинобар ин асоси интихоби аъзоёни Маҷлиси Уммат нисбат ба фардҳо монанди ҳамон амали Пайғамбар (с) мешавад, ки интихоби роҳбаронро ба фардҳо супориданд. Аммо

нисбат ба ҷамоатҳо, чунон ки аз муҳоҷирону ансориён вакил интихоб намуданд, ҳамон тавр мешавад. Бо ин сабаб барои одамони ношинос вакил нишон додани фардҳо ва ҷамоатҳо танҳо ба воситаи интихобот амалӣ мегардад. Пас аъзоёни Маҷлиси Уммат танҳо интихоб карда мешаванд. Аммо агар дар хусуси касоне, ки Пайғамбар (с) барои маслиҳат интихоб намуда буданд, таваққуф кунем, пас минтақаи зисти муҳоҷирону ансориён калон набуд, аниқтараш, Мадина буд. Илова бар ин мусулмонони гирду атроф ҳам шинос буданд. Далел ин аст, ки дар байати Ақабаи дуюм, азбаски мусулмонон ношинос буданд, интихоби роҳбаронро ба худи онҳо вогузошта фармуданд:

"أَخْرِجُوْا إِلَيَّ مِنْكُمْ اِثْنَيْ عَشَرَ نَقِيْباً يَكُوْنُوْنَ عَلَى قَوْمِهِمْ"

"**Ба ман аз миёни худ дувоздаҳ нақиб* пешкаш кунед. Онҳо қавмҳояшонро назорат мекунанд**" Ин ҳадисро Ибни Ҳишом дар "Сират" ба воситаи Каъб ибни Молик ривоят кардааст. Бинобар сабабе, ки аъзоёни Маҷлиси Уммат вакилони раъй ҳастанд, иллати пайдоиши Маҷлиси Уммат ваколати фардҳо ва ҷамоатҳо дар бораи раъй ва муҳосаба ҳаст. Бе гузаронидани интихоботи умумӣ дар миёни мардуми ношинос ин иллат амалӣ намегардад. Аз инҳо исбот карда мешавад, ки аъзоёни Маҷлиси Уммат на таъин, балки интихоб мешаванд.

## Кайфияти интихоби аъзоёни Маҷлиси Уммат

Мо дар ҳадиси доир ба волиҳо гуфта гузаштем, ки бо ду мақсад маҷлиси вилоятро ҳамчун вакили аҳолии вилоят табаннӣ мекунем: Якум – ба волӣ тақдим намудани маълумотҳои лозима оид ба воқеи вилоят ва эҳтиёҷоти он. Мақсад аз ин кӯмак расонидан ба волӣ дар иҷрои вазифааш мебошад, то ки вай барои аҳолии вилоят ҳаёти осоиштаву оромро таъмин намояд, баровардани эҳиёҷот ва таъмини хидмати онҳоро осон гардонад. Дуюм – нишон додани ризоият ё шикояти мардум аз ҳукмронии волӣ. Зеро шикояти аксарияти маҷлиси вилоят аз болои волӣ сабукдӯш сохтани онро воҷиб мегардонад. Яъне воқеи маҷлиси

вилоят аз ҷиҳати идорӣ кӯмак кардани волӣ ва изҳор намудани ризоияту шикояти мардум ба вай мебошад. Ин амалҳо ӯро водор месозад, ки хуб кор кунад. Ин маҷлис ба салоҳиятҳои монанди салоҳиятҳои Маҷлиси Уммат, ки баъдтар зикр хоҳем кард, доро нест.

Баъдтар мо дар ин маврид воҷибияти ташкили Маҷлиси Уммат, интихоби он, вакили уммат будани он, инчунин якчанд салоҳиятҳоро, ки бояд дошта бошад, табаннӣ кардем*.

Ин чунин маънидод мекунад, ки ҳам барои интихоби аъзоёни маҷлисҳои вилоятҳо ва ҳам барои интихоби аъзоёни Маҷлиси Уммат интихобот гузаронида шавад.

Бо мақсади осон гардонидани маъракаи интихоботӣ ва гаштаю баргашта ба интихобот банд накардани шаҳрвандон табаннӣ кардем, ки аввал барои маҷлисҳои вилоятҳо интихобот гузаронида мешавад. Баъдан касоне, ки дар интихоботи маҷлисҳои вилоятҳо ғолиб гаштаанд, ҷамъ омада, аъзоёни Маҷлиси Умматро интихоб мекунанд. Яъне маҷлисҳои вилоятҳо бевосита аз тарафи уммат интихоб мешавад. Аммо Маҷлиси Умматро маҷлисҳои вилоятҳо интихоб мекунанд. Ин чунин маъно дорад, ки оғоз ва анҷоми муддати салоҳияти Маҷлиси Уммат ба оғозу анҷоми муддати салоҳияти маҷлисҳои вилоятҳо рост меояд.

Ҷои шахсеро, ки аз маҷлиси вилоят ба аъзогии Маҷлиси Уммат интихоб шудааст, касе мегирад, ки дар интихоботи маҷлиси ҳамон вилоят пас аз ин шахс аз ҳама овози бисёрро соҳиб гаштааст. Агар овози аксарият баробар ояд, дар миёни онҳо қуръа андохта мешавад.

Аҳли зимма ҳам вакилони худро аз аъзоёни маҷлисҳои вилоятҳо интихоб мекунанд. Ин вакилон боз вакилони худро барои Маҷлиси Уммат интихоб мекунанд. Интихоботи маҷлисҳои вилоятҳо бо интихоботи Маҷлиси Уммат дар як вақт гузаронида мешавад.

Бар ҳамин асос корҳои мазкурро ба эътибор гирифта, дар бораи гузаронидани интихоботи Маҷлиси Уммат қонун омода карда шуд. Бо изни Аллоҳ дар фурсати муносиб муҳокима ва табаннӣ карда мешавад.

**Аъзогӣ дар Маҷлиси Уммат**

Ҳар як мусулмон, ки дорои тобеият аст, новобаста ба мард ё зан будан, агар оқилу болиғ бошад, ҳуқуқ дорад, ки аъзои Маҷлиси Уммат шавад ва аъзоёни Маҷлиси Умматро интихоб кунад. Зеро Маҷлиси Уммат аз қабили ҳокимият нест ва ба ҳукми ҳадиси шариф дар бораи ноҷоизии ҳокимияти зан ворид намешавад. Балки аз ҷумлаи шӯро ва муҳосаба буда, мард дар он чӣ гуна ҳуқуқ дошта бошад, зан низ ҳамон гуна ҳуқуқ дорад. Зеро соли сездаҳуми пайғамбарӣ* як гурӯҳ мусулмонон, ки аз ҳафтод мард ва ду зан иборат буданд, омада ба Расулуллоҳ (с) бо байати Ақабаи дуюм байат доданд. Ин байати ҷангу мубориза, байати сиёсӣ буд. Чун онҳо аз байат фориғ гаштанд, Расулуллоҳ (с) ба ҳамаи онҳо нигариста фармуданд:

"أَخْرِجُوْا إِلَيَّ مِنْكُمْ اِثْنَيْ عَشَرَ نَقِيْباً يَكُوْنُوْنَ عَلَى قَوْمِهِمْ"

"**Аз миёнатон барои ман дувоздаҳ нақиб бароред. Онҳо қавми худро назорат мекунанд**" Ин ҳадисро Аҳмад ба воситаи Каъб ибни Молик баровардааст. Ин фармони Сарвари коинот ба ҳама доир ба интихоб намудан аз миёни ҳама мебошад ва мардонро хос накардаанд. Занонро на аз миёни интихобкунандагон ва на аз интихобшавандагон истисно карданд. Ҳукми мутлақ, модом ки далели муқайядкунанда ворид нашавад, дар мутлақият боқӣ мемонад, ҳукми ом ҳам, модом ки далели хоскунанда ворид нашавад, дар умумият боқӣ мемонад. Дар ин ҷо сухан умумӣ ва мутлақ омада, ҳеҷ гуна далели хоскунанда ва муқайядкунанда ворид нашудааст. Пас фармони Пайғамбар (с) ба ду зан барои интихоб намудани нақиб далолат мекунад, ки ба он ду ҳуқуқи аз тарафи мусулмонон нақиб интихоб шуданро низ додааст.

Рӯзе Пайғамбар (с), барои он ки мардум байат диҳанд, нишаста буданд. Дар паҳлӯяшон Абӯбакр ва Умар низ буданд. Ба Пайғамбар (с) мардону занон байат доданд. Ин байат на барои ба Ислом даромадан, балки байат барои ҳокимият буд, зеро заноне, ки дар ин байат ҳозир шуданд, муслима буданд. Пас аз "байати ризвон" дар Ҳудайбия занон низ байат доданд. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

**يَا أَيُّهَا النَّبِيُّ إِذَا جَاءكَ الْمُؤْمِنَاتُ يُبَايِعْنَكَ عَلَى أَن لَّا يُشْرِكْنَ بِاللَّهِ شَيْئًا وَلَا يَسْرِقْنَ وَلَا يَزْنِينَ وَلَا يَقْتُلْنَ أَوْلَادَهُنَّ وَلَا يَأْتِينَ بِبُهْتَانٍ يَفْتَرِينَهُ بَيْنَ أَيْدِيهِنَّ وَأَرْجُلِهِنَّ وَلَا يَعْصِينَكَ فِي مَعْرُوفٍ فَبَايِعْهُنَّ وَاسْتَغْفِرْ لَهُنَّ اللَّهَ إِنَّ اللَّهَ غَفُورٌ رَّحِيمٌ**

"**Эй пайғамбар, агар занони мӯъмин назди ту омаданд, то байат кунанд, бад-ин шарт, ки ҳеҷ касро бо Аллоҳ шарик накунанд ва дуздӣ накунанд ва зино накунанд ва фарзандони худро накушанд ва фарзандеро, ки аз они шавҳарашон нест, ба дурӯғ ба ӯ нисбат надиҳанд ва дар корҳои нек нофармонии ту накунанд, бо онҳо байат кун ва барояшон аз Аллоҳ омурзиш бихоҳ, ки Аллоҳ омурзандаву меҳрубон аст!**" [60:12].

Ин ҳам байат барои ҳокимият буд. Зеро Қуръон муслима будани онҳоро таъкид карда истодааст. Бинобар ин байати мазкур аз тарафи занон барои он дода шуда буд, ки дар корҳои маъруф ба он кас маъсият накунанд.

Илова бар ин яке аз ҳуқуқҳои дигари зан касеро вакили раъйи худ кардан ё вакили раъйи касе шудан мебошад. Зеро ӯ ҳуқуқ дорад, ки раъйи худро изҳор намояд. Пас метавонад касеро вакили раъй кунад. Инчунин азбаски дар ваколат мард будан шарт карда нашудааст, метавонад аз тарафи касе вакил шавад.

Ҳамчунин аз сайидамон Умар (р) собит шудааст, ки агар ба он кас ягон кори муҳим пеш меомад ва дар ин хусус аз мусулмонон мехостанд, ки раъй бигиранд, занону мардони мусулмонро ба масҷид даъват намуда, раъйи ҳамаи онҳоро мегирифтанд. Фарқ

надошт, ки ин кор оид ба аҳкоми шаръӣ мешуд, ё оид ба ҳокимият, ё оид ба ягон кори давлат. Вақте ки маҳрро маҳдуд карданд ва зане раддия дод, он кас аз раъйашон гаштанд.

Мусулмонон дар Маҷлиси Уммат ба чӣ гуна ҳуқуқ доро бошанд, ғайримусулмонҳо низ ба ҳамон гуна ҳуқуқ доро ҳастанд. Онҳо метавонанд, ки дар Маҷлиси Уммат вакил дошта бошанд ё вакил шаванд, дар бораи бад татбиқ шудани аҳкоми Ислом ва зулми ҳоким аз ҷониби интихобкунандагон раъй изҳор намоянд.

Лекин новобаста ба ин ғайримусулмонҳо ҳақ надоранд, ки дар хусуси аҳкоми шаръӣ раъй изҳор кунанд. Зеро шариати Ислом аз Ақидаи Ислом бармеояд. Пас он аҳкоми шаръии амалист, ки аз далелҳои тафсилӣ истинбот шудааст. Ҳамчунин муаммоҳои инсонро мувофиқи он нуқтаи назар муолиҷа мекунад, ки Ақидаи Ислом муайян намудааст. Аммо ғайримусулмон зидди Ақидаи Исломро пазируфтааст ва нуқтаи назари ӯ низ ба нуқтаи назари Ислом зид аст. Пас дар бораи аҳкоми шаръӣ аз вай раъй гирифта намешавад.

Ҳамчунин ғайримусулмон ҳақ надорад, ки Халифаро интихоб кунад ё номзадҳоро ба мансаби хилофат маҳдуд намояд. Зеро вай дар ҳокимият ҳақ надорад. Аммо дар бораи он чӣ ки аз салоҳиятҳои Маҷлиси Уммат ба шумор меравад, инчунин дар изҳори раъй намудан доир ба онҳо монанди мусулмон мебошад.

**Муддати аъзогӣ дар Маҷлиси Уммат**

Муддати аъзогӣ дар Маҷлиси Уммат маҳдуд карда мешавад. Зеро вақте ки Абӯбакр (р) муроҷиат кард, бо касоне, ки Пайғамбар (с) дар шӯро муроҷиат мекарданд, маҳдуд нашуд. Умар ибни Хаттоб низ бо касоне, ки Абӯбакр (р) муроҷиат мекард, маҳдуд нашуд. Умар (р) дар даврони охири ҳокимияташ ба касоне муроҷиат кард, ки дар ибтидо ба онҳо муроҷиат накардааст. Ин далолат мекунад, ки аъзогии Маҷлиси Уммат ба як муддати муайян маҳдуд карда шавад. Мо дар ин маврид табаннӣ кардем, ки муддати аъзогӣ панҷ сол бошад.

## Салоҳиятҳои Маҷлиси Уммат

Маҷлиси Уммат чунин салоҳиятҳо дорад:

1. а) Дар идора кардани корҳои мутааллиқ ба сиёсати дохилӣ, инчунин дар корҳои амалие, ки ба назари амиқ ва баҳси фикрӣ мӯҳтоҷ нест, аз Маҷлиси Уммат маслиҳат пурсидани Халифа ва ба Халифа маслиҳат додани вай. Масалан, аз ҷиҳати корҳои монанди ҳокимият, таълиму тарбия, ҳифзи тандурустӣ, иқтисод, тиҷорат, саноат ва хоҷагии қишлоқ вайро бо хидматҳои лозима ба таврӣ кофӣ таъмин намудан, то ки шаҳрвандон дар ин соҳаҳо ҳаёти осударо эҳсос кунанд. Талаб намудани посбонии шаҳрҳо, ҳифзи амният ва бартараф сохтани хатари душман низ аз ҷумлаи ҳаминҳо ба шумор меравад. Дар корҳои мазкур раъйи маҷлис барои Халифа маҷбурӣ мешавад. Яъне раъйи аксарият иҷро мегардад.

б) Корҳои фикрие, ки ба назари амиқ ва баҳси фикрӣ муҳтоҷ аст, масалан, монанди ошкор кардани ҳақиқатҳо ё қабули қарор дар бораи ҷанг. Оид ба корҳое, ки дар онҳо таҷриба, дониш ва маълумот лозим аст, монанди тартиб додани нақшаҳои ҳарбӣ, тамоми корҳои техникӣ ва амалиётҳо на раъйи аксарият, балки раъйи мутахассис гирифта мешавад. Ҳамчунин дар корҳои ба молия, артиш ва сиёсати хориҷӣ алоқаманд Халифа раъйи маҷлисро намегирад, балки мувофиқи аҳкоми шаръӣ бо раъйу иҷтиҳоди худаш ҳукм мекунад. Мумкин аст, ки Халифа дар ин корҳо барои маслиҳат ба маҷлис муроҷиат кунад ва дар раъйи он таваққуф намояд. Ҳамчунин маҷлис низ метавонад, ки раъйи худро пешкаш намояд. Лекин раъйи маҷлис дар ин корҳо маҷбурӣ нест.

2. Дар қонунбарорӣ раъйи маҷлис гирифта намешавад. Балки қонун аз Китоби Аллоҳ, суннати Пайғамбар (с) ва бар асоси ин ду аз иҷмои саҳобагон ва қиёси шаръӣ бо воситаи иҷтиҳоди саҳеҳ гирифта мешавад. Табаннӣ кардани аҳкоми шаръӣ ва тартиб додани қонунҳо бар ҳамин равиш асос меёбад. Халифа ҳақ дорад

аҳком ва қонунҳоеро, ки табаннӣ кардан мехоҳад, ба маҷлис ҳавола намояд, инчунин аъзоҳои мусулмони маҷлис онҳоро муҳокима карда, ҷиҳатҳои дурустиву нодурустиашонро бигӯянд. Агар он ба усули табаннии аҳкоми шаръӣ, ки давлат табаннӣ кардааст, зид бошад ва аз ин сабаб онҳо дар бораи саҳеҳии истинбот ё саҳеҳии далел бо Халифа ихтилоф кунанд, он гоҳ барои ҳалли ин қазия ба маҳкамаи мазолим муроҷиат карда мешавад. Раъйи маҳкама дар ин хусус маҷбурӣ мебошад.

3. Маҷлис ҳуқуқ дорад, ки доир ба тамоми корҳои дар давлат содиршаванда Халифаро муҳосаба кунад. Фарқ надорад, ки он ба корҳои дохилӣ алоқадор аст ё хориҷӣ, ба молия ё артиш ва ғайра. Дар корҳое, ки раъйи аксарият маҷбурӣ бошад, раъйи маҷлис низ маҷбурӣ аст. Дар корҳое, ки раъйи аксарият маҷбурӣ нест, раъйи маҷлис низ маҷбурӣ нест.

Агар маҷлис дар иҷроиши корҳо аз ҷиҳати шаръӣ бо Халифа мувофиқат накунад, барои ҳалли шаръӣ вағайришаръӣ будани он ба маҳкамаи мазолим муроҷиат карда мешавад. Дар ин бора раъйи маҳкама маҷбурӣ аст.

4. Маҷлис ҳақ дорад, ки аз муовинон, волиён ва омилон норозигӣ изҳор намояд. Дар ин бора ҳам раъйи аксарияти маҷлис маҷбурӣ буда, лозим аст, ки Халифа дарҳол онҳоро сабукдӯш кунад. Агар дар бораи розигӣ ё шикоят аз волиён ва омилҳо раъйи маҷлис ба раъйи маҷлиси вилоят зид ояд, дар ин сурат раъйи маҷлиси вилоят ба ҷои аввал меистад.

5. Номзадҳоро ба мансаби хилофат, ки маҳкамаи мазолим дар бораи пурра ёфт шудани шартҳои халифагӣ дар онҳо қарор баровардааст, аъзоёни мусулмони маҷлис ҳақ доранд маҳдуд кунанд. Фарқ надорад, ки онҳо ба шаш нафар маҳдуд мекунанд ё ба ду нафар. Ин масъала дар мавқеи худ, яъне дар боби интихоби Халифа баён шудааст. Дар ин хусус раъйи аксарият маҷбурист. Пас ғайр аз касоне, ки маҷлис номзадии онҳоро нишон додааст, номзадии дигарон пазируфта намешавад.

Салоҳиятҳои Маҷлиси Уммат аз ҳаминҳо иборатанд. Далели ин салоҳиятҳо ҳуҷҷатҳои зерин мебошад:

**Банди якум:** а) Далели маҷбурӣ будани гирифтани раъйи Маҷлиси Уммат дар корҳои амалие, ки ба назари амиқ ва баҳс эҳтиёҷ надоранд, аз амали Пайғамбар (с) гирифта шудааст. Расулуллоҳ (с) барои бархӯрд бо лашкари мушрикон дар беруни Мадина раъйи аксариятро гирифтанд. Ҳол он ки раъйи Пайғамбар (с) ва бузургони саҳоба дар Мадина мондан ва берун набаромадан буд. Далели дигар сухани Пайғамбар (с) ба Абӯбакр ва Умар (Аллоҳ аз онҳо розӣ бод) мебошад, ки гуфтанд:

"لَوِ اجْتَمَعْتُمَا فِي مَشْوَرَةٍ مَا خَالَفْتُكُمَا"

"**Агар ҳар дуятон ба як машварат иттифоқ намоед, ба шумо мухолифат намекунам**" Бинобар ин раъйе, ки дар корҳои аз ҷиҳати ҳаёти осоишта гузаронидани шаҳрвандон, ҳифзи амният, посбонии шаҳрҳо ва бартараф намудани хатари душман ба иҷрои ягон кор мебарад, Халифа маҷбур аст, ки раъйи аксарияти маҷлисро бигирад, агарчанд ба хоҳиши вай зид ҳам бошад. Мисоли инро метавонем дар амали Расулуллоҳ (с) бубинем, ки раъйи аксариятро гирифта, ба Уҳуд баромаданд.

**Банди якум:** б) Аслан доир ба ин қисм корҳо Халифа бояд раъйи олимон, одамони ботаҷриба ва мутахассисонро бигирад. Чунончи Пайғамбар (с) дар Бадр раъйи Ҳаббоб ибни Мунзирро доир ба интихоби майдони ҷанг гирифтанд, ки Ибни Ҳишом онро дар "Сират" ба тариқи зайл овардааст:

" إِنَّهُ حِيْنَ نَزَلَ عِنْدَ أَدْنَى مَاءٍ مِنْ بَدْرٍ، لَمْ يَرْضَ الْحَبَّابُ بْنُ الْـمُنْذِرِ بِهَذَا الْـمَنْزِلِ، وَقَالَ لِلرَّسُوْلِ يَا رَسُوْلَ اللهِ، أَرَأَيْتَ هَذَا الْـمَنْزِلَ، أَمَنْزِلاً أَنْزَلَكَهُ اللهُ لَيْسَ لَنَا أَنْ نَتَقَدَّمَهُ وَلاَ نَتَأَخَّرَ عَنْهُ، أَمْ هُوَ الرَّأْيُ وَالْحَرْبُ وَالْـمَكِيْدَةُ؟ قَالَ: بَلْ هُوَ الرَّأْيُ وَالْحَرْبُ وَالْـمَكِيْدَةُ، فَقَالَ: يَا رَسُوْلَ اللهِ، فَإِنَّ هَذَا لَيْسَ بِمَنْزِلٍ، فَانْهُضْ بِالنَّاسِ حَتَّى نَأْتِيَ أَدْنَى مَاءٍ مِنَ الْقَوْمِ فَنَنْزِلُهُ، ثُمَّ نُغَوِّرُ مَا وَرَاءَهُ مِنَ

الْقُلُبِ، ثُمَّ نَبْنِيْ عَلَيْهِ حَوْضاً فَنَمْلَؤُهُ مَاءً، ثُمَّ نُقَاتِلُ الْقَوْمَ فَنَشْرَبُ وَلا يَشْرَبُوْنَ، فَقَالَ رَسُوْلُ اللهِ لَقَدْ أَشَرْتَ بِالرَّأْيِ، فَنَهَضَ رَسُوْلُ اللهِ وَمَنْ مَّعَهُ مِنَ النَّاسِ، فَسَارَ حَتَّى إِذَا أَتَى أَدْنَى مَاءٍ مِنَ الْقَوْمِ نَزَلَ عَلَيْهِ، ثُمَّ أَمَرَ بِالْقُلُبِ فَغُوِّرَتْ، وَبَنَى حَوْضاً عَلَى الْقَلِيْبِ الَّذِيْ نَزَلَ عَلَيْهِ، فَمُلِئَ مَاءً، ثُمَّ قَذَفُوْا فِيْهِ الْآنِيَةَ"

**"Вақте ки Пайғамбар (с) дар назди яке аз обҳои Бадр фуруд омаданд, Ҳаббоб ибни Мунзир ба ин розӣ нашуд ва гуфт: "Ё Расулаллоҳ, бигӯед, ки оё ин манзилест, ки Аллоҳ шуморо фуруд оварду мо ҳаққи аз он пешу пас гузаштан надорем ё ин ки раъй, ҷанг ва ҳила аст?" Расулуллоҳ (с) гуфтанд: "Ин раъй, ҷанг ва ҳила аст" Ӯ гуфт: "Ё Расулуллоҳ, вагарна ин ҷои фуруд омадан нест. Мардумро бихезонед, дар назди обе фуруд меоем, ки ба қавм наздиктар аст. Пасон чоҳҳоеро, ки дар қафо ҳастанд, мепӯшонем. Баъд дар болои он ҳавзе сохта, бо об пур мекунем. Сипас бо қавм меҷангем, мо об менӯшем, вале онҳо об нӯшида наметавонанд" Расулуллоҳ (с) гуфтанд: "Маслиҳати хуб додӣ" Он гоҳ ҳам худашон ва ҳам мардуми ҳамроҳашон бархоста, дар наздики обе, ки ба қавм наздик буд, фуруд омаданд. Сипас фармуданд ва чоҳҳо пӯшонда шуд. Дар болои чоҳе, ки фуруд омада буданд, ҳавз сохта, бо об пур карда шуд. Он гоҳ зарфҳоро дар он андохтанд"** Хуллас, Пайғамбар (с) раъйи Ҳаббобро гӯш карда, ба он пайравӣ намуданд.

Дар ин ҳодиса, ки ба ҷумлаи раъй, ҷанг ва ҳила дохил мешавад, ғайр аз раъйи мутахассис раъйи дигарон ба ҳеҷ эътиборе ноил нашуд. Корҳои мутааллиқ ба фан ва фикр, ки муҳокимаи амиқ ва баҳс дар он зарур аст, ба ҷумлаи ҳамин ҳодиса дохил мешавад. Таъриф низ ба ҳамин монанд аст. Дар он ҳам на раъйи одамон, балки фақат раъйи донишмандон, одамони моҳир ва мутахассисон мӯътабар аст.

Молия низ ба ҳамин монанд аст. Чунки шариат навъи молҳои ғундошташаванда, ҷои сарфи онҳо, инчунин кадом вақт бастани андозҳоро муайян намудааст. Бинобар ҳамин чи дар ғундоштани мол ва чи дар сарфи он раъйи мардум эътибор надорад. Артиш низ ба ҳамин монанд аст. Зеро шариат тадбири корҳои онро ба Халифа вогузошта, аҳкоми ҷиҳодро муайян намудааст. Дар корҳое, ки шариат онҳоро муайян намудааст, раъйи мардум ҳеҷ гуна эътибор надорад. Дар алоқаҳои давлат бо давлатҳои дигар низ кор ҳамин гуна аст. Зеро он аз ҷумлаи фикрҳое ба шумор меравад, ки ба муҳокимаи амиқ ва баҳс мўҳтоҷ буда, ба ҷиҳод алоқадор аст. Баъдтар он ба ҷумлаи раъй, ҷанг ва ҳила дохил мешавад. Бинобар ин новобаста ба аксарият ё ақаллият раъйи мардум ягон эътибор надорад. Бо вуҷуди ин, агар Халифа ин корҳоро ба Маҷлиси Уммат ҳавола карда, маслиҳат пурсад ва раъйи онро бигирад, ҷоиз аст. Зеро ҳавола кардан аз ҷумлаи корҳои мубоҳ мебошад. Раъйи маҷлис дар хусуси ин корҳо, чунон ки дар Бадр собит шуд, маҷбурӣ набуда, ба шахсе вогузор мегардад, ки салоҳияти қарор қабул кардан дорад. Фарқи миёни қисми (а) ва (б)-и банди якумро эзоҳ дода мегўем:

Масалан, алоқа бо деҳае, ки дар он тарафи дарёст, қатъ шудааст. Барои ҳалли муаммои барқароркунии алоқа кўпрук сохтан зарур мебошад. Дар сохтмони ин кўпрук, ки ба манфиати мардуми деҳа хизмат мекунад, иҷрои раъйи аксарияти маҷлис барои Халифа маҷбурӣ мегардад. Лекин барои аз ҷиҳати илмӣ муайян намудани ҷои муносиб ё лоиҳаи беҳтарин, масалан, дар хусуси сохтани кўпруки овезон ё кўпруки сутундор, раъйи аксарияти маҷлисро намегиранд, балки аз донишмандону мутахассисон маслиҳат мепурсанд.

Ҳамин тавр, агар аҳолии як деҳа барои ба мактабҳои шаҳр рафтан душворӣ кашанд, дар хусуси сохтмони мактаб барои онҳо раъйи аксарияти маҷлис ба Халифа маҷбурӣ мешавад. Аммо дар интихоби ҷои мактаби деҳа аз донишмандону мутахассисон маслиҳат пурсида мешавад. Масалан, хоки ин ҷо барои сохтмони

мактаб муносиб аст ё не, ба кадом тарҳ сохта мешавад, он ҷо дар ихтиёри давлат аст ё не, бе ягон монеа мактаб бино мегардад, он ҷо харида мешавад ё ин ки як ё ду сол ба иҷора гирифта мешавад ва ғайра. Дар ин бора ба раъйи аксарияти маҷлис ҳоҷат нест. Агар аз онҳо маслиҳат пурсидан ба Халифа мумкин бошад ҳам, гирифтани раъй маҷбурӣ нест.

Боз ба тариқи мисол деҳаеро бигирем, ки дар хатти бархӯрд бо душман воқеъ аст. Дар хусуси сохтани истеҳком дар деҳа, бартараф намудани хатари душман, агар эҳтимоли таҷовузи душман мавҷуд бошад, пешгирии куштор ва бадарғашавии аҳолии он ва ғайра раъйи аксарияти маҷлис маҷбурӣ аст. Аммо дар хусуси тарҳи истеҳкомот ва истифодаи навъи силоҳ барои пешгирии хатар на ба раъйи аксарияти маҷлис, балки ба маслиҳати донишмандону мутахассисон муроҷиат карда мешавад ва ҳоказо.

Аммо ба банди дуюм биёем, пас қонунбарорӣ танҳо хоси Аллоҳ аст.

إِنِ الْحُكْمُ إِلاَّ لِلّهِ

"**Ва ҳеҷ фармоне ҷуз фармони Аллоҳ нест**" [12:67].

فَلاَ وَرَبِّكَ لاَ يُؤْمِنُونَ حَتَّىَ يُحَكِّمُوكَ فِيمَا شَجَرَ بَيْنَهُمْ ثُمَّ لاَ يَجِدُواْ فِي أَنفُسِهِمْ حَرَجًا مِّمَّا قَضَيْتَ وَيُسَلِّمُواْ تَسْلِيمًا

"**На, савганд ба Парвардигорат, ки имон наёваранд, магар он ки дар низоъе, ки миёни онҳост, туро довар қарор диҳанд ва аз ҳукме, ки ту медиҳӣ, ҳеҷ нохушнуд нашаванд ва саросар таслими он гарданд**" [4:65].

Ҳамчунин Тирмизӣ дар бораи тафсир кардани Пайғамбар (с) ояти

اتَّخَذُواْ أَحْبَارَهُمْ وَرُهْبَانَهُمْ أَرْبَابًا مِّن دُونِ اللّهِ

"**Ҳибрҳову роҳибони хешро ба ҷои Аллоҳ ба худоӣ гирифтанд**" [9:31]

аз Адӣ ибни Ҳотам ин ҳадисро баровардааст:

" أَتَيْتُ النَّبِيَّ وَفِي عُنُقِي صَلِيبٌ مِنْ ذَهَبٍ، فَقَالَ: يَا عَدِيُّ اطْرَحْ عَنْكَ هَذَا الْوَثَنَ. وَسَمِعْتُهُ يَقْرَأُ فِي سُورَةِ بَرَاءَةٌ اتَّخَذُواْ أَحْبَارَهُمْ وَرُهْبَانَهُمْ أَرْبَابًا مِّن دُونِ اللّهِ قَالَ: أَمَا إِنَّهُمْ لَمْ يَكُونُوا يَعْبُدُونَهُمْ وَلَكِنَّهُمْ كَانُوا إِذَا أَحَلُّوا لَهُمْ شَيْئًا اسْتَحَلُّوهُ، وَإِذَا حَرَّمُوا عَلَيْهِمْ شَيْئًا حَرَّمُوهُ"

"**Вақте ки ба назди Набӣ (с) омадам, дар гарданам салиби тилло овезон буд. Он кас гуфтанд: "Эй Адӣ, ин бутро аз гарданат парто" Шунидам, ки он кас ояти зерини сураи "Бароат"-ро хонданд: "Ҳибрҳову роҳибони хешро ба ҷои Аллоҳ ба худоӣ гирифтанд" Пайғамбар (с) гуфтанд: "Ба онҳо ибодат намекарданд, лекин ягон чизро ҳалол кунанд, онро ҳалол мешумурданд, ягон чизро ҳаром гӯянд, онро ҳаром медонистанд**" Бинобар ин қонунгузорӣ на аз раъйи маҷлис ва на ба воситаи овози аксарият гирифта мешавад. Аз ин ҷиҳат Пайғамбар (с) дар сулҳи Ҳудайбия раъйи аксарияти мусулмононро гардонда гуфтанд:

"إِنِّي عَبْدُ اللهِ وَرَسُولُهُ، وَلَنْ أُخَالِفَ أَمْرَهُ"

"**Ман банда ва пайғамбари Аллоҳ ҳастам. Ҳаргиз ба амри Ӯ мухолифат намекунам**" Чунки сулҳи мазкур аз ҷониби Аллоҳ Субҳонаҳу ваҳй шуда буд. Бар ин асос дар қонунбарорӣ бо раъйи мардум эътибор дода намешавад. Табаннӣ кардани аҳкоми шаръӣ ва тартиб додани қонунҳо бар ҳамин асос сурат мегирад. Аммо табаннӣ кардани ҳукмҳо ва қонунҳо фақат аз салоҳиятҳои Халифа мебошад. Инро пештар баён карда будем. Новобаста ба ин Халифа ҳақ дорад, ки ҳукмҳо ва қонунҳои шаръиро, ки мехоҳад табаннӣ кунад, барои донистани раъйи Маҷлиси Уммат ба онҳо ҳавола намояд. Умар ибни Хаттоб ҳамин тавр кардаанд. Ӯ дар бораи

аҳкоми шаръӣ, аниқтараш, дар бораи ҳодисаи заминҳои Ироқ, ки фатҳ шуда буданд, ба мусулмонон мурочиат намуданд ва саҳобагон инро инкор накарданд. Мусулмонон аз он кас талаб намуда буданд, ки заминҳои фатҳшударо ба ҷанговарон тақсим кунад. Он кас дар ин хусус аз мардум пурсиданд. Баъд раъйашон бар ин қарор омад, ки заминҳо бо шарти пардохтани хироҷ ба миқдори муайян, илова бар он, пардохтани ҷизя ба сари ҳар як ҷон дар дасти соҳибонашон бимонад. Мурочиати Умар ва пеш аз он кас Абӯбакр (р) ба саҳобагон барои пурсидан ва гирифтани раъйи онҳо дар бораи аҳкоми шаръӣ, инчунин амали мазкурро инкор накардани саҳобагон далели иҷмои саҳобагон бар ҷоизии ин амал мебошад.

Акнун ба мавзӯи мурочиат намудан ба маҳкамаи мазолим ҳангоми мухолифати Маҷлиси Уммат бо Халифа таваққуф мекунем. Яъне дар бораи мувофиқати қонунҳои табаннишуда бо усули табаннии аҳкоми шаръӣ, ки дар давлат табаннӣ шудааст ё дар хусуси далели он, агар ихтилоф кунанд. Пас яке аз салоҳиятҳои маҳкамаи мазолим дида баромадани ҳукмҳои табанникардаи Халифа аст, ки оё он далели шаръӣ дорад ё не? Далел ба ҳодиса рост меояд ё не? Бинобар ин, агар раъйи Халифа бо раъйи маҷлис* аз ҷиҳати ҳукми дурусти шаръӣ будан ё набудани ҳукме, ки табаннӣ кардааст, мувофиқ наояд, ин низоъро қозии мазолим ҳал мекунад. Чунки ин ба ихтисоси вай дохил мешавад. Раъйи маҳкамаи мазолим маҷбурӣ аст.

Аъзоёни ғайримусулмони маҷлис ҳуқуқ надоранд, ки ҳукмҳо ва қонунҳои табанникардаи Халифаро муҳокима намоянд. Чунки онҳо ба Ислом имон наовардаанд. Онҳо ҳақ доранд, ки нисбат ба зулми аз тарафи ҳокимон содиршаванда изҳори раъй намоянд, на оид ба ҳукмҳо ва қонунҳои шаръӣ.

Аммо далели банди сеюм умумӣ омадани нусус дар бораи муҳосаба кардани ҳокимон мебошад. Аҳмад аз Ибни Умар ривоят мекунад, ки Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" سَيَكُونُ عَلَيْكُمْ أُمَرَاءُ يَأْمُرُونَكُمْ بِمَا لاَ يَفْعَلُونَ، فَمَنْ صَدَّقَهُمْ بِكِذْبِهِمْ، وَأَعَانَهُمْ عَلَى ظُلْمِهِمْ، فَلَيْسَ مِنِّي وَلَسْتُ مِنْهُ، وَلَنْ يَرِدَ عَلَيَّ الْحَوْضَ"

"**Ба наздикӣ бар болои шумо амирон хоҳад шуд. Онҳо шуморо ба корҳое фармон медиҳанд, ки худ намекунанд. Пас ҳар касе, ки дурӯғи онҳоро тасдиқ кунад ва ба зулми онҳо ёрӣ расонад, ӯ аз ман нест ва ман низ аз ӯ нестам, ӯ ҳаргиз ба ҳавзи назди ман ворид намешавад**" Аҳмад аз Абусаиди Худрӣ ривоят мекунад, ки Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"أَفْضَلُ الْجِهَادِ كَلِمَةُ حَقٍّ عِنْدَ سُلْطَانٍ جَائِرٍ"

"**Афзалтарин ҷиҳод гуфтани сухани ҳақ дар ҳузури подшоҳи золим аст**" Ҳоким аз Ҷобир ривоят мекунад, ки Набӣ (с) чунин фармудаанд:

" سَيِّدُ الشُّهَدَاءِ حَمْزَةُ بْنُ عَبْدِ الْـمُطَّلِبِ وَرَجُلٌ قَامَ إِلَى إِمَامٍ جَائِرٍ فَأَمَرَهُ وَنَهَاهُ فَقَتَلَهُ"

"**Сайиди шаҳидон Ҳамза ибни Абдулмутталиб ва касест, ки ба назди ҳокими золим рафта, ӯро (ба маъруф) мефармояд ва аз (мункар) бозмедорад, дар натиҷа аз тарафи золим ба қатл мерасад**" Муслим аз Уммусалама ривоят мекунад, ки Расулуллоҳ (с) чунин гуфтаанд:

" سَتَكُونُ أُمَرَاءُ، فَتَعْرِفُونَ وَتُنْكِرُونَ، فَمَنْ عَرَفَ بَرِئَ، وَمَنْ أَنْكَرَ سَلِمَ، وَلَكِنْ مَنْ رَضِيَ وَتَابَعَ..."

"**Ба наздикӣ амирон мешаванд. Пас шумо (корҳои онҳоро) медонед ва (баъзе аз онҳоро) инкор мекунед. Касе, ки донист, аз он раҳо ёфт. Касе, ки инкор кард, саломат монд. Лекин касе, ки розӣ шуд ва пайравӣ кард...**" Хуллас, ин нусус умумӣ буда, нишон медиҳанд, ки ҳоким мувофиқи аҳкоми шаръӣ муҳосаба карда шавад ва ин муҳосаба аз болои ҳамаи корҳо бошад. Аз ин

ҷиҳат Халифа, муовинон, волиён ва омилҳо барои ҳар як коре, ки иҷро мекунанд, аз тарафи Маҷлис муҳосаба карда мешаванд. Фарқ надорад, ки ин муҳосаба дар бораи ягон кори зидди аҳкоми шаръӣ, ё кори хато, ё ягон кори бар зарари мусулмонон, ё зулм ба шаҳрвандон, ё ба ивази ғамхорӣ бепарвоёна идора кардани корҳои онҳо бошад. Воҷиб аст, ки Халифа дар бораи корҳои анҷомдода, тасарруфот, суханҳое, ки гуфтааст, нуқтаи назар ва ҳуҷҷатҳояшро баён намуда, ба муҳосаба ва эътирозот ҷавоб гардонад, то ки Маҷлис аз раванди дурусти корҳо ва ростии Халифа хотирҷамъ шавад. Агар Маҷлис нуқтаи назари Халифаро напазирад ва ҳуҷҷаташро рад намояд, нигоҳ карда мешавад: агар он дар корҳое рух дода бошад, ки раъйи аксарият маҷбурӣ аст, он гоҳ раъйи Маҷлис маҷбурӣ мешавад – монанди корҳои банди (а). Дар акси ҳол раъйи он маҷбурӣ намешавад – монанди корҳои банди (б). Масалан, чунон ки дар мисоли боло гуфта гузаштем, муҳосаба дар бораи сохта нашудани мактаб бошад, ин раъй маҷбурӣ мешавад. Агар муҳосаба дар хусуси он бошад, ки чаро мактаб дар асоси лоиҳаи фалонӣ нею дар асоси лоиҳаи каси дигар сохта шуд, пас ин муҳосаба маҷбурӣ намешавад.

Инро ҳам бояд бигӯем, ки муҳосабакунандагон бо ҳокимон дар ҳар коре аз ҷиҳати шаръӣ ихтилоф кунанд, он кор бо дархости Маҷлис ба қозии мазолим баргардонда мешавад. Зеро Аллоҳ Таоло мефармояд:

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُواْ أَطِيعُواْ اللّهَ وَأَطِيعُواْ الرَّسُولَ وَأُوْلِي الأَمْرِ مِنكُمْ فَإِن تَنَازَعْتُمْ فِي شَيْءٍ فَرُدُّوهُ إِلَى اللّهِ وَالرَّسُولِ

"**Эй касоне, ки имон овардаед, аз Аллоҳ итоат кунед ва аз расул ва улувуламри хеш фармон баред. Ва чун дар амре ихтилоф кардед, ба Аллоҳу пайғамбар руҷӯъ кунед**" [4:59].

Маънои ин чунин аст: Эй мусулмонон, дар ҳар коре, ки бо соҳибони кор низоъ кардед, онро ба сӯи Аллоҳ ва Пайғамбар баргардонед, яъне ба шариат муроҷиат кунед. Ин маънои ба қозӣ

муроҷиат карданро дорад. Бинобар ин ба маҳкамаи мазолим муроҷиат карда мешавад. Раъйи маҳкама дар ин хусус маҷбурӣ мебошад. Зеро дар ин ҳолат он соҳиби ихтисос ба шумор меравад.

Далели банди чорум ин аст, ки чун вакилони Абдулқайс шикоят намуданд, Пайғамбар (с) омили худ дар Баҳрайн Ало ибни Ҳазрамиро сабукдуш карданд. Ибни Саъд аз тариқи Муҳаммад ибни Умар ривоят мекунад:

"أَنَّ رَسُولَ اللهِ قَدْ كَتَبَ إِلَى الْعَلاءِ بْنِ الْحَضْرَمِيِّ أَنْ يَقْدَمَ عَلَيْهِ بِعِشْرِيْنَ رَجُلاً مِنْ عَبْدِ الْقَيْسِ، فَقَدِمَ عَلَيْهِ بِعِشْرِيْنَ رَجُلاً رَأْسُهُمْ عَبْدُ اللهِ بْنُ عَوْفٍ الْأَشَجُّ، وَاسْتَخْلَفَ الْعَلاءُ عَلَى الْبَحْرَيْنِ الْـمُنْذِرَ بْنَ سَاوَى، فَشَكَا الْوَفْدُ الْعَلاءَ بْنَ الْحَضْرَمِيَّ، فَعَزَلَهُ رَسُولُ اللهِ وَوَلَّى أَبانَ بْنَ سَعِيْدِ بْنِ الْعَاصِ، وَقَالَ لَهُ "اِسْتَوْصِ بِعَبْدِ الْقَيْسِ خَيْراً، وَأَكْرِمْ سَرَاتِهِمْ"

"**Пайғамбар (с) ба Ало ибни Ҳазрамӣ мактуб фиристоданд, ки ҳамроҳи бист нафар вакилони Абдулқайс биёяд. Ӯ дар зери роҳбарии Абдуллоҳ ибни Авфулашаҷ омад. Ало Мунзир ибни Савонро дар Баҳрайн ҷонишини худ гузошта омад. Бо сабабе, ки вакилон аз Ало ибни Ҳазрамӣ шикоят намуданд, Расулуллоҳ (с) ӯро сабукдуш ва Аббон ибни Саид ибни Осро волӣ таъин карданд. Ба ӯ фармуданд, ки "Бо Абдулқайс хушмуомила бош ва бузургонашро эҳтиром кун**". Далели дигар ин аст, ки Умар ибни Хаттоб Саъд ибни Абуваққосро бо сабаби шикояти мардум аз волигӣ сабукдуш карданд. Умар гуфт: "Ман онро бо сабаби оҷизӣ ё хиёнат сабукдӯш накардаам" Бинобар нишондоди ин ҳуҷҷатҳо аҳолии вилоятҳо ҳақ доранд, ки аз волиёну амирони худ норозигӣ ва шикоят кунанд ва воҷиб аст, ки бо ин сабаб Халифа онҳоро сабукдуш кунад. Яъне мумкин аст, ки маҷлисҳои вилоятҳо, ҳамчунин Маҷлиси Уммат – зеро он вакили мусулмонҳои ҳамаи вилоятҳост – аз волиёну омилҳо норозигӣ ва шикоят кунанд. Агар ин шикоят аз тарафи аксарияти маҷлиси вилоят ё аксарияти Маҷлиси Уммат содир шавад, бар Халифа

воҷиб мегардад, ки онҳоро дарҳол сабукдӯш намояд. Агар раъйи ин ду маҷлис ба ҳам зид ояд, раъйи маҷлиси вилоят дар ҷои аввал меистад. Чунки он ҳолати волиро нисбат ба Маҷлиси Уммат беҳтар медонад.

**Дар банди панҷум ду масъала ҳаст:**

Якум, маҳдуд кардани номзадҳо, дуюм, ба ду ё шаш нафар маҳдуд кардани онҳо мебошад. Ба масъалаи якум таваққуф мекунем: Ҳар кас агар интихоби хулафои рошидинро диққат дода бошад, маълум мешавад, ки маҳдудкунии номзадҳо ё бевосита аз тарафи вакилони мусулмонҳо рух додааст, ё билвосита, яъне аз Халифа талаб намудаанд, ки ҳамчун ноиби онҳо номзадро таъин кунад.

Дар айвони Банӣ-Соида номзадҳо Абӯбакр, Умар, Абӯубайда, Саъд ибни Убода буданд ва номзадӣ бо инҳо маҳдуд шуд. Ин чиз бо розигии аҳли айвон, сипас бо розигии саҳобагон амалӣ шуд ва дар он ҷо байат доданд.

Абӯбакр (р) дар давраҳои поёни ҳокимияташ тақрибан се моҳ дар бораи Халифаи оянда маслиҳат пурсида, онро муҳокима намуданд. Чун саҳбагон дар ин хусус бо эшон муноқиша карданд, Умарро ҳамчун номзад нишон дода, ба мувофиқа расиданд, яъне номзад ба як кас маҳдуд шуд.

Вақте ки Умар ҳадафи суиқасд қарор гирифт ва ба ӯ ханҷар заданд, маҳдудкунӣ боз ҳам аниқтару равшантар шуд. Зеро чун аз Умар (р) талаб намуданд, ки номзадҳоро нишон диҳанд, он кас шаш нафарро муайян карда, қатъӣ фармон доданд, ки дигар ягон кас ба сафи ин номзадҳо даровcovered нашавад. Ин ҳодиса маълум ва машҳур аст.

Ҳангоми ба Алӣ (р) байат додан номзади ягона танҳо ҳамин кас буданд, дигар номзад вуҷуд надошт. Бинобар ин ба маҳдудкунӣ ҳоҷат набуд.

Маҳдудкунӣ дар назди оммаи мусулмонон рух медод. Агар он ҷоиз намебуд, аз тарафи дигарон, ки ба рад намудани номзадҳо ҳуқуқ доштанд, инкор гашта, татбиқ намешуд. Аз ин сабаб бинобар иҷмои саҳобагон номзадҳо ба мақоми хилофатро маҳдуд кардан ҷоиз аст. Пас уммат, яъне вакилони он ҳуқуқ доранд, ки номзадҳоро маҳдуд кунанд. Ин хоҳ бевосита аз тарафи уммат амалӣ мегардад, хоҳ билвосита аз тарафи Халифаи собиқ ҳамчун вакили онҳо маҳдуд карда мешавад, фарқ надорад. Ин аз ҷиҳати маҳдудкунӣ аст. Аммо аввал ба шаш нафар маҳдуд кардан, аз амали Умар (р) ва сипас ба ду нафар маҳдуд кардан аз амали Абдурраҳмон ибни Авф (р) гирифта шуд. Ҳамчунин дар назар дошта шуд, ки маънои байат бо аксарият будани интихобкунандагони мусулмон ба рӯёб мебарояд. Зеро агар номзадҳо аз ду нафар кам бошанд, номзаде, ки ғолиб шудааст, аққалан бо гирифтани сӣ фоизи овози интихобкунандагон ғолиб ҳисоб мешавад. Аммо ин маънои аз панҷоҳ фоиз камро дорад. Агар номзадҳо аз ду нафар зиёд нашаванд, яке аз онҳо бо аксарияти овоз ғолиб меояд.

Акнун масъалаи аз тарафи Маҷлиси Уммат ба шаш нафар ва ду нафар маҳдуд кардани номзадҳоро дида мебароем, ки маҳкамаи мазолим доир ба пурра ёфт шудани шартҳои инъиқод дар онҳо қарор баровардааст. Мақсад интихоб шудани Халифа аз байни касоне мебошад, ки шартҳои инъиқод пурра дар онҳо бояд ёфт шавад, яъне пурра ёфт шудани шартҳои инъиқод ҳатмист. Бинобар ин дар ҳар нафаре аз номзадҳо ин шартҳо ёфт нашавад, маҳкамаи мазолим онро барканор месозад. Баъд Маҷлиси Уммат номзадҳоеро, ки маҳкамаи мазолим доир ба пурра ёфт шудани шартҳои инъиқод дар онҳо қарор баровардааст, маҳдуд мекунад.

Банди панҷум бар ҳамин асос тартиб дода шуд.

### Ҳуқуқи бе ягон мушкилӣ сухан гуфтан ва изҳори раъй

Ҳар як аъзои Маҷлиси Уммат ҳуқуқ дорад, ки дар мавридҳои рухсатдодаи шариат бе ягон мушкилӣ, чи хеле ки мехоҳад, сухан

гӯяд ва изҳори раъй намояд. Зеро ҳар як аъзои маҷлис дар раъй баён намудан ва муҳосаба кардан вакили мусулмонон мебошад. Бар ин асос амиқ омӯхтани корҳое, ки Халифа, ё ҳар як ҳокими давлатӣ, ё ходими ягон дастгоҳи давлат ба сомон мерасонанд, вазифаи ӯ мебошад. Ҳамчунин ҳар як кадоми онҳоро бояд насиҳат кунад, фикр изҳор намояд, таклифҳо ба миён гузошта, дар як вақт ҳам муҳокама ва ҳам муҳосаба кунад, агар аз тарафи давлат корҳои мухолиф содир шаванд, эътироз нишон диҳад. Ӯ корҳои мазкурро ҳамчун вакили мусулмонон барои адои воҷиби амри маъруф ва наҳйи мункар, муҳосаба, насиҳат ва изҳори раъй ба ҳокимон анҷом медиҳад. Зеро корҳои зикршуда бар зиммаи онҳо воҷиб мебошад. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

كُنتُمْ خَيْرَ أُمَّةٍ أُخْرِجَتْ لِلنَّاسِ تَأْمُرُونَ بِالْمَعْرُوفِ وَتَنْهَوْنَ عَنِ الْمُنكَرِ

"**Шумо беҳтарин уммате ҳастед аз миёни мардуми падидомада, ки амр ба маъруф ва наҳй аз мункар мекунед...**" [3:110]. Ва боз мегӯяд:

الَّذِينَ إِن مَّكَّنَّاهُمْ فِي الْأَرْضِ أَقَامُوا الصَّلَاةَ وَآتَوُا الزَّكَاةَ وَأَمَرُوا بِالْمَعْرُوفِ وَنَهَوْا عَنِ الْمُنكَرِ

"**Ҳамон касон, ки агар дар замин маконаташон диҳем, намоз мегузоранд ва закот медиҳанд ва амр ба маъруфу наҳй аз мункар мекунанд**" [22:41].

Дар ояти дигар мегӯяд:

وَلْتَكُن مِّنكُمْ أُمَّةٌ يَدْعُونَ إِلَى الْخَيْرِ وَيَأْمُرُونَ بِالْمَعْرُوفِ وَيَنْهَوْنَ عَنِ الْمُنكَرِ

"**Бояд, ки аз миёни шумо гурӯҳе бошанд, ки ба хайр даъват кунанд ва амр ба маъруф ва наҳй аз мункар кунанд**" [3:104].

Ҳамчунин ҳадисҳои зиёде ворид шудаанд, ки ба амри маъруф ва наҳйи мункар мефармоянд. Масалан, сухани зерини Пайғамбар (с):

" وَالَّذِي نَفْسِي بِيَدِهِ، لَتَأْمُرُنَّ بِالْـمَعْرُوفِ، وَلَتَنْهَوُنَّ عَنْ الْـمُنْكَرِ، أَوْ لَيُوشِكَنَّ اللهُ أَنْ يَبْعَثَ عَلَيْكُمْ عِقَابًا مِنْ عِنْدِهِ، ثُمَّ لَتَدْعُنَّهُ فَلاَ يَسْتَجِيبُ لَكُمْ"

"**Қасам ба он зоте, ки ҷони ман дар дасти ӯст, албатта ба маъруф мефармоед ва аз мункар бозмедоред, вагарна Аллоҳ аз назди худ бар шумо ҷазо мефиристад, сипас дуо мекунед, (лекин) он пазируфта нахоҳад шуд**" Ин ҳадисро Аҳмад ба воситаи Ҳузайфа ривоят кардааст. Боз дар ҳадиси дигар фармудаанд:

" مَنْ رَأَى مِنْكُمْ مُنْكَرًا فَلْيُغَيِّرْهُ بِيَدِهِ، فَإِنْ لَمْ يَسْتَطِعْ فَبِلِسَانِهِ، فَإِنْ لَمْ يَسْتَطِعْ فَبِقَلْبِهِ وَذَلِكَ أَضْعَفُ الْإِيمَانِ"

"**Аз шумо ҳар кӣ ягон мункарро бинад, онро бо дасташ тағйир диҳад, агар натавонад, пас бо забонаш, агар натавонад, пас бо қалбаш (онро инкор кунад). Аммо ин заифтарин имон аст**" Ҳадиси мазкурро Муслим ба воситаи Абӯсаид ривоят кардааст.

Хуллас, ин оятҳову ҳадисҳо мусулмононро ба амри маъруф ва наҳйи мункар мефармоянд. Муҳосабаи ҳокимон нафақат ба ҷумлаи амри маъруф ва наҳйи мункар дохил мешавад, балки дар бораи муҳосабаи ҳоким ҳадисҳои хос ворид шудаанд. Зеро муҳосабаи ҳоким, ба маъруф фармудан ва аз мункар боздоштани ӯ аз корҳои муҳим аст. Уммуатия аз Абӯсаид ривоят мекунад, ки Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"أَفْضَلُ الْجِهَادِ كَلِمَةُ حَقٍّ عِنْدَ سُلْطَانٍ جَائِرٍ"

"**Афзалтарин ҷиҳод дар ҳузури подшоҳи золим гуфтани сухани ҳақ аст**"

Ин ҳуҷҷате мебошад, ки дар бораи воҷибияти муҳосабаи ҳоким ва гуфтани сухани ҳақ дар ҳузури ӯ ворид шудааст. Ин амалро нафақат ба ҷиҳод баробар кардаанд, балки афзалтарин ҷиҳод номидаанд. Гарчи ин кор ба марг расонад ҳам, ба он тарғиб ва

водор кардааст. Чунончи дар ҳадиси саҳеҳ ворид шудааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" سَيِّدُ الشُّهَدَاءِ حَمْزَةُ بْنُ عَبْدِ الْـمُطَّلِبِ وَرَجُلٌ قَامَ إِلَى إِمَامٍ جَائِرٍ فَأَمَرَهُ وَنَهَاهُ فَقَتَلَهُ"

"***Сайиди шаҳидон Ҳамза ибни Абдулмутталиб ва касест, ки ба назди ҳокими золим рафта, ӯро (ба маъруф) мефармояд ва аз (мункар) бозмедорад, дар натиҷа аз тарафи золим ба қатл мерасад***"

Вақте ки саҳобагон дар сулҳи Ҳудайбия ба Пайғамбар (с) эътироз карданд, он кас ба эътирози онҳо эътибор надода, раъйи онҳоро напазируфтанд ва ба созишномаи сулҳ имзо гузоштанд. Зеро кори он кас бо ваҳй аз ҷониби Аллоҳ сурат гирифт ва дар он ҳолат раъйи одамон ҳеҷ гуна эътибор надошт. Чун аз мусулмонон талаб намуданд, ки қурбониҳояшонро забҳ карда, сарҳояшонро битарошанд ва аз эҳром хориҷ шаванд, итоат накарданд. Бо ин сабаб онҳоро заҷр – сарзаниш карданд. Вақте ки Ҳаббоб ибни Мунзир дар Бадр ба ҷои фурудомадаи Пайғамбар (с) эътироз нишон дод, ӯро сарзаниш накарда, ба раъйи ӯ пайравӣ намуданд.

Ҳамчунин Пайғамбар (с) барои дар Уҳуд, берун аз Мадина бо Қурайш бархӯрд кардан ба раъйи аксарият пайравӣ намуданд, ҳол он ки ин ба раъйи худашон зид буд. Пайғамбар (с) дар ҳамаи ин ҳолатҳо эътирозоти онҳоро гӯш карда, ҷавоб мегардонданд.

Саҳобагон (Аллоҳ аз онҳо розӣ бод) пас аз Расул (с) Хулафои Рошидинро муҳосаба кардаанд ва Хулафои Рошидин онҳоро барои ин кор танбеҳ нададаанд. Масалан, Умар ибни Хаттобро дар минбар барои тақсим намудани бурдҳои ямонӣ* муҳосаба кардаанд. Ҳамчунин зане ӯро барои маҳдуд сохтани маҳр муҳосаба кард, барои тақсим намудани заминҳои фатҳшудаи Ироқ ҳам саҳобагон ба он кас эътироз нишон доданд. Дар ин кор Билолу Зубайр сахт истода буданд. Он кас бо саҳобагон гуфтугӯву машварат намуда, онҳоро бо раъйи худаш қонеъ гардонд.

Бинобар ин ҳар як аъзои маҷлис метавонад ҳамчун вакили мусулмонон бе ягон мушкилӣ ва монеа сухани дилхоҳашро бигӯяд, раъйи дилхоҳашро баён намояд, Халифа, муовинон, волиён ва ҳар як ходими дастгоҳҳои давлатро муҳосаба кунад. Модом ки дар муҳосаба ва изҳори раъй ба аҳкоми шаръӣ риоя мекунад, пас бар онҳо воҷиб мешавад, ки ба ӯ ҷавоб диҳанд.

Аъзоёни ғайримусулмони Маҷлиси Уммат низ бе ягон монеа ва мушкилӣ ҳақ доранд, ки дар бораи зулми ҳокимон изҳори раъй намоянд, модом ки ин изҳори раъй дар доираи аҳкоми шаръӣ бошад.

**Ливоъ ва роятҳо**

Давлат ливоъ ва роят дорад. Ин аз ҳолати аввалин Давлати Ислом дар Мадинаи Мунаввара, ки Пайғамбар (с) бунёд карда буданд, ба тариқи зайл истинбот шудааст:

1. Ливоъ ва роят аз ҷиҳати луғавӣ маънои парчамро доранд. Дар "Қомуси муҳит" дар боби (رَوِيَ) омадааст: "... "**роят**" парчамро гӯянд, шакли ҷамъи он "роёт" аст..." Дар боби (لَوِيَ) омадааст: "... "**ливоъ**" бо мадд парчамро гӯянд, шакли ҷамъи он "алвияҳ" аст..."

Сипас шариат аз ҷиҳати истеъмол ба ҳар яки онҳо ба тариқи зерин маънои шаръӣ додааст:

Ливоъ ранги сафед дорад ва бар вай бо ҳарфҳои сиёҳ "Ло Илоҳа Иллаллоҳу Муҳаммадур Расуллуллоҳ" навишта шудааст. Он ба фармондеҳи қӯшун дода мешавад. Ливоъ бар фарози қароргоҳи вай меистад, қароргоҳ дар куҷое, ки бошад, он низ дар ҳамон ҷо мешавад. Далели ба фармондеҳи қӯшун ливоъ додан ин аст, ки "Пайғамбар (с) рӯзи фатҳ бо парчами сафед ба Макка даромада буданд" Ин ҳадисро Ибни Моҷа ба воситаи Ҷобир ривоят кардааст. Насоӣ аз Анас ривоят мекунад: "Набӣ (с), вақте ки Усома ибни Зайдро барои фатҳи Рум амири лашкар таъин намуданд, ливоъро бо дастони худ ба ӯ доданд"

Аммо роят ранги сиёҳ дорад ва бар вай бо ҳарфҳои сафед "Ло Илоҳа Иллаллоҳу Муҳаммадур Расуллуллоҳ" навишта шудааст. Он бо фармондеҳони қисмҳои артиш меистад. Далел ин аст, ки Пайғамбар (с) дар ҷанги Хайбар фармондеҳи лашкар буданд ва гуфтанд:

" لَأُعْطِيَنَّ الرَّايَةَ غَداً رَجُلاً يُحِبُّ اللهَ وَرَسُوْلَهُ، وَيُحِبُّهُ اللهُ وَرَسُولُهُ، فَأَعْطَاهَا عَلِيّاً"

"***Роятро фардо ба касе хоҳам дод, ки Аллоҳ ва Расулашро дӯст медорад ва Аллоҳу Расулаш низ ӯро дӯст медоранд, пас онро ба Алӣ доданд***" (муттафақун алайҳ).

Ҳамон вақт Алӣ каррамаллоҳу ваҷҳаҳу фармондеҳи дивизия ё полк ҳисоб меёфтанд. Дар ҳадиси Ҳорис ибни Ҳассони Бакрӣ низ ҳамин тавр оварда шудааст: "Ба Мадина омадам, дидам, ки Пайғамбар (с) бар болои минбар истодаанд ва Билол дар назди Расулуллоҳ (с) ба худ шамшер овехта истодааст. Роятҳои сиёҳро дида пурсидам, ки "Ин роятҳо чаро истодаанд?" Гуфтанд, ки "Амр ибни Ос аз ғазот омадааст" "Роятҳои сиёҳро дидам" гуфтан чунин маъно медиҳад, ки амири лашкар як нафар, яъне Амр ибни Ос буда, бо худ роятҳои зиёд доштааст. Ин нишон медиҳад, ки он роятҳо бо фармондеҳони полкҳо, ротаҳо ва ғайра меистанд.

Бинобар ин ливоъ ба дасти фармондеҳи қӯшун дода мешавад ва роят ҳамроҳи фармондеҳони дивизияҳо, полкҳо ва қисмҳои дигари артиш мемонад. Ҳамин тавр, дар қӯшун як ливоъ, вале роятҳои бисёр мешавад.

Ҳамин тавр, ливоъ фақат парчами фармондеҳи қӯшун мебошад, на аз каси дигар. Аммо роятҳо парчамҳои ҳамроҳи сарбозон мебошанд.

2. Ливоъ ба фармондеҳи қӯшун дода мешавад. Он ҳамеша бар фарози қароргоҳи фармондеҳи қӯшун меистад. Аммо дар ҷанг ба дасти фармондеҳи ҷанг дода мешавад, хоҳ фармондеҳи қӯшун

бошад, хоҳ касе, ки фармондеҳи ҷанг таъин карда шудааст. Роятро барои он ба фармондеҳи ҷанг месупоранд, ки дар аснои муҳориба бардошта шавад. Аз ин рӯ, онро "модари ҷанг" меноманд. Чунки онро ҳамроҳи фармондеҳи ҷанг дар майдон бардошта мегарданд. Бинобар ин, дар аснои ҷанг ба ҳар як фармондеҳ як роят дода мешавад. Ин корест, ки ҳамон вақт аз тарафи умум эътироф шуда буд. Баланд бардошта истодани роят қуввати фармондеҳи ҷангро нишон медод. Роят тартибу интизоми идорӣ ба шумор меравад, ки аз рӯи таомули ҷанг сарбозон онро риоя мекунанд.

Ҳанӯз хабари лашкар наомада буд, ки Расулуллоҳ (с) дар бораи шаҳодати Зайд, Ҷаъфар ва Ибни Равоҳа хабар дода гуфтанд:

**" أَخَذَ الرَّايَةَ زَيْدٌ فَأُصِيْبَ، ثُمَّ أَخَذَ جَعْفَرٌ فَأُصِيْبَ، ثُمَّ أَخَذَ ابْنَ رَوَاحَةَ فَأُصِيْبَ"**

"***Роятро Зайд гирифт, ба ӯ мусибат расид. Баъд аз он Ҷаъфар гирифт, ба ӯ мусибат расид. Баъд аз он Ибни Равоҳа гирифт, ба ӯ мусибат расид***"

Ҳамчунин дар аснои ҷанг фармондеҳи қӯшун дар майдон худи Халифа бошад, нафақат роят, балки ливоъ ҳам бардоранд, ҷоиз аст. Дар "Сирати Ибни Ҳишом" дар ҳадиси доир ба ғазоти бузурги Бадр дар ҷанг мавҷуд будани ҳам ливоъ ва ҳам роят ворид шудааст.

Дар ҳолатҳои сулҳ ё пас аз итмоми ҷанг роятҳо дар байни артиш боқӣ мемонанд. Онҳоро ҳам дивизияҳо, ҳам полкҳо, ҳам отрядҳо, ҳам қисмҳо ва ғайра бардошта мегарданд. Дар ҳадиси Ҳорис ибни Ҳассони Бакрӣ дар бораи лашкари Амр ибни Ос ҳамин тавр омадааст.

3. Дар Ислом Халифа сарфармондеҳи артиш ба шумор меравад. Бинобар ин, ливоъ аз ҷиҳати шаръӣ бар фарози қароргоҳи вай – Дорулхилофат* гузошта мешавад. Чунки ливоъро ба фармондеҳи артиш медиҳанд. Бар фарози Дорулхилофат гузоштани роят низ

ҷоиз аст. Бо эътибори ин ки Халифа (аз ҷиҳати идорӣ) раиси муассисаҳои давлат мебошад. Бар болои дигар дастгоҳҳо, муассисаҳо ва идораҳои давлат танҳо роят мегузоранд. Чунки ливоъ ҳамчун рамзи қароргоҳи фармондеҳи артиш хос аст.

4. Ливоъро дар як тарафи найза баста, ба он мепечонанд ва аз рӯи шумораи қӯшунҳо онро ба фармондеҳи қӯшун медиҳанд. Масалан, ба фармондеҳи қӯшуни якум, дуюм, сеюм... ё ба фармондеҳи қӯшуни Шом, Ироқ, Фаластин... ё ба фармондеҳи қӯшуни Ҳалаб, Ҳимс, Байрут... ва ҳоказо аз рӯи номгузории қӯшунҳо дода мешавад.

Аслан ливоъ ба як тарафи найза баста шуда, агар ҳоҷат набошад онро паҳн намекунанд. Масалан, бар болои Дорулхилофат, азбаски ин бино дорои аҳамият аст, гузошта паҳн карда мешавад. Ҳамчунин мақсад аз овехтани онҳо бар болои қароргоҳҳои фармондеҳони қӯшунҳо ин аст, ки уммат бузургии парчамҳои артиши худро бубинад. Аммо агар ин эҳтиёҷ ба амният мухолиф ояд, масалан, хавф баранд, ки душман аз қароргоҳи фармондеҳи қӯшун воқиф мешавад, ливоъро ба асли худ мегардонанд, яъне онро паҳн накушода, ҳамон тавр печонда мегузоранд.

Аммо роят монанди парчамҳои имрӯз паҳн кушода мешавад, то ки шамол онро алвонҷ диҳад. Бинобар ин, он дар болои идораҳои давлат гузошта мешавад.

**Хулоса:**

**Якум: Нисбат ба артиш:**

1. Дар ҳолати ҷанг ливоъ аз қароргоҳи фармондеҳи артиш ҷудо карда намешавад. Аслан онро набояд паҳн кушоянд, балки дар найза печонида биистад. Лекин баъд аз омӯхтани ҷиҳатҳои амниятӣ мумкин аст, ки онро паҳн кушоянд.

Аммо роятро фармондеҳи ҷанг дар майдони муҳориба бардошта мегардад. Агар Халифа дар майдони ҷанг бошад, ҷоиз аст, ки ливоъро ҳам бардошта гарданд.

2. Дар ҳолатҳои сулҳ ливоъро ба фармондеҳони қӯшунҳо медиҳанд ва он ба найза печонида мешавад. Ҷоиз аст, ки онро фармондеҳони қӯшунҳо бар фарози қароргоҳҳояшон овезанд. Роят ба дивизияҳо, полкҳо, отрядҳо, қисмҳо ва дигар ташкилотҳо тақсим карда мешавад. Мумкин аст, ки ба ҳар як дивизия ё полк, барои он ки (с)аз ҷиҳати идорӣ) фарқ карда шаванд, рояти махсус бидиҳанд.

**Дуюм:** Дар болои идораҳо, муассисаҳо ва идораҳои амниятии давлат фақат роят гузошта мешавад. Бо эътибори ин ки Халифа сарфармондеҳи артиш мебошад, бар фарози Дорулхилофат ливоъ гузошта мешавад. Бар фарози Дорулхилофат, бо сабабе ки сардори муассисаҳои давлат ба шумор меравад, ҷоиз аст, ки ҳам роят ва ҳам ливоъ гузоранд. Мумкин аст, ки муассисаҳои хусусӣ ва одамони оддӣ, хусусан дар рӯзҳои монанди ид ва ғалаба роят бардошта гарданд ё бар боми муассисаву хонаҳояшон гузоранд.

## Гимни Давлати Хилофат

Барои фарқ кардани як гурӯҳи муайян аз гурӯҳи дигар, як давлат аз давлати дигар қабул намудани шиор аз амалҳои мубоҳ мебошад. Мусулмонон дар ҷанг ҳангоми бархӯрд бо давлати дигар шиорҳои бо овози баланд гуфташаванда интихоб намудаанд. Ин чиз дар замони ҳаёти Расулуллоҳ (с) бо тақрири он кас амалӣ гардидааст. Дар ғазоти Хандақ ва Қурайза шиори "Ҳо. Мим. Ло янсурун" ва дар Банӣ-Мусталақ шиори "Ё мансур, аммит, аммит"-ро интихоб намуданд ва ҳоказо.

Илова бар ин, Аллоҳ Субҳонаҳу ба инсон якчанд хусусиятҳо ато намуда, ӯро бо ин хусусиятҳо офаридааст. Масалан, монанди шунидан, дидан, сухан гуфтан ва ғайра. Инҳо ба ҷумлаи далелҳои

умумӣ дар бораи мубоҳот медароянд. Пас ӯ, чи хеле ки хоҳад, мебинад, мешунавад, сухан мегӯяд, нидо мекунад. Аммо агар дар бораи яке аз онҳо далели махсус ворид шуда бошад, ба он риоя карда мешавад. Бинобар ин, ҷоиз аст, ки Давлати Ислом барои аз дигар давлатҳо фарқ кардан ба худ шиоре қабул намояд, ки бо садои баланд хонда мешавад. Ин шиорро ҳангоми алоқа бо давлатҳои дигар ба кор мебарад, яъне ҳангоми ташрифи Халифа ё ташрифи роҳбари ягон давлат бо оҳанг гуфта мешавад. Ҳамчунин мардум ҳангоми ҷамъомадҳои умумӣ, дар мактабҳо, баромадҳо ва ҳоказо метавонанд ҳамовоз шуда бихонанд, дар алоқаҳои байни ҳамдигар аз он истифода кунанд.

Акнун чӣ гуна сароидани ин ҳутофро бигирем, яъне он бо овози баланд сароида мешавад ё бо овози паст, бо оҳанг ё бе оҳанг... пас ҳамаи инҳо ҷоиз аст. Зеро мусулмонон вобаста ба корҳое, ки анҷом медоданд, шиорҳоро бо овозҳои таъсирнок замзама мекарданд.

Табаннӣ карда шуд, ки давлат бояд ҳутоф дошта бошад. Дар ҳолатҳои зарурӣ аз он истифода карда, ҳангоми вохӯриҳои расмии Халифа бо роҳбарони давлатҳои дигар таҳти навозиш хонда шавад. уммат низ дар ҷамъомадҳои муайян ва вохӯриҳо аз он истифода мекунад. Вақте ки бо изни Аллоҳ дуюмин Давлати Хилофати Рошида бунёд мегардад, дар ҳутофи он чизҳои зерин ба эътибор гирифта мешавад.

1) Амалӣ гардидани башоратҳои Расулуллоҳ (с) дар бораи аз нав барқарор шудани дуюмин Давлати Хилофати Рошида ва аз нав афрошта шудани парчами уқоб – парчами Расулуллоҳ (с) зикр ёбад.

2) Муждаҳои Расуллоҳ (с) дар бораи он, ки ҳангоми барпошавии Хилофат замин ганҷинаҳо ва сарватҳояшро хоҳад баровард, осмон баракоташро фурӯ хоҳад рехт ва пас аз лабрези ҷавру ситам гаштан боз замин бо адл саршор хоҳад шуд, зикр ёбад.

3) Зикр шавад, ки пас аз муттаҳид гаштани кишварҳои мусулмонон дар зери парчами Хилофат некӣ ба олам интишор меёбад, футуҳот ва ғалабаҳо рух медиҳад. Пеш аз ҳама се масҷид, ки барои зиёрат қасд карда мешаванд: масҷиди Ҳаром, масҷиди Набавӣ ва масҷиди Ақсо, пас аз комилан сарнагун шудани вуҷуди яҳуд.

4. Гимн бояд чунон тамом шавад: Уммат, чунон ки Аллоҳ ирода кардааст, саранҷом боз ба беҳтарин уммати барои мардум баровардашуда табдил меёбад. Ғояи бузурги он ноил шудан ба ризои Аллоҳ Субҳонаҳу мебошад. Пас бо фазлу раҳмати худ онро бо ҷаннати Фирдавс икром менамояд.

5. Дар он такрор шудани такбири "Аллоҳу акбар" Чунки такбир ҳам дар Ислом ва ҳам дар ҳаёти мусулмонон таъсири хоса дорад. Бинобар ин, такбир дар ғалабаҳо, идҳои онҳо такрор ба такрор гуфта мешавад, дар ҳар як ҷамъомади муҳим аз забони мусулмонон дур намегардад. Дар асоси ин чизҳо ҳутофи матлуб ва дар кадом шакл будани он ба ин китоб замима карда мешавад. Он бо изни Аллоҳ дар фурсати муносиб эълон мегардад.

Дуои охирини мо: Ҳамд Аллоҳро, ки парвардигори оламиён аст.